УНСУРУЛМАОЛИИ КАЙКОВУС

# ҚОБУСНОМА

Душанбе
«Маориф»
2016

**ББК -83.3(0)9+83.(2 тоҷик)**
**К-12**

**Ҳайати мушовара:**
Саид Нуриддини Саид, Худоӣ Шарифов,
Маҳмадулло Лутфуллоев, Фарҳод Раҳимӣ

**Ҳайати таҳририя:**
Абдулҳамид Самадов, Шарифмурод Исрофилниё,
Бадриддин Мақсудов, Рустами Ваҳҳоб,
Наҷмиддин Зайниддинов

**К-12.** Унсурулмаолии Кайковус. **Қобуснома**. Таҳия, пешгуфтор ва тавзеҳоти Мирзо Муллоаҳмад ва Меҳрӣ Шарофова. Душанбе, «Маориф», 2016, 240 саҳ.

Насиҳатҳои Унсурулмаолии Кайковус ба писараш Гелоншоҳ, ҳарчанд тақрибан ҳазор сол пеш аз ин гуфта шудаанд, имрӯз ҳам арзиши худро гум накардаанд ва барои ба роҳи рости зиндагӣ ҳидоят кардани наврасон хеле судманданд.

**ISBN 978-99947-1-382-0** **© «Маориф» 2016.**

# ПЕШГУФТОР

«Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, дар ҳақиқат ганҷи пурбаҳое дар хазинаи афкору андешаҳои ахлоқии мардумони форсизабон ба шумор меравад. Ин асар, ҳарчанд дар аввал ҳамчун насиҳатномаи Кайковуси падар ба писараш Гелоншоҳ навишта шуда буд, вале зуд дар байни мардум паҳн гардида, ба воситаи тарҷумаҳои зиёдаш ба забонҳои гуногун шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо намуд ва ба роҳнамои ахлоқии миллионҳо одамон табдил ёфт. Зеро дар ин китоб муҳимтарин масъалаҳои ахлоқие, ки барои ҳар фарди ҷомеа новобаста ба ирқу нажод, қавму миллат, забону оин, вазифаву мартаба заруранд, баён шудаанд.

Панду андарзҳо ва маслиҳатҳои муаллифи китоб барои ҳамаи одамони синну солашон гуногун – аз кӯдакон то пирон судманданд. Аз онҳо ҳар кас ба қадри бардошташ, фаҳму фаросаташ метавонад истифода барад. «Қобуснома» ҳатто барои кӯдакон, ки ба арсаи зиндагӣ қадамҳои аввалин мегузоранд, хеле манфиат–расон аст. Инро ман дар тӯли таҷрибаи кори қариб сисолаи худ дар кӯдакистон ҳамчун мураббия равшан эҳсос намудам.

Барои кӯдакону наврасони мактабхон китобҳои зиёди бадеиву дастурҳои таълимӣ навишта шудаанд, вале китобе ба мисли «Қобуснома» панду андарз ва ҳикояҳои таъсирбахши ба таври содаву таъсирбахш ва ҳаётӣ баёншуда хеле кам аст. Ҳарчанд дарки забону услубаш барои кӯдакони мо душвор аст, аз он дар мавридҳои гуногун васеъ истифода бурдан мумкин аст.

Масалан, ман дар машғулиятҳои тарбиявӣ, вақте ки дар бораи ҳурмати калонсолон, бахусус падару модарон сухан меронам, аз боби панҷуми асар «Андар шинохтани ҳаққи падару модар» истифода менамоям. Воқеаи падару модар барои фарзанд ранҷу азоб мекашанд ва ҳатто аз марг наметарсанд. Бинобар ин Кайковус ба писараш Гелоншоҳ хитоб карда гуфтааст: «Зинҳор, эй писар, ки ранҷи падару модар хор надорӣ…». Ӯ ҳамчунин гуфтааст, ки ҳар касе ҳурмати падару модарашро ба ҷой наорад, дар зиндагӣ некӣ намебинад ва дар оянда фарзандонаш ҳам ба ӯ некӣ намекунанд. Ҳар касе ки падару модарашро ҳурмат кунад, бо таъсири  дуои неки онҳо хушбахт мешавад.

Кайковус  падару модарро ба дарахт ва фарзандро ба меваи он монанд кардааст. Агар дарахт хуб парвариш ёфта бошад, меваи он ҳам беҳтару ширинтар мешавад.

Дар машғулиятҳо мефаҳмонам, ки ин насиҳатҳо дар муддати ҳазор сол амал карда, дурустиашонро ба субут расондаанд, бинобар ин шумо ҳам онҳоро ба ҷо биёред.

Зимни суҳбатҳо  ва машғулиятҳои тарбиявӣ ман аз ҳикоятҳои «Қобуснома» ҳам истифода мебарам. Дар бораи ҳурмати пирон сухан ронда, ман ҳикояти Кайковусро дар бораи пири садсолаи қоматхамидаи асобадаст ва ҷавони қоматбаланди ботакаббур нақл мекунам. Ҷавон масхараомез  аз пир мепурсад, ки ин камонакро, яъне қомати хамидаро ба чанд пул харидӣ. Пирамард ҷавоб медиҳад, ки агар умр ёбӣ, яъне ба синну соли ман расӣ, бепул ба ту медиҳанд.

Чунин пандҳову ҳикоятҳо дар «Қобуснома» хеле зиёд буда, онҳоро дар мавридҳои гуногун ҳам дар кӯдакистону мактаб, ҳам дар суҳбатҳои оилавию

ҷамъиятӣ ба таври васеъ истифода бурдан мумкин аст. Вале азбаски ин китоб бори охир чанд сол қабл аз ин чоп шуда, ҳоло хеле камёб аст, на ба ҳама муаллимону мураббиён ва падару модарон дастрас мебошад. Бинобар ин, мо қарор додем, ки нашри нави китобро омода намоем. Дар нашри ин шоҳасари тарбиявию ахлоқи баъзе бобҳое, ки барои наврасони мо муҳим нестанд, ихтисор карда шуданд.

Умедворем, ки нашри такрории он низ дар тарбияи насли наврас ва баланд шудани маънавиёти мардум хосса наврасону ҷавонон нақши созанда мегузорад.

**Меҳрӣ Шарофова**

## ГАНҶИНАИ ҲИКМАТ

Насри гузаштаи тоҷику форс ҳам ба мисли назми оламшумули он таъриху анъанаҳои шоистаеро дорост. «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус дар қатори он дурдонаҳоест, ки зиёда аз 900 сол пеш аз ин эҷод шуда, то имрӯз арзиши худро аз даст надода, ҷилову дурахши пешинаашро нигоҳ доштааст. Аз ин китоб, ки саросар аз панду андарзҳои ҳакимонаву ҳикоёту саргузаштҳои ибратбахш иборат аст, чандин насл сабақи зиндагӣ омӯхта, дарси ахлоқу одоби ҳамида гирифтаанд ва ба тарзи рӯзгордории гузаштагон шиносоӣ пайдо карда, анъанаҳои некиононро давом додаанд.

Муаллифи асар Унсурулмаолии Кайковус ибни Искандар ибни Қобус ибни Вушмагир дар ибтидои асри XI таваллуд шуда, то охирҳои ин аср умр ба сар бурдааст. Ӯ яке аз охирин намояндагони сулолаи Зиёриён аст. Онҳо дар асрҳои X – XI дар ноҳияи Каҳистон, ки Табаристон, Гургон, Гелон, Рай, Дайламистон барин мавзеъҳои қисмати шимолии Эронро дар бар мегирифт, ҳукмронӣ доштанд.

Бобои Кайковус Шамсулмаолӣ Қобус ҳам аз аҳли илму фазл буда, донишмандону суханварони соҳибистеъдодро пуштибонӣ мекардааст. Тасодуфӣ нест, ки донишманди бузург Абӯрайҳони Берунӣ яке аз маъруфтарин асарҳои худ «Осору-л-боқия»-ро бо эҳтирому сипосгузории зиёд ба ӯ бахшидааст. Худи Қобус ба ду забон – форсии дарӣ (тоҷикӣ) ва арабӣ эҷод мекардааст. Ашъори парокандаи дар сарчашмаҳо боқимонда ва рисолаи «Камол-ул-балоғат» барин асарҳои ӯ аз қобилияти хуби суханвариаш гувоҳӣ медиҳанд. Вай ҳамчунин дар хушнависӣ салиқаву маҳорати баланд доштааст.

Кайковус дар чунин муҳит тарбия ёфта, ҳанӯз дар наврасӣ илму ҳунарҳои гуногунро аз худ намуда буд. Чунон

ки аз фасли «Андар парвардани фарзанд» бармеояд, падари Кайковус ба тарбияи фарзандаш диққату ғамхории зиёд зоҳир намуда, барои таълиму омӯхтани ҳар гуна касбу ҳунарҳо ба ӯ мураббиёну устодони гуногунро вобаста мекардааст.

Доир ба ҷараёни зиндагӣ ва шахсияти Кайковус дар сарчашмаҳои таърихиву адабӣ маълумоти казоие нест ва дар ин бобат ҳоло манбаи асосӣ худи «Қобуснома» мебошад, ки хонанда аз мутолиаи ин асар шахси фозилу донишманд, ҷаҳондидаву хирадманд, донандаи хуби тиб, нуҷум, геометрия ва дигар илмҳо будани муаллифашро дарёфт хоҳад кард.

Маълум мегардад, ки Кайковус Гелоншоҳ ном писаре доштааст. Ӯ бо мақсади тарбияи фарзанди гиромии худ ва ба роҳи неки зиндагӣ ҳидоят намудани вай дар 63-солагӣ ба навиштани насиҳатномае шурӯъ мекунад, ки бо номи «Қобуснома» машҳур гаштааст. Кайковус насиҳатномаи худро барои адои «шарти падарӣ» бо мақсади тарбияи фарзандаш таълиф кардааст, вале он ба дастури ахлоқиву тарбиявӣ, китоби бадеиву хондании ҳазорҳо одамон табдил ёфт ва номи муаллифашро дар таърихи адабиёту афкори педагогии халқҳои тоҷику форс ҷовидонӣ сабт намуд.

«Қобуснома» аз 44 боб иборат буда, ҳар боби он ба яке аз масъалаҳои гуногуни ахлоқу одоб, расму оин, маишату рӯзгордорӣ, оилаву хонадорӣ, таҳсилу таълим, омӯзиши касбу ҳунар, санъату варзиш, сиёсату идораи мамлакат ва дигар паҳлуҳои зиндагии инсон бахшида шудааст.

Унсурулмаолии Кайковус пас аз бобҳои анъанавӣ, ки ба шинохти роҳи Ҳақ, офариниши пайғамбарон, сипоси Худованд бахшида шудаанд, аз боби панҷум сар карда, таваҷҷуҳи хонандаро ба масъалаҳои ҳикмати амалӣ, яъне шинохтани ҳаққи падару модар ҷалб намуда, аз фазилатҳои асосии инсон – нутқу суханварӣ ва некиву накукорӣ мулоҳизаҳо баён мекунад. Кайковус баёнро аз моҳияти

инсон шурӯъ намуда, дар бобҳои гуногун дар бораи ташаккули фарзанд аз кӯдакиву ҷавонӣ то пирӣ ва аз омӯзиши илму пешаҳои гуногун то ба дараҷаи ҳукмрони мамлакат расидани ӯ сухан меронад. Аз ин ҷост, ки бобҳо бо вуҷуди гуногунии мавзӯъ ба ҳам сахт алоқаманд буда, худи асар яклухт ба назар мерасад.

Дар асар Кайковус пеш аз ҳама ба некиву накукорӣ диққат медиҳад ва инро аз фазилатҳои асосии инсон дониста, дар ҳар маврид талқин мекунад: «Аммо некӣ аз сазовори некӣ дареғ мадор ва некиомӯз бош... Ва некиву некифармоӣ ду бародаранд, ки пайвандашон замона нагсилад. Ва бар некӣ кардан пушаймон мабош...».

Дар бобҳои гуногун муаллиф ҷоҳилӣ, фиреб, худписандӣ, бадгӯйӣ, кинаву бахилӣ, риёю ситам барин хислатҳои зиштро маҳкум намуда, дӯстию накукорӣ, ростиву ҷавонмардӣ, саховатмандӣ, фурӯтанӣ, беозорӣ, додгустарӣ ва дигар фазилатҳои ҳамидаи инсониро ситоиш ва талқин мекунад.

Унсурулмаолии Кайковус ба омӯзиши илму дониш ва касбу ҳунарҳои гуногун диққати зиёд дода, ба фарзандаш панд медиҳад, ки аз хурдӣ на ба ҷамъ кардани молу сарват, балки ба омӯзиши илму дониш, ки ганҷи бебаҳост, машғул шавад. Ӯ тарзу усул ва равиши касбу пешаҳои гуногунро ба таври муфассал тасвир намуда, нозукиҳои он касбҳоро баён мекунад ва хуб донистани онҳоро барои ҳама одамон новобаста ба табақаву нажод лозим мешуморад. Илму ҳунар ба осонӣ ба даст намеояд ва аз ҳар кас меҳнату машаққати зиёдеро талаб мекунад. Бинобар ин Кайковус ҳамчун шахси пуртаҷрибаву рӯзгордида барои омӯхтани илму дониш ва пешаву ҳунарҳо пеш аз ҳама тарки коҳиливу танбалӣ ва одат кардан ба меҳнатро талқин намуда менависад: «Коҳилӣ фасоди тан бошад... Аз баҳри он ки тани моро таҳарруки табиӣ нест ва ҳар ҳаракате, ки тан кунад, ба фармон кунад, на ба мурод ва ҳаргиз то ту нахоҳӣ ва нафармоӣ, тани туро

орзуи кор кардан набошад. Пас ту тани худро ба ситам фармонбардор гардон ва ба қасд ӯро ба тоат овар...».

Кайковус ба тарбияи насли наврас пеш аз ҳама падару модарон, омӯзгоронро масъул euniста, аз ҷумла яке аз вазифаҳои асосии падарро таълиму омӯзонидани илму дониш, ҳунару пешаҳои зарурӣ ба фарзанд мешуморад ва ӯро ба иҷрои ин вазифа даъват менамояд; «Пас бояд, ки ҳар чӣ омӯхтанӣ бошад аз фазлу ҳунар фарзандро биёмӯзӣ, то ҳаққи падариву шафқати падарон ба ҷой оварда бошӣ... Ҳар ҳунареву фазле рӯзе ба кор ояд. Пас дар фазлу ҳунар омӯхтан тақсир набояд кардан...».

Инчунин Кайковус ба моҳияти ақл дар ҳастии инсон диққати ҷиддӣ дода, онро сарчашмаи ҳамаи хислатҳои ҳамида медонад ва нақши бузурги тарбияву меҳнатро дар парваришу такомули ақли инсон таъкид месозад.

Ин китоб илова бар аҳамияти калони ахлоқиву тарбиявӣ доштанаш барои шиносоӣ бо ҳаёт, маишат, тарзи зиндагии табақаҳои гуногуни аҳолии он замон хеле судманд аст. Хонанда аз мутолиаи асар дар бораи тарзи ташкили оилаву меҳмондорӣ, тартиби таом хӯрдану ҳаммомравӣ, қоидаҳои молу мулк харидан, шикору чавгонбозӣ ва амсоли инҳо маълумот мегирад.

Китоби мазкур сарчашмаи муҳимме роҷеъ ба урфу одат ва расму оинҳои халқҳои тоҷику форс буда, аз он дар бораи ҷиҳатҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодиву фарҳангии Осиёи Марказиву Эрон далелу санадҳои пурқимате ба даст овардан мумкин аст. Аз ин рӯ ҳақ ба ҷониби шоир ва донишманди маъруфи эронӣ Маликушшуаро Баҳор аст, ки ба ин асар баҳои баланд дода, навишта буд: «Кайковус дар ин китоб доди сухан додааст ва аз овардани матолиби бисёр судманди ахлоқиву ҳикматҳои амалӣ дақиқае фурӯгузор накардааст. Ва илова бар фавоиди азиме, ки аз ҳайси шиносоии тамаддуни қадиму маишати миллӣ ва илми зиндагиву дастури ҳаёт дар китоби мазкур мундариҷ

аст, бояд ӯро маҷмӯаи тамаддуни исломии пеш аз муғул номид».

Ҳангоми мутолиаи ин асар ҳамин нуктаро ҳам бояд ба назар гирифт, ки на ҳамаи навиштаҳои ин китоб ва на ҳамаи маслиҳату панду андарзҳои Кайковус имрӯз арзиши худро пурра нигоҳ доштаанд ва дар тарбияи насли наврас судманданд. Азбаски Кайковус намояндаи табақаи ҳукмрони давр буд, табиист, ки дар асараш пеш аз ҳама манфиати синфу табақаи худро ҳифз менамуд. Бинобар ин, як қатор панду маслиҳатҳои ӯ, ки бо мақсади тарбияи ашрофзодагон гуфта шудаанд, айни замон аҳамияти тарбиявию ахлоқии худро қисман гум кардаанд. Ин ҳолат, махсусан, дар бобҳои зан хостан, ғулом харидан, меҳмондорӣ, ҷамъ овардани мол, хидмат кардан бо подшоҳон, дар шароити вазорату оини подшоҳӣ, тиҷорат кардан ва амсоли инҳо ба назар мерасад. Аз ин рӯ айнан пазируфтану дар амал татбиқ кардан ва ба ҳамаи навиштаҳои муаллифи асар тақлиду пайравӣ намудани хонандаи имрӯзаи тоҷик аз мафиат дур аст.

Бояд дар хотир дошт, ки машварату маслиҳатҳои муаллифи он қариб ҳазор сол пеш аз ин дар шароиту муҳити тамоман дигар баён шудаанд.

Ҳикояҳои кӯтоҳе, ки нависанда барои тақвияти андешаҳои тарбиявию ахлоқии худ овардааст, аксаран воқеиву ҳаётӣ буда, салису равон баён шудаанд ва бағоят шавқоваранд. Масалан, Кайковус дар хусуси зарурати ба фарзандон омӯзондани шиноварӣ сухан ронда, барои тасдиқу пурқувват намудани фикраш саргузашти худро нақл мекунад, ки он манфиати шиновариро дар ҳаёти инсон собит менамояд.

Чунон ки шарқшиноси маъруф Е.Э.Бертелс ҳаққонӣ қайд намуда буд, забони «Қобуснома» ба забони адабии сокинони қаламрави Сомониён, яъне тоҷикон хеле наздик аст. Ин фикрро калимаву ибора ва таъбирҳои бешумори забони асар ҳам аз қабили чанг задан, дер напоидан, дар рӯй

сухан гуфтан, сухан шикастан, пушаймонӣ хӯрдан, карру фар, ранҷбардор, аз роҳ буридан, баддил, сахтдил, тезфаҳм, сухани думбурида, сарзаниш кардан, навкиса, шӯрондан, дам кашидан, коҳиш, сара, поя (зинапоя), ки ҳоло дар забони адабиву гуфтугӯйии тоҷикӣ ва шеваҳои он хеле серистеъмоланд, тасдиқ менамоянд.

«Қобуснома»-ро асрҳо боз ба забонҳои ба туркӣ, тоторӣ, немисӣ, англисӣ, арабӣ, русӣ ва ғайра мутолиа мекунанд.

Бо ҳуруфи имрӯзаи тоҷикӣ мунтахаби «Қобуснома» бори аввал соли 1968 бо кӯшиши адабиётшинос А.Девонақулов дар шакли китобчаи алоҳида таҳти унвони «Насиҳатнома» нашр гардид.

Дар таҳияи китоб мо, асосан, ба матни чопҳои Ғуломҳусайни Юсуфӣ ва Саид Нафисӣ, ки дар асоси қадимтарин нусхаҳои мавҷудаи асар омода шудаанд, такя намуда, барои тасҳеҳи ҷумлаву порчаҳои ҷудогона ва нашрҳои дигар истифода кардем.

Азбаски услуби асар, умуман, содаву равон аст, мо аз таҳриру тағйири калимаву ибораҳои ҷудогонаи барои хонандагони имрӯза душворфаҳм худдорӣ намуда, калимоти душворфаҳмро дар поварақи ҳар саҳифа шарҳ додем. Тарҷумаи зарбулмасалу мақолҳо ва порчаҳои арабӣ, тавзеҳи исмҳои хос ва истилоҳоту мафҳумҳо дар охири асар оварда шуд.

Соли 1979 ин асар дар шакли нисбатан комилтар бо унвони **«Қобуснома»** ба теъдоди 30 ҳазор нусха чоп гардида, мавриди писанди хонандагон қарор гирифт ва зуд ба фурӯш рафт. Ҳамчунин соли 2007 онро нашриёти **«Маориф ва фарҳанг»** дар силсилаи **«Китобхонаи мактаб»** ба таври мукаммал, бе ҳеҷ ихтисор чоп кард, ки он ҳам имрӯз камёб аст. Дар нашри ҳозираи китоб, «Боби бисту сеюм». Андар барда харидан ва шароити он», ки имрӯз зарурате надорад, партофта шуд.

Бешубҳа, ин асар ба тарбияи ахлоқиву маънавии ҳамзамонон мусоидат намуда, эҳсоси наҷиби инсониро дар сиришти ҳар наврас бедор хоҳад кард.

**Мирзо Муллоаҳмад**

# НАСИҲАТНОМА

Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон. Алҳамдулиллоҳи раббилоламин вал-офияту лилмуттақин ва ло удвона илло ала-з-золимина вассалавоту вассалому ала хайри халқиҳи Муҳаммадин ва олиҳи ва саҳбиҳи-л-акрамина аҷмаъин. Аммо баъд чунин гӯяд ҷамъкунандаи ин китоби пандҳо Амир Унсурулмаолии Кайковус ибни Искандар ибни Қобус ибни Вушмагир ибни Зиёд мавлои Амирулмуъминин бо фарзанди хеш Гелоншоҳ: Бидон, эй писар, ки ман пир шудам ва заифиву бенеруӣ ва бетӯшӣ* бар ман чира шуд ва маншури азли зиндагониро[1] аз мӯйи хеш бар рӯйи хеш китобате мебинам, ки ин китобатро дасти чораҷӯён сутурдан натавонад. Пас, эй писар, чун ман номи хешро дар доираи гузаштагон ёфтам, маслиҳат чунон дидам, ки пеш аз он ки номаи азл ба ман расад, номае дигар дар накуҳиши рӯзгор ва созиши кор ва баҳра ҷустан аз некномӣ ёд кунам ва туро аз он баҳра диҳам бар муҷиби меҳри падарӣ то пеш аз он ки дасти замона туро нарм кунад, ту худ ба чашми ақл дар сухани ман нигарӣ ва аз ин пандҳо фузунӣ ёбӣ ва некномии ду ҷаҳон ҳосил кунӣ ва мабодо, ки дили ту аз пазируфтани ин пандҳо бозмонад, ки он чи шарти падарист, омада бошад. Агар ту аз гуфтори ман баҳраи нек наҷӯйӣ, касони дигар бошанд, ки шунидану кор бастани некӣ ғанимат донанд. Ва агарчи сиришти рӯзгор бар он ҷумла омад, ки ҳеҷ фарзанд панди падари хешро ба кор набандад, чӣ оташе дар ботини ҷавонон аст, ки аз рӯйи ғафлати пиндошти хеш эшонро бар он дорад, ки дониши худро бартар аз дониши пирон бинанд. Агарчи маро ин маълум буд, аммо меҳру шафқати падарӣ нагузошт, ки хомӯш бошам. Пас он чи аз табъи хеш ёфтам, дар ҳар бобе сухане чанд ҷамъ кардам ва он чӣ шоиставу

---

*Бетӯшӣ – беқувватӣ.

беҳтар буд, мухтасартар дар ин нома набиштам. Агар аз ту кор бастан хезад, худ писанд омад ва агар на ман шарти падарӣ ба ҷо оварда бошам, ки гуфтаанд: «Бар гӯянда беш аз гуфтор нест, чун шунаванда харидор нест, ҷойи озор нест».

Бидон, эй писар, ки сиришти мардум чунон омад, ки такопӯй кунанд, то андар дунё он чӣ насиби ӯ омада бошад, ба гиромитар каси хеш бигузоранд. Ва насиби ман аз дунё ин сухан гуфтан омад ва гиромитар каси ман туӣ. Чун сози раҳил[2] кардам, он чӣ худком набошӣ ва аз ношоист парҳез кунӣ ва чунон зиндагонӣ кунӣ, ки сазовори тухмаи* поки туст. Ва бидон, эй писар, ки туро асл шариф аст ва аз ҳар ду ҷониб каримуттарафайн[3] ва пайвастаи мулуки ҷаҳонӣ: Ҷадди аълои** ту Шамсулмаолӣ Қобус ибни Вушмагир[4] набераи Арғаши Фарҳодон бувад ва дар рӯзгори Кайхусрав мулки Гелон дошт ва Абулмуайяди Балхӣ[5] зикри ӯ дар «Шоҳнома» овардааст. Мулки Гелон ба ҷаддон туро з-ӯ ёдгор омад ва ҷаддаи*** ту – модари ман духтари маликзода Марзбон ибни Рустам ибни Шарвин[6] буд, ки мусаннифи китоби «Марзбоннома» аст. Ва сездаҳум падараш Каюс ибни Қубод буд бародари Нӯшервон[7] малики одил ва модари ту духтари малики ғозӣ Маҳмуд ибни Носириддин[8] буд ва ҷадди ман Ҳасани Фирӯзон – малики Дайламон буд.

Пас, эй писар, ҳушёр бош ва қадри нажоди хеш бидон ва аз камбудагон мабош. Ҳарчанд ман нишони хубиву беҳрӯзӣ дар ту мебинам, ин гуфтор бар шарти такрор воҷиб дидам. Огоҳ бош, эй писар, ки рӯзи рафтани ман наздик аст ва омадани ту низ бар асари ман зуд бошад, ки то имрӯз, ки дар ин сарои сипанҷ бояд ки бар кор бошӣ. Ва бидон, ки ин ҷаҳон чун киштзорест, он чи бикорӣ, бидаравӣ. Аз баду нек ҳамон бидаравӣ ва дурудаи хеш кас дар киштзор нахӯрад, дар ободонӣ хӯрад ва ободонии сарои фонӣ аз сарои боқист ва некмардон дар ин сарой ҳиммати шерон доранд ва

* Тухма – аҷдод, нажод.
**Ҷадди аъло – бобокалон, падари бобо.
***Ҷадда – модаркалон, бибӣ.

бадмардон феъли сагон ва саг ҳам он ҷо, ки нахчир кард, бихӯрад ва шер чун нахчир сайд кард, ҷойи дигар хӯрад ва нахчиргоҳ ин сарои сипанҷест ва нахчири ту некӣ кардан. Пас нахчир ин ҷо кун, то вақти хӯрдан дар сарои боқӣ осон бувад, ки тариқи он сарой бо бандагон тоати Худост азза ва ҷалла ва монанди он кас, ки роҳи Худо ҷӯяд. Ва тоати Худои таоло чун оташест, ки ҳарчанд накуяш барафрӯзӣ, бартариву фузунӣ ҷӯяд ва монанди ин касест, ки аз роҳи Худой дур бувад, чун обе бувад, ки то ҳарчанд болош диҳӣ, фурӯтарӣ ҷӯяду нагунӣ. Пас, эй азизи ман, бар хештан воҷиб дон шинохтани роҳи Эзиди таоло... Ва пас бидон, эй писар, ки ин насиҳатнома ва ин китоби мубораки шарифро бар чиҳилу чаҳор боб ниҳодам. Умед, ки бар мусаннифу хонанда ва нависандаву шунаванда мубораку маймун афтад, иншоаллоҳу таоло.

## БОБИ АВВАЛ
# АНДАР ШИНОХТАНИ ЭЗИДИ ТАОЛО

Бидон ва огоҳ бош, эй писар, ки нест аз буданиву нобуданӣ ва шояд буд, ки он шинохтаи мардум нагашт, чунон ки ӯст, ҷуз Офаридгори азза ва ҷалла, ки шинохтро дар ӯ нест ва ҷуз Ӯ ҳама шинохта гашта чӣ шиносандаи Худой он гаҳ бошӣ, ки ношинос шавӣ ва мисоли шинохта чун манқуш аст ва шиносанда наққош ва гумон нақш. То дар манқуш қабули нақш набошад, ҳеҷ наққош бар вай нақш накунад. Набинӣ, ки чун мум нақшпазиртар аз санг аст ва Офаридгор қобил нест ва ту ба гумон дар худ нигар, дар Офаридгор манигар ва дар соз нигар ва Созандаро бишнос ба басирати ақл ва нигар то диранги* сохта Созанда аз дасти ту нарабояд, ки ҳама дирангӣ аз замон бувад ва замон гузаранда аст ва гузарандаро оғозу анҷом бувад. Ва ин ҷаҳонро, ки баста ҳамебинӣ, банди ӯ хира мадон ва бегумон бош, ки банди ӯ нокушода намонад ва дар олову нуамои Офаридгор андеша кун ва дар Офаридгор андеша макун, ки бероҳтар касе он бувад, ки ҷое, ки роҳ набувад, роҳ ҷӯяд, чунон ки пайғамбар салаллоҳу алайҳи васаллам гуфт: «Тафаккару фӣ ано Аллоҳи ва наамоя ва ло тафаккару фӣ зотиҳи». Ва агар Кирдигор бар зуфони Худованди шаръ бандагонро густохии шинохтани роҳи хеш надодӣ, ҳаргиз касеро далерии он набудӣ, ки дар шинохтани роҳи Худойи азза ва ҷалла сухан гуфтӣ, ки ба ҳар номеву ҳар сифате, ки Худойро азза ва ҷалла бад-он бихонӣ, бар муҷиби аҷзу бечорагии худ дон, на бар муҷиби улуҳийяту рубубият, ки ту Худовандро сазои Ӯ натавонӣ сутудан. Пас чун ба сазои Ӯ Ӯро натавонӣ ситудан, шинохтан чун тавонӣ? Агар ҳақиқати тавҳид хоҳӣ, бидон, ки ҳар чӣ дар ту муҳол аст, дар рубубият сидқ аст чун яке. Эй

---

* Диранг – оҳистагӣ.

**Ширк – куфр. Худоро яккаву ягона надонистан.

ки ҳар кӣ якеро ба ҳақиқат бидонист, аз ширк** барӣ гашт. Яке бар ҳақиқат Худост азза ва ҷалла ва ҷуз ӯ ҳама дуанд. Ҳар чӣ ба сифат ду гардад, ё ба таркиб ду бувад чун ҷисм, ё ба тартиб чун адад ва ё ба ҷамъ ду бувад чун сифот ва ё ба сифат ду бувад чун мабсутот* ё ба иттисол ду бувад чун табъ ва сурат, ё ду муқобилаи чизе ду бувад чун ҷавҳар ва араз, ё ба таваллуд ду бувад чун аслу фаръ, ё ба макон ду бувад чун мислу шибҳ, ё аз ҳар сон чизеро ду бувад чун ҳаюло ва унсур, ё аз рӯйи адад ду бувад чун макон, ё аз рӯйи мадад ду бувад чун замон, ё аз рӯйи ҳад ду бувад чун гумону нишон, ё аз рӯйи қабул чизе ду бувад чун хосият ва бешу кам бувад чун маскук** ва бо ҳастиву нестӣ ҷузв бувад чун зидду фарқ ва ҳар чӣ ҷузви чигунагӣ дорад чун қиёс. Ин ҳама нишонаи дуист ва ҳар чӣ нишони дуӣ дорад, ҷуз аз Худой.

Ҳақиқати тавҳид он аст, ки бидонӣ, ки ҳарчи андар дили ту ояд, ба Худой бувад, чӣ Худои таоло офаридгори он чиз бувад, барӣ аз ширку шибҳ, ҷалла ҷалолуҳу ва тақаддасат асмоуҳу!

## БОБИ ДУЮМ
## ДАР ОФАРИНИШ ВА СИТОИШИ ПАЙҒАМБАР АЛАЙҲИССАЛОМ

Ва бидон, эй писар, ки Эзиди таоло ҷаҳонро на аз баҳри ниёзи хеш офарид ва на бар хира офарид, чӣ бар муҷиби адл офарид. Биёфарид бар муҷиби адл ва биёрост бар муҷиби ҳикмат. Чун донист, ки ҳастӣ беҳ ки нестӣ, кавн беҳ ки фасод, зиёдат беҳ ки нуқсон, хуб беҳ ки зишт ва бар ҳар ду тавоно бувад ва доно бувад. Он чӣ беҳ бувад, бикард ва хилофи дониши худ накард ва баҳангом кард. Он чӣ бар муҷиби адл бувад, бар муҷиби ҷаҳлу газоф нашояд, ки

---

* Мабсутот – чизҳои паҳн гардида, шарҳ додашуда.
** Маскук – сикка задашуда.

ниҳодаш бар муҷиби ҳикмат омад, чунон ки зеботар бувад ба нигошт; чунон ки тавоно бувад, ки бе офтоб равшанӣ диҳад ва бе абр борон диҳад ва бе табоеъ таркиб кунад ва бе ситора таъсири неку бад дар олам падид кунад. Бале, чун кор бар муҷиби ҳикмат бувад, бевосита ҳеҷ пайдо накард ва воситаро сабаби кавну фасод кард. Зеро ки чун восита бархезад, шарафу манзалати тартиб бархезад ва чун тартибу манзалат набувад, низом набувад ва феълеро аз низом нобуд бувад. Пас восита низ нобуд бувад ва восита падид кард, то яке қоҳир бувад ва яке мақҳур ва яке рӯзихор бувад ва яке рӯзипарвар. Ва ин дуӣ бар якии Эзиди таоло гувоҳ аст. Пас чун ту восита бинӣ ва ғараз набинӣ, нигар, то ба восита нанигарӣ ва камубеш аз восита набинӣ, аз Худованди восита бинӣ.

Агар замин бар надиҳад, тавон бар замин манеҳ ва агар ситора дод надиҳад, тавон бар ситора манеҳ. Ситора аз доду бедод ҳамчунон беогоҳ аст, ки замин аз бар додан. Чун заминро он тавоноӣ нест, ки нӯш дарафканӣ, заҳр бар орад. Ситора ҳам эйдун аст, некиву бадӣ натавонад намудан.

Чун ҷаҳон ба ҳикмат ороста шуд, оростаро аз бар додан ва зинат лобуд бувад. Пас дарнигар бад-ин ҷаҳон, то зинати ӯ ва бари ӯ бубинӣ аз наботу ҳайвон ва хӯришҳову парваришҳо ва пӯшиданиву анвои хубӣ, ки ҳама зинатест аз муҷиби ҳикмат падид карда, чунон ки дар каломи худ мегӯяд: «Ва мо халафно а-с-самовоти ва-л-арза ва мо байнаҳумо лоибина мо халақноҳумо илло билҳақ»[10].

Чун донистӣ, ки Эзид дар ҷаҳон ҳеҷ неъмате беҳуда наёфарид, беҳуда бувад, ки доди неъмату рӯзӣ надода монад. Ва доди рӯзӣ он аст, ки ба рӯзихора диҳӣ, то бихӯрад. Чун дод чунин буд, мардум офарид, то рӯзӣ хӯрад. Чун мардум падид кард ва тамомии неъмат ба мардум бувад ва мардумро лобуд бувад аз сиёсату тартиб ва тартибу сиёсат бе раҳнамоӣ хом бувад, ки ҳар рӯзихоре, ки рӯзии бетартибу адл хӯрад, сипоси рӯзидиҳанда надонад ва ин айб рӯзидиҳандаро бувад, ки рӯзии бедонишон ва носипосонро диҳад ва чун рӯзидеҳ беайб бувад,

рӯзихорро бе дониш нагузошт, чунон ки андар китоби хеш ёд кард: «Ва фи-с-самои ризқукум ва мо тувъадуна»[11].

Дар миёни мардумон пайғамбарон фиристод, то раҳи доду дониш ва тартиби рӯзӣ хӯрдан ва шукри рӯзидеҳ гузоридан ба мардум омӯхтанд, то офариниши ҷаҳон ба адл бувад ва тамомии адл ба ҳикмат ва асари ҳикмат неъмат ва тамомии неъмат ба рӯзихор ва тамомии рӯзихор ба пайғамбари раҳнамой, ки аз ин тартиб ҳеҷ ком нашояд, ки бошад, то ба ҳақиқат пайғамбари раҳнамойро бар рӯзихори Худои таоло фазл он аст, ки рӯзихорро бар рӯзӣ. Пас чун аз хирад нигарӣ, чандон ҳурмату шафқат ва орзу, ки рӯзихорро бар неъмату рӯзист, воҷиб кунад, ки ҳаққи раҳнамоии хеш бишиносад ва рӯзидеҳи хешро миннат дорад ва фариштагони ӯро ҳақшинос бошад ва ҳама пайғамбаронро ростгӯй дорад аз Одам то пайғамбари мо алайҳиссалом ва фармонбардор бошад дар дин ва дар шукри мунъим тақсир накунад ва ҳаққи фароизи дин нигоҳ дорад, то некному ситуда бошад.

## БОБИ СЕЮМ
# АНДАР СИПОС ДОШТАН АЗ ХУДОВАНДИ НЕЪМАТ

Бидон, эй писар, ки сипоси Худованди неъмат воҷиб аст бар ҳама касе бар андозаи фармон, на бар андозаи истеҳқоқ*, ки агар ҳамагӣ хеш шукр созад, ҳанӯз ҳаққи шукр як ҷузв аз ҳазор ҷузв нагузорида бошад, ҷуз ки бар андозаи фармон. Агар Худованди неъмат андак шукр хоҳад, бисёр бувад, чунон ки андозаи тоат дар дини ислом панҷ аст: ду аз ӯ хос мунъимон рост ва се аз ӯ умум халоиқро, яке аз ӯ иқрор ба забон ва тасдиқ ба дил ва дигар намози панҷгона ва савум рӯзаи сирӯза. Аммо шаҳодат далели нафӣ аст бар ҳақиқат ва ҳар чӣ ҷуз аз ҳақ аст ва намоз сидқи қавл ва иқрори бандагист ва рӯза тасдиқи қавл ва иқрор додан ба худойии Худост; чун гуфтӣ, ки ман бандаам, дар банди бандагӣ бояд

---

* Истеҳқоқ – ҳақ доштан.

буд ва чун гуфтӣ, ки ӯ Худованд аст, дар зери ҳукми Худованд бояд буд ва агар хоҳӣ, ки бандаи ту туро тоат дорад, ту аз тоати Худованди хеш магурез ва агар бигурезӣ, аз бандаи хеш тоат чашм мадор, ки некии ту бар кеҳтари ту на беш аз он аст, ки некии Худованди ту бар ту. Ва бандаи бетоат мабош, ки бандаи бетоат худованди хӯ бувад ва бандаи худованди хӯ зуд ҳалок шавад, чунон ки шоир гӯяд:

*Сазад гар бурӣ бандаро ту гулу,*
*Чу ояд худовандияш орзу.*

Огоҳ бош, ки намозу рӯза хос Худовандрост, дар он тақсир макун, ки чун дар хоси Худой тақсир кунӣ, аз ом ҳамчунон бозмонӣ. Ва бидон, ки намозро Худованди шариати мо баробар кард бо ҳамаи дин. Ҳар ки намоз аз даст бидошт, ҳамчунон аст, ки аз ҳама дин даст бидошт. Зинҳор, эй писар, ки бар дил нагузор беҳудагӣ ва нагӯйӣ, ки дар намоз тақсир равост, ки агар аз рӯйи дин ёд нагирӣ, аз рӯйи хирад ёд гир, ки фоидаи намоз чанд чиз аст: Аввал он аст, ки ҳар ки намози фариза ба ҷой орад, мудом тану ҷомаи ӯ пок бувад ва ба ҳама ҳол покӣ беҳ, ки палидӣ; ва дигар фоидаи намоз гузоридан он аст, ки аз мутакаббирӣ холӣ бошӣ, зеро ки асли намоз бар тавозуъ* ниҳодаанд, чун табъро бар тавозуъ ором аст. Чун табъро бар тавозуъ одат кунӣ, тан низ мутобеи одат гардад. Ва дигар маълуми ҳама доноён он бошад, ки ҳар кӣ хоҳад, ки ҳамтабъи гурӯҳе гардад, суҳбат бо он гурӯҳ бояд кардан. Чун касе хоҳад, ки бадбахту шақӣ** гардад, бо бадбахтону шақиён суҳбат кунад. Ва он кас, ки некбахтиву давлат ҷӯяд, мутобеи худованди давлат бошад ва ба иҷмои*** ҳама хирадмандон. На давлатест қавитар аз давлати ислом ва на амрест равотар аз амри ислом. Пас агар ту хоҳӣ, ки мудом бо давлату неъмат ва роҳат бошӣ, суҳбати худованди давлат ҷӯй ва фармонбардори давлатиён бош ва хилофи ин маҷӯй, то бадбахту шақӣ набошӣ. Ва зинҳор, эй

* Тавозуъ – фурӯтанӣ, хоксорӣ.
** Шақӣ – тираръӯз, бадбахт.
*** Иҷмоъ – гирд омадан, ҳамроҳӣ.

писар, ки андар намоз сабукиву истеҳзо накунӣ бар нотамомии рукуъу суҷуд ва мутояба кардан андар намоз, ки ин одат ҳалоки дину дунё бувад.

## Фасл

Аммо бидон, ки рӯза тоатест, ки ба соле як бор бошад. Номардумӣ бувад тақсир кардан ва хирадмандон чунин тақсир аз хештан раво надоранд. Ва нигар, ки гирди таассуб нагардӣ, аз он чӣ моҳи рӯза бетаассуб набувад ва андар гирифтани рӯза ва кушодан таассуб макун. Ҳар гоҳ ки донӣ, ки панҷ олими муттақии* муътақид рӯза гирифтанд, ту низ бо эшон рӯза гир ва бо эшон бикшой ва дар гуфтори ҷуҳҳол** дил мабанд.

Ва огоҳ бош, ки Эзид мустағнӣ*** аст аз сериву гуруснагии ту. Валекин ғараз дар рӯза муҳрест аз Худованди мулк бар мулки хеш. Ва ин муҳр на бар баъзе аз мамлакат аст, чи бар ҳама тан аст. Ва дар рӯза чун даҳонро муҳр кардӣ, дасту пою чашм ва гӯшу забонро ба муҳр кун ва авратро бамуҳр кун, чунон ки дар шарт аст, муназзаҳ**** дорӣ ин андомҳоро аз фуҷуру***** ношоист, то доди муҳри рӯза бидода бошӣ.

Ва бидон, ки бузургтарин коре дар рӯза он аст, ки чун нони рӯз ба шаб афканӣ, он нонро, ки насиби рӯзи худ доштӣ, ба ниёзмандон диҳӣ, то фоидаи ранҷи ту падид ояд.

Нигар, эй писар, то дар ин се тоат, ки оми ҳама ҷаҳон аст, тақсир раво надорӣ, ки ба тақсири ин се тоат ҳеҷ узре нест. Аммо он ду тоат, ки махсус аст, тавонгаронро тақсири баузр раво бувад. Ва аммо андар ин боб сухан бисёр аст, лекин мо он чи ногузир буд, андар ин боб гуфтем. Умед аст, ки фоида ҳосил ояд. Вассалом.

---

* Муттақӣ – парҳезгор.

** Ҷуҳҳол – ҷоҳилон, нодонон.

*** Мустағнӣ – бениёз.

**** Муназзаҳ – покиза.

***** Фуҷур – корҳои нописанд.

## БОБИ ЧАҲОРУМ
# АНДАР ФУЗУНИИ ТОАТ АЗ РОҲИ ТАВОНИШ

Бидон, эй писар, ки Худои азза ва ҷалла ду фариза пайдо кард аз баҳри мунъимон* ва бандагони хос ва он ҳаҷ асту закот. Ва фармуд, то ҳар киро соз бувад, хонаи Ӯ зиёрат кунад ва онон ки соз надоранд, нафармуд. Набинӣ, ки дар дунё муомилаи даргоҳи подшоҳ ҳам худованди соз тавонанд кард. Ва дигар, ки эътимоди ҳаҷ бар сафар аст ва бесозонро** сафар фармудан на аз дониш бувад ва бесоз сафар кардан аз таҳлукаву нодонӣ бувад. Ва чун соз бошаду сафар накунӣ, хушиву лаззати дунё ба тамомӣ наёфта бошӣ, ки тамомии хушиву лаззати неъмати ҷаҳон дар он аст, ки нодида бубинӣ ва нохӯрда бихӯрӣ ва ноёфта биёбӣ. Ва ин ҷуз дар сафар набувад, ки мардуми сафарӣ ҷаҳондидаву корозмуда ва рӯзбеҳу доно бувад, ки дар ҳама корҳо нодида дида бошаду ношунида шунида, чунон ки ба тозӣ гуфтаанд: «Лайсал хабару кал муъояна»[12]. Ва ба порсӣ гуфтаанд:

**Шеър**

*Ҷаҳондидагонро ба нодидагон*
*Накарданд яксон писандидагон.*

Пас Офаридгор тақдири сафар кард бар худовандони неъмат то доди неъмат бидиҳанд ва бар аз неъмат бихӯранд ва фармони Худои таоло ба ҷой оранд ва хонаи Ӯро зиёрат кунанд ва дарвеши бетӯшу бесозро нафармуд, чунон ки дар ду байт ман гӯям:

---

* Мунъимон – сарватмандон.
** Бесозон – онҳое, ки асбобу анҷоми зарурӣ надоранд.

## Шеър

*Гар ёр маро нахонду бо худ нанишонд*
*В-аз дарвешӣ маро чунин хор бимонд.*
*Маъзур аст ӯ, ки холиқи ҳар ду ҷаҳон*
*Дарвешонро ба хонаи хеш нахонд.*

Ва бидон, эй писар, ки дарвеше агар қасди ҳаҷ кунад, худро дар таҳлука афканда бошад, чӣ ҳар дарвеше, ки кори тавонгарон кунад, чун беморе бувад, ки кори тандурустон кунад ва достони ӯ рост бад-он достон монад, ки овардаанд:

## ҲИКОЯТ

Вақте раиси Бухоро қасди ҳаҷ кард. Ва ӯ марде сахт мунъим буд ва дар он қофила касе аз ӯ мунъимтар набуд ва фузун аз сад шутур бори ӯ мекашиданд. Ва ӯ дар аморӣ нишаста буд ва хиромону нозон ҳамешуд дар бодия бо созу олати тамом. Ва қавме аз дарвешу тавонгар бо вай ҳамроҳ буданд.

Чун наздики Арафот бирасиданд, дарвеше ҳамеомад побараҳна ва ташнаву гурусна ва пойҳо обилакарда. Раиси Бухороро дид бад-он сон созу таносонӣ. Рӯй ба вай карду гуфт:

– Вақти мукофот ҷазои ману ту – ҳар ду яке хоҳад буд. Ту дар он нозу неъмат ҳамеравиву ман дар ин шиддат.

Раиси Бухоро гуфт:

– Ҳошо, ки ҷазои ману ту ҳар ду яке бошад. Ва агар ман бидонистаме, ки турову маро як пойгаҳ хоҳад будан, ҳаргиз дар бодия наёмадаме.

Дарвеш гуфт:

– Чаро?

Гуфт:

– Зеро ки ман фармони Худои таоло ҳамебарам ва ту

хилофи фармони Худои таоло ҳамекунӣ. Ва ман хондаам ва ман меҳмонам ва ту туфайлӣ. Ҳашмати туфайлӣ чун ҳашмати меҳмон кай бошад? Худои таоло ҳаҷ тавонгаронро фармуд ва дарвешонро гуфт: «Ва ло тулқу биайдикум ила-т-таҳлукати»[13]. Ва ту бе фармони Худои таоло ба бечорагӣ ва гуруснагӣ дар бодия омадӣ ва худро дар таҳлука андохтӣ ва фармони Худои таолоро кор набастӣ бо фармонбардорӣ. Чаро баробарӣ ҷӯӣ? Ҳар кас ки иститоат* дорад ва бо иститоат ҳаҷ кунад, ҳамчунон бошад, ки доди неъмат дода бошад ва фармони Худои таоло азза ва ҷалла ба ҷой оварда.

Пас чун туро сози ҳаҷ бошад, дар тоат тақсир макун. Ва сози ҳаҷ панҷ чиз аст: макнат** ва неъмат ва муддат ва доди ҳурмат ва амну роҳат. Чун аз ин баҳра ёфтӣ, ҷаҳд кун бар тамомӣ. Ва бидон, ки ҳаҷ тоатест, ки бар доим чун боз бувад. Агар нияти қаҳри худ дар соли мустақбал муаллақ кунӣ, нийяти қаҳри ислом аз ӯ мунқатеъ кунад.

Валекин закот тоатест, ки ба ҳеҷ гуна чун макнат бувад, нододан узре нест. Ва Худои таоло закотдиҳандагонро аз муқаррабони худ хонд ва мисоли мардуми закотдиҳанда дар миёни мардуми дигар чун мисоли подшоҳ аст дар миёни раият, ки рӯзидеҳ Ӯ бувад ва дигарон рӯзихор.

Ва Худои таоло тақдир кард, то гурӯҳе дарвеш бошанд ва гурӯҳе тавонгар. Ва тавоно бувад бад-он, ки ҳамаро тавонгар кардӣ, валекин ду гурӯҳ аз он кард, то манзалату шарафи бандагон падид шавад. Ва бартар он аз фурӯтарон пайдо шаванд. Чун подшоҳе, ки як раҳиро рӯзидеҳи қавме кунад. Пас агар ин раҳӣ, ки рӯзидеҳ бошад, рӯзӣ хӯраду надиҳад, аз хашми подшоҳ эмин набошад. Низ агар мунъим рӯзӣ диҳад ва закот надиҳад, аз хашми Худои таоло эмин набошад. Аммо закот дар соле як бор бар ту фариза аст. Лекин садақа агарчи фариза нест, дар муруввату мардумӣ аст. Чандон ки метавонӣ, ҳамедеҳ ва тақсир макун, ки

---

* Иститоат – тавоноӣ.

** Макнат – дороӣ, қудрат.

мардуми садақадеҳ пайваста дар амни Худои таоло бошанд. Ва эминӣ аз Худои таоло ба ғанимат бояд дошт. Ва зинҳор бод бар ту, ки дар ниҳоди ҳаҷ ва закот дил бо шак надорӣ ва кори беҳуда насиголӣ ва нагӯйӣ, ки давидану бараҳна кардан хештанро ва нохуну мӯй ночидан чарост? Ва аз бист динор чаро ним динор бояд дод ва аз гову гӯсфанд ва уштур чӣ мехоҳанд ва чаро қурбон кунанд? Дар ин ҷумла дил пок дор ва гумон мабар, ки он чӣ ту донӣ, чизест, ки чизи худи он аст, ки мо надонем.

Ту ба фармонбардории Худованди таоло машғул бош. Туро бо чунучаро кор нест. Ва чун ин фармони Худои таоло ба ҷой овардӣ, ҳаққи падару модар бишинос, ки ҳаққи шинохтани падару модар ҳам аз фармони Худои таоло аст.

## БОБИ ПАНҶУМ
## АНДАР ШИНОХТАНИ ҲАҚҚИ МОДАРУ ПАДАР

Бидон, эй писар, ки Офаридгор чун хост, ки ҷаҳон обод монад, асбоби насл падид кард дар шаҳвати ҷонвар ва падару модарро сабаби кавни* фарзанд кард. Пас ҳамедун аз муҷиби хирад бар фарзанд аст худро ҳурмат доштан ва тааҳҳуд** кардан ва низ воҷиб аст асли худро тааҳҳуд кардан ва ҳурмат доштан ва асли ӯ ҳам падару модар аст. То нагӯйӣ, ки падару модарро бар ман чӣ ҳақ аст, ки эшонро ғараз шаҳват буд на мақсуд ман будам. Ҳарчанд ғараз шаҳват буд, музоифи шаафи*** занон аст, ки аз баҳри ту хештанро ба куштан диҳанд. Ва камтар ҳурмати модару падар он аст, ки ҳар ду воситаанд миёни ту ва Офаридгори ту. Пас чандон ки Офаридгори худро ва худро ҳурмат дорӣ, воситаро низ

* Кавн – ҳастӣ.
** Тааҳҳуд – нигоҳубин.
*** Музоифи шааф – хурсандии аз ҳад зиёд.

дархӯри ӯ бибояд дошт. Ва он фарзандро, ки мудом хирад раҳнамуни ӯ бувад, аз ҳаққу меҳри падару модар холӣ набошад. Ва Худои таоло ҳамегӯяд дар каломи маҷиди хеш, ки «Атиъуллоҳа ва атиъу а-р-расула ва авло-л-амри минкум»[14]. Ин оятро тафсир кардаанд аз чанд рӯй. Ва як ривоят чунин хондаам, ки: «Аввалуламр модару падаранд. Зеро ки «амр» ба тозӣ дӯст ё кор аст ё фармон ва «аввалуламр» он бувад, ки ӯро ҳам фармон бувад ва ҳам тавон. Ва падару модарро ҳам тавон аст ва ҳам фармон. Аммо тавон аст ба парвардани ту ва фармон аст ба хубӣ омӯхтан.

Ва зинҳор, эй писар, ки ранҷи падару модар хор надорӣ, ки Офаридгор ба ранҷи дили модару падар бисёр уқубат кунад ва Худои таоло ҳамегӯяд: **«Фало тақул лаҳумо уффин ва ло танҳарҳумо ва қул лаҳумо қавлан кариман»**[15].

Ва дар хабар аст, ки амирулмуъминин Алиро ризаяллоҳ анҳуро пурсиданд, ки ҳаққи падару модар чанд асту чист бар фарзанд, гуфт: **«Ин адаб Худои таоло дар марги падару модари пайғамбар (а) бинамуд, ки агар эшон рӯзгори пайғамбарро (а) дарёфтандӣ, воҷиб будӣ эшонро бартари хештан доштан ва ҳаққи эшон бишинохтан ва дар эшон тавозӯи кеҳтариву фарзандӣ намудан. Он гаҳ ин сухан заъиф омадӣ, ки гуфт: "Ано саййиду авлоди одам ва ло афхар»[16]**. Пас, ҳаққи модару падар агар аз рӯйи дин нанигарӣ, аз рӯйи хираду мардумӣ бингар, ки падару модар манбати некиву асли парвариши нафси туанд. Чун ту дар ҳаққи эшон муқассир* бошӣ, чунон бувад, ки ту сазои ҳеҷ некӣ набошӣ ва он кас, ки вай ҳақшиноси некии асл набошад, некии фаръро ҳам қадр надонад. Бо носипосон некӣ кардан аз хирагӣ бошад ва ту низ хирагии худ маҷӯй ва бо падару модари худ чунон бош, ки аз фарзандони худ тамаъ дорӣ, ки бо ту бошанд. Зеро ки он ки аз ту зояд, ҳамон тамаъ дорад, ки ту аз падар дорӣ, ки

* Муқассир – гунаҳгор.

ба масал одамӣ ҳамчун мева аст ва модару падар ҳамчун дарахт. Ҳарчанд дарахтро тааҳҳуд беш кунӣ, мева аз вай накутару беҳтар ёбӣ. Ва чун падару модарро ҳурмату озарм беш дорӣ, дуову офарини эшон дар ту асари бештар кунад ва мустаобтар бувад ва ба хушнудии Ҳақ таоло наздиктар бошӣ ва ба хушнудии эшон наздиктар бошӣ. Ва зинҳор, ки аз баҳри мерос марги падару модар нахоҳӣ, ки бе марги падару модар он чӣ рӯзии ту бошад, ба ту бирасад, ки рӯзӣ мақсум аст бар ҳама кас ва ба ҳар касе он расад, ки қисмати ӯ кардаанд. Ва аз баҳри рӯзӣ ранҷи бисёр бар худ манеҳ, ки ба кӯшиш рӯзӣ афзун нагардад, чи гуфтаанд: Масал: «Иш биҷиддин ло бикаддин», яъне, ба бахт зӣ, на ба кӯшиш.

Ва агар хоҳӣ, ки аз баҳри рӯзӣ аз Худои таоло хушнуд бошӣ, ба касе манигар, ки ҳоли ӯ беҳтар аз ҳоли ту бошад, ба кас нигар, ки ҳоли ӯ аз ҳоли ту бадтар бошад, то доим аз Худованд хушнуд бошӣ. Ва агар ба мол дарвеш гардӣ, ҷаҳд кун, то ба хирад тавонгар бошӣ, ки тавонгарии хирад аз тавонгарии мол беҳтар бошад ва ба хирад мол тавон ҳосил кард ва ба мол хирад ҳосил натавон кард. Ва ҷоҳил аз мол зуд дарвеш гардад ва хирадро дузд натавонад бурдан ва обу оташ ҳалок натавонад кардан. Пас, агар хирад дорӣ, бо хирад ҳунар омӯз, ки хирад бе ҳунар чун тане бошад бе ҷома ва шахсе бувад бе сурат, ки гуфтаанд: **«Ал-адабу сурату-л-ақли»**[17].

## БОБИ ШАШУМ
## АНДАР ФУРӮТАНӢ ВА АФЗУНИИ ҲУНАР

Бидон ва огоҳ бош, эй писар, ки мардуми беҳунар доим бесуд бошад чун муғелон, ки тан дораду соя надорад, на худро суд кунад ва на ғайрро. Ва мардуми асилу насиб агарчи беҳунар бувад, аз рӯйи аслу насаб аз ҳурмат доштани мардум бебаҳра набошад. Бадтар он бошад, ки на гавҳар дораду на ҳунар. Аммо ҷаҳд кун, ки агарчи асилу гавҳарӣ бошӣ, гавҳари тан низ дорӣ, ки гавҳари тан аз гавҳари асл беҳтар, чунон ки гуфтаанд: «Аш шарафу би-л-ақли ва-л-

адаби ло би-л-асли ва-н-насаби»[18], ки бузургӣ хираду донишрост на гавҳару тухмаро.

Ва бад-он ном, ки туро падару модар ниҳанд, ҳамдостон мабош, ки он ном нишоне бошад. Ном он бувад, ки ту ба ҳунар бар хештан ниҳӣ, то аз номи Зайду Ҷаъфар ва «амму» «хол» ба «устоди фозил» ва «фақеҳу ҳаким» афтӣ, ки агар мардумро бо гавҳари асл гавҳари ҳунар набошад, суҳбати ҳеҷ касро нашояд ва ҳар киро дар вай ин ду гавҳар ёбӣ, чанг дар вай зан ва аз даст магузор, ки вай ҳамаро ба кор ояд.

Бидон, ки аз ҳама ҳунарҳо беҳтарин ҳунаре сухан гуфтан аст, ки Офаридгори мо ҷалла ҷалолуҳу аз ҳама офаридаҳои хеш одамиро беҳтар офарид ва одамӣ фузунӣ ёфт бар дигар ҷонварон ба даҳ дараҷа, ки дар тани ӯст: панҷ аз дарун ва панҷ аз берун. Аммо панҷ ниҳонӣ чун андеша ва ёд гирифтан ва нигоҳ доштан ва тахайюл кардан ва тамйиз ва гуфтор ва панҷ зоҳир чун самъ ва басар ва шамму ламс ва завқ. Ва аз ин ҷумла он чӣ дигар ҷонваронро ҳаст на бар ин ҷумла, ки одамирост. Пас одамӣ бад-ин сабаб подшоҳ ва комгор шуд бар дигар ҷонварон.

Чун ин бидонистӣ, зуфонро ба хубиву ҳунар омӯхта кун ва ҷуз хубӣ гуфтан зуфонро одат макун, ки зуфони ту доим ҳамон гӯяд, ки ту ӯро бар он дошта бошӣ ва одат кунӣ, ки гуфтаанд: «Ҳар кӣ зуфони ӯ хуштар, ҳавохоҳони ӯ бештар». Ва бо ҳама ҳунарҳо ҷаҳд кун то сухан ба ҷойгоҳ гӯйӣ, ки сухани на бар ҷойгоҳ агарчи хуб бошад, зишт намояд. Ва аз сухани бефоида дурӣ гузин, ки сухани бесуд ҳама зиён бошад ва сухан, ки аз вай бӯйи дурӯғ ояд ва бӯйи ҳунар наояд, ногуфта беҳтар, ки ҳакимон суханро ба набиз* монанда кардаанд, ки ҳам аз ӯ хумор хезад ва ҳам бад-ӯ дармони хумор бувад. Аммо сухан нопурсида магӯй ва аз гуфтори хира парҳез кун ва чун бозпурсанд, ҷуз рост магӯй. Ва то нахоҳанд, касро насиҳат макун ва панд мадеҳ, хосса он касро, ки панд нашунавад. Ва бар сари малаъ** ҳеҷ касро панд мадеҳ, ки гуфтаанд: **«Аннусҳу байна-л-малиа тақреун»**[19].

---

* Набиз – шароб.

** Малаъ – гурӯҳи одамон.

Агар касе ба кажӣ баромада бувад, гирди рост кардани ӯ магард, ки натавонӣ, ки ҳар дарахте, ки каж баромада бувад ва шохзада бувад ва боло гирифта ҷуз буридану тарошидан рост нагардад.

Чунон ки ба сухани наку бахилӣ накунӣ, агар тоқат бошад, ба атои мол ҳам бахилӣ макун, ки мардум фирефтаи мол зудтар шаванд, ки фирефтаи сухан.

Ва аз ҷойи туҳматзада бипарҳез ва аз ёри бадомӯзу бадандеш бигурез. Ва дар хештан ба ғалат машав, хештанро ҷое неҳ, ки агар биҷӯяндат ҳам, он ҷо ёбанд, то шармсор нагардӣ ва худро аз он ҷой талаб, ки ниҳода бошӣ, то бозёбӣ.

Ва ба зиёну ба ғами мардумон шодӣ макун, то мардумон ба зиёну ғами ту шодӣ накунанд.

Дод бидеҳ, то дод ёбӣ ва хуб гӯй, то хуб шунавӣ. Ва андар шӯристон тухм макор, ки бар надиҳад ва ранҷи беҳуда бувад, яъне ки бо мардуми нокас некӣ кардан чун тухм дар шӯристон афкандан бошад. Аммо некӣ аз сазовори некӣ дареғ мадор ва некиомӯз бош... Ва некикуну некифармой ду бародаранд, ки пайвандашон замона нагсалад*. Ва бар некӣ кардан пушаймон мабош, ки ҷазои неку бад ҳам дар ин ҷаҳон ба ту расад, пеш аз он ки ба ҷойи дигар равӣ. Ва чун ту бо касе хубӣ кунӣ, бинигар, ки андар вақти хубӣ кардан ҳам чандон роҳат, ки бад-он кас расад, дар дили ту хушиву роҳат падид ояд. Ва агар бо касе бадӣ кунӣ, чандоне ки ранҷ ба вай расад, бар дили ту зуҷрату** гаронӣ расида бошад ва аз ту худ ба касе барнаёяд. Ва чун ба ҳақиқат бингарӣ, бе зуҷрати ту аз ту ба касе ранҷе нарасад ва бе хушии ту роҳате аз ту ба касе нарасад. Дуруст шуд, ки мукофоти неку бад дар ин ҷаҳон биёбӣ, пеш аз он ки бад-он ҷаҳон расӣ. Ва ин суханро, ки гуфтам, касе мункир натавонад шудан, ки ҳар кӣ дар ҳама

---

* Нагсалад – наканад.

** Зуҷрат– ғаму андух, тангдилӣ.

умри хеш ба касе некӣ ё бадӣ кардааст, чун ба ҳақиқат бияндешад, донад, ки ман бад-ин сухан бар ҳаққам ва маро бад-ин сухан мусаддиқ доранд. Пас, то тавонӣ, некӣ аз касе дареғ мадор, ки некӣ охир як рӯз бар диҳад.

## ҲИКОЯТ

Шунидам, ки дар он рӯзгор, ки Мутаваккил[20] халифа дар Бағдод буд, ӯро бандае буд Фатҳ ном, бағоят хубрӯю рӯзбеҳ ва ҳама ҳунарҳову адабҳо омӯхта, Мутаваккил ӯро ба фарзандӣ пазируфта ва аз фарзандони худ азизтар доштӣ. Ин Фатҳ хост, ки шино кардан омӯзад. Маллоҳон биёварданд ва ӯро дар Даҷла[21] шино кардан ҳамеомӯхтанд ва ин Фатҳ ҳанӯз кӯдак буд ва дар шино кардан далер нагашта буд.

Ва аммо, чунон ки одати кӯдакон бувад, аз худ менамуд, ки шино омӯхтаам. Як рӯз пинҳонии устод ба Даҷла рафт ва андар об ҷаст. Ва об тез ҳамеомад, Фатҳро бигардонид.

Фатҳ чун донист, ки бо об басанда наёяд, худро ба об гузошт ва бар рӯйи об ҳамерафт, то аз дидаи мардум нопадид гашт. Чун вайро обпорае бибурд, бар канори Даҷла сӯрохиҳои обхӯрда буд. Чун ба канори об ба сӯрохӣ бирасид, ҷаҳд кард ва даст бизад ва худро андар он сӯрох андохт ва он ҷо бинишаст ва бо худ гуфт, ки то Худой чӣ хоҳад. Бад-ин вақт боре худро аз ин оби хунхор ҷаҳонид ва ҳафт рӯз он ҷо бимонд.

Ва аввал рӯз, ки хабар доданд Мутавакилро, ки Фатҳ дар об ҷасту ғарқа шуд, аз тахт фуруд омад ва бар хок нишаст ва маллоҳонро бихонд ва гуфт:

– Ҳар кӣ Фатҳро мурда ё зинда биёрад, ҳазор динораш бидиҳам.

Ва савганд хӯрд, ки то он гоҳ ки вайро бар он ҳол, ки ҳаст, наёранд, ман таом нахӯрам. Маллоҳон дар Даҷла рафтанд ва ғӯта мехӯрданд ва ҳар ҷой талаб мекарданд то сари ҳафт рӯз иттифоқ маллоҳе бад-он сӯрох расид. Фатҳро бидид. Шод гашту гуфт:

– Ҳамин ҷо бош, то завраҷе биёрам. Аз он ҷо бозгашт ва пеши Мутаваккил рафт ва гуфт:

– Ё амиралмуъминин, агар Фатҳро зинда биёрам, маро чӣ диҳӣ?

Гуфт:

– Панҷ ҳазор динори нақд бидиҳам.

Маллоҳ гуфт:

– Ёфтам Фатҳро зинда.

Завраҷе биёварданд ва Фатҳро бибурданд.

Мутаваккил он чи маллоҳро гуфта буд, бифармуд то дарвақт бидоданд. Вазирро бифармуд ва гуфт, ки дар хазинаи ман рав, ҳар чӣ ҳаст, як нима ба дарвешон деҳ.

Он гоҳ гуфт: – Таом оред, ки вай гуруснаи ҳафтрӯза аст.

Фатҳ гуфт: – Ё амиралмуъминин, ман серам.

Мутаваккил гуфт: – Магар аз оби Даҷла сер шудӣ?

Фатҳ гуфт:

– На, ки ман ин ҳафт рӯз гурусна набудам, ки ҳар рӯз бистто нон бар табақе ниҳода бар рӯйи об фуруд омадӣ ва ман ҷаҳд кардаме то ду-сето аз он нон баргирифтаме ва зиндагонии ман аз он нон будӣ ва бар ҳар нон навишта буд: «Муҳаммад ибни АлҲусайн АлАскоф».

Мутаваккил фармуд, ки дар шаҳр мунодӣ кунед, ки он мард, ки нон дар Даҷла афканд, кист ва бигӯед, то биёяд, ки амиралмуъминин ба ӯ некуӣ хоҳад кард, то натарсад.

Чунин мунодӣ карданд. Рӯзи дигар марде биёмад ва гуфт: – Манам он кас.

Мутаваккил гуфт:

– Ба чӣ нишон?

Мард гуфт: – Ба он нишон, ки номи ман бар рӯйи ҳар ноне навишта буд, ки Муҳаммад ибн Ал-Ҳусайн Ал-Аскоф.

Мутаваккил гуфт: – Нишон дуруст аст. Аммо чанд гоҳ аст, ки ту дар ин Даҷла нон меандозӣ?

Муҳаммад ибни Ал-Ҳусайн гуфт: – Як сол аст.

Мутаваккил гуфт: – Ғарази ту аз ин чӣ буд?

Мард гуфт: – Шунида будам, ки некӣ куну ба об андоз,

ки рӯзе бар диҳад. Ва ба дасти ман некии дигар набуд. Он чӣ тавонистам, кардам, ҳамекардам то худ чӣ бар диҳад.

Мутаваккил гуфт: – Он чӣ шунидӣ, кардӣ, бад-он чӣ кардӣ, самара ёфтӣ.

Мутаваккил вайро дар Бағдод панҷ деҳ мулк дод. Мард бар сари мулк рафт ва муҳташам гашт ва ҳанӯз фарзандони ӯ дар Бағдод мондаанд. Ва ба рӯзгори АлҚоим биамриллоҳ[22] ман ба ҳаҷ рафтам. Эзиди таоло маро тавфиқ дод, то зиёрати хонаи Худой бикардам ва фарзандони вайро бидидам ва ин ҳикоят аз пирони Бағдод шунидам.

* * *

Пас, то битавонӣ, аз некӣ кардан маёсой ва худро ба некуиву некукорӣ ба мардумон намой ва чун намудӣ, ба хилофи намуда мабош. Ва ба зуфон дигар магӯй ва ба дил дигар мадор, то гандумнамои ҷавфурӯш набошӣ.

Ва андар ҳама корҳо дод аз худ бидеҳ, ки ҳар кӣ дод аз хештан бидиҳад, аз довар мустағнӣ* бошад. Ва агар ғаму шодият бошад, ғаму шодӣ ба он касе гӯй, ки ӯро тимори ғаму шодии ту бувад. Ва асари ғаму шодӣ пеши мардумон пайдо макун ва ба ҳар неку бад зуд шодмону зуд андуҳгин машав, ки ин феъли кӯдакон бошад.

Ва бикӯш, то ба ҳар муҳол аз ҳоли хеш нагардӣ, ки бузургон ба ҳар ҳаққу ботил аз ҷойи хеш бинашаванд. Ва ҳар шодӣ, ки бозгашти он ба ғам бошад, онро шодӣ машумор ва ҳар ғаме, ки бозгашти он ба шодист, онро ба ғам машумор. Ва ба вақти навмедӣ умедвортар бош ва навмедӣ дар умед баста дон ва умедро дар навмедӣ. Ва ҳосили ҳама корҳои ҷаҳон бар гузаштан дон.

Ва то ту бошӣ, ҳақро мункир машав. Ва агар касе бо ту биситеҳад**, ба хомӯшӣ он ситеҳандаро бинишон ва ҷавоби аҳмақон хомӯшӣ дон.

Аммо ранҷи ҳеҷ кас зоеъ магардон ва ҳама касро ба

---

* Мустағнӣ – бениёз, беэҳтиёҷ.

** Биситеҳад – ситеза кунад, ҷанг кунад.

сазо ҳақ бишинос, хосса ҳаққи қаробати хешро. Ва чандон ки тоқат бошад, бо эшон накуӣ кун ва пирони қабилаи хешро ҳурмат дор чунон ки расул (с) гуфт: «Ашшайху фӣ қавмиҳи ка-н-набийи фӣ умматиҳи»[23]. Валекин бо эшон мувлаъ[*]мабош, то ҳамчунон ки ҳунари эшон мебинӣ, айб низ битавонӣ дидан.

Ва агар аз бегона ноэмин шавӣ, зуд худро аз вай ба миқдори ноэминӣ эмин гардон ва бар ноэминӣ ба гумони эмин мабош, ки заҳр ба гумон хӯрдан аз доноӣ набувад.

Ва ба ҳунари худ ғарра машав. Ва ба ҳунару хиради мардумон нигоҳ ҳамекун ва агар ба бехирадиву беҳунарӣ нон ба даст тавонӣ овардан, бехираду беҳунар бош, вагарна, ҳунар омӯз ва аз омӯхтану сухани нек шунидан нанг мадор, то аз нанг раста бошӣ. Ва нек бинигар ба неку бад ва айбу ҳунари мардумон ва бишинос, ки нафъу зарари эшон ва суду зиёни эшон аз чист ва то куҷост ва манфиати хеш аз он миён биҷӯй. Ва пурс, ки чӣ чизҳост, ки мардумро ба зиён наздик кунад, аз он дур бош ва бад-он наздик бош, ки мардумро ба манфиат наздик гардонад ва тани хешро ба фарҳангу ҳунар омӯхтан одат деҳ. Чизе, ки надонӣ, биёмӯзӣ ва ин туро ба ду чиз ҳосил шавад: ё ба кор бастани он чиз, ки донӣ, ё ба омӯхтани он чиз, ки надонӣ.

Суқрот[24] гуфт, ки ҳеҷ ганҷе беҳ аз дониш нест ва ҳеҷ душман батар аз хӯйи бад нест ва ҳеҷ иззе бузургвортар аз дониш нест ва ҳеҷ пироя беҳтар аз шарм нест.

Пас омӯхтанро вақте пайдо мекун, чӣ ҳар вақту ҳар ҳол, ки бошад, бояд ки як соат аз ту нагузарад, ки дониш наёмӯзӣ. Ва агар дар он вақт доное ҳозир набошад, аз нодоне биёмӯз, ки дониш аз нодон низ бибояд омӯхт.

Аз он ки ҳар гоҳ ба чашми дил дар нодон нигарӣ ва басорати ақл бар вай гуморӣ, он чи туро аз вай нописандида ояд, донӣ, ки набояд кард. Чунон ки Искандар[25] гуфт:

– Ман манфиат на аз дӯстон ёфтам, балки бештар аз

---

[*] Мувлаъ – бо майлу рағбати аз ҳад зиёд, ҳарис.

душманон ёфтам. Агар дар ман феъле зишт бувад, дӯстон бар муҷиби шафқат бипӯшонанд, то ман надонам ва душман ба муҷиби душманӣ, ки дорад, бигӯяд, то маро маълум шавад. Он феъли бадро аз худ дур кунам. Пас он манфиат аз душман ёфта бошам.

Ту низ он дониш аз нодон омӯхта бошӣ, на аз доно. Ва бар мардум воҷиб аст, ки бар бузургон ва чӣ бар фурӯтанон ҳунар ва фарҳанг омӯхтан, ки фузунӣ бар ҳама ҳамсарони хуш ба фазлу ҳунар тавон ёфт. Чун дар хештан ҳунаре бинӣ, ки дар амсоли худ набинӣ, ҳамеша худро фузун аз эшон донӣ ва мардумон низ туро фузунтар донанд ва ҳамсарони ту ба қадру ба фазлу ҳунари ту. Ва чун марди оқил бубинад, ки вайро афзунӣ нахоҳанд бар ҳамсарони ӯ ба фазлу ҳунар, ҷаҳд кунад, то фозилтару ҳунармандтар шавад. Пас ҳар гоҳ, ки мардум чунин кунад, дер напояд, ки бузургвор бар ҳама кас шавад. Ва дониш ҷустан бартарӣ ҷустан бошад бар ҳамсарони хеш ва ҳаммонандон ва даст боздоштан аз фазлу ҳунар нишони хурсандӣ бувад бар фурӯмоягон. Ва омӯхтани ҳунар ва танро молида доштан аз коҳилӣ сахт судманд аст, ки гуфтаанд: «Коҳилӣ фасоди тан бошад». Агар тан туро фармонбардорӣ накунад, нигар то сутӯҳ* нашавӣ. Зеро ки тан аз коҳиливу дӯстии осоиш туро фармон набарад. Аз баҳри он ки тани моро таҳарруки табиӣ нест ва ҳар ҳаракате, ки тан кунад, ба фармон кунад на ба мурод ва ҳаргиз то ту нахоҳӣ ва нафармойӣ, тани туро орзуи кор кардан набошад. Пас ту тани худро ба ситам фармонбардор гардон ва ба қасд ӯро ба итоат овар, ки ҳар кӣ тани худро фармонбардор натавонад кардан, тани мардумонро ҳам мутеи хеш натавонад кардан.

Ва чун тани хешро фармонбардори хеш кардӣ, ба омӯхтани ҳунар саломатии ду ҷаҳон ёфтӣ, ки саломатии ду ҷаҳон андар ҳунар аст ва сармояи ҳама некиҳо андар донишу адаб аст, хосса, адаби нафсу тавозуъ ва порсоиву ростгӯйӣ ва покдиниву покшалворӣ ва беозориву бурдборӣ ва

* Сутӯҳ – дилтанг, оҷиз.

шармгинист. Аммо ба ҳадиси шармгинӣ, агарчи гуфтаанд, ки «Алҳаёу минал имони»[26], бисёр ҷой бошад, ки шарм бар мардум вубол гардад. Чунон шармгин мабош, ки аз шармгинӣ дар муҳиммоти хеш тақсир кунӣ ва халал дар кори ту раҳ ёбад, ки бисёр ҷой бувад, ки бешармӣ бояд кардан, то ғараз ҳосил шавад. Шарм аз ноҳифозиву фаҳшу дурӯғ гуфтан дор, аз гуфтору кирдори босалоҳ шарм мадор, ки бисёр мардум бошад, ки аз шармгинӣ аз ғаразҳои хеш бозмонад. Ҳамчунон ки шармгинӣ натиҷаи имон аст, бенавоӣ натиҷаи шармгинӣ аст. Ҷойи шарму ҷойи бешармӣ ҳар ду бибояд донист. Он чӣ ба салоҳ наздиктар аст, мебояд кард, ки гуфтаанд: «Муқаддимаи некӣ шарм аст ва муқаддимаи бадӣ бешармист».

Аммо нодонро мардум мадон ва донои беҳунарро доно машумор ва парҳезкори бедонишро зоҳид мадон. Ва бо мардуми нодон суҳбат макун, хосса, бо нодоне, ки пиндорад, ки доност ва бар ҷаҳл хурсанд. Ва суҳбат ҷуз бо хирадманд мадор, ки аз суҳбати некон мардум некном гардад. Набинӣ, ки равған аз кунҷид аст. Валекин чун равғани кунҷидро бо бунафша ё бо гул биёмезӣ, чанд гоҳ бо гул ё бунафша бимонад, аз омезиши равған бо гул ё бунафша аз баракоти суҳбати некон ӯро ҳеҷ равғани кунҷид нагӯянд, магар ки равғани гул ё равғани бунафша.

Ва суҳбати некон ва кирдори некро носипос машав ва фаромӯш макун. Ва ниёзманди хешро бар сар мазан, ки вайро ҳамон ранҷу ниёзмандӣ тамом бувад.

Ва хушхӯйиву мардумӣ пеша кун ва аз хӯҳои носитуда дур бош. Ва зиёнкор мабош, ки самараи зиёнкорӣ ранҷ бошад ва самараи ранҷ ниёзмандӣ ва самараи ниёзмандӣ фурӯмоягӣ.

Ҷаҳд кун, то ситудаи оқилон бошӣ ва нигар то ситудаи ҷоҳилон набошӣ, ки ситудаи ому ҷоҳил накуҳидаи хос бошад. Чунон ки шунидам:

## ҲИКОЯТ

Гӯянд, рӯзе Афлотун[27] нишаста буд. Аз ҷумлаи хосси он шаҳр марде ба саломи вай даромаду бинишаст ва аз ҳар навъе сухан мегуфт. Дар миёнаи сухан гуфт: – Эй ҳаким, имрӯз фалон мардро дидам, ки ҳадиси ту мекард ва туро дуову сано мегуфт, ки Афлотуни ҳаким сахт бузургвор аст ва ҳаргиз чу ӯ кас набошад ва набудааст.

Хостам, ки шукри ӯ ба ту расонам.

Афлотуни ҳаким чун ин сухан бишунид, сар фурӯ бурду бигирист ва сахт дилтанг шуд. Ин мард гуфт: – Эй ҳаким, аз ман туро чӣ ранҷ омад, ки чунин дилтанг шудӣ?

Афлотуни ҳаким гуфт: – Маро, эй хоҷа, аз ту ранҷе нарасид, вале мусибате аз ин бузургтар чӣ бошад, ки ҷоҳиле маро биситояд ва кори ман ӯро писандида ояд. Надонам, ки чӣ коре ҷоҳилона кардаам, ки ба табъи ӯ наздик будааст ва ӯро хуш омадааст ва маро биситуда, то тавба кунам аз он кор. Маро ин ғам аз он аст, ки ҳанӯз ҷоҳилам, ки ситудаи ҷоҳилон ҳам ҷоҳилон бошанд.

Ва ҳам дар ин маънӣ ҳикояти дигар ёд омад:

## ҲИКОЯТ

Муҳаммад Закариёи Розӣ[28] рӯзе ҳамеомад бо қавме аз шогирдони хеш. Девона пеши эшон баромад. Дар ҳеҷ кас нанигарист магар дар Муҳаммад Закариё ва нек нигаҳ кард ва дар рӯйи ӯ бихандид.

Муҳаммад Закариё чун ба хона омад, матбухи афтимун[29] фармуд ва бихӯрд. Шогирдонаш пурсиданд, ки эй ҳаким, чаро ин матбух бад-ин вақт ҳамехӯрӣ. Гуфт: – Аз баҳри хандаи он девона, ки то вай аз ҷумлаи савдои хеш ҷузве дар ман надидӣ, дар рӯйи ман нахандидӣ, ки гуфтаанд: «Куллу тайрин ятиру маъа шаклиҳи»[30].

* * *

Дигар тундиву тезӣ одат макун ва аз ҳилм холӣ мабош. Лекин якбора чунон нарм мабош, ки аз хушкиву нармӣ бихӯрандат ва низ чунон дурушт мабош, ки ҳаргизат ба даст бинасованд ва бо ҳама гурӯҳ мувофиқ бош, ки ба мувофиқат аз дӯсту душман мурод ҳосил тавон кард. Ва ҳеҷ касро бадӣ маёмӯз, ки бад омӯхтан дувуми бадӣ кардан аст. Агарчи бегуноҳ касе туро биёзорад, ту ҷаҳд кун, ки ӯро наёзорӣ, ки хонаи камозорӣ дар кӯйи мардумист. Ва асли мардумӣ гуфтаанд, ки камозорист.

Пас, агар мардумӣ, камозор бош ва дигар кирдор бо мардумон неку дор. Аз он чӣ мардум бояд дар оина нигарад, агар дидораш хуб бувад, бояд, ки кирдораш чун дидораш бувад, ки аз неку зиштӣ назебад. Нашояд, ки аз гандум ҷав рӯяд ва аз ҷав гандум. Ва андар ин маънӣ маро ду байт аст:

**Шеър**

*Моро санамо, бадӣ ҳаме пеш орӣ*
*В-аз мо ту чаро умеди некӣ дорӣ?*
*Рав, рав, ҷоно, ғалат ҳамепиндорӣ,*
*Гандум натавон дуруд, чун ҷав корӣ.*

Пас агар дар оина нигарӣ ва рӯйи худро зишт бинӣ ҳам, бояд, ки некуӣ беш кунӣ, ки агар зиштӣ кунӣ, зиштӣ бар зиштӣ афтад. Ва бас нохушу зишт бувад ду зиштӣ ба як ҷо.

Ва аз ёрони мушфиқу озмуда насиҳатпазиранда бош. Ва бо носеҳони хеш ҳар вақт ба хилват биншин. Зеро ки фоидаи ту аз эшон ба вақти хилват бошад.

Чун ин суханҳо, ки ман ёд кардам, бихониву бидонӣ ва бар фазли хеш чира гардӣ, он гоҳ ба фазлу ҳунари хеш ғарра машав. Он гоҳ, ки ту ҳама чиз омӯхтӣ ва донистӣ, хештанро аз ҷумлаи нодонон шумор, ки доно он гоҳ бошӣ, ки бар нодонии хеш воқиф гардӣ. Чунон ки дар ҳикоят овардаанд.

## ҲИКОЯТ

Шунидам, ки ба рӯзгори Хусрав дар вақти вазорати Бузурҷмеҳри[31] ҳаким расуле омад аз Рум. Хусрав бинишаст, чунон ки расми мулуки Аҷам буд ва расулро бор дод. Ва подшоҳро бо расул борнома мебоист, ки кунад ба Бузурҷмеҳр, яъне ки маро чунин вазирест. Пеши расул бо Бузурҷмеҳр гуфт:

– Эй фалон, ҳама чиз, ки дар олам аст, ту донӣ?

Ва хост, ки ӯ гӯяд, донам. Бузурҷмеҳр гуфт:

– На, эй худойгон.

Хусрав аз он тира шуд ва аз расул хиҷил гашт. Пурсид, ки ҳама чиз кӣ донад. Гуфт:

–Ҳама чиз ҳамагон донанд ва ҳамагон ҳанӯз аз модар назодаанд.

* * *

Пас, эй писар, ту худро аз ҷумлаи донотарон мадон, ки чун худро нодон донистӣ, доно гаштӣ. Ва сахт доно касе бошад, ки бидонад, ки нодон аст, ки Суқрот бо бузургии хеш ҳамегӯяд, ки агар ман битарсидаме, ки баъд аз ман бузургон ва аҳли ақл бар ман таънот кунанд ва гӯянд, ки Суқрот ҳама дониши ҷаҳонро ба як бор даъво кард, ман мутлақ бигуфтаме, ки ман ҳеҷ чиз надонам ва оҷизам. Валекин натавон гуфт, ки аз ман даъвии бузург бошад. Ва Бӯшакури Балхӣ[32] худро ба дониши бузург дар байте мебиситояд ва он байт ин аст:

### Шеър

*То бад-он ҷо расид дониши ман,*
*Ки бидонам ҳаме, ки нодонам.*

Пас, эй писар, ба дониши хеш ғарра машав, агарчи доно бошӣ. Чун шуғлат пеш ояд, ҳарчанд туро кофияти гузоридани он бошад, писанди ройи хеш мабош, ки марди

писанди ройи хеш ҳамеша пушаймон бувад. Ва аз машварат кардан ор мадор. Бо пирони оқилу бо дӯстони мушфиқ мушоварат кун, ки бо ҳикмат ва нубуввати Муҳаммад Мустафо салаллоҳу алайҳи васаллам, азбас он ки омӯзгори вай ва созандаи кори вай Худои азза ва ҷалла буд, ҳам бар он ризо надод ва гуфт: «Эй Муҳаммад, бо ин писандидагон ва ёрони хеш машварат кун, ки тадбир бар шумо ва нусрат бар ман, ки Худоям».

Ва бидон, ки ройи ду кас на чун ройи як бошад, ки як чашм он натавон дид, ки ду чашм бинад ва як даст он натавонад бардошт, ки ду даст бардорад. Набинӣ, ки чун табиб бемор шавад ва бемориӣ бар вай сахту душвор шавад, истионат[*] ба муолаҷоти худ накунад худро, агарчи сахт доно табибе бошад. Ва агар ҳамҷинси туро шуғле афтад, ночор аз баҳри ӯ то ҷон бувад, бикӯш. Ранҷи тану моли хеш дареғ мадор, агарчи душману ҳосиди ту бошад, ки агар вай дар он намонад, фарёд пурсидани ту ӯро аз он муҳаббат зиёдат бошад. Ва бошад, ки он душман дӯст гардад.

Ва мардумони сухангӯю сухандон, ки ба саломи ту оянд, эшонро ҳурмат дор ва бо эшон эҳсон кун, то бар саломи ту ҳаристар бошанд. Ва нокастарини халқ он бувад, ки бар вай салом накунанд, агарчи бо дониши тамом бошад. Ва бо мардуми накугӯй дижам мабош, ки мардуми дижам на наку бошад, ки мардум агарчи ҳаким бувад, дижамрӯй бувад, ҳикмати вай ба ҳикмат намонад ва сухани вай равнақе надорад. Пас шарти сухан гуфтан бидон, ки чун асту чист.

[*] Истионат – такя.

## БОБИ ҲАФТУМ
## АНДАР ПЕШӢ ҶУСТАН ДАР СУХАНДОНӢ

Эй писар, бояд, ки мардум сухандону сухангӯй бувад ва аз бадон сухан нигоҳ дорад. Аммо ту, эй писар, сухан рост гӯй ва дурӯғгӯй мабош ва хештан ба рост гуфтан маъруф кун, то агар ба зарурат дурӯғе аз ту бишнаванд, бипазиранд. Ва ҳар чӣ гӯйӣ, рост гӯй. Валекин рости ба дурӯғ монанд магӯй, ки дурӯғи ба рост монанд беҳ, ки рости ба дурӯғ монанд, ки он дурӯғ мақбул бувад ва он рост номақбул. Пас аз рост гуфтани номақбул парҳез кун, то чунон наяфтад, ки маро бо Амир Буссавори ғозӣ Шопур ибни Ал-Фазл[33] (р) афтод.

### ҲИКОЯТ

Бидон, эй писар, ки ман ба рӯзгори амир Буссавор он сол, ки аз ҳаҷ бозомадам, ба ғазо рафтам ба Ганҷа, ки ғазои Ҳиндустон бисёр карда будам, хостам, ки ғазои Рум низ карда шавад. Ва амир Буссавор подшоҳе бузург буд ва марде пойбарҷой ва хирадманд ва подшоҳе бузургу шоиста ва одилу шуҷоъ ва фасеҳу мутакаллим ва покдину пешбин, чунон ки маликони ситуда бошанд. Ва ҳама ҷидд будӣ бе ҳазл, дар сухан омад ва аз ҳар навъе ҳамегуфт. Ва ман ҳамешунидам ва ҷавоб ҳамедодам. Суханҳои ман ӯро писандида омад. Бо ман бисёр кароматҳо кард ва нагузошт, ки бозгардам.

Азбас эҳсонҳо, ки мекард бо ман, ман низ дил биниҳодам ва чанд сол ба Ганҷа муқим шудам. Ва пайваста ба таому шароб дар маҷлиси ӯ ҳозир шудаме ва аз ҳар гуна суханҳо аз ман ҳамепурсидӣ аз ҳоли оламу мулуки гузашта. То рӯзе аз вилояти мо сухан ҳамерафт аз ҳоли ноҳияи Гургон аз ман ҳамепурсид. Ман гуфтам:

– Ба рустои Гургон деҳест дар кӯҳи Боя ва чашмаест аз деҳ дур. Ва занон, ки об оранд, ҷамъ шаванд, ҳар кас бо сабӯй. Ва аз он чашма об баргиранд ва сабӯй бар сар ниҳанд

ва бозгарданд. Яке аз эшон бе сабӯй ҳамеояд ва бар роҳ андар ҳаменигарад. Ва кирмест сабз андар заминҳои он деҳ. Ҳар куҷо аз он кирм ҳамеёбад, аз роҳ ба як сӯ ҳамеафканад то он занон пой ба он кирм нанихҳанд, ки агар яке аз эшон пой бар он кирм ниҳад ва кирм бимирад, он об, ки дар сабӯй бар сар доранд, дарҳол ганда шавад, чунон ки бибояд рехтан ва бозгаштан ва сабӯй шустан ва дигарбора об бардоштан.

Чун ман ин сухан бигуфтам, Амир Абуссавор рӯй турш кард ва сар биҷунбонид ва чанд рӯз бо ман на бад-он ҳол буд, ки пеш аз он мебуд. То Пирӯзони Дайлам гуфт:

– Амир гилаи ту кард ва гуфт: «Фалон марде пой бар ҷоест. Чаро бояд, ки бо сухан чунон гӯяд, ки бо кӯдакон гӯянд. Чунон мардеро пеши чу мане чаро дурӯғ бояд гуфт?»

Ман дарҳол аз Ганҷа қосиде фиристодам ба Гургон ва маҳзаре* фармудам кардан ба шаҳодати қозӣ ва раису хатиб ва ҷумлаи удулу уламо ва ашрофи Гургон, ки ин деҳ барҷост ва ҳоли ин кирм бар ин ҷумла аст. Ва ба чаҳор моҳ ин маънӣ дуруст кардам ва маҳзар пеши Амир Буссавор ниҳодам. Бидиду бихонд ва табассум карду гуфт:

– Ман худ донам, ки аз чун туе дурӯғ гуфтан наёяд, хосса пеши ман. Аммо чаро росте бояд гуфт, ки чаҳор моҳ рӯзгор бояд кард ва маҳзареву гувоҳии дувист марди удул, то аз ту он рост қабул кунанд.

* * *

Аммо бидон, ки сухан аз чаҳор навъ аст: Яке надонистаниву нагуфтанӣ ва яке ҳам донистаниву ҳам гуфтанӣ. Ва яке гуфтанисту надонистанӣ ва яке донистаниву ногуфтанӣ. Аммо ногуфтанӣ ва нодонистанӣ сухан аст, ки динро зиён дорад. Аммо донистанӣ ва ногуфтанӣ суханест, ки дар китоби Ҳақ таоло ва ахбори расул (а) бошад ва андар китобҳои улум ва илмҳо, ки тафсири ӯ тақлид бувад ва дар таъвили* ӯ ихтилоф ва таассуб чун як ваҷҳи нузул ва

* Маҳзар – гувоҳнома.
*Таъвил – шарҳ додан.

монанди ин. Пас агар касе дил дар таъвили он бубандад, Худои азза ва ҷалла ӯро бад-он бигирад.

Ва он ки ҳам донистаниву ҳам гуфтанист, сухане бувад, ки салоҳи диниву дунёии ӯ бад-он баста аст ва ба ҳар ду ҷаҳон ба кор ояд, аз гуфтану шунидани он гӯянда ва шунавандаро нафъ бувад. Ва он ки донистаниву ногуфтанӣ чунон бувад, ки айби муҳташаме ё айби дӯсте туро маълум шавад то аз тариқи ақл ё аз кори ҷаҳон туро тахайюле бандад, ки он на шаръ бувад. Чун бигӯйӣ, ё хашми он муҳташам туро ҳосил ояд, ё озари он дӯст, ё бими шӯридани ғавғову омма бувад бар ту, пас он сухан донистанӣ бувад у ногуфтанӣ.

Аммо аз ин чаҳор навъ, ки гуфтам, беҳтарин он аст, ки ҳам донистанисту ҳам гуфтанӣ. Аммо ин чаҳор навъ сухан ҳар якеро ду рӯй аст: яке неку ва яке зишт.

Сухан, ки бар мардумон намоӣ, накӯтарин намой, то мақбул бувад. Мардумон дараҷаи ту бишиносанд, ки бузургону хирадмандонро ба сухан бидонанд, на суханро ба мардум, ки мардум ниҳон аст зери сухани хеш. Чунон ки ба тозӣ гӯянд: «Алмаръу махбуун таҳта лисониҳи»[34]. Ва сухан бувад, ки бигӯянд ба иборате, ки аз шунидани он рӯҳ тоза шавад ва ҳамон сухан ба иборате дигар битавон гуфт, ки рӯҳ тира грдад.

## ҲИКОЯТ

Шунидам, ки Ҳорун-Ар-Рашид[35] хобе дид бар он ҷумла, ки пиндоштӣ, ки ҷумлаи дандонҳои ӯ аз даҳон берун афтодӣ ба якбор. Ба имдод муаббиреро* бихонд ва пурсид, ки таъбири ин хоб чист.

Муаббир гуфт:

– Зиндагонии амирулмуъминин дароз бод! Ҳама ақрабои ту пеш аз ту бимиранд, чунон ки кас аз ту намонад.

Ҳорун-Ар-Рашид гуфт:

* Муаббир – таъбиркунандаи хоб, хобгузор.

– Ин муаббирро сад чӯб бизанед, ки вай ин чунин сухани дарднок чаро гуфт дар рӯйи ман. Чун ҷумла қароботи ман пеш аз ман бимиранд, пас он гоҳ ман кӣ бошам?

Хобгузори дигарро фармуд овардан ва ин хобро бо вай гуфт:

Хобгузор гуфт:

– Бад-ин хоб, ки амирулмуъминин дидааст, далел кунад, ки амирулмуъминин дароззиндагонитар аз ҳама ақрабо бошад.

Ҳорун-Ар-Рашид гуфт:

– Далилу-л-ақли воҳидун[36]. Таъбир аз он берун нашуд. Аммо аз иборат то иборат бисёр фарқ аст. Ин мардро сад динор фармуд…

* * *

Пас пушту рӯйи сухан нигаҳ бояд дошт ва ҳарчи гӯйӣ ба некутарин ваҷҳе бояд гуфт, то ҳам сухангӯй бошиву ҳам сухандон. Ва агар сухане гӯйиву надонӣ, чӣ ту бошӣ, чӣ он мурғ, ки ӯро тӯтӣ хонанд, ки вай низ сухангӯй аст, аммо сухандон нест. Ва сухангӯю сухандон он бувад, ки ҳар чӣ ӯ бигӯяд, мардумонро маълум шавад, то аз ҷумлаи оқилон бошад. Вагарна чунин бошад, баҳимае* бошад на мардум.

Аммо суханро бузург дон, ки аз осмон сухан омад. Ва ҳар суханро, ки бидонӣ, аз ҷойгоҳ он суханро дареғ мадор ва ба ноҷойгоҳ зоеъ макун, то бар дониш ситам накарда бошӣ.

Аммо ҳар чӣ гӯйӣ, рост гӯй ва даъвикунандаи бемаънӣ мабош. Ва андар ҳама даъвиҳо бурҳон камтар шинос ва даъвӣ бештар. Ба илме, ки надонӣ, даъвӣ макун ва аз он илм нон маталаб, ки ғарази худ аз он илму ҳунар ба ҳосил натавонӣ кардан ва аз ин илм тавонӣ кардан, ки маълуми ту бошад. Ва ба чизе, ки надонӣ, ба ҳеҷ нарасӣ.

---

* Баҳима – чорпо, ҳайвон.

## ҲИКОЯТ

Шунидам, ки ба рӯзгори Хусрав зане пеши Бузурҷмеҳр омад ва аз вай масъалае бипурсид. Ва дар он ҳол Бузурҷмеҳр сари он надошт, гуфт:

– Эй зан, ин ки ту мепурсӣ, ман он надонам.

Зан гуфт:

– Пас, агар ту ин надонӣ, неъмати Худойгони мо ба чӣ мехӯрӣ?

Бузурҷмеҳр гуфт:

– Бад-он чиз, ки донам. Ва бад-он чиз, ки надонам, малик маро чизе надиҳад. Ва агар тавонӣ, биё ва аз малик бипурс, то худ бад-он, ки надонам, маро малик чизе ҳамедиҳад ё на?

* * *

Аммо, эй писар, дар корҳо ифрот макун ва ифротро шум дон ва андар ҳама шуғл миёна бош, ки соҳиби шариати мо гуфт:– **«Хайру-и-л -умури авсатуҳо»**[37].

Ва бар сухану шуғл гузаронидан оҳистагӣ одат кун. Ва агар аз гаронсангиву оҳистагӣ накуҳида гардӣ, беҳтар дон, ки аз сабуксорӣ ва шитобзадагӣ ситуда гардӣ.

Ва ба донистани розе, ки тааллуқ ба неку бади ту надорад, рағбат манамо. Ва ҷуз бо худ бо кас рози хеш магӯй. Агар бигӯйӣ, он суханро аз он пас роз махон. Ва пеши мардумон бо кас роз магӯй. Агарчи дарунсӯ сухан неку бувад, аз бурунсӯ гумон ба зиштӣ баранд, ки одамиён бештар бар якдигар бадгумонанд. Ва дар ҳар коре сухану ҳиммату ҳол ба андозаи мол дор. Ҳар чӣ гӯйӣ, он гӯй, ки бар ростии сухани ту гувоҳӣ диҳад. Агарчи ба наздики мардумон сухангӯйи содиқ бошӣ, агар нахоҳӣ, ки ба ситам худро маъюб кунӣ, бар ҳеҷ чиз гувоҳ машав. Пас, агар шавӣ, ба вақти гувоҳӣ додан эҳтироз кун. Ва чун гувоҳӣ диҳӣ, ба майл мадеҳ.

Ҳар сухан, ки бигӯянд, бишунав, лекин ба кор бастан

машитоб. Ва ҳар чӣ гӯйӣ, ба андеша гӯй ва андешаро муқаддами гуфтори хеш дор, то аз гуфта пушаймон нагардӣ, ки пешандешӣ дувуми кифоят* аст. Ва аз шунидани ҳеҷ сухан малул мабош, агарат ба кор ояд ё на, бишунав, то дари сухан ба ту баста нашавад ва фоидаи сухан ғойиб нагардад.

Ва сардсухан мабош, ки сухани сард чун тухмест, ки аз вай душманӣ рӯяд.

Ва агарчи доно бошӣ, худро нодон шумор, то дари омӯхтан бар ту кушода гардад. Ва ҳеҷ суханро машикан ва маситой, то нахуст айбу ҳунари онро маълум нагардонӣ. Ва сухан якгуна гӯй – бо хос хосу бо ом ом, то аз ҳадди ҳикмат берун набошӣ ва бар мустамеъ** вубол нагардад, магар дар ҷое, ки дар сухан гуфтан аз ту ҳуҷҷату далел ҷӯянд. Ва агар дар ҷойгоҳе аз ту дар сухан гуфтан ҳуҷҷат ҷӯянд, сухан ба ризои эшон гӯй, то ба саломат аз миёни эшон берун ойӣ.

Ва агарчи сухандон бошӣ, камтар аз он намой, ки донӣ, то ба вақти гуфтор пиёда намонӣ. Ва бисёрдону камгӯй бош, на камдону бисёргӯй, ки гуфтаанд, ки хомӯшӣ дувуми саломатист ва бисёр гуфтан дувуми бехирадӣ. Аз он ки бисёргӯй агарчи хирадманд бошад, чун хомӯш бошад, мардумон хомӯшии ӯро аз ақл донанд.

Ва ҳарчанд поку порсо бошӣ, хештанситой мабош, ки гувоҳии туро бар ту кас нашунавад. Ва бикӯш, то сутудаи мардумон бошӣ, на сутудаи хеш. Ва агарчи бисёр донӣ, он гӯй, ки ба кор ояд, то он сухан бар ту вубол нагардад, чунон ки бар он алавии зангонӣ шуд.

## ҲИКОЯТ

Шунидам, ки ба рӯзгори Соҳиб[38] пире буд ба Зангон фақеҳу муҳташам ва асҳоби шофеӣ[39] муфтиву музаккар ва музаккии Зангон буд. Ва ҷавоне буд алавӣ писари раиси

* Кифоят – уҳдаборой, кордонӣ.

** Мустамеъ – шунаванда.

Зангон. Ҳамчунин фақеҳу музаккар буд. Ва пайваста ин ҳар ду бо якдигар дар мукошафат буданд. Бар сари минбар якдигарро таънаҳо заданд̣.

Ин алавӣ рӯзе бар сари минбар ин пирро кофир хонд. Хабар бад-он шайх бурданд. Вай низ бар сари минбар алавиро ҳаромзода хонд. Хабар ба алавӣ бурданд. Сахт аз ҷой бишуд. Дарҳол бархост ва ба шаҳри Рай[40] рафт ва пеши Соҳиб аз он пир гила кард ва бигиристу гуфт:

– Нашояд, ки ба рӯзгори ту касе фарзанди расулро ҳаромзода хонад.

Соҳиб аз ин пир дар хашм шуд ва қосиде фиристод. Ва ин пирро ба Рай оварданд ва ба мазолим бинишаст бо фуқаҳо ва содот. Ва он пирро бифармуд овардан ва гуфт:

– Эй шайх, ту марде аз ҷумлаи имомони шофеӣ бошӣ ва марде олиму пир ва ба лаби гӯр расида. Шояд, ки фарзанди расулро ҳаромзода хонӣ? Акнун ин ки гуфтӣ дуруст кун, на туро уқубат кунам ҳар чӣ балеғ бошад, то халқ аз ту ибрат гиранд ва дигар кас ин беадабиву беҳурматӣ накунад, чунон ки дар шаръ воҷиб аст.

Пир гуфт:

–Бар дурустии сухани ман гувоҳи ман ҳам ин алавист. Бар нафси ӯ беҳ аз ӯ гувоҳ маҳоҳ. Аммо ба қавли ман ӯ ҳалолзодаест пок ва ба қавли худ ҳаромзода.

Соҳиб гуфт:

– Ба чӣ маълум кунӣ?

Пир гуфт:

– Ҳама Зангон донанд, ки никоҳи падари ӯ бо модари ӯ ман бастаам. Ва ӯ бар сари минбар маро кофир гуфтааст. Агар ин сухан аз эътиқод гуфтааст, пас никоҳе, ки кофир бандад, дуруст набошад. Пас ӯ ба қавли худ ҳаромзода аст. Ва агар бе эътиқод гуфт, дурӯғгӯй бошад.

Пас пир гуфт:

– Ба ҳама ҳол дурӯғгӯй аст ё ҳаромзода. Ва фарзанди расул дурӯғгӯй набошад. Чунон ки хоҳед, шумо ӯро ҳамехонед. Бешак, аз ин ду бар як чиз бибояд истодан.

Он алавӣ сахт хиҷил гашт ва ҳеҷ ҷавоб надошт. Ва ин сухан наандешида гуфт, то бар вай вубол гашт.

* * *

Пас, эй писар, сухангӯй бош, на ёфагӯй, ки ёфа* гуфтан дувуми девонагӣ бошад. Ва бо ҳар кӣ сухан гӯйӣ, бингар, то сухани туро харидор ҳаст ё не. Агар муштарии чарб ёбӣ, ҳамефурӯш ва агар на он сухан бигзор ва он гӯй, ки ӯро хуш ояд, то харидори ту бошад.

Валекин бо мардумон мардум бош ва бо одамиён одамӣ, ки мардум дигар асту одамӣ дигар. Ва ҳар чӣ аз хоби ғафлат бедор шуд, бо халқ чунин зияд, ки ман гуфтам.

Ва то тавонӣ аз сухан гуфтану шунидан нуфур машав, ки мардум аз сухан шунидан сухангӯй шавад. Далел бар он ки агар кӯдакеро аз модар ҷудо кунанд ва дар зери замин баранд ва шир ҳамедиҳанд ва ҳам он ҷо мепарваранд ва модару доя ба вай сухан нагӯянд ва нанавозанд ва сухани кас нашунавад, чун бузург шавад, гунг бувад. То ба рӯзгор ҳамешунавад ва ҳамеомӯзад, он гоҳ гӯё шавад.

Далели дигар. Ҳар кӣ аз модар кар зояд, лол бувад. Набинӣ, ки лолон кар бошанд?

Пас суханҳо бишунав ва ёд гиру қабул кун. Хосса суханҳои панд аз гуфтаҳои мулуку ҳукамо. Ва гуфтаанд, ки панди ҳукамову мулук шунидан дидаи хирад равшан кунад, ки сурмаву тӯтиёи чашми хирад ҳикмат аст. Пас, ин қавлро, ки гуфтам, ба гӯши дил бояд шунидан ва эътиқод кардан. Аз ин суханҳо андар ин вақт чанд сухани нағзу нуктаҳои бадеъ ёд омад ба қавли Нӯшервони одил[41] – малики мулуки Аҷам ва андар ин китоб ёд кардам, то ту низ бихонӣ ва бидонӣ ва ёд гириву корбанд бошӣ. Ва кор бастани ин суханҳову пандҳои он подшоҳ моро воҷибтар бошад, ки мо аз тухмаи он маликем.

Ва бидон, ки чунин хондам аз ахбори хулафои гузашта, ки Маъмуни[42] халифа раҳимаҳуллоҳ ба турбати Нӯшервон рафт. Он ҷо ки дахмаи ӯ буд, аъзои ӯро ёфт бар тахте пӯсида ва хокшуда. Бар фарози тахти вай бар девори дахма хатте чанд ба зар навишта буд ба зуфони паҳлавӣ[43].

---

* Ёфа – ёва, суханҳои беҳуда.

Маъмун фармуд то дабирони паҳлавиро ҳозир карданд ва он набиштаҳоро бихонанд ва тарҷума карданд ба тозӣ. Пас аз тозӣ дар Аҷам маъруф шуд.

Аввал гуфта буд, ки то ман зинда будам, ҳама бандагони Худой аз ман баҳраманд буданд. Ва ҳаргиз ҳеҷ кас ба хидмати ман наёмад, ки аз раҳмати ман баҳра наёфт.

Акнун чун вақти оҷизӣ омад, ҳеҷ чора надонистам, ба ҷуз аз он ки ин суханҳо бар девор набиштам, то агар касе вақте ба зиёрати ман ояд, ин лафзҳоро бихонаду бидонад ва ӯ низ аз ман маҳрум намонад. Ва ин суханҳову пандҳои ман пойранҷи он кас бошад. Ва ин пандҳо ин аст, ки набишта омад.

## БОБИ ҲАШТУМ
# АНДАР ЁД КАРДАНИ ПАНДҲОИ НӮШЕРВОНИ ОДИЛ

Аввал гуфт: «То рӯзу шаб оянда асту раванда аз гардиши ҳолҳо шигифт мадор».

Ва гуфт: «Мардумон чаро аз коре пушаймонӣ хӯранд, ки аз он кор дигарон пушаймонӣ хӯрда бошанд?»

Гуфт: «Чаро зинда шумурад касе худро, ки зиндагонии ӯ на бар муроди ӯ бувад?»

Охир гуфт: «Ҳар кӣ туро зишт гӯяд, маъзуртар аз он ки он зишт ба ту расонад».

Охир гуфт: «Ба худованди мусибати азиз он дарди сар нарасад, ки бар он кас, ки бефоида гӯш дорад».

Охир гуфт: «Аз Худованд зиёни бисёре он касро зиёнмандтар дор, ки вайро дидори чашм зиёнманд бувад».

Охир гуфт: «Ҳар бандае, ки ӯро бихаранду бифурӯшанд, озодтар аз он кас дон, ки ӯ бандаи гулу бувад».

Охир гуфт: «Ҳарчанд касе доно бувад, ки бо дониш вайро хирад нест, он дониш бар вай вубол бувад».

Охир гуфт: «Ҳар кӣ рӯзгор ӯро доно накунад, дар омӯзиши ӯ ҳеҷ касро ранҷ набояд бурд, ки ранҷи ӯ зоеъ

бошад».

Охир гуфт: «Ҳама чиз аз нодон нигоҳ доштан осонтар аз он бувад, ки аз тани хеш нодонро».

Дигар гуфт: «Агар хоҳӣ, ки мардумон туро накугӯй бошанд, накугӯйи мардумон бош».

Охир гуфт: «Агар хоҳӣ, ки ранҷи ту зоеъ набошад ба ҷойи мардумон, ранҷи мардумон ба ҷойи хеш зоеъ макун».

Охир гуфт: «Агар хоҳӣ, ки камдӯст набошӣ, кина мадор».

Охир гуфт: «Агар хоҳӣ, ки беандоза андуҳгин набошӣ, ҳасуд мабош».

Дигар гуфт: «Агар хоҳӣ, ки аз ранҷидагӣ дур бошӣ, он чӣ наравад, марон».

Охир гуфт: «Агар хоҳӣ, ки зиндагонӣ ба осонӣ гузорӣ, равиши худро ба рӯйи кор дор».

Охир гуфт: «Агар хоҳӣ, ки туро девонасор нашумуранд, он чӣ ноёфтанӣ бувад, маҷӯй».

Охир гуфт: «Агар хоҳӣ, ки боозарм бибошӣ ва бообрӯй, озори кас маҷӯй».

Охир гуфт: «Агар хоҳӣ, ки фирефта набошӣ, кори накардаро карда мапиндор».

Дигар гуфт: «Агар хоҳӣ, ки пардаи ту дарида нашавад, пардаи кас мадар».

Охир гуфт: «Агар хоҳӣ, ки бар қафои ту наханданд, зердастонро пок дор».

Дигар гуфт: «Агар хоҳӣ, ки аз пушаймонии дароз эмин гардӣ, ба ҳавои дил кор макун».

Охир гуфт: «Агар хоҳӣ, ки зирак бошӣ, рӯйи хеш дар оинаи касон бин».

Охир гуфт: «Агар хоҳӣ, ки бебим бошӣ, беозор бош».

Охир гуфт: «Агар хоҳӣ, ки қадри ту бар ҷой бошад, қадри мардумон бишинос».

Охир гуфт: «Агар хоҳӣ, ки ба қавли ту кор кунанд, ба қавли худ кор кун».

Охир гуфт: «Агар хоҳӣ, ки писандидаи мардумон бошӣ, бар он кас, ки хирад аз ӯ ниҳон бошад, рози хеш ошкор макун».

Охир гуфт: «Агар хоҳӣ, ки бартар аз мардумон бошӣ, фарохнону намак бош».

Охир гуфт: «Чаро душман нахонӣ касеро, ки ҷавонмардии хеш дар озори мардумон донад?»

Охир гуфт: «Чаро дӯст хонӣ касеро, ки душмани дӯстони ту бувад?»

Охир гуфт: «Бо мардуми беҳунар дӯстӣ макун, ки мардуми беҳунар на дӯстиро шояд ва на душманиро».

Охир гуфт: «Бипарҳез аз нодоне, ки худро доно шумурад».

Охир гуфт: «Дод аз худ бидеҳ, то аз довар мустағнӣ бошӣ».

Охир гуфт: «Агарчи ҳақ талх бошад, бибояд шунид».

Охир гуфт: «Агар хоҳӣ, ки рози ту душман надонад, бо дӯст магӯй».

Охир гуфт: «Хурднигариши бузургзиён мабош».

Охир гуфт: «Беқадр мардумро зинда машумор».

Охир гуфт: «Агар хоҳӣ, ки бе ганҷ тавонгар бошӣ, писандкор бош».

Охир гуфт: «Ба газоф* махар, то ба газоф набояд фурӯхт».

Охир гуфт: «Марг беҳ аз он, ки ниёз ба ҳамчун худӣ бардоштан».

Охир гуфт: «Аз гуруснагӣ мурдан беҳ аз он, ки аз нони сифла сер шудан».

Охир гуфт: «Ба ҳар тахайюле, ки туро сурат бандад, бар номуътамадон эътимод макун ва аз муътамадон эътимод мабар».

Охир гуфт: «Ба кам зи худӣ муҳтоҷ будан азим мусибате бошад, агарчи хуш бувад, ки андар об мурдан беҳ, ки аз ҳақир зинҳор хостан».

Охир гуфт: «Фосиқи мутавозеи инҷаҳонҷӯй беҳтар аз обиди мутакаббири онҷаҳонҷӯй».

Охир гуфт: «Нодонтар аз он мардум набошад, ки яке аз

* Газоф – беҳуда.

кеҳтарӣ ба меҳтарӣ[**] бирасида бошад, ҳамчунон ба сӯйи ӯ ба чашми кеҳтарӣ нигаранд».

Охир гуфт: «Шарме набувад бузургтар аз он ки ба чизе даъво кунад, ки надонад ва он гоҳ дурӯғгӯй бошад».

Охир гуфт: «Фирефтатар аз он кас набувад, ки ёфта ба ноёфта бидиҳад».

Охир гуфт: «Фурӯмоятар аз он касе набошад, ки касеро бад-ӯ ҳоҷате бошад ва тавонад, ки раво кунад ва накунад».

Охир гуфт: «Агар хоҳӣ, ки аз шумори додгарон бошӣ, зердастони худро ба тоқати хеш наку дор».

Охир гуфт: «Агар хоҳӣ, ки аз шумори озодон бошӣ, тамаъро ба худ роҳ мадеҳ ва дар дил ҷой мадеҳ».

Охир гуфт: «Агар хоҳӣ, ки аз накуҳиши ом дур бошӣ, асарҳои эшонро ситоянда бош».

Охир гуфт: «Агар хоҳӣ, ки дар дилҳо маҳбуб бошӣ ва мардумон аз ту нуфур набошанд, сухан бар муроди мардумон гӯй».

Охир гуфт: «Агар хоҳӣ, ки накутарину писандидатарини мардумон бошӣ, он чӣ ба худ написандӣ, ба кас мальписанд».

Охир гуфт: «Агар хоҳӣ, ки бар дилат ҷароҳат нарасад, ки ҳеҷ марҳам напазирад, бо ҳеҷ нодон мунозара макун».

Охир гуфт: «Агар хоҳӣ, ки беҳтарини халқ бошӣ, аз халқ чизе дареғ мадор».

Охир гуфт: «Агар хоҳӣ, ки забонат дароз бошад, кӯтоҳдаст бош».

Охир гуфт: «Агар хоҳӣ, ки ҷавонмардтарин мардумон бошӣ, вафодор бош».

Ин аст суханҳо ва пандҳои Нӯшервони одил. Чун бихонӣ, эй писар, ин лафзҳоро хор мадор, ки аз ин суханҳо ҳам бӯйи ҳикмат ояд ва ҳам бӯйи маликӣ. Зеро ки ҳам сухани ҳукамост ва ҳам сухани подшоҳон. Ҷумла ҳама маълуми хеш гардон ва акнун омӯз, ки ҷавонӣ, чун пир гаштӣ, худ ба шунидан напардозӣ, ки пирон чизҳо донанд, ки ҷавонон надонанд.

---

[**] Кеҳтарӣ – хурдӣ; меҳтарӣ – бузургӣ.

## БОБИ НУҲУМ
## АНДАР ТАРТИБИ ПИРИЮ ҶАВОНӢ

Эй писар, ҳарчанд ҷавонӣ, пиракл бош. Нагӯям, ки ҷавонӣ макун, валекин ҷавони хештандор бош ва аз ҷавонони пажмурда мабош, ки ҷавони шотир* неку бувад, чунон ки Аристотолиси[44] ҳаким гуфт: *«Аш шабобу навъун мина-л-ҷунуни»*[45]. Ва низ аз ҷавонони ҷоҳил мабош, ки аз шотирӣ бало нахезаду аз ҷоҳилӣ бало хезад.

Баҳраи хеш аз ҷавонӣ ва ҳасби тоқат бардор, ки чун пир шавӣ, худ натавонӣ. Чунон ки он пир гуфт, ки чандин сол ғам хӯрдам, ки чун пир шавам, хубрӯён маро нахоҳанд. Акнун, ки пир шудам, худ эшонро намехоҳам. Ва агар тавонӣ, низ худ назебад.

### Байт

*Субҳоналлоҳ, дар ин ҷавониву ҳавас*
*Рӯзу шабам андеша ҳамин будӣ бас,*
*К-андар пирӣ зи ман бибояд касро*
*Худ пир шудам, маро набоист аз кас.*

Ва ҳарчанд ҷавон бошӣ, Худойро азза ва ҷалла фаромӯш макун ба ҳеҷ вақт ва аз марг на бар пирӣ бувад ва на ба ҷавонӣ. Чунон ки Асҷадӣ[46] гуфта:

*Марг ба пириву ҷавонистӣ,*
*Пир бимурдиву ҷавон зистӣ.*

Ва бидон, ки ҳар кӣ зод, бешак бимирад. Чунон ки шунидам:

---

* Шотир – чолок.

## ҲИКОЯТ

Дар шаҳре марде дарзӣ буд. Бари дарвозаи шаҳр дӯкон доштӣ бар гузари гӯристон. Ва кӯзае дар мехе овехта буд ва ҳавасаш он будӣ, ки ҳар ҷанозае, ки аз дари шаҳр берун бурдандӣ, вай санг дар он кӯза афкандӣ ва ҳар моҳе ҳисоби он сангҳоро кардӣ, ки чанд кас берун бурданд ва он кӯзаро тиҳӣ кард ва боз санг ҳаме дарафкандӣ. То рӯзгоре баромад, дарзӣ низ бимурд.

Марде ба талаби дарзӣ омад ва хабари марги ӯ надошт. Дари дӯконаш баста дид. Ҳамсояи ӯро пурсид, ки ин дарзӣ куҷост, ки ҳозир нест. Ҳамсоя гуфт, ки дарзӣ низ дар кӯза афтод!

* * *

Аммо, эй писар, ҳушёр бош ва ба ҷавонӣ ғарра машав... Аз марг ҳаметарс, то чун дарзӣ дар кӯза наяфтӣ бо бори гуноҳони гарон. Ва нишастухез ҳама бо ҷавонон макун.

Бо пирон низ муҷоласат* кун ва рафиқону надимони пиру ҷавон омехта дор, ки агар ҷавоне дар мастии ҷавонӣ муҳоле** кунад ва гӯяд, пир монеи он муҳол бошад. Аз он ки пирон чизҳо донанд, ки ҷавонон надонанд. Агарчи одати ҷавонон чунон бувад, ки бар пирон тамохара*** кунанд, аз он ки пирон муҳтоҷи ҷавонӣ бинанд ва бад-ин сабаб ҷавононро нарасад, ки бар пирон пешӣ ҷӯянд ва беҳурматӣ кунанд. Зеро ки агар пирон дар орзуи ҷавонӣ бошанд, ҷавонон низ, бешак, дар орзуи пирӣ бошанд. Ва пир ин орзу ёфтааст ва самараи он бардошта. Ҷавонро бадтар, ки ин орзу бошад, ки биёбад ва бошад, ки наёбад. Чун нек бингарӣ, ҳар ду пиру ҷавон ҳасуди якдигар бошанд, агарчи ҷавон хештанро донотарини

---

* Муҷоласат – ҳамнишинӣ, ҳамсуҳбат шудан.

** Муҳол – кор ё сухани номумкину нашуданӣ.

*** Тамохара – масхара, ҳазл.

ҳама кас донад. Ту аз ҷамъи инчунин ҷавонон мабош ва пиронро ҳурмат дор ва сухан бо пирон ба газоф магӯй, ки ҷавоби пирон мускит[****] бошад.

## ҲИКОЯТ

Шунидам, ки пире буд садсола, пушткӯзу дуто гашта ва бар асо такя карда ва меомад.

Ҷавоне ба тамохара вайро гуфт:

– Эй шайх, ин камонак бар ба чанд харидӣ? То ман низ яке бихарам.

Пир гуфт:

– Агар умр ёбиву сабр кунӣ, худ ройгон ба ту бахшанд.

* * *

Ҳарчанд биярзӣ ва пурҳунарӣ, аммо бо пирони нопойбарҷой манишин, ки суҳбати ҷавонони пойбарҷой беҳ аз суҳбати пирони нопойбарҷой. Ва то ҷавонӣ, ҷавон бош ва чун пир шудӣ, пирӣ кун. Чунон ки ман ду байт мегӯям дар ин маънӣ:

### Шеър

*Гуфтам, ки дари сарой занҷире кун,*
*Бо ман бинишину бар дилам мирӣ кун.*
*Гуфто, ки сапедҳотро қирӣ кун,*
*Савдо чӣ пазӣ. Пир шудӣ, пирӣ кун,*

ки дар вақти пирӣ ҷавонӣ назебад. Чунон ки ҷавононро пирӣ кардан назебад. Пире, ки ҷавонӣ кунад, дар ҳазимат бӯқ задан бошад[47].

---

**** Мускит – хомӯшкунанда.

Чунон ки ман дар зуҳдиёт гуфтам:

**Байт**

*Чун бӯқ задан бошад дар вақти ҳазимат*
*Марде, ки ҷавонӣ кунад андар гаҳи пирӣ.*

Ва пири раъно мабош, ки гуфтаанд, ки пири раъно бадтар бувад ва бипарҳез аз пирони нопок. Ва инсофи пирӣ беш аз он бидеҳ, ки инсофи ҷавонӣ, ки ҷавононро умеди пирӣ бувад ва пиронро ҷуз марг умед набошад. Ва ҷуз марг умед доштани вай муҳол бошад. Аз он ки чун ғалла сапед гашт, агар надараванд, ночора худ бирезад ва ҳамчунон мева, ки пухта гашт, агар начинанд, худ аз дарахт бияфтад. Чунон ки ман гуфтаам:

**Шеър**

*Гар бар сари моҳ барниҳӣ пояи тахт,*
*Гар ҳамчу Сулаймон шавӣ аз давлату бахт.*
*Чун умри ту пухта гашт барбандӣ рахт,*
*К-он мева, ки пухта шуд, бияфтад зи дарахт...*

Ва чунон дон, ки туро нагузоранд, то ҳамебошӣ, чун ҳавасҳои ту аз кор фурӯ монад ва дари биноиву гӯёӣ ва шунавоиву бӯёӣ ва ламсу завқ ҳама бар ту баста шуд, на ту аз зиндагонии хеш шод бошӣ ва на мардум аз зиндагонии ту ва бар мардумон вуболе гардӣ. Пас марг аз чунон зиндагонӣ беҳ.

Аммо чун пир шудӣ, аз муҳолоти ҷавонон дур бош, ки ҳар кӣ ба марг наздиктар, бояд ки аз муҳолоти ҷавонӣ дур бошад, ки мисол умри мардумон чун офтоб аст ва офтоби ҷавонон дар уфуқи машриқ бошад ва офтоби пирон дар уфуқи мағриб. Ва офтобе, ки дар уфуқи мағриб бувад, фурӯрафта дон. Чунон ки ман гӯям:

*Султони ҷаҳон дар кафи пирӣ шуда оҷиз*
*Тадбири шудан кун ту, ки шасту се даромад.*
*Рӯзат ба намози дигар омад ба ҳама ҳол*
*Шаб зуд дарояд, ки намози дигар омад.*

Ва аз ин ҳам набояд, ки пир ақлу феъли ҷавонон бошад. Ва бар пирон ҳамеша бараҳмат бош, ки пирӣ беморист, ки кас ба аёдати ӯ наравад. Ва пирӣ иллатест, ки ҳеҷ табиб доруи ӯ насозад, илло марг, аз баҳри он ки пир аз ранҷи пирӣ наёсояд, то намирад. Ва ҳама иллате, ки ба мардум расад, агар намирад, андар он иллат ҳар рӯз умеди беҳтарӣ бувад, магар иллати пирӣ, ки ҳар рӯз бадтар бошад ва умеди беҳтарӣ набувад. Ва аз баҳри он ки дар китобе дидаам, ки мардӣ то сиву чаҳор сол ҳар соле бар зиёдат бувад ба қуввату таркиб. Пас аз сиву чаҳор сол то чиҳил сол ҳамчунон бипояд. Зиёдат ва нуқсон нагирад, чунон ки офтоб миёни осмон бирасид, батиуссайр* бувад то фурӯ гаштан. Ва аз чиҳил сол то панҷоҳ сол ҳар соле дар худ нуқсоне бинад, ки пор надида бошад. Ва аз панҷоҳ то ба шаст дар ҳар моҳе дар худ нуқсоне бинад, ки дар моҳи дигар надида бошад. Аз шаст то ба ҳафтод дар ҳар ҳафта дар худ нуқсоне бинад, ки дар дигар ҳафта надида бошад. Ва аз ҳафтод то ба ҳаштод ҳар рӯз дар худ нуқсоне бинад, ки дӣ надида бошад. Ва агар аз ҳаштод даргузарад, ҳар соат дар худ нуқсоне бинад ва дардеву ранҷе, ки дар дигар соат надида бошад.

Ва ҳадди умр чиҳил сол аст чун нардбони чиҳилпоя бар рафтани беш роҳ наёбӣ. Ҳамчунон ки баррафтӣ, фуруд ойӣ, бешак. Ва аз он ҷониб, ки баррафта бошӣ, бояд омадан. Пас бахшиданӣ касе бувад, ки ҳар соат дардеву ранҷе дигар бад-ӯ пайвандад, ки дар соати гузашта набуда бошад.

Пас, эй писар, ин шикояти пирӣ бар ту дароз кардам, аз он ки мардум аз вай сахтгила аст. Ва ин на аҷаб аст, ки пирӣ душман аст ва аз душман гила бувад. Ҳамчунон ки ман гуфтам:

---

* Батиуссайр – сустрав.

## Назм

*Агар кунам гила аз вай аҷаб мадор аз ман,*
*Ки вай балои ман асту гила бувад зи бало.*

Ва ту, эй писар, дӯсттар касӣ ва гилаи душманон бо дӯстон кунанд. Арҷу мин Аллоҳ[48], ки ту низ гила бо фарзандони худ кунӣ. Ва дар ин маънӣ маро ду байт аст:

## Назм

*Оваҳ, гилаи пирӣ пеши кӣ кунам ман?*
*К-ин дарди маро дору ҷуз тавба дигар нест.*
*Эй пир, биё, то гила ҳам бо ту кунам ман,*
*Зеро ки ҷавононро з-ин ҳол хабар нест.*

## ҲИКОЯТ

Чунон ки аз ҷумлаи ҳоҷибони падарам ҳоҷибе* буд. Ӯро ҳоҷиби комил гуфтандӣ. Пир буд ва аз ҳаштод баргузашта буд. Хост, ки аспе бихарад. Ройизе** ӯро аспе овард фарбеҳу некуранг ва дурустқавоим. Ҳоҷиб аспро бидиду писандид ва баҳо фурӯ ниҳод. Чун дандонаш бидид, аспи пир буд, нахарид.

Марде дигар бихарид. Ман ӯро гуфтам:

– Ё ҳоҷиб, ки асп, ки фалон бихарид, чаро ту нахаридӣ?

Гуфт:

– Ӯ марде аст ва аз ранҷи пирӣ хабар надорад. Ва он асп бузургманзар аст. Агар ӯ бад-он ғарра шавад, маъзур аст. Аммо ман аз ранҷу офати пирӣ бохабарам ва аз заъфу офати

---

* Ҳоҷиб – дарбон.

** Ройиз – аспбон.

ӯ хабар дорам. Ва чун аспи пир харам, маъзур набошам.

* * *

Аммо, эй писар, ҷаҳд кун, то ба пирӣ ба як ҷо мақом кунӣ, ки ба пирӣ сафар кардан аз хирад нест. Хосса, марде, ки бенаво бошад, ки пирӣ душманест ва бенавоӣ душмани дигар. Пас бо ду душман сафар кардан на аз доноӣ бувад.

Аммо, агар вақте ба иттифоқ сафаре афтад ё ба изтирор, агар Ҳақтаоло дар ғурбат ба ту раҳмат кунад ва туро сафари неку падид орад, беҳтар аз он, ки дар ҳазар*** буда бошӣ, ҳаргиз орзуи хонаи хеш макун ва зоду бум**** маталаб. Ҳамон ҷо ки кори худ бонизом дидӣ, ҳамон ҷо мақом кун ва зоду бум он ҷоро шинос, ки туро некуӣ бувад. Ҳарчанд ки гуфтаанд: «Ал ватану умму-с-сонӣ»[49]. Аммо ту бад-он машғул мабош ва равнақи кори худ бин, ки низ гуфтаанд: «Некбахтонро некии хеш орзу кунаду бадбахтонро зоду бум».

Аммо чун худро равнақе дидӣ ва шуғле судманд ба даст омад, ҷаҳд кун то он шуғли худро субот диҳӣ ва мустаҳкам гардонӣ. Ва чун дар шуғл субот ёфтӣ, талаби бешӣ макун, ки набояд, ки дар талаби бешӣ кардан ба камтаре афтӣ, ки гуфтаанд: «Чизе, ки неку ниҳодаанд, накутар манеҳ, то ба тамаи муҳол батар аз он наёбӣ».

Аммо андар рӯзгори умр гузаронидан бетартиб мабош. Агар хоҳӣ, ки ба чашми дӯсту душман бобаҳо бошӣ, бояд, ки ниҳоду дараҷаи ту аз мардуми омма падид бошад, бар газоф зиндагонӣ макун ва тартиби худ нигоҳ дор ва мувосо*****

*** Ҳазар – сукунат дар як ҷо, акси «сафар».

**** Зоду бум – зодгоҳ, ватан.

***** Мувосо – созишу муросо.

# БОБИ ДАҲУМ
# АНДАР ХЕШТАНДОРӢ ВА ТАРТИБИ ХӮРДАН ВА ОИНИ ОН

Бидон, эй писар, ки мардуми оммаро дар шуғлҳои хеш тартибу авқот падид нест ва ба вақту новақт нанигаранд. Ва хирадмандону бузургон ҳар кореро аз они худ вақте доранд, бисту чаҳор соати шабонарӯзӣ ба корҳои хеш бибахшанд. Миёни ҳар коре вақте ниҳода ва ҳадду андоза падид карда, то корҳои эшон ба якдигар наёмезад. Ва хидматгорони эшонро низ маълум бувад, ки ба ҳар вақт ба чӣ кор машғул бояд будан, то шуғлҳои эшон ҳама бар низом бошад.

Аммо аввал таҷрибати таом хӯрдан бидон, ки одати мардумони бозорӣ чунон аст, ки таом бештар ба шаб хӯранд ва он сахт зиён дорад, доим бо тухма[50] бошанд.

Ва мардумони лашкарипешаро одат чунон аст, ки вақту новақт нанигаранд. Ҳар гоҳ ки ёбанд, бихӯранд. Ва ин одати сутурон аст, ки ҳар гоҳ ки алаф ёбанд, бихӯранд.

Ва мардуми муҳташам ва хос дар шабонрӯзӣ як бор беш таом нахӯранд. Ва ин тариқи хештандорӣ аст. Валекин тан заиф гардаду беқувват. Пас чунон бояд, ки мардуми муҳташам бомдод ба хилват андак моя тановуле кунад ва он гоҳ берун ояду ба кадхудоии хеш машғул шавад, то намози пешин бикунад, он вақт низ, ки ротиб бошад, расида бошад.

Ва он касон, ки бо ту таом хӯранд, ҳозир фармой кардан, то бо ту таом хӯранд. Аммо таом башитоб махӯр. Оҳиста бош. Ба сари хон бо мардумон ҳадис ҳамекун, чунон ки дар шарти ислом аст. Валекин сар дар пеш афканда дор ва дар луқмаи мардумон манигар.

## ҲИКОЯТ

Шунидам, ки вақте Соҳиб Исмоил ибни Аббод нон мехӯрд бо надимону касони хеш, марде луқмае аз коса бардошт. Мӯе дар он луқмаи ӯ буд. Мард намедид. Соҳиб

бидид, гуфт:

– Он мӯй аз луқма берун кун.

Мард луқма аз даст биниҳод ва бархосту бирафт.

Соҳиб фармуд, ки бозоредаш. Соҳиб пурсид, ки ё фалон, нон нохӯрда аз хон чаро бархостӣ?

Мард гуфт:

– Маро нони он кас нашояд хӯрд, ки мӯй дар луқмаи ман бинад.

Соҳиб сахт хиҷил шуд аз он сухан.

* * *

Аммо ту ба хештан машғул бош ва лахте диранг ҳамекун. Он гоҳ баъд аз он коса фармой овардан. Ва расми муҳташамон ду гуна аст. Баъзе нахуст косаи хеш фармоянд ниҳодан ва он гоҳ аз они дигарон. Ва баъзе нахуст косаи дигарон ниҳанд ва он гоҳ аз они хеш. Ва ин тариқи карам аст ва он тариқи сиёсат.

Ва фармой то косаи мулавван ниҳанд. Яке туршу яке ширин. Чунон кун, ки чун аз хон бархезанд, бисёрхӯру камхӯр ҳама сер бошанд. Ва агар пеши ту хӯрданӣ буваду пеши дигарон набувад, аз пеши худ ба пеши дигарон фирист.

Ва бар сари нон туршрӯй мабош ва бо хонсолор ба хира ҷанг макун, ки фалон хӯрданӣ нек асту фалон бад аст, ки он сухан замоне дигар гуфта ояд.

Чун тартиби нон хӯрдан дониста шуд, тартиби шароб хӯрданро бидон, ки онро ҳам ниҳоде ва расмест.

## БОБИ ЁЗДАҲУМ
## АНДАР ТАРТИБИ ШАРОБ ХӮРДАН ВА ШАРОИТИ ОН

Шароб хӯрданро нагӯям, ки бихӯр ва нагӯям, ки махӯр, ки ҷавонон ба қавли касе аз феъли ҷавонӣ бознагарданд, ки маро низ бисёр гуфтанд ва шунидам, то баъд аз панҷоҳ сол Эзид таъоло бар ман раҳмат карду маро тавба арзонӣ дошт.

Аммо агар нахӯрӣ, суди ду ҷаҳоне бо ту бувад... ва ҳам аз маломати халқ раста бошӣ. Ва аз ниҳоду сирати беақлон ва аз афъоли муҳол раста бошӣ ва низ дар кадхудоӣ бисёр тавфир ёбӣ.

Ва аз ин чанд рӯй агар рағбат дар хӯрдани он нанамоӣ, сахт дӯст дорам.

Валекин ҷавонӣ, донам, ки рафиқони бад нагузоранд, ки нахӯрӣ ва бад-ин сабаб гуфтаанд: **«Алваҳдату хайрун мин ҷалиси-с-суъи»**[51]. Пас, агар хӯрӣ, боре дил бар тавба дор ва бар кирдори хештан пушаймон ҳамебош. Пас, ба ҳар ҳол, агар набиз (шароб) хӯрӣ, бояд ки бидонӣ, ки чун бояд хӯрдан. Аз он чи агар надонӣ хӯрдан, заҳр аст ва агар донӣ хӯрдан, позаҳр* аст.

Ва ҳама маъкулоту машрубот**, ки хӯрӣ, агар исроф кунӣ, заҳр гардад ва аз ин сабаб гуфтаанд:

*Ки позаҳр заҳр аст, к-афзун шавад,*
*К-аз андозаи хеш берун шавад.*

Пас, бояд ки чун нон хӯрда бошӣ, дарвақт набиз нахӯрӣ, то се соат бигзарад. Ва се бор ташна шавиву об хӯрӣ. Пас, агар ташна нашавӣ, миқдори се соат пас аз нон хӯрдан таваққуф кун, аз он ки меъда, агарчи қавӣ ва дуруст бошад, агарчи бе исроф таом хӯрӣ, ба ҳафт соат ҳазм кунад. Се соат бипазонад ва се соати дигар қуввати таом биситонад ва ба ҷигар расонад, то ҷигар қисмат кунад бар аҳшои* мардум аз он ки қуссоми ӯст. Ва соате дигар он нуқлро, ки бимонад, ба рӯда фиристад. Ҳаштум соат бояд, ки меъда холӣ шуда бошад. Ва ҳар меъда, ки на чунин бувад, он кадуи пӯсида бувад, на меъда.

Пас гуфтам, ки се соат аз таом гузашт, набиз хӯрӣ, то дар меъда таом пухта бошад ва чаҳор табъи ту насиби таом

---

* Позаҳр – доруи зидди заҳр.

** Маъкулоту машрубот – хӯрданиҳову нӯшиданиҳо.

* Аҳшо – узвҳои дарунии одам.

бардорад, он гаҳ набиз хӯрӣ, то ҳам аз шароб баҳравар бошӣ ва ҳам аз таом.

Аммо оғози секӣ[52] хӯрдан намози дигар кун, то чун маст шавӣ, шаб даромада бошад ва мардумон мастии ту набинанд.

Ва дар мастӣ нақалон** макун, ки нақалон номаҳмуд бувад. Ва ба дашту боғ ба секӣ хӯрдан марав. Ва агар равӣ, мастиро секӣ махӯр. Ба хона ой ва мастӣ ба хона кун, ки он чи зери осмонаи хона тавон кард, зери осмон натавон кард, ки сояи сақфи хона беҳтар ва пӯшидатар аз сояи дарахт бувад. Аз он ки мардум дар чаҳордевори хеш чун подшоҳест дар мамлакати хеш ва андар саҳро мардум чун ғарибе бувад андар ғурбат. Ва агарчи муҳташам ғарибе бувад, пайдо бошад, ки дасти ғарибон то куҷо расад.

Ва ҳамеша аз набиз чунон парҳез кун, ки ҳанӯз ду-се набидро ҷой бувад. Ва парҳез кун аз луқмаи серӣ ва аз қадаҳи мастӣ, ки сериву мастӣ на ҳама дар шаробу таом аст, ки серӣ дар луқмаи бозпасин аст, чунон ки мастӣ дар қадаҳи бозпасин. Пас луқмаи нону қадаҳе шароб камтар хӯр, то аз фузунии ҳар ду эмин шавӣ. Ва ҷаҳд кун то ҳамеша маст набошӣ, ки самараи секихорагон ду чиз аст: ё беморист ё махмур. Чун маст бувад, аз ҷумлаи девонагон бувад ва чун махмур бувад, аз ҷумлаи беморон бувад, ки хумор навъест аз беморӣ.

Пас чаро мувлаъ*** бояд буд ба коре, ки самараи вай ё беморӣ бувад ё девонагӣ. Ва ман донам, ки бад-ин суханон ту даст аз набиз бознадорӣ ва сухани кас нашунавӣ.

---

** Нақалон – аз ҷое ба ҷое рафтан.

** *Мувлаъ – ҳарис.

## ФАСЛ

Боре то тавонӣ пайваста сабуҳӣ* кардан одат макун. Ва агар ба иттифоқ сабуҳӣ кунӣ, ба авқот кун, ки хирадмандон сабуҳиро на ситуда доштаанд.

Аввал шумии сабуҳӣ он бошад, ки намози бомдод аз ту фавт шавад. Ва агар ҳанӯз бухори дӯшин аз димоғи ту берун наёмада бошад, бухори имрӯзин бо вай ёр шавад. Самараи вай ҷуз молихулиё[53] набошад, ки фасоди ду муфсид беш аз фасоди як муфсид бошад.

Дигар ба вақте ки мардумон хуфта бошанд, ту бедор бошӣ ва чун мардумон бедор шаванд, ночор туро бибояд хуфт. Чун ҳама рӯз нахусбӣ ва ҳама шаб бедор бошӣ, аъзои ту хаставу ранҷур бошанд аз ранҷи набизу аз ранҷи бехобӣ. Ва кам сабуҳӣ бувад, ки дар ӯ арбада набувад ё муҳле карда наёяд, ки аз он пушаймонӣ хезад ва ё харҷе ба новоҷиб карда наёяд.

Аммо агар вақте ногоҳ сабуҳӣ кунӣ ба узре возеҳ, раво бувад. Аммо нокарда беҳ, ки одате бад аст.

## ФАСЛ

Ва агар ба набиз мувлаъ бошӣ, одат макун, ки шаби одина набиз хӯрӣ. Ҳарчанд шаби одинаву шаби шанбе набиз набояд хӯрд ба ҳеҷ вақт, аммо шаби одина аз баҳри ҷамъи фардоинаро ва намози ҷумъаро. Ва низ ба як шаби одина нахӯрӣ, як ҳафта набиз хӯрдан бар дили мардум ширин кунӣ ва забони омма бар ту баста бошад ва андар кадхудоӣ тавфир бувад. Аз он ки дар соле панҷоҳ одина бувад, панҷоҳрӯза ихроҷот тавфир карда бошӣ. Ва ҷисму нафс ва ақлу рӯҳи ту низ биёсояд, ки дар як ҳафта димоғу уруқи* ту аз бухор малоъ** шуда бошад, андар он як шаб биёсояд ва холӣ шавад. Андар осудани он як шаб ва ҳам сиҳату ороиши тан бувад ва

---

* Сабуҳӣ – майхӯрии пагоҳӣ барои дафъи хумор.

* Уруқ – рагҳои бадан.

** Малоъ – пур.

ҳам дар моли ту тавфир бошад. Пас одате, ки чунин панҷ фоида аз ӯ ҳосил шавад, ин одат ба кор бояд дошт.

## БОБИ ДУВОЗДАҲУМ
## АНДАР МЕҲМОНӢ КАРДАН ВА МЕҲМОН ШУДАН ВА ШАРОИТИ ОН

Эй писар, мардумони бегонаро ҳар рӯз меҳмон макун. Аз он ки ҳар рӯз ба ҳаққи меҳмон натавон расидан. Бинигар, то як моҳ чанд бор меҳмонӣ тавонӣ кардан. Он ки се бор тавонӣ кардан, як бор кун ва се бор андар ӯ харҷ кун, то хони ту аз ҳама айбе мубарро*** бувад ва забони айбҷӯён бар ту баста бошад. Ва чун меҳмонон дар хонаи ту оянд, ҳар касро пешвоз мефирист ва тақаррубе ҳамекун ва темори ҳар кас ба сазои ӯ медор. Чунон ки Бӯшакури Балхӣ гӯяд:

**Шеър**

*Агар дӯст меҳмон бувад ё на дӯст,*
*Шабу рӯз темори меҳмон накӯст.*

Агар вақти мева бувад, пеш аз таом меваҳои тару хушк пеш ор, то бихӯранд. Ва як замон таваққуф кун ва он гаҳ хӯрданиҳо овар.

Ва ту манишин, то он гоҳ, ки меҳмонон бигӯянд як бору ду бор, ки бинишин. Он гоҳ, бо эшон мусоадат кун ва нон бихӯру фурӯтар аз ҳама кас нишин. Магар меҳмони бузург бошад, ки нишастан мумкин набувад.

Ва аз меҳмонон узр маҳоҳ, ки узр хостан табъи бозориён бувад. Ва ҳар соат магӯй: «Эй фалон, нон нек бихӯр

*** Мубарро – холӣ.

ва ҳеҷ намехӯрӣ. Шарм мадор, ки аз ҷиҳати ту чизе карда натавонистам кардан. Иншоаллоҳ, ки баъд аз ин узри онҳо бихоҳем».

Ин на суханони муҳташамон бувад. Ин лафзи касе бувад, ки ба солҳо меҳмоне як бор кунад аз ҷумлаи бозориён, ки аз чунин гуфтор мардум шармсор шаванд ва нон натавонанд хӯрдан ва нимсер аз хон бархезанд.

Ва моро ба Гелон расме накуст. Чун меҳмонро ба хона баранд, хон биниҳанд ва кӯзаҳои об ҳозир кунанд. Ва меҳмонхудой* ва пайвастагони ӯ аз он ҷо бираванд, магар як тан аз ҷойи дур бозистад аз баҳри коса ниҳодан, то меҳмон чунон ки хоҳад, нон бихӯрад. Он гаҳ мизбон пеш ояд. Ва расми араб низ чунин аст...

## ҲИКОЯТ

Чунин шунидам, ки Ибни Муқла[54] Наср ибни Мансури Тамимиро амали Басра дод. Соли дигар бозхонданд ва ҳисоб карданд. Моле бисёр бар вай боқӣ омад. Писари Муқла гуфт:

– Ин мол бигзор ё ба зиндон рав.

Наср гуфт:

– Ё мавлоно, маро мол ҳаст, валекин ин ҷо ҳозир нест. Як моҳ маро амон деҳ то бад-ин микдор маро ба зиндон набояд рафт.

Писари Муқла донист, ки он мардро тоқати он мол ҳаст ва рост мегӯяд, гуфт:

– Аз амирулмуъминин фармон нест, ки ту боз ҷое равӣ, то ин мол бигзорӣ. Акнун ҳам ин ҷо дар саройи ман дар ҳуҷрае бинишин ва ин як моҳ меҳмони ман бош.

Наср гуфт:

– Фармонбардорам.

Дар сарои Ибни Муқла маҳбус бинишаст. Ва қазоро аввали рамазон буд. Чун шаб андар омад, Ибни Муқла гуфт:

---

* Меҳмонхудой – соҳиби меҳмон.

– Фалонро биёред, то ҳар шаб бо мо рӯза бикушояд.

Филҷумла ин Наср як моҳи рамазон пеши ӯ ифтор кард. Чун ид карданд ва рӯзе чанд баромад, писари Муқла кас фиристод, ки он мол дер меоранд, тадбири ин кор чист?

Наср гуфт:

– Ман зар додам.

Писари Муқла гуфт:

– Киро додӣ?

Гуфт:

– Ба ту додам.

Писари Муқла дар тира шуд, Насрро бихонду гуфт:

– Эй хоҷа, ин зар киро додӣ?

Наср гуфт:

–Ман зар надода, валекин ин як моҳ нони туро ройгон бихӯрдам. Моҳе бар хони ту рӯза кушодам ва меҳмони ту будам. Акнун, чун ид омад, ҳаққи ман ин бошад, ки аз ман зар хоҳӣ.

Писари Муқла хандиду гуфт:

– Хат биситону ба саломат бирав, ки он мол ба дандонмузд[55] ба ту додам. Ва ман он зарро аз баҳри ту бигузорам.

Наср бад-ин сабаб аз мусодара бираст.

* * *

Пас аз мардум миннатпазир ва тозарӯй бош. Аммо набид кам хӯр ва пеш аз меҳмонон маст машав.

Чу донӣ, ки меҳмонон ниммаст шуданд, он гоҳ аз хештан сукре* ҳаменамой ва ёди мардум ҳамегир ва хушхулқиву тозарӯйӣ ҳамекун. Аммо беҳудаханда мабош, ки беҳуда хандидан дувуми девонагист, чунон ки кам хандидан дувуми сиёсат ва хештандорист, чӣ гуфтаанд, ки хандаи беҳудаву бевақт гиря бувад.

Чун меҳмон маст шавад ва бихоҳад рафтан, яке ду бор хоҳиш кун ва тавозуъ намой ва магузор, ки биравад. Сеюм

---

* Сукр – мастӣ.

бор рухсат деҳ, то биравад.

Ва агар чокарони ту хатое бикунанд, даргузор ва пеши меҳмонон бо эшон итоб макун ва рӯйтурш мабош ва бо эшон ҷанг макун, ки ин нек нест ва он нек аст. Агар чизе туро нописандида ояд, бори дигар чунон мафармо кардан, бад-ин як бор сабр кун. Ва агар меҳмони ту ҳазор муҳол бикунаду бигӯяд, аз вай бардору хидмати вай бузург дор.

## ҲИКОЯТ

Чунон шунидам, ки вақте Муътасими[56] халифа муҷримеро гардан ҳамефармуд задан пеши хеш, он мард гуфт:

– Ё амиралмуъминин, ба ҳаққи Худои азза ва ҷалла, маро як шурбат об деҳу меҳмон кун. Ва он гаҳ ҳар чӣ хоҳӣ мекун, ки сахт ташна шудаам.

Муътасим бар ҳукми савганд фармуд то ӯро об диҳанд. Чун ӯро об доданд, ба расми араб гуфт:

– Кассара а-л-лоҳу хайран[57], ё амиралмуъминин. Меҳмони ту будам бад-ин як шурбати об. Акнун аз тариқи мардумӣ меҳмон куштан воҷиб накунад. Маро мафармой куштан ва афв кун, то бар дасти ту тавба кунам.

Муътасим гуфт:

– Рост гуфтӣ, ҳаққи меҳмон бузург аст. Туро афв кардам, беш аз ин хато макун.

* * *

Аммо бидон, ки ҳаққи меҳмон доштан воҷиб аст, валекин ҳаққи меҳмоне, ки ба ҳақшиносӣ арзад. На чунон ки ҳар қаллошеро ба хона барӣ ва он гоҳ чандон икром кунӣ, ки ин меҳмони ман аст. Бидон, ки ин тақаррубу дилдорӣ бо кӣ бояд кардан.

## ФАСЛ

Ва пас агар меҳмон шавӣ, меҳмони ҳар касе машав, ки ҳишматро зиён дорад. Ва чун равӣ, гурусна марав ва сер низ марав, то нон битавонӣ хӯрдан ва мизбон наёзорад. Ва махӯр ва агар ба ифрот хӯрӣ, зишт бошад.

Ва чун дар хонаи мизбон равӣ, ҷое нишин, ки ҷойи ту бошад. Ва агарчи хонаи ошноён буваду туро густохӣ набошад ва дар он хона бар сари нону бар сари набиз корафзоӣ макун ва бо чокарони мизбон магӯй, ки эй фалон, он табақу он коса фалон ҷой неҳ, яъне ки ман аз ин хонаам.

Меҳмони фузул* мабош ва ба нону косаи мардум тақарруб манамой ва чокарони хешро навола мадеҳ, ки гуфтаанд, ки «аззиллату зиллатун»[58].

Ва масти хароб машав. Чунон кун, ки дар роҳ, ки равӣ, мастии ту надонанд. Чунон маст машав, ки аз чеҳраи одамиён бигардӣ. Мастӣ ба хонаи хеш кун. Агар филмасал як қадаҳ набиз хӯрда бошӣ ва чокарони ту сад гуноҳ бикунанд, касро адаб мафармой кардан. Агарчи муставҷиби адаб бошанд, ки ҳеҷ кас он аз рӯйи адаб нашуморад. Гӯянд арбада ҳамекунад.

Ҳар чӣ хоҳӣ, набиз нохӯрда мекун, то донанд, ки он қасдест на муарбадист**, ки аз маст ҳама чизе ба арбада шуморанд. Чунон ки гуфтаанд: «Алҷунуну фунуонун»[59].

Девонагӣ гуна-гуна аст. Арбада низ гуна-гуна аст, ки мастӣ ҳам навъе аз девонагист. Ва бидон, ки дар мастӣ бисёр даст задану пой кӯфтан ва хандидану гиря кардан ва суруд гуфтану нуқл хӯрдан ва сухан гуфтану хомӯш будан ва бисёр тақаррубу хидмат кардан ин ҳама арбада аст ё ҷунун.

Пас аз ин ҳар чӣ гуфтам, парҳез кун ва пеши ҳеҷ бегона масту хароб машав, магар пеши аёлон ва бандагони хеш. Ва агар аз мутрибон самое хоҳӣ, ҳама роҳҳои сабук махоҳ, то ба раъноиву сабукӣ мансуб набошӣ. Ҳарчанд ки ҷавонон роҳҳои сабук хоҳанд.

---

* Фузул –донотарош; касе, ки ба корҳои дигарон дахл мекунад.

** Муарбадӣ – арбадаҷӯй, серҷанҷолӣ.

# БОБИ СЕЗДАҲУМ
# АНДАР МАЗОҲ ВА НАРДУ ШАТРАНҶ ВА ШАРОИТИ ОН

Бидон, эй писар, ки гуфтаанд: **«Алмузоҳу муқаддиматш-шарри»**[60], яъне, мазоҳ пешрави ҳама офатҳост. То битавонӣ, аз мазоҳи сард ҳазар кун. Ва агар мазоҳ кунӣ, боре дар мастӣ макун, ки шарру ошӯби беш хезад. Ва аз мазоҳи нохушу фуҳш гуфтан шарм дор андар мастиву ҳушёрӣ, хосса, дар нарду шатранҷ, ки дар ин ҳар ду шуғл мардум зуҷртар бошанд, мазоҳ камтар таҳаммул тавонанд кардан.

Ва нарду шатранҷ бисёр бохтан одат макун. Ва агар бозӣ, ба авқот боз ва ба гарав мабоз, магар ба мурғе ё ба гӯсфанде, ё ба меҳмонӣ ё ба муҳаққаре* аз муҳаққарот. Ва ба дирам мабоз, ки ба дирам бохтан беадабист ва муқомирӣ** бувад. Ва агарчи нек донӣ бохтан, бо касе, ки бо муқомирӣ маъруф бувад, мабоз, ки ту низ ба муқомирӣ маъруф гардӣ. Ва агар бо касе маъруфтару муҳташамтар аз худ бозӣ, нарду шатранҷ адаб аст. Бояд ки ту аввал даст ба муҳра нанихӣ, то аввал ҳариф он чӣ бихоҳад, баргирад. Ва агар нард бозӣ, аввал каъбатайн*** ба ҳариф деҳ ва шатранҷ дасти аввал бадӯ деҳ.

Аммо бо мастон ва туркону муарбидон ва ходимону занон ва кӯдакону гаронҷонон ба гарав мабоз, то арбада нахезад. Ва бар нақши каътабайн бо ҳариф ҷанг макун ва савганд махӯр, ки ту фалон захм задӣ. Ва агарчи савганди ту рост бошад, мардум ба дурӯғ бидоранд.

Ва асли ҳама шарриву арбада мазоҳ кардан аст. Ва парҳез кун аз мазоҳ кардан, ҳарчанд ки мазоҳ кардан на айб аст ва на базаҳ*, ки расул низ мазоҳ кардааст...

Мазоҳ шояд кард. Валекин фуҳш нашояд гуфт. Пас, агар гӯйӣ, боре камтар гӯй. Ва агар зарурат бошад, боре он чи гӯйӣ, бо ҳамсарони хеш гӯй, агар ҷавобе гӯянд, боре айбе

---

* Муҳаққар – чизи камарзиш, хурд.

** Муқомир – қиморбозӣ.

*** Каъбатайн – ду донаи устухонӣ дар бозии нард

набувад. Ва ҳар ҳазле, ки гӯйӣ, ҷиддомез гӯй ва аз фуҳш парҳез кун. Ҳарчанд мазоҳ беҳазл набувад, аммо ҷидде бояд, ки бувад, ки хоркунандаи ҳама қадрҳо мазоҳ аст. Ҳар чӣ гӯйӣ, ночор бишнавӣ. Ва аз мардумон ҳамон чашм дор, ки аз ту ба мардумон расад. Аммо бо ҳеҷ кас ҷанг макун, ки ҷанг кардан на кори муҳташамон аст, балки кори занону кӯдакон аст. Пас агар иттифоқ афтад, ки бо касе ҷанг орӣ, ҳар чӣ бидониву битавонӣ гуфтан, магӯй. Ҷанг чандон кун, ки ҷойи оштӣ бимонад. Ва якбора лаҷуҷу** беозарм мабош. Ва аз одати мардумони фурӯмоя бадтарин одате лаҷуҷиву беозармист ва беҳтарин одат мутавозеӣ, ки мутавозеӣ неъмати эзидист, ки кас бар вай ҳасад набарад.

Ва ба ҳар сухане магӯ, ки «эй мард». Чӣ ҳар ки «эй мард» гӯяд, бе ҳуҷҷат мардро аз мардӣ бозафканад.

Аммо секӣ хӯрдану мазоҳ кардан ва ишқ бохтан ин ҳама кори ҷавонон аст. Чун ту андозаи корҳо нигаҳ дорӣ, бар некутарин ваҷҳе битавон кардан, чунон ки мардум басе маломате накунанд. Чун дар боби шароб хӯрдану мазоҳ ва нарду шатранҷ сухане чанд шуд, ночор дар боби ишқ варзидан ҳам бибояд гуфт ва шарҳу шароити он. Надонам, ки ту ба ҷой тавонӣ овардан ё на, ки бо дил доварӣ кардан коре душвор аст.

---

*Базаҳ – гуноҳ.

**Лаҷуҷ – ситезакор.

## БОБИ ЧОРДАҲУМ
# АНДАР ИШҚ ВАРЗИДАН ВА РАСМИ ОН

Бидон, эй писар, то касе латифтабъ набувад, ошиқ нашавад. Аз он ки ишқ аз латофати табъ хезад ва ҳар чӣ аз латофат хезад, бешак, латиф бувад, чӣ гуфтаанд: «Ман ашбаҳа абоҳа фа мо залама»[61]. Чун ӯ латиф бувад, ночор дар табъе латиф тавонад овехтан.

**Байт**

*Ин ишқ латиф асту латифӣ хоҳад,*
*Ҳар ҷо, ки равад, чу худ зарифе хоҳад.*

Набинӣ, ки ҷавонон бештар ошиқ шаванд аз пирон. Аз он ки табъи ҷавонон латифтар аз табъи пирон аст. Ва низ ҳеҷ ғализтабъу гаронҷон ошиқ нашавад, аз он ки ин иллатест, ки хафифрӯҳонро бештар афтад.

Аммо ту ҷаҳд кун, то ошиқ нашавӣ. Агар гарониву агар латиф аз ошиқӣ бипарҳез, ки ошиқӣ кори бобалост, хосса, ҳангоми муфлисӣ, ки муфлисе, ки ошиқӣ варзад, ҳар оина дар хуни худаш рафта бошад. Бидон, ки ошиқиву муфлисӣ мутлақо ҷон кандан аст. Хосса, ки пир бувад. Аз он ки пирро ҷуз ба сим ғараз ҳосил нагардад. Чунон ки ман гӯям.

**Рубоӣ**

*Бе сим будам бар ман аз он омад дард*
*В-аз бесимӣ бимондам аз рӯйи ту фард.*
*Дорам масале ба ҳоли хеш андар х(в)ард,*
*«Бе сим зи бозор тиҳӣ ояд мард».*

Пас, агар ба иттифоқ вақте туро бо касе хуш афтад, асири дил мабош. Пайваста табъро бо ишқ бохтан маёмӯз ва доим мутобеи шаҳват мабош, ки ин на кори хирадмандон

бувад. Аз он ки мардум дар ишқ ё дар висол бошанд ё дар фироқ.

Ва бидон, ки яксола роҳати висол ба яксоата ранҷи фироқ наарзад, ки сар то сари ошиқӣ ранҷ асту дарди дил ва меҳнат, ҳарчанд дарде хуш аст. Аммо агар дар фироқ бошӣ, дар азоб бошӣ. Ва агар дар висол бошӣ ва маъшуқа аз дили ту хабар дорад, худ аз нозу ҳӯйи бади ӯ ва бими фироқ хушии висол надонӣ. Пас, агар висоле бувад, ки баъд аз он фироқ хоҳад буд, он висол аз фироқ бадтар бувад.

Ва агар масал маъшуқаи ту фариштаи муқарраб аст, ки ба ҳеҷ вақт аз маломати халқон раста набошӣ ва мардум ҳамеша дар мусовии ту бошанд ва дар накуҳиши маъшуқи ту. Аз он ки одати халқ чунин аст.

Пас, хештанро нигоҳ дор ва аз ошиқӣ парҳез кун, ки хирадмандон аз чунин кор парҳез тавонанд кард. Аз он чи мумкин нагардад, ки ба як дидор касе бар касе ошиқ шавад.

Аввал чашм бувад, он гаҳ дил писандад. Чун дил писанд кард, табъ бар-ӯ моил шавад, он гоҳ дил мутақозии* дидори ӯ бошад.

Агар ту шаҳвати хешро дар амри дил кунӣ ва дилро мутобеи шаҳват гардонӣ, тадбири он кунӣ, ки як бори дигар ӯро бубинӣ. Чун дидор дубора шавад ва табъ бад-ӯ музоаф** гардад ва ҳавои дил ғолибтар шавад, пас қасди дидори сегон кунӣ. Чун сеюм бор дидӣ ва дар ҳадис омад ва сухан гуфт ва ҷавоб шунид. Хар рафту расан бурд ва дареғо чанбар.

Пас аз он агар хоҳӣ, ки хештанро нигоҳ дорӣ, натавонӣ дошт, ки кор аз дасти ту рафта бошад. Ҳар чӣ рӯз ояд, балои ишқ зиёдат шавад ва туро мутобеи дил бояд буд. Аммо агар аз дидори аввал хештанро нигаҳ дорӣ, чун дил тақозо кунад, хирадро ба дил муваккал*** кунӣ ва беш номи ӯ набарӣ ва хештан ба чизе машғул кунӣ ва ҷойи дигар истифроғи

* Мутақозӣ – талабгор.
** Музоаф – дучандон, ду баробар.
*** Муваккал – посбон.

шаҳват кунӣ ва чашм аз дидори ӯ барбандӣ, ки ҳама ранҷ як ҳафта бувад ва беш ёд наёяд, зуд худро аз он бало битавонӣ раҳонид. Валекин ин на кори ҳама кас бувад. Ва марде бояд бо ақли тамом, ки ин битавонад кард. Ва агар марди комили оқил бувад, ӯро ин ҳол худ наяфтад ва агар иттифоқан ногоҳ рӯй намояд, ба ақл дафъи он тавонад кард. Аз баҳри он ки ишқ иллат аст. Чунон ки Муҳаммад Закариё дар «Тақосимул илал» ёд кардааст, ки сабаби иллати ишқ ва доруи ишқ чун рӯза доштани пайваста бувад ва бори гарон кашидан ва сафари дароз кардан ва доим хештанро дар ранҷ доштан ва таматтуъ кардани бисёр ва он чӣ бад-ин монад.

Аммо агар касеро дӯст дорӣ, ки туро аз хидмату дидори ӯ роҳате бошад, раво дорам. Чунон ки шайх Абӯсаиди Абулхайр[62] гӯяд, ки одамиро аз чаҳор чиз ногузир бувад; аввал ноне, дувум хулқоне, сеюм вайроне, чаҳорум ҷононе. Ва ҳар касеро ба ҳадду андозаи ӯ аз рӯйи ҳалол.

Аммо дӯстӣ дигар асту ошиқӣ дигар. Дар ошиқӣ касро вақти хуш набошад, ҳарчанд он ошиқ байте мегӯяд:

**Назм**

Ин оташи ишқи ту хуш аст, эй дилкаш,
Ҳаргиз дидӣ оташи сӯзандаи х(в)аш.

Бидон, ки дар дӯстӣ мардум ҳамеша бо вақте хуш бошад ва дар ошиқӣ доим дар меҳнат бошад. Агар хоҳӣ, ки ба ҷавонӣ ишқ варзӣ, охир узре бошад. Ҳар кӣ бингараду бидонад, маъзур дорад. Гӯяд ҷавон аст.

Ва ҷаҳд кун, то ба пирӣ ошиқ нашавӣ, ки пирро ҳеҷ узре набошад. Ва агар чунон ки аз ҷумлаи мардумони ом бошӣ, кор осонтар бошад. Пас, агар подшоҳ бошиву пир бошӣ, зинҳор то аз ин маънӣ андеша накунӣ ва ба зоҳир дил дар касе набандӣ, ки подшоҳро ба пиронасар ишқ бохтан сахт коре душвор бошад.

## ҲИКОЯТ

Ба рӯзгори ҷадди ман Шамсулмаолӣ хабар доданд, ки дар Бухоро бозаргоне ғуломе дорад, баҳои вай ду ҳазор динор.

Аҳмади Суғдӣ пеши амир ин ҳикоят бикард. Амирро гуфт:

– Маро кас бояд фиристод, то ин ғуломро бихарад.

Амир гуфт:

– Туро бибояд рафт.

Пас, Аҳмади Суғдӣ ба Бухоро омад ва наххосро* бидид ва бигуфт, то ғуломро ҳозир карданд ва ба ҳазору дувист динор бихарид ва ба Гургон овард.

Амир бидиду биписандид ва ин ғуломро дастордорӣ дод. Чун даст бишустӣ, дастор ба вай додӣ, то даст хушк кардӣ. Чанд гоҳ баромад. Рӯзе амир даст бишустӣ. Ин ғулом дастор ба вай дод. Амир даст пок кард ва дар ғулом ҳаменигарист. Баъд аз он ки даст хушк карда буд, ҳамчунон даст дар дастор ҳамемолид ва дар ин ғулом менигарист. Магар вайро хуш омада буд дидори вай. Дастор боздод ва замоне аз ин ҳол бигузашт. Абулаббос Ғонимиро гуфт:

– Ин ғуломро озод кардам ва фалон деҳро ба ӯ бахшидам. Маншур бинавис ва аз шаҳр духтари кадхудоро аз баҳри ӯ бихоҳ ва бигӯй, то вай дар хона бинишинад, то он гоҳ ки мӯйи рӯй барорад. Он гоҳ пеши ман ояд.

Абулаббоси Ғонимӣ вазир буд, гуфт:

– Фармон Худойрост. Аммо агар раъйи Худованд иқтизо кунад, бандаро бигӯед, ки мақсуд аз ин сухан чист?

Амир гуфт:

– Имрӯз ҳол чунину чунон буд ва сухани зишт бошад, ки подшоҳе ҳафтодсола ошиқ шавад ва маро аз баъди ҳафтод сол ҳафтодсола бандагони Худои таоло машғул бояд буд ва ба салоҳи раияту лашкар ва мамлакати хеш ман ба ишқаш

---

* Наххос – ғуломфурӯш.

машғул бошам. На наздики Ҳақ таоло маъзур бошам, на наздики халқон.

* * *

Бале, ҷавон ҳар чӣ бикунад, маъзур бошад. Аммо якбора ба зоҳир ошиқ набояд буд, ҳарчанд ҷавон бошӣ, бо тариқи ҳикмату ҳишмат ва сиёсат бош, то халал дар мулк роҳ наёбад.

## ҲИКОЯТ

Шунидам, ки ба Ғазнин даҳ ғулом буд ба хидмати Султон Масъуд ва ҳар даҳ ҷомадорони хос буданд. Аз он даҳ ғулом якеро Нӯштегин ном буд. Султон Масъуд ӯро бағоят дӯст доштӣ ва чанд сол аз ин ҳадис баромад. Ҳеч кас надонист, ки маъшуқи Масъуд кист, аз баҳри он ки ҳар атое, ки бидодӣ, ҳамаро ҳамчунон додӣ, ки Нӯштегинро, то ҳар касе напиндоштӣ, ки маъшуқи Султон Масъуд ӯст.

То аз ин ҳадис панҷ сол баромад ва ҳеч касро иттилоъ наяфтод аз озоду банда, то рӯзе гуфт:

– Ҳар чӣ падари ман Аёзро дода буд, аз иқтоу маош Нӯштегинро маншур диҳед.

Он гоҳ мардумон бидонистанд, ки ғарази ӯ Нӯштегин будааст.

Акнун, эй писар, ҳарчанд ки ман ин ҳама гуфтам, агар туро иттифоқи ишқ афтад, донам, ки ба қавли ман кор нахоҳӣ кард ва ман ба пиронасарӣ байте мегӯям.

## Шеър

*Ҳар одамие, ки ҳаййи нотиқ бошад,*
*Бояд, ки чу Узрову чу Вомиқ бошад.*
*Ҳар к-ӯ на чунин бувад, мунофиқ бошад,*
*Мардум набувад, ҳар кӣ на ошиқ бошад.*

Ҳарчанд ки ман чунин гуфтаам, ту бад-ин дубайтии ман кор макун. Ҷаҳд кун, то ошиқ набошӣ. Пас, агар касеро дӯст дорӣ, боре касеро дор, ки биярзад ва маъшуқ Батлимусу Афлотун набошад, лекин бояд, ки андак хубӣ бибошадаш ва донам, ки Юсуфи Яъқуб набошад, аммо ҳам малоҳате бибояд, ки дар вай бошад, то баъзе забони мардумон баста шавад ва узри ту мақбул доранд, ки халқон аз ғайбат кардан ва аз айб ҷустани якдигар фориғ набошанд. Чунон ки якеро гуфтанд, ки айб дорӣ?

Гуфт: – На.

Гуфтанд: – Айбҷӯй дорӣ?

Гуфт: – Бисёр.

Гуфтанд: – Чунон дон, ки маъюбтарин кас туӣ.

Аммо агар ба меҳмонӣ равӣ, маъшукро бо худ мабар. Агар барӣ, пеши бегонагон бад-ӯ машғул мабош ва дил дар вай баста мадор, ки ӯро касе натавонад хӯрдан. Ва мапиндор, ки ӯ ба чашми ҳама кас чунон намояд, ки ба чашми ту. Чунон ки шоир гуфт:

## Назм

*Эй войи мано, гар ту ба чашми ҳама касҳо*
*З-ин гуна намоӣ, ки ба чашми мани дарвеш.*

Чунон ки ба чашми ту некутар аз ҳама касҳо намояд, бошад, ки ба чашми дигарон зишттар намояд. Ва низ ҳар

замон ӯро дар маҷлис мева мадеҳ ва тафаққуд* макун. Ва ҳар соат ӯро махону дар гӯши вай хира сухане магӯй, яъне ки суду зиён мегӯям, ки мардумон донанд, ки бо вай чизе нагуфтӣ.

## БОБИ ПОНЗДАҲУМ
## АНДАР ТАМАТТУЪ КАРДАН

Бидон, эй писар, агар касеро дӯст дорӣ, дар мастиву ҳушёрӣ пайваста бад-ӯ машғул мабош, ки он нутфа, ки аз ту ҷудо гардад, маълум аст, ки тухми ҷонӣ ва шахсӣ бувад ба ҳар боре. Пас, агар кунӣ, дар мастӣ макун, ки ба мастӣ зиёни кори ту бувад. Аммо ба вақти хумор савобтар ва беҳтар ояд. Ва ба ҳар вақте ки ёд ояд, бад-он машғул мабош, ки он баҳоим** бувад, ки вақти ҳар шуғле надонад, ҳар вақт ки мебояд, бикунад. Бояд ки одамиро вақте пайдо бувад, то фарқ бувад миёни вай ва баҳоим…

Ҳамчунон ки гуфтам, ки муҷомаати бисёр кардан зиён дорад, нокардан низ зиён дорад. Пас ҳар чӣ кунӣ, бояд ки ба иштиҳо кунӣ ва ба такаллуф накунӣ, то зиён камтар дорад. Аммо баиштиҳо ва беиштиҳо парҳез дар гармои гарм ва дар сармои сард, ки дар ин ду фасл зиёнкортар бошад, хосса пиронро. Ва аз ҳама фаслҳо дар фасли баҳор созгортар бошад, ки ҳаво муътадил бошад ва чашмҳоро об зиёдат бошад ва ҷаҳон рӯй ба хушӣ дорад.

Пас чун олами кабир ончунон шавад аз таъсири вай бар мо, ки олами сағир аст, ҳамчунон шавад, табоеъ, ки дар тани мо мухталиф аст, муътадил шавад. Хун андар рагҳо зиёдат шавад, манӣ дар пуштҳо зиёдат шавад. Беқасдии мардум муҳтоҷи муоширати ва таматтуъ*** гардад.

---

* Тафаққуд – меҳрубонӣ.
** Баҳоим – ҳайвонот.
***Таматтуъ – лаззат бурдан.

Пас чун иштиҳо табиати содиқ шавад, он гоҳ зиён камтар дорад ва раг задан низ ҳамчунон. Пас, то битавонӣ, дар гармои гарм ва сармои сард раг мазан ва агар хун зиёдат бинӣ андар тан, таскин кун ба шаробҳо ва таомҳои мувофиқ ва мухолиф чизе маҳӯр…Ва дар ин боб сухан мухтасар омад, ки киро накунад.

## БОБИ ШОНЗДАҲУМ
## АНДАР ОИНИ ГАРМОБА РАФТАН

Бидон, эй писар, ки чун бар гармоба равӣ, ба серӣ марав, ки зиён дорад ва дар гармоба низ ба ҷимоъ кардан машғул мабош. Албатта, хосса дар гармобаи гарм.

Муҳаммад Закариёи Розӣ гӯяд:

– Аҷаб касе, ки дар гармоба ҷимоъ кунад ва муфоҷо дар вақт намирад.

Аммо гармоба сахт хуб чизе аст ва шояд гуфт, ки то ҳакимон биноҳо ниҳодаанд, аз гармоба чизе беҳтар насохтаанд. Лекин бо ҳама некӣ ҳар рӯз ба гармоба рафтан суд надорад, балки зиён дорад, ки аъсобу мафосил* нарм кунад ва сахтии вай бибарад. Ва табиат одат кунад ҳар рӯз ба гармоба шудан, чун як рӯз наёбад, он рӯз чун беморе бошад ва андомҳо дурушт шавад.

Пас, чунон бояд, ки ҳар ду рӯзе як бор шавӣ, то ҳам танро суд дораду ҳам ба раъноӣ мансуб накунанд.

Ва чун зимистону тобистон  дар гармоба равӣ, аввал дар хонаи сард як замон таваққуф кун, чунон ки табъ аз вай ҳаззе биёбад. Он гоҳ дар хонаи миёна рав ва он ҷо як замон бинишин, то аз он хона низ баҳра биёбӣ. Он гоҳ дар хонаи гарм рав ва он ҷо як замон бинишин, то ҳаззи хонаи гарм низ биёбӣ. Чун гармии гармоба дар ту асар кард, дар хилватхона

---

* Аъсобу мафосил – асабҳо ва бандҳои устухонҳои бадан.

рав ва сар он ҷо бишӯй.

Ва бояд, ки дар гармоба бисёр мақом накунӣ ва оби сахт гарму сахт сард бар худ нарезӣ, бояд ки муътадил бошад. Ва агар гармоба холӣ бувад, ғанимате бузург бошад. ки ҳукамо гармобаи холиро ғанимат донанд аз ҷумлаи ғаниматҳои бузург.

Чун аз гармоба берун ойӣ, мӯйро сахт хушк бояд кардан, он гоҳ берун рафтан, ки бо мӯйи тар ба роҳ рафтан на кори хирадмандон бошад ва на аз они муҳташамон. Ва низ аз гармоба берун омада, бо мӯйи тар пеши муҳташамон рафтан нашояд, ки дар шарти адаб нест.

Нафъу зарари гармоба ин аст, ки гуфтам. Аммо дар гармоба аз об хӯрдану фуққоъ* хӯрдан парҳез кун, ки сахт зиён дорад ва истисқо[63] оварад, магар сахт махмур бошӣ, он гоҳ раво бувад, ки сахт андак ташнагиву таскини хуморро, то зиён камтар дорад.

## БОБИ ҲАБДАҲУМ
## АНДАР ХУФТАНУ ОСУДАН

Бидон ва огоҳ бош, эй писар, ки расми ҳакимони Рум он аст, ки аз гармоба берун оянд, то замоне дар маслахи** гармоба нахуспанд, берун наёянд. Ва ҳеҷ қавми дигарро ин расм нест.

Аммо ҳукамо хобро мавтуласғар*** хонанд, аз он ки чӣ хуфтаву чӣ мурда ҳеҷ дуро аз олам огоҳӣ нест, ки ин мурдаест бонафасу он мурдаест бенафас. Ва бисёр хуфтан одати носитуда аст, танро коҳил кунад ва табъро шӯрида кунад ва сурати рӯйро аз ҳол ба беҳолӣ барад, ки панҷ чиз аст, ки чун ба мардум расад, дарҳол сурати рӯйро мутағаййир кунад: яке

---

* Фуққоъ – нӯшокие, ки аз ҷав ё биринҷ тайёр мекарданд.

** Маслах – хонаи либоскашӣ, дар ҳаммом.

*** Мавтуласғар – марги хурд.

нишоти ногаҳон ва яке ғами муфоҷо ва яке хашм ва яке хоб ва яке мастӣ. Ва шашум пирист, ки чун мардум пир шавад, аз сурати хеш бигардад ва он навъи дигар аст.

Аммо мардум, то хуфта бошад, на дар ҳукми зиндагон бувад ва на дар ҳукми мурдагон. Чунон ки бар мурда қалам нест****, бар хуфта низ қалам нест. Чунон ки гуфтаам:

**Шеър:**

*Ҳарчанд ба ҷафо пушти маро додӣ хам,*
*Ман меҳри ту дар дилам нагардонам кам.*
*Аз ту ба ҷафо набуррам, эй шуҳрасанам,*
*Ту хуфтаву бар хуфта наронанд қалам.*

Ҳамчунон ки хуфтани бисёр зиёнкор аст, нохуфтан ҳам зиён дорад, ки агар одамӣ ҳафтоду ду соат, яъне се шабонарӯз ба қасд бигузорад ва нахуспад ё ба ситам бедор доранд, он касро бими марг бошад.

Аммо ҳар кореро андозаест. Ҳукамо чунин гуфтаанд, ки шабонрӯзӣ бисту чаҳор соат бошад, ду баҳр бедор бошӣ ва як баҳр бихусбӣ ва ҳашт соат ба тоати Ҳақ таоло ва ба кадхудоӣ машғул бояд буд ва ҳашт соат ба ишрату таййиботу рӯҳи хеш тоза доштан ва ҳашт соат бибояд оромидан то аъзо, ки шонздаҳ соат ранҷа гашта бошанд, осуда шаванд. Ва ҷоҳилон аз ин бисту чаҳор соат ниме бихусбанд ва ниме бедор бошанд. Ва коҳилон ду баҳр бихусбанду баҳре ба кори хеш машғул бошанд. Ва оқилон баҳре бихусбанду ду баҳр бедор бошанд, бар ин қисмат, ки ёд кардем, ҳар ҳашт соате аз гунаи дигар...

---

**** Қалам нест – гуноҳ нест.

Ва ҳақиқат дон, ки ҳама зиндаи тан асту ҷон. Ва тан макон асту ҷон мутамаккин. Ва се хосият аст ҷонро, чун зиндагонӣ ва сабукӣ ва ҳаракот. Ва се хосият танрост: маргу сукуниву гаронӣ.

То тану ҷон ба як ҷой бошанд, ҷон ба хосияти хеш танро нигоҳ дорад ва гоҳ дар кор орад ва гоҳ танро ба хосияти хеш аз кор боздорад ва андар ғафлат кашад. Ҳар гоҳе, ки тан хосияти хеш падид кунад, маргу гарониву сукун фурӯ часпад. Ва масали фурӯ хуфтан чун хонае бувад, ки бияфтад. Чун хона бифитад, ҳар кӣ дар хона бошад, фурӯ гирад. Пас тан, ки фурӯ хусбад, ҳама арвоҳи мардумро фурӯ гирад то на самъ шунавад ва на басар бинад ва на завқ чошнӣ дорад ва на ламс гарониву сабукӣ ва нармиву дуруштӣ донад ва на нутқ. Ҳар чӣ дар макони хеш хуфта бувад, эшонро фурӯ гирад. Ҳифзу фикрат беруни макони хеш бошанд. Эшонро фурӯ натавонад гирифт. Набинӣ, ки чун тан бихусбад, фикрат хоб ҳамебинад гуногун ва ҳифз ёд медорад то чун бедор шавад, бигӯяд, ки чунину чунон дидам. Агар ин ду низ дар мақоми хеш будандӣ, ҳар дуро фурӯ гирифтӣ. Чунон ки он дуро на фикрат тавонистӣ дидан ва на ҳифз нигоҳ тавонистӣ дошт. Ва агар нутқу китоб низ дар макони хеш будандӣ, тан дар хоб натавонистӣ шуд. Ва агар хоб кардиву гуфтӣ, он гоҳ хоб худ набудӣ ва роҳату осоиш набудӣ, ки ҳама осудани ҷонварон дар хоб аст. Пас Ҳақ таоло ҳеҷ чиз бе ҳикмат наёфарид.

Аммо хоби рӯз ва такаллуф аз хештан дур кун. Ва агар натавонӣ, андак моя бояд хуфт, ки рӯзи хеш шаб гардонидан на аз ҳикмат бошад. Аммо расми муҳташамону мунъимон чунон аст, ки тобистон нимрӯз ба қайлула* раванд, бошад, ки бихуспанд ё на.

Аммо тариқи танаъъум он аст, ки чунон ки расм бувад, биёсоянд як соат. Агар на, бо касе, ки вақти эшон бо вай хуш

---

* Қайлула – хоби нимрӯзӣ.

бошад, хилват кунанд то офтоб фурӯ гардад ва гармо шикаста шавад. Он гоҳ берун оянд. Филҷумла ҷаҳд бояд кард, то бештари умр дар бедорӣ гузорӣ ва кам хуспӣ, ки бисёр хуфтан моро худ дар пеш аст.

Аммо ба рӯзу шаб ҳар гоҳ, ки бихоҳӣ хуфт, танҳо набояд хуфт, бо касе бояд хуфт, ки рӯҳи ту тоза дорад, аз баҳри он ки хуфтаву мурда ҳар ду ба қиёс яке бошанд. Ҳеҷ дуро аз олам хабар набошад. Лекин яке хуфта бошад бо ҳаёту яке хуфта бе ҳаёт.

Акнун фарқе бояд миёни ин ду хуфта, ки он якеро ба зарурат танҳо ҳамебояд хуфт ва узри оҷизӣ ва ин хуфтаро, ки изтирор** нест, чаро чунон хуспад, ки он оҷизи ба изтирор. Пас мӯниси бистари ин ҷаҳон ҷонафзой бояд, ки мӯниси он бистар ончунон, ки ҳаст, худ ҳаст, то хуфтани зиндагон аз хуфтани мурдагон пайдо бошад.

Лекин пагоҳ хостан одат бояд кард. Чунон бояд, ки пеш аз офтоб баромадан бархезӣ, то вақти тулӯъро фаризаи Ҳақ таоло гузорида бошӣ. Ва ҳар касе, ки бо офтоб баромадан бархезад, тангрӯзӣ бошад, аз баҳри он ки вақти намоз аз вай даргузашта бошад, шумии он вайро дарёбад. Пас пагоҳ бархез ва фаризаи Ҳақ таоло бигузор. Он гоҳ оғози шуғлҳои хеш кун. Агар бомдод шуғле набошад, хоҳӣ, ки ба шикору тамошо равӣ, раво бошад, ки ба шикору айш машғул бошӣ.

## БОБИ ҲАЖДАҲУМ
## АНДАР ШИКОР КАРДАН

Эй писар, бидон, ки бар асп нишастану шикор кардан ва чавгон задан кори муҳташамон аст, хосса ба ҷавонӣ.

Аммо ҳар кореро ҳадду андоза бояд бо тартиб. Ва ҳама рӯз шикор натавон кард ва ҳафта ҳафт рӯз бошад. Ду рӯз ба

---

** Изтирор – зарурат.

шикор ва се рӯз ба шароб машғул бош ва ду рӯз ба кадхудоии хеш.

Аммо чун ба асп нишастӣ, бар аспи хурд манишин, ки мард агарчи манзаронӣ* бувад, бар аспи хурд ҳақир намояд. Ва агар марде ҳақир бошад, бар аспи бузург баланд намояд. Ва бар аспи роҳвор ҷуз дар сафар манишин, ки чун асп роҳвор бошад, марди хештанро афканда дорад. Андар шаҳр ва андар мавкиб бар аспи ҷаҳандаву тез бинишин, то аз сабаби тундии вай аз хештан ғофил набошӣ. Ва мудом рост нишин, то зишткор нанамоӣ. Ва дар шикоргоҳ бар хира асп матоз, ки беҳуда асп тохтан кори ғуломону кӯдакон бошад. Ва аз паси сибоъ** асп матоз, ки дар шикори сибоъ ҳеҷ фоида набошад ва ҷуз мухотараи ҷон ҳеҷ ҳосил нашавад. Чунон ки ду подшоҳи бузург дар шикори сибоъ ҳалок шудаанд. Яке ҷадди падари ман Вушмагир ибни Зиёр ва дигар писари амми ман Амир Шарафулмаолӣ. Пас, бигзор то кеҳтарони ту битозанд. Ту матоз, магар пеши подшоҳи бузург ном ҷустанро ва ё хештан боз намуданро раво бошад.

Пас, агар шикор дӯст дорӣ, ба шикори бозу чарғ ва шоҳин ва юзу саг машғул бош, то ҳам шикор карда бошиву ҳам бими мухотара набошад ва он чӣ бигирӣ, ба коре бишояд, ки гӯшти сибоъ на хӯрданро шояд ва на пӯсти ӯ пӯшиданро.

Пас, агар шикори боз кунӣ, подшоҳон аз ду гуна кунанд. Подшоҳони Хуросон боз аз даст напарронанд. Мулуки Ироқро расм он аст, ки ба дасти хеш парронанд. Ҳар ду гуна раво бошад. То агар подшоҳ набошӣ, чунон ки мехоҳӣ, бикун. Ва агар подшоҳ бошиву хоҳӣ, ки худ парронӣ, равост.

Аммо ҳеҷ бозро беш аз як бор мапаррон, ки подшоҳ набояд, ки бозеро ду бор парронад. Як бор паррон ва назора

---

* Манзаронӣ – некманзар, хушнамуд.

** Сибоъ – ҳайвоноти даранда.

ҳамекун. Агар сайд гирад ё на, бози дигар бистон то ба талаби он биравад, ки мақсуди подшоҳ аз шикор бояд, ки тамошо бувад, на талаби туъма. Ва агар подшоҳ ба саг нахчир кунад, подшоҳро саг нашояд гирифт. Бояд ки дар пеши ӯ бандагон кушоянд ва вай назора ҳамекунад. Ва агар шикори юз кунӣ, албатта, юзро аз паси пушт худ бар асп магир, ки зишт бувад аз подшоҳ юздорӣ кардан ва ҳам дар шарти хирад нест сибоеро дар паси қафои хеш гирифтан, хосса, подшоҳу мулукро. Ин аст шарти нахчир кардан.

## БОБИ НУЗДАҲУМ
## АНДАР ЧАВГОН ЗАДАН

Бидон, эй писар, ки агар нишоти чавгон задан кунӣ, мудом одат макун, ки бисёр касро аз чавгон задан бало бирасидааст.

### ҲИКОЯТ

Чунин гӯянд, ки Амр ибни Лайс[64] ба як чашм нобино буд. Чун амири Хуросон шуд, рӯзе ба майдон рафт, ки гӯй занад. Ӯро сипаҳсолоре буд Азҳари Хар ном. Ин Азҳари Хар биёмад ва инони ӯро бигирифту гуфт:

– Нагузорам, ки ту гӯй заниву чавгон бозӣ.

Амр гуфт:

– Чун аст ки шумо гӯй занеду раво доред ва чун ман чавгон занам, раво надорӣ?

Азҳар гуфт:

– Аз бахри он ки моро ду чашм аст. Агар гӯй дар чашми мо афтад, ба як чашм кӯр шавем ва як чашм бимонад, ки бад-ӯ ҷаҳон равшан бубинем. Ва ту як чашм дорӣ, агар иттифоқи бадро як гӯй бад-он чашм афтад, амирии Хуросонро падруд бояд кард.

Амр ибни Лайс гуфт:

– Бо ин ҳама харӣ рост гуфтӣ. Пазируфтам, ки то ман зинда бошам, гӯй назанам.

* * *

Аммо агар дар соле ду бор нишоти чавгон бохтан кунӣ, раво дорам. Вале саворӣ кардан бисёр набояд, ки мухотара аст садамаро*.

Савор ҳашт беш набояд. Ту бар сари як майдон бипой ва яке ба охири майдон ва шаш дар миёни майдон гӯй мезананд. Ҳар гоҳ, ки гӯй ба сӯйи ту ояд, гӯйро бозгардон ва асп ба тақриб ҳамерон. Аммо андар карру фар мабош, то аз садама эмин бошӣ ва мақсуди ту низ ба ҳосил омада бошад.

Тариқи чавгон задани муҳташамон ин аст, ки ёд карда омад, то маълум гардад.

## БОБИ БИСТУМ
## АНДАР КОРЗОР КАРДАН

Эй писар, чун дар корзор бошӣ, он ҷо дирангу сустӣ шарт нест. Чунон ки пеш аз он ки хасм бар ту шом хӯрад, ту бар вай чошт хӯрда бошӣ[65]. Ва чун дар миёни корзор афтода бошӣ, ҳеҷ тақсир макун ва бар ҷони худ мабахшой, ки касеро, ки ба гӯр бояд хуфтан, ба хона нахуспад ба ҳеҷ ҳол. Чунон ки ман гуфтам ба зуфони табарӣ.

**Рубоӣ**

*Сӯ душман бишир ту дорӣ рамуна,*
*Наҳаросум вири мири киҳун вардуна.*

---

* Садама – осеб, зарба.

*Чини гина дуно, ки: бувӣ ҳар вуна,*
*Ба гур хута нахса он кас ба хуна.*

Ва ҳам ин маъниро ба порсӣ гӯям, то ҳама касро маълум шавад:

*Гар шер шавад адӯ чӣ бедор, чӣ нуҳуфт,*
*Бо шер ба шамшер сухан бояд гуфт.*
*Онро, ки ба гӯр хуфт бояд бо ҷуфт,*
*Бо ҷуфт ба хони хеш натвонад хуфт.*

Дар маърака то як гом* пеш тавонӣ ниҳод, як гом бозпас манеҳ. Ва чун дар миёни хасмон гирифтор омадӣ, аз ҷанг маёсой, ки аз ҷанг хасмонро ба чанг тавон овард. То бо ту ҳаракати рӯзи беҳӣ мебинанд, эшон низ аз ту ҳамешукӯҳанд. Ва андар он ҷой маргро бар дили хеш хуш гардон ва албатта, матарсу далер бош, ки шамшери кӯтоҳ бар дасти диловарон дароз гардад.

Ба кӯшидан тақсир макун. Агар ҳеҷ гуна дар ту тарсе ва сустӣ пайдо ояд, агар ҳазор ҷон дорӣ, яке набарӣ ва камтарин кас бар ту чира гардад ва ту он гаҳ кушта гардӣ ва ба бадномӣ номат барояд. Ва чун ба муборизӣ дар миёни мардон маъруф шавӣ, чун ту таҳовун* кунӣ, аз зиён барой ва дар миёни ҳамсарони хеш шарманда бошӣ. Чун ному нон набошад, камозорӣ дар миёни ҳаммолони хеш ҳосил шавад ва марг аз чунон зиндагонӣ беҳтар бошад. Ба номи неку мурдан беҳ, ки ба номи бад зистан.

*Ба номи наку гар бимирам, равост,*
*Маро ном бояд, ки тан маргрост.*

---

* Гом – қадам.
* Таҳовун – сустӣ.

Аммо ба хуни ноҳақ далер мабош ва хуни ҳеҷ мусулмон ҳалол мадор, илло хуни саълукон[**] ва duздону наббошон ва хуни касе, ки дар шариат хуни вай рехтан воҷиб шавад, ки балои ду ҷаҳон ба хуни ноҳақ бозбаста бошад.

Аввал он ки дар қиёмат мукофоти он биёбӣ. Ва андар ин ҷаҳон зиштном гардӣ. Ва ҳеҷ кеҳтар бар ту эмин набошад ва умеди хидматгорон аз ту мунқатеъ гардад ва халқ аз ту нуфур шаванд ва ба дил душмани ту бошанд. Ва на ҳама мукофоти хуни ноҳақ дар он ҷаҳон бошад, ки ман дар китобҳо хондаам ва низ таҷрибат кардаам, ки мукофоти бадӣ ҳам бад-ин ҷаҳон ба мардум расад. Пас, агар он касро толее нек афтода бошад, ночор ба фарзандони ӯ бирасад. Пас, бар хешу фарзандони хеш бубахшой ва хуни ноҳақ марез. Аммо ба хуни ҳақ, ки салоҳе дар он баста бошад, тақсир макун, ки он тақсир фасоди кори ту гардад.

## ҲИКОЯТ

Чунон ки аз ҷадди ман Шамсулмаолӣ ҳикоят кунанд, ки ӯ марде буд сахт қаттол. Гуноҳи ҳеҷ кас авф натавонистӣ кардан, ки марде бад буд. Ва аз бадии ӯ лашкар бар ӯ кинавар гаштанд ва бо амми ман Фалакулмаолӣ яке шуданд. Вай биёмад ва падари хеш Шамсулмаолиро бигирифт ба зарурат, ки лашкар гуфтанд, ки агар ту дар ин кор бо мо яке набошӣ, мо ин мулк ба бегона диҳем. Чун донист, ки мулк аз хонадони эшон бихоҳад шуд, ба зарурат аз ҷиҳати мулк ин кор бикард. Ва ӯро бигирифтанду банд карданд ва дар маҳде ниҳоданд ва мувaккалон бар вай гумоштанд ва ӯро ба қалъаи Ҷаношак[66] фиристоданд. Ва аз ҷумлаи мувaккалон марде буд номи ӯ Абдуллои ҷамозабон. Ва дар он роҳ, ки бо вай ҳамерафтанд, Шамсулмаолӣ ин мардро гуфт:

– Ё Абдулло, ҳеҷ донӣ, ки ин кор кӣ кард ва ин тадбир

---

[**] Саълук – роҳзан.

чун буд, ки бад-ин бузургӣ шуғле бирафт ва ман натавонистам донист?

Абдулло гуфт:

– Ин кор фалону фалон сипаҳсолор карданд.

Ва панҷ касро ном бибурд, ки ин шуғл бикарданд ва лашкарро бифирефтанд. Ва дар миёни ин шуғл ман будам, ки Абдулло ҳам ва ҳамаро ман савганд додам ва бад-ин ҷойгоҳ расонидам. Валекин ту ин корро аз ман мабин, аз худ бин, ки туро ин шуғл аз куштани бисёр афтод на аз гаштани лашкар.

Шамсулмаолӣ гуфт:

– Ту ғалат кардаӣ. Маро ин шуғл аз мардум нокуштан афтод, ки агар ман туро бо ин панҷ сипаҳсолор бикуштаме, маро ин коре наяфтодӣ. Ва агар чунин кардаме, кори ман басалоҳ будӣ ва ман ба саломат будаме.

* * *

Ва ин бад-он гуфтам, ки то дар он чӣ мебояд кард, тақсир накунӣ ва он чи нагузирад*, саҳл нагирӣ ва низ ҳаргиз ходим кардан одат накунӣ, ки ин баробари хун кардан аст. Аз баҳри шаҳвати хеш насли мусулмоне аз ҷаҳон мунқатеъ кунӣ, бузургтар бедодӣ набошад. Агар ходим бояд, худ ходимӣ карда биёбӣ ва базаҳи ӯ бар гардани яке дигар бошад ва тани худро аз ин гуноҳ боздошта бошӣ.

Аммо дар ҳадиси корзор кардан, чунон ки фармудам, чунон бош ва бар хештан мабахшой, ки то тани хеш хӯрдании сагон накунӣ, номи хешро номи шерон натавонӣ кард...

---

* Нагузирад – чора набошад.

# БОБИ БИСТУ ЯКУМ
# АНДАР ОИНИ ҶАМЪ КАРДАНИ МОЛ

Эй писар, аз фароз овардани чиз ғофил мабош. Лекин аз ҷиҳати чиз хештан мухотара макун ва ҷаҳд кун, то ҳар чӣ фароз оварӣ, аз некутарин ваҷҳе бошад, то бар ту гуворанда бошад. Ва чун фароз овардӣ, онро нигоҳ дор, то ба ҳар ботиле аз даст надиҳӣ, ки нигоҳ доштан сахттар аз фароз овардан аст. Ва чун ҳангоми дарбоист харҷе кунӣ, ҷаҳд кун, то ивази он ҷуд ба ҷой боз ниҳӣ, ки агар бардориву иваз ба ҷо боз наниҳӣ, агар ганҷи Қорун[67] бувад, сипарӣ шавад**. Ва низ дил дар он чандон набанд, ки онро абадӣ шиносӣ, то агар вақте сипарӣ шавад, андуҳманд набошӣ, ки гуфтаанд, ки чизе ба душманон яла кардан беҳтар, ки аз дӯстон ҳоҷат хостан.

Ва сахт доштан воҷиб дон, ки ҳар кӣ андак моя нигаҳ надорад, бисёр ҳам надонад доштан. Кори хеш беҳ дон аз кори касон ва аз коҳилӣ нанг дор, ки коҳилӣ шогирди бадбахтӣ аст. Ранҷбардор бош, ки чиз аз ранҷ гирд шавад на аз коҳилӣ. Чунон ки аз ранҷ мол фароз ояд ва аз коҳилӣ биравад, ки ҳакимон гуфтаанд: «Кӯшо бошед, то ободон бошед ва хурсанд бошед, то тавонгар бошед. Ва фурӯтан бошед, то бисёрдӯст бошед».

Пас он чӣ аз ранҷу ҷаҳд ба даст ояд, аз коҳиливу аз ғафлат аз даст бидодан на аз хирад бошад, ки ҳангоми ниёз пушаймонӣ суд надорад. Чун ранҷ худ барӣ, кӯш то бар ҳам ту хӯрӣ.

Агарчи чиз азиз аст, аз сазовор дареғ мадор, ки ба ҳама ҳол кас чизе ба гӯр набарад. Аммо харҷ бояд, ки ба андозаи дахл бошад, то ниёзманд набошӣ, ки ниёз на дар хонаи

---

** Сипарӣ шавад – тамом шавад.

дарвешон бувад, балки ниёз дар хонае бувад, ки дахл дираме* бошаду харҷ дирамеву ҳаббае**. Ҳаргиз он хона бениёз набувад. Бояд чун дираме дахл бувад, дираме кам – ҳаббае харҷ кунад, то ҳаргиз дар он хона ниёз набошад.

Ва бад-он чӣ дорӣ, қонеъ бош, ки қаноат дувуми бениёзӣ аст. Ва ҳар он рӯзӣ, ки қисмати туст, ба ту расад ва ҳар он коре, ки аз сухани наку ва ба шафоати мардумон рост шавад, мол бар он кор базл макун, ки мардуми бечизро ҳеҷ қадр набошад. Ва бидон, ки мардумони омма ҳама тавонгаронро дӯст доранд бе нафъе ва ҳама дарвешонро душман доранд бе заруре.

Ва бадтарин ҳоли мардум ниёзмандист ва ороиши мардум дар чизе додан бин ва қадри ҳар касе бар миқдори ороиши эшон шинос. Аммо исрофро душман дор ва шум дон. Ва ҳар чӣ Худои таоло онро душман дорад, бар бандагони Худои таоло шум бувад, чунон ки гуфтаанд: «Ва ло тусрифу иннаҳу ло юҳиббу-л-мусрифина»[68]. Чизе, ки Ҳақ субҳонаҳу ва таоло онро дӯст надорад, ту низ онро дӯст мадор. Ва ҳар офатеро сабабест. Сабаби фақр исроф дон. Ва на ҳама исроф нафақот бувад. Дар хӯрдан ва кардану гуфтан ва дар ҳар шуғле, ки бошӣ, исроф набояд кардан. Аз баҳри он ки исроф танро бикоҳад ва нафсро биранҷонад ва ақлро пажмуронад ва зиндаро бимиронад. Набинӣ, ки зиндагонии чароғ аз равған аст. Пас, агар беҳадду андоза дар чароғ равған кунӣ, дарҳол чароғ бимирад ва ҳам он равған, ки сабаби мурдан бувад, чу ба эътидол бувад, сабаби ҳаёт бошад ва он исроф сабаби мамоти ӯ бувад. Пас, маълум шуд, ки чароғ аз равған зинда бувад, чун аз эътидол бигузарад, исроф падид ояд ва ҳам бад-он равған, ки зинда бувад, ҳам бад-он равған бимирад. Худои таоло исрофро бад-ин сабаб душман дорад. Ва ҳукамо написандидаанд исроф кардан дар ҳеҷ кор, ки оқибати исроф ҳама зиён аст.

---

* Дирам – дирҳам, воҳиди пули нуқрагӣ.

** Ҳабба – воҳиди хурдтари пул.

Аммо зиндагонии хеш талх мадор ва дари рӯзӣ ба худ мабанд ва хештанро ба тақдир неку дор ва аз он чӣ дарбоист бувад, тақсир макун, ки ҳар кӣ дар кори хеш тақсир кунад, аз саодат тавфир наёбад ва аз ғаразҳо бебаҳра монад. Ва бар хештан он чӣ дорӣ ва туро дарбоист бошад, ҳазина* кун, ки охир агарчанд чиз азиз аст, аз ҷон азизтар нест. Дар ҷумла ҷаҳди он кун, ки он чӣ ба даст орӣ, ба салоҳ ба кор барӣ ва чизи хеш ҷуз ба дасти бахилон масупор ва бар муқомир ва шаробхора ҳеҷ устувор мадор ва ҳама касро дузд дон, то чизи ту аз дузд эмин бошад.

Ва дар ҷамъ кардани чиз тақсир макун, ки таносоӣ** дар ранҷ аст ва ранҷ дар таносоӣ. Чунон ки осоиши имрӯз ранҷи фардо бошад ва ранҷи имрӯз осоиши фардо бувад. Ва ҳар чӣ аз ранҷу беранҷ ба даст ояд, ҷаҳд кун, то аз ҳар дираме ду донг*** харҷи хонаи хеш кунӣ ва аз они аёли хеш. Агарчи дарбоист бувад ва муҳтоҷ бошӣ, беш аз ин ба кор мабар. Ва чун аз ин рӯй ду донг ба кор биравад, ду донги дигар захира неҳ ва ёд макун ва аз баҳри ворисон бигузор ва айёми заифиву пириро фарёдраси ту бувад. Ва он ду донги дигар, ки боқӣ бимонад, ба таҷаммули хеш сарф кун ва таҷаммули он кун, ки намирад ва куҳан нашавад чун ҷавоҳиру заррина ва симинаву биринҷина ва рӯинаву монанди ин. Пас, агар бештар аз ин чизе бошад, ба хок деҳ, ки ҳар чӣ ба хок диҳӣ, бозёбӣ аз хок ва моя доим бар хок бошад ва суди равону ҳалол.

Ва чун таҷаммул**** сохтӣ ба дарбоистеву зарурате, ки туро бошад, таҷаммули хонаро мафурӯш ва магӯй, ки эй мард, ки акнун зарурат аст, бифурӯшам, вақте дигар бозхарам, ки аз баҳри халале агар чизе аз таҷаммули хона

---

* Ҳазина – харҷ.
** Таносоӣ – осудагӣ.
*** Донг – воҳиди хурди пулӣ, шашяки дирам.
**** Таҷаммул – асбоби ороиш, зебу зинати хона.

бифурӯшӣ ба умеди ивази бозхаридан, магар харида нашавад ва он аз даст бишавад ва хона тиҳӣ бимонад. Пас, дер набошад, ки муфлистари ҳама муфлисон ту бошӣ. Ва низ ба ҳар зарурате, ки туро пеш ояд, вом* макун ва чизи хеш ба гарав манеҳ.

Ва албатта, зар ба суд мадеҳу маситон ва вом хостан залиливу камозармии бузург дон. Ва то битавонӣ, ту ҳам ҳеҷ касро як дирам вом мадеҳ, хосса дӯстонро, ки вом хостан аз дӯст бузургтарин озоре бошад. Пас чун вом додӣ, он дирамро аз хостаи хеш машумор ва дар дил чунин дон, ки ин дирам бад-ин дӯст бахшидам ва то вай бознадиҳад, аз вай маталаб то ба сабаби тақозо дӯстӣ мунқатеъ нашавад, ки дӯстро зуд душман тавон кард, аммо душманро дӯст гардонидан нек душвор аст, ки он кори кӯдакон аст ва ин кори пирони оқили доҳӣ.

Ва аз чизе, ки туро бошад, мардумони мустаҳиқро баҳра кун ва ба чизи мардумон тамаъ мадор, то беҳтарини мардумон ту бошӣ. Ва чизи хешро аз они хеш дон ва аз они дигаронро аз они эшон, то ба амонат маъруф бошӣ ва мардумро бар ту эътимод афтад ва аз ин феъл ҳамеша тавонгар бошӣ.

## БОБИ БИСТУ ДУВУМ
## АНДАР АМОНАТ НИГОҲ ДОШТАН

Эй писар, агар ба ту касе амонат бидиҳад, ба ҳеҷ ҳол мапазир ва чун пазируфтӣ, нигоҳ дор. Аз он чӣ амонат пазируфтан бало бувад. Тариқи ҷавонмардиву мардӣ он аст, ки амонат напазирӣ ва чун пазируфтӣ, нигоҳ дорӣ, то ба саломат ба худованд** бозрасонӣ.

---

* Вом – қарз.

** Худованд – соҳиб.

## ҲИКОЯТ

Чунон шунидам, ки марде ба саҳаргоҳ ба торикӣ аз хона берун омад то ба гармоба равад. Дар роҳ дӯстеро аз они хеш бидид.

Гуфт:

– Мувофиқат кунӣ бо ман то ба гармоба равем?

Дӯст гуфт:

– То ба дари гармоба бо ту ҳамроҳӣ кунам. Лекин дар гармоба натавонам омад, ки шуғле дорам.

То ба наздики гармоба бо вай бирафт. Ба сари дуроҳе расиданд. Ва ин дӯст пеш аз он ки дӯстро хабар диҳад, бозгашт ва ба роҳе дигар бирафт. Иттифокро тарроре* аз паси ин мард ҳамеомад, то ба гармоба равад ба таррории хеш. Аз қазо ин мард бознигарист. Тарророрро дид ва ҳанӯз торик буд. Пиндошт, ки он дӯсти ӯст. Сад динор дар остин дошт бар дасторча баста. Аз остин берун кард ва бад-он доду гуфт:

–Эй бародар, ин амонат аст, бигир то ман аз гармоба бароям, ба ман боздиҳӣ.

Таррор аз вай биситонд ва ҳам он ҷо мақом кард, то вай аз гармоба баромад, равшан шуда буд. Ҷома пӯшиду рост бирафт.

Таррор ӯро бозхонду гуфт:

– Эй ҷавонмард, зари хеш бозситону пас бирав, ки имрӯз ман аз шуғли хеш бозмондам аз ҷиҳати амонати ту.

Мард гуфт:

– Ин амонат чист ва ту чӣ мардӣ?

Таррор гуфт:

– Ман марде таррорам ва ту ин зар ба ман додӣ, то аз гармоба бароӣ.

---

* Таррор – дузд, кисабур.

Мард гуфт:

– Агар таррорӣ, чаро зари ман набурдӣ?

Таррор гуфт:

– Агар ба саноати хеш будаме, агар ин ҳазор динор будӣ, наандешидаме аз ту ва як ҷав боз надодаме. Валекин ту ба зинҳор ба ман супурдӣ ва дар ҷавонмардӣ набошад, ки ба зинҳор ба ман омадӣ, ман бар ту ноҷавонмардӣ кардаме, шарти мурувват набудӣ.

* * *

Пас, агар мустаҳлик шавад* бар дасти ту бе мурод, агар иваз бозхарӣ нек бувад ва агар туро дев аз роҳ бибарад, тамаъ дар вай кунӣ ва мункир шавӣ, бағоят хато бувад ва агар ба худованди ҳақ бозрасонӣ, басе ранҷҳо, ки ба ту расад, дар нигаҳ доштани он чиз ва чун ранҷҳо бисёр бикашӣ ва он чиз бад-ӯ боздиҳӣ, ранҷҳо бар ту бимонад ва он мард ба ҳеҷ рӯй аз ту миннат надорад. Гӯяд, ки чизи ман буд, он ҷо ниҳодам ва боз биёвардам. Ва рост гӯяд. Пас ранҷ кашидани беминнат бар ту бимонад ва музди ту он бувад, ки ҷома биолояд ва агар мустаҳлик шавад, ҳеҷ кас бовар накунад ва ту бе хиёнате наздики мардумон хойин бошӣ ва миёни ашколи** ту ҳурмати ту биравад ва низ касе бар ту эътимод накунад. Ва агар бо ту бимонад, ҳаром бувад ва вуболе азим дар гардани ту бимонад ва дар ин ҷаҳон бархӯрдор набошӣ ва дар он ҷаҳон уқубати Ҳақтаоло ҳосил шавад.

## ФАСЛ

Аммо агар ба касе вадиате*** ниҳӣ, пинҳон манеҳ, ки на касе чизе аз они ту аз вай бихоҳад ситад. Ва бе ду гувоҳии адл чизи хеш ба касе манеҳ вадиат ва бад-он чи диҳӣ, ҳуҷҷате аз вай биситон, то аз доварӣ раста бошӣ. Пас, агар ба

---

* Мустаҳлик шавад – нобуд шавад.

** Ашкол – шаклҳо, яъне ҳаммонандон, дӯстон.

*** Вадиат - амонат.

доварӣ афтад, ба доварӣ далер мабош, ки далерӣ ба доварӣ нишони ситамгарист. Ва то тавонӣ, ҳаргиз савганди росту дурӯғ махӯр ва худро ба савганд хӯрдан маъруф макун, то агар вақте савганд боядат хӯрдан, мардумон туро бад-он савганд ростгӯй доранд.

Ҳарчанд тавонгар бошиву некном ва ростгӯй бошӣ, хештан аз ҷумлаи дарвешон дон, ки бадному дурӯғзанро оқибат ҷуз дарвешӣ набошад. Ва амонатро кор банд, ки амонатро кимиёи зар гуфтаанд ва ҳамеша тавонгар зӣ, яъне ки амин бошу рост гӯй, ки моли ҳама олам аминонрост ва ростгӯёнро…

## БОБИ БИСТУ ЧАҲОРУМ
## АНДАР ХОНА ВА ИҚОР* ХАРИДАН

Аммо, эй писар, бидон ва огоҳ бош, ки агар зайъату** хона хоҳӣ харид, ҳар чӣ хоҳӣ аз хариду фурӯхт, ҳадди шаръу байъ дар ӯ нигоҳ дор. Ҳар чӣ бихарӣ, дар вақти косидӣ бихар ва ҳар чӣ фурӯшӣ, дар вақти равоӣ фурӯш ва суд талаб кун ва айб мадор, ки гуфтаанд, ки бибояд чамид, агар бихоҳӣ харид.

Ва аз мукос*** кардан ғофил мабош, ки мукосу таъбир як нима аз тиҷорат аст. Аммо он чи бихарӣ, ба андозаи суду зиён бояд харид. Агар хоҳӣ, ки муфлис нагардӣ, аз суди нокарда харҷ макун. Агар хоҳӣ, ки бар моя зиён накунӣ, аз суде, ки оқибати он зиён хоҳад буд, бипарҳез. Ва агар хоҳӣ, ки бо хостаи бисёр бошӣ ва дарвеш набошӣ, ҳасуду озманд мабош ва дар ҳама корҳо сабур бош, ки сабурӣ дувуми оқилист. Ва андар ҳама корҳо аз салоҳи хеш ғофил мабош, ки ғофилӣ дувуми аҳмақист. Чун кор бар ту пӯшида шавад ва дари шуғл бар ту баста шавад, зуд бар сари ришта шав ва сабур бош, то рӯйи кор падид ояд. Ҳеҷ кор аз шитобзадагӣ неку нашавад.

---

* Иқор – молу мулки ғайриманқул.

** Зайъат – замини кишт.

*** Мукос – талош.

Чун бар сари байъ расидӣ, агар хоҳӣ, ки хона харӣ, дар кӯйе хар, ки мардуми муслеҳ* бошанд ва ба канораи шаҳр махар ва андар буни бора** махар. Ва аз баҳри арзонӣ хонаи вайрон махар. Ва аввал ҳамсоя нигар, ки гуфтаанд: «Алҷору сумма-д-дору»[69].

Бузурҷмеҳри ҳаким гӯяд: *«Чаҳор чиз балои бузург аст: Аввал ҳамсояи бад, дувум аёли бисёр, сеюм зани носозгор, чаҳорум тангдастӣ».*

Ва ба ҳамсоягии алавиён, албатта, махар ва аз они донишмандону ходимон махар. Ва ҷаҳд кун, то дар он кӯй харӣ, ки тавонгартар ту бошӣ. Аммо ҳамсояи муслеҳ гузин. Ва чун хона харидӣ, ҳамсояро ҳаққу ҳурмат дор, ки чунин гуфтаанд: **«Алҷору аҳаққу»**[70].

Ва бо мардумони кӯю маҳаллат неку зиндагонӣ кун ва беморонро пурсидан рав ва худовандони таъзиятро ба таъзияту ба ҷанозаи мурдагон рав ва ба ҳар шуғл, ки ҳамсояро бошад, бо вай мувофиқат кун. Агар шодӣ бувад, бо вай шодӣ кун ва ба тоқати хеш ҳадя фирист ё хӯрданӣ, ё доштанӣ, то муҳташамтарини кӯй ту бошӣ ва кӯдакони кӯю маҳаллатро бипурсу бинавоз ва пирони кӯйро бипурсу ҳурмат дор ва дар масҷиди кӯй ҷамоат ба пой дор. Ва моҳи рамазон ба шамъу қандил фиристодан тақсир макун, ки мардумон бо ҳар касе он роҳ доранд, ки эшон бо мардумон доранд.

Ва бидон, ки ҳар чӣ мардумро бояд аз неку бад, аз варзидаи худ ёбад, ки бошад. Пас нокарданӣ макун ва ногуфтанӣ магӯй, ки ҳар кас, ки он кунад, ки набояд кардан, он бинад, ки набояд дидан. Аммо ватани хеш, то битавонӣ, дар шаҳрҳои бузург соз ва андар он шаҳр бош, ки туро созвортар бошад. Хона чунон хар, ки боми ту аз дигар бомҳо баландтар бувад, то чашми мардумон бар хонаи ту наяфтад. лекин ту ранҷи нигаристан аз ҳамсоя дур дор.

---

*Муслеҳ– хайрхоҳ, накукор.

* Буни бора – зери теппа, назди қалъа.

Ва агар зайъат[*] харӣ, бе ҳамсояву бе маъдан махар. Ва ҳар чӣ, харӣ, ба фарохсол хар ва то зайъат бемақсум ва бешубҳат ёбӣ, бомақсум ва бошубҳат махар. Ва хостаи бе мухотара зайъатро шинос. Аммо чун зайъат харӣ, пайваста дар андешаи иморати зайъат бош. Ҳар рӯз иморате нав ҳамекун, то ҳар вақт дахле[**] ба навӣ ҳамеёбӣ. Албатта, аз иморат кардани зиёъ ва иқор маёсой, ки зиёъ чунон дон, ки ҷумла биёбонҳо зиёъи туст ва дахлро ҷуз ба иморат натавон ёфт.

## БОБИ БИСТУ ПАНҶУМ
## АНДАР ХАРИДАНИ АСП

Бидон, эй писар, ки агар асп харӣ, зинҳор гӯш дор, то бар ту ғалат наравад, ки ҷавҳари аспу одамӣ яксон аст. Аспи неку марди некро ҳар қимате, ки ниҳӣ, баргирад. Чунон ки аспи бадрову одами бадро ҳарчанд накуҳӣ тавон накуҳидан. Ва ҳукамо гуфтаанд, ки ҷаҳон ба мардумон ба пой аст ва мардум ба ҳайвон. Ва некутарини ҳайвон аз ҳайвонот асп аст, ки доштани ӯ ҳам аз кадхудоист ва ҳам аз мурувват. Ва дар масал аст, ки аспу ҷомаро неку дор, то аспу ҷома туро неку дорад.

Ва маърифати неку бади асп аз мардум душвортар аст, ки мардумро бо даъвӣ маънӣ бошад ва аспро набошад, балки даъвии асп дидор аст. То аз маънии асп хабар ёбӣ, аввал ба дидор нигар, ки агар ба ҳунар ғалат кунӣ, ба дидор ғалат накунӣ, ки ағлаб аспи некро сурат неку бувад ва бадро бад бошад. Пас, накутар сурате, чунон ки устодони байтор гуфтаанд, он аст, ки бояд, ки дандони ӯ борик бувад ва пайваста ва сапед ва лаби зерин дарозтар ва бинӣ баланду фарох ва баркашида ва паҳнпешонӣ ва дарозгӯш ва миёни

---
[*]Зайъат – замини кишт.
[**] Дахл – даромад, суд.

гӯшҳо баркашида ва кушода ва оҳихтагардан***, борикбунгоҳ, гарданситабру ситабрхурдагоҳ ва забарин қасаба кӯтоҳтар аз зерин, хурдмӯй, сумҳои вай сиёҳу дароз ва гирдпошна, баландпушт, кӯтоҳтиҳигоҳ, фарохсина, миёни дасту пойҳои ӯ кушода, дум кишану дароз, парраи думи ӯ борик ва сиёҳхояву сиёҳчашм ва сиёҳмижа ва дар роҳ рафтан ҳушёр ва молидахурдгоҳ, кӯтоҳпушт, муаллақсурин, аризкафал* ва дарунсӯи рони ӯ пургӯшт ва ба ҳам дарраста. Чун савор бар хештан ҳаракат кунад, бояд, ки аз ҳаракати мард огоҳ бошад.

Ин аломатҳо, ки гуфтам, алалитлоқ** дар ҳар аспе бояд, ки бувад ва дар ҳар аспе, ки инҳо бувад, нек бувад ва он чӣ дар аспе бувад ва дар дигаре набувад, ки беҳтарин рангҳои асп кумайту хурмогун аст, ки ҳам неку бувад ва дар гармову сармо сабур бошад ва ранҷкаш. Аммо аспи чарма*** хинги заиф бувад. Агар хоя ва миёни ронҳои вай ва суму даст ва пою фаш ва носияву дум сиёҳ бувад, нек бошад. Ва аспи зарда он ҷинс, ки бағоят зард бувад, нек бувад ва бар вай дирам-дирам сиёҳ ва башу носия**** ва думу хоя ва куну миёни рон ва чашму лаби ӯ сиёҳ бувад. Ва аспи саманд бояд, ки ҳамчунин бошад. Ва адҳам бояд, ки сиёҳтарин бувад ва набояд, ки сурхчашм бувад, ки бештар аспи сурхчашм девона бошад ва маъюб. Ва аспи бӯз***** кам бошад, ки нек бошад. Ва абраш бештар бад бошад, хосса, чашму кун ва хояву думи ӯ сапед бувад. Ва аспи диза, ки сиёҳқавоим бошад, бар он сифат бувад, ки зардаро гуфтем, нек бувад.

Ва аспи аблақ ноcитуда бувад ва кам нек бошад. Ва ҳунарҳову айби аспон бисёр аст.

Чун ҳунарҳои аспон бидонистӣ, айбҳои эшон низ бидон, ки андар эшон низ чанд гуна айб аст. Ва айбе, ки ба

---

*** Оҳихтагардан – гарданкашида, гардандароз.

* Аризкафал – паҳнсағрӣ.

** Алалитлоқ – албатта, ҳатман.

*** Чарма – сафед.

**** Башу носия – ёлу пешонӣ.

***** Аспи бӯз – аспи кабудчатоб.

кор зиён дорад ва ба дидор зишт бошад, агар на чунин бошад, лекин майшум****** бувад ва соҳибкуш бошад ва бошад, ки то иллатҳои бад ва хӯйҳои бад дорад, ки баъзе битавон бурд ва баъзе натавон бурд. Ва ҳар айбу иллатеро номест, ки бад-он битавон донистан, чунон ки ёд кунам.

Бидон, ки иллати асп яке он аст, ки гунг бошад. Ва аспи гунг бисёр роҳ гум кунад ва аломаташ он аст, ки чун модиёнро бӯяд, агарчи барфурӯҳилад, бонг накунад. Ва аспи аъшо, яъне шабкӯр бадтар бувад ва аломати вай он аст, ки ба сабаби чизе, ки аспон аз он натарсанд, битарсаду бирамад ва ҳар ҷойи бад, ки надонӣ, биравад ва парҳез накунад. Ва агар асп кар бувад, аломати вай он аст, ки чун бонги аспон шунавад, ҷавоб надиҳад ва мудом гӯш боз пасафканда дорад.

Аспи чап бад бувад ва хато бисёр кунад ва аломати вай он аст, ки чун ба даҳлезе даркашӣ, нахуст дасти чап андар ниҳад.

Ва аспи аъмаш он бувад, ки рӯз бад бинад ва аломаташ он аст, ки ҳадақаи чашми вай сиёҳ бувад, ки ба сабзӣ занад ва модом чашм кушода дорад, чунон ки мижа бар ҳам назанад ва ин айб бошад ва бошад, ки дар ҳар ду чашм бошад.

Ҳарчанд, ки ба зоҳир аспи аҳвал* маъюб бувад, аммо арабу аҷам муттафиқанд, ки муборак бошад. Ва чунин шунидаам, ки Дулдул[71] аҳвал буд. Ва аспи арҷал як пой ё як даст сапед бошад. Агар пойи чапу дасти чап сапед бувад, шум бувад. Ва аспи азрақ** агар ба ҳар ду чашм бувад, раво бувад ва агар ба як чашм азрақ бошад, маъюб бувад, хосса, ки чап бувад. Ва аспи муғраб бад бувад, яъне сапедчашм бад бувад. Ва аспи бӯра низ бад бувад. Ва аспи ақвад низ бад бувад, яъне ростгардан ва чунин асп андар ваҳл*** нек нанигарад. Ва аспи хӯл бад бувад, аз баҳри он ки ҳар ду пояш

****** Майшум – бад, номуборак.

* Аҳвал – олус.

** Азрақ – кабуд.

*** Ваҳл – ботлоқ.

каж бувад ва ба порсӣ «камонпой» хонанд ва бисёр афтад. Ва аспи қолеъ шум бувад, он ки болои коҳил гирдано мӯй дорад ва маҳқӯъ ҳамчунин, он ки гирдано зери бағалаш бувад. Агар ба ҳар ду ҷониб бувад, шумтар бувад. Ва аспи фарсун ҳам шум бувад, ки гирдано болои сум дорад аз дарунсӯ ва аз берунсӯ раво бошад. Ва асдаф бад бувад, яъне сум дарнавашта ва онро аҳнаф низ хонанд. Ва он ки дасташ ё пояш дароз бувад, ҳам бад бувад ба нишебу фароз ва онро афрақ хонанд.

Ва аспи аъзал ҳам бад бувад, яъне каждум ва ӯро кашаф гӯянд, яъне ҳамеша авраташ пайдо бошад. Ва аспи сагдум низ бад бувад. Ва аспи афҳаҷ низ бад бувад, он ки пой бар ҷойи дасти худ натавонад ниҳод. Ва аспи асбақ низ бад бошад, доим ланг бувад, аз он бувад, ки дар мафосил ғудад* дорад. Ва аспи арун ҳам бад бувад ва аз он бувад, ки дар мафосили даст устухон дорад. Ва агар дар мафосили пой дорад, афрақ хонанд. Ҳам бад бувад ва саркашу гурезанда ва бисёрбонгу заррот ва лагадзан ва он ки дар саргин афкандан даранг кунад ва он ки нар бисёр фуру ҳилад, бад бувад. Ва аспи зоғчашм шабкӯр бувад.

## ҲИКОЯТ

Дар ҳикояте шунидам, ки чӯпони Аҳмади Фариғун[72] рӯзи Наврӯз пеши вай бирафт бе ҳадяи наврӯзӣ ва гуфт:

– Зиндагонии Худованд дароз бод! Ҳадяи наврӯзӣ наёвардам аз он ки башорате дорам беҳ аз ҳадя.

Аҳмади Фариғун гуфт:

– Бигӯй.

Чӯпон гуфт:

– Туро дӯш ҳазор курраи зоғчашм зодаст.

Аҳмад вайро сад чӯб фармуд задан ва гуфт:

– Ин чӣ башорат буд, ки маро овардӣ, ки туро ҳазор курраи шабкӯр бизод.

---

* Ғудад – ҷамъи ғудда, варамҳо.

* * *

Акнун чун ин бигуфтам ва иллатҳои аспон бидонистӣ, низ бидон, ки ҳар якеро номест чун асор* ва каъоб ва машмаш ва аран ва шуқоқ ва қамъ ва номвара ва ҷузом ва барас ва ҷард ва намла ва малаҳ ва нуфха ва фанд ва иртиош ва саратон ва фотиқ ва мактоф ва қуфос ва ханоқ ва раун ва маъал ва изоз ва самал ва сафтанӣ ва раҳса ва бара.

Ин ҳама иллатҳо муҷмал бигуфтам. Агар ҳама тафсир кунам, дароз гардад. Ин ҳама, ки гуфтам, айб аст ва пирӣ аз ҳама айбҳо батар бувад. Ин ҳама айбҳо, ки гуфтам, битавон бурдан ва айби пириро натавон бурдан.

Аммо аспи бузург хар то панҷдонгӣ. Агарчи мард манзаронӣ бошад, бар аспи кӯчак ҳақир намояд. Ва бидон, ки паҳлуи аспон бештар аз ҷониби рост устухон зиёдат бошад. Бишумор, агар ду бо якдигар рост бувад, бихар ва зиёдат аз он чи арзад, ки ҳеҷ асп аз вай сабақ натавонад бурд. Ва ҳар чӣ бихарӣ, аз чаҳорпою зиёъу ақор ва ғайри он чунон хар, ки то зинда бошӣ, манофеи он ба ту мерасад. Ва баъд аз он аз ту ба ҳаммолону** ворисони ту мерасад. Бешак, охир туро зан бинаду фарзанд. Он чунон ки Лабибӣ[73] гӯяд: «Ҳар кӣ мард аст ҷуфти ӯ зан бувад».

## БОБИ БИСТУ ШАШУМ
## АНДАР ЗАН ХОСТАН

Эй писар, чун зан хостӣ, ҳурмати худро неку дор. Агарчанд чиз азиз аст, аз зану фарзанд азизтар нест ва чизе зуд аз зану фарзанд дареғ мадор, аммо аз зани басалоҳ ва фарзанди фармонбардору меҳрубон. Ва ин корест, ки ба дасти туст, чунон ки ман дар байте гӯям:

---

* Асор, каъоб... – номи бемориҳои аспон.

** Ҳамолон – наздикон.

**Байт:**

*Фарзанд чу парвариву зан чун дорӣ,*
*Бояд ки ба гуфти оқилон гӯш орӣ.*

Аммо чун зан кунӣ, талаби моли зан макун ва талабгори ғояти некуии зан мабош, ки ба сабаби некуӣ маъшуқа гиранд. Зан бояд ки покиза ва покдин ва кадбону ва дӯстдори шӯй ва шармноку порсо ва кӯтоҳдасту кӯтоҳзабон ва чизнигоҳдоранда бошад, то нек бувад, ки гуфтаанд, ки зани нек офияти зиндагонӣ бувад. Агарчи зан меҳрубону хубрӯй бошад ва писандида, ту ба якбор худро ба дасти ӯ мадеҳ ва зери фармони ӯ мабош, ки Искандарро гуфтанд:

– Чаро духтари Дороро[74] ба занӣ накунӣ, ки бас хубрӯй аст?

Гуфт:

– Зишт бошад, ки чун мо бар мардумони ҷаҳон ғолиб шудем, зане бар мо ғолиб шавад.

Аммо зане муҳташамтар аз худ махоҳ. Ва бояд, ки дӯшиза хоҳӣ, то дар дили ӯ ҷуз меҳри ту меҳри каси дигар набошад ва пиндорад, ки ҳама мардон як гуна бошанд. Тамаъ ба марде дигар наяфтадаш. Ва аз дасти зани зуфондароз бигурез, ки гуфтаанд, ки кадхудой зуд гурезад, чун зан боамонат набувад. Ва набояд ки чизи туро дар даст гирад ва нагузорад, ки ту бар чизи хеш молик бошӣ, пас зан ту бошиву мард ӯ. Зан аз хонадони салоҳ бояд хост ва бояд ки бидонӣ, ки духтари кӣ бувад, ки зан аз баҳри кадбонуии хона хоҳанд, на аз баҳри таматтуъ…

Ва бояд ки зан тамому расида ва оқила бошад ва кадбонуии модару падари худ дида бошад. Агар чунин зане ёбӣ, дар хостани вай тақсир макун ва ҷаҳд кун то вайро бихоҳӣ ва бикӯш, то вайро ғайрат* нанамоӣ.

---

* Ғайрат – рашк.

Ва агар рашк хоҳӣ намудан, зан нахоҳӣ, беҳтар бошад, ки занонро рашк намудан ба ситам нопорсо кардан бошад. Ва бидон, ки занон ба ғайрат мардонро бисёр ҳалок кунанд ва низ тани худро ба камтарин касе диҳанд ва аз рашку ҳамийят бок надоранд. Аммо чун занро рашк нанамоӣ ва бо вай дукиса набошӣ... вайро неку дорӣ, аз модару падар ва фарзанд бар ту мушфиқтар бошад ва хештанро аз вай дӯсттар касе мадон. Ва агар рашк намоӣ, аз ҳазор душман душмантар бувад. Ва аз душмани бегона ҳазар тавон кард ва аз вай натавон. Ва чун дӯшиза хостӣ, агарчи ба вай мувлаъ* бошӣ, ҳар шаб бо вай суҳбат макун, гоҳ-гоҳ кун, то пиндорад, ки ҳама кас чунин бошанд, то агар вақте туро узре бошад, ин зан аз барои ту сабр кунад, ки агар ҳар шаб бо вай хуфтан одат кунӣ, вайро чунон орзу кунад, душвор сабр кунад.

Ва занонро ба дидору наздикии ҳеҷ мард устувор мадор, агарчи марди пир бувади зишт. Шарти ғайрат он бошад, ки ҳеҷ ходими ҷавонро дар хонаи занон роҳ надиҳӣ, агарчи сода бошанд, магар ходимони пиру зишт ва солхӯрда, ки эътимод бар эшон бувад. Ва шарти ғайрат нигоҳ дор ва марди беғайратро ба мард машумор, ки онро, ки ғайрат набошад, дин набошад. Ва беҳамиятро мард машумор.

Ва чун зани хешро бар ин ҷумла доштӣ, ки гуфтам, агар Худои таоло туро фарзанд диҳад, андеша кун бар парвардани ӯ. Ва зан аз қабилаи дигар хоҳ, то бегонагонро хеш карда бошӣ, ки ақрабои ту худ аҳли ту бошанд. Бад-ин ҷумла дон, ки намудам.

## БОБИ БИСТУ ҲАФТУМ
## АНДАР ФАРЗАНД ПАРВАРДАН ВА ОИНИ ОН

Бидон, эй азизи ман, ки агар Худой туро писаре диҳад, аввал номи хуш бар вай неҳ, ки аз ҷумлаи ҳаққҳои падарон яке ин аст. Дувум он, ки ба доягони меҳрубон супор ва ба

* Мувлаъ – ҳарис.

вақти хатна кардан суннат ба ҷой овар ва ба ҳасби тоқати хеш шодӣ кун. Ва он гоҳ Қуръон биёмӯзон, чунон ки ҳофизи Қуръон шавад. Чун бузург шавад, агар раият бошӣ, вайро пешае биёмӯзӣ ва агар аҳли силоҳ бошӣ, ба илми силоҳаш диҳӣ, то савориву силаҳшӯрӣ биёмӯзад ва бидонад, ки ба ҳар силоҳ чӣ бояд кард. Ва чун аз силоҳ омӯхтан фориғ гардӣ, бояд ки фарзандро шино биёмӯзӣ.

Чунон ки ман даҳсола шудам, моро ҳоҷибе буд Бομанзар ҳоҷиб гуфтандӣ ва фурусият* неку донистӣ. Ва ходиме ҳабашӣ буд Райҳон ном, вай низ неку донистӣ.

Падарам маро бад-он ҳар ду супурд, то маро савориву найза бохтан ва зӯбин андохтану чавгон задан ва тобтоб андохтан ва каманд афкандан ва ҷумла ҳар чӣ дар боби фурусият ва руҷулият** буд, биёмӯхтам. Худованд фармон дод, то фардо ба нахчиргоҳ он чӣ омӯхтааст, бар Худованд арза кунад.

Амир гуфт:

– Нек ояд.

Рӯзи дигар бирафтам, ҳар чӣ донистаме бар падар арза кардам. Амир эшонро хилъат фармуд ва пас гуфт:

– Ин фарзанди маро он чи омӯхтаед, неку бидонистааст, валекин беҳтарин ҳунаре наёмӯхтааст.

Гуфтанд:

– Он чӣ ҳунар аст?

Амир гуфт:

– Ҳар чӣ вай донад аз маънии ҳунару фазл, ҳама он аст, ки ба вақти ҳоҷат агар вай натавонад кардан, мумкин бошад, ки касе аз баҳри вай бикунад. Он ҳунар, ки вайро бояд кардан аз баҳри хеш ва ҳеҷ кас аз баҳри вай натавонад кард, вайро наёмӯхтаед.

Эшон пурсиданд, ки он кадом ҳунар аст.

Амир гуфт:

---

* Фурусият – саворӣ.

** Руҷулият – мардӣ.

– Шиноварӣ, ки аз баҳри вай ҷуз вай кас натавонад кард.

Ва ду маллоҳи ҷалд аз Обисгун[75] биёвард ва маро бад-эшон супурд, то маро шино биёмӯхтанд ба кароҳият ва ба табъ. Аммо нек биёмӯхтам. Иттифоқ афтод, ки он сол ба ҳаҷ мерафтам, бар дари Мавсул[76] моро қатъ афтод, қофила бурданд ва араби бисёр буд ва мо бо эшон басанда набудем. Ҷумлатуламр ман бараҳна боз Мавсул омадам. Ҳеҷ чора надонистам, андар киштӣ нишастам ба Даҷла ва ба Бағдод рафтам ва он ҷо шуғл неку шуд ва Эзидтаоло тавфиқи ҳаҷ дод. Ғаразам он аст, ки андар Даҷла пеш аз он ки ба Акбара[77] расанд, ҷое махуф аст, гирдобе саъб, ки маллоҳе доно бояд, ки он ҷо бигузарад, ки агар сарфи он надонад, ки чун бояд гузашт, киштӣ ҳалок шавад. Мо чанд кас дар киштӣ будем, бад-он ҷой расидем. Маллоҳ устод набуд, надонист, ки чун бояд рафт, киштӣ ба ғалат андар миёни он ҷойгоҳи бад бурд ва ғарқа гашт. Қариб бисту панҷ мард будем. Ману марде пири басрӣ ва ғуломе аз они ман зирак, ки Ковӣ ном буда, ба шино берун омадем ва дигар ҷумла ҳалок шуданд. Баъд аз он меҳри падар андар дили ман зиёдат шуд. Дар садақа додан аз баҳри падар ва тараҳҳум фиристодан зиёдат кардам. Бидонистам, ки он пир чунин рӯзеро аз пеш ҳамедид, ки маро шиноварӣ омӯхт ва ман надонистам.

* * *

Пас, бояд, ки ҳар чӣ омӯхтанӣ бошад аз фазлу ҳунар, фарзандро биёмӯзӣ, то ҳаққи падариву шафқати падарон ба ҷо оварда бошӣ, ки аз ҳаводиси олам эмин натавон буд ва натавон донист, ки бар сари мардумон чӣ гузарад. Ҳар ҳунареву фазле рӯзе ба кор ояд. Пас, дар фазлу ҳунар омӯхтан тақсир набояд кардан. Ва ба вақти тааллум агар муаллимон ӯро бизананд, ӯро шафқат мабар ва бигузор, ки кӯдак илму адаб ва ҳунар ба чӯб омӯзад ва на ба табъи хеш. Аммо агар беадабӣ кунад ва ту аз вай дар хашм шавӣ, ба дасти хеш вайро мазан, ба муаллимонаш битарсон ва адаб

эшонро фармой кардан, то кинаи ту дар дил нагирад. Аммо бо вай ба ҳайбат бош, то туро хор нагирад ва доим аз ту тарсон бошад. Ва дираму зар ва орзуе, ки вайро бошад, аз вай дареғ мадор бад-он қадар, ки битавонӣ, то аз баҳри сим марги ту нахоҳад аз ҷиҳати мерос ва бадном нашавад.

Ва ҳаққи фарзанд омӯхтан дон аз фарҳангу дониш. Ва агар фарзанде бад бувад, ту бар-он манигар, ҳаққи падарӣ ба ҷой овар, андар омӯхтани адаби вай тақсир макун. Ҳарчанд ки агар ҳеҷ мояи хирад надорад, агар ту адаб омӯзӣ ва агар наёмӯзӣ, рӯзгораш биёмӯзад.

Аммо шарти падарӣ нигоҳ дор, ки вай чунон зиндагонӣ кунад, ки фиристода бошад. Ва мардум чун аз адам мавҷуд шуд, хулқу сиришти ӯ бо ӯ буд. Аммо зи беҳӯйӣ ва аҷзу заифӣ пайдо натавонад кардан. Ҳарчанд бузургтар мешавад, ҷисму рӯҳи ӯ қавитар мегардад ва феъли вай пайдотар мешавад аз неку бад то чун вай ба камол расад, одати вай низ ба камол расад. Тамоми рӯзбеҳиву рӯзбатарӣ пайдо шавад, валекин ту адабу ҳунар ва фарҳангро мероси хеш гардон ва ба вай бигузор, то ҳаққи вай гузорида бошӣ, ки фарзандонро меросе беҳ аз адаб нест ва фарзандони оммаро мероси беҳ аз пеша нест, ҳарчанд ки пеша на кори муҳташамон аст, ҳунар дигар асту пеша дигар. Аммо аз рӯйи ҳақиқат наздики ман пеша бузургтарин ҳунарест. Ва агар фарзандони муҳташамон сад пеша донанд, чун ба касб бикунанд, айбе нест, балки ҳунар аст, ҳар яке рӯзе ба кор ояд.

## ҲИКОЯТ

Бидон, ки чун Гуштосп[78] аз мақарри иззи хеш бияфтод ва он қисса дароз аст, аммо мақсуд аз он аст, ки вай ба Рум афтод, дар Қустантания рафт ва бо вай ҳеҷ набуд аз моли дунё. Айбаш омад нон хостан. Магар иттифоқ чунон афтода буд, ки ба кӯчакӣ дар саройи хеш оҳангаронро дида буд, ки корҳои оҳанина аз теғу корду рикоб ва даҳонаи лаҷом кардандӣ муҷовир. Магар дар толеи ӯ он афтода буд ин

саноат, пайваста гирди оҳангарон мегаштӣ ва ҳамедидӣ ва ин саноат биёмӯхта буд.

Он рӯз, ки ба Рум дармонда буд, бо оҳангарони Рум гуфт, ки ман ин санъат донам. Ӯро ба муздурӣ гирифтанд. Ва чандон ки он ҷо буд, аз он саноат зиндагонӣ мекард, ба кас ниёзаш набуд ва нафақот аз ин мекард, то он гоҳ ки ба ватани хеш расид. Баъд аз он бифармуд, ки ҳеҷ муҳташам фарзанди хешро аз саноат омӯхтан нанг надоранд, ки бисёр вақт бувад, ки қуввату шуҷоат суд надорад ва ҳар дониш, ки бидонӣ, рӯзе ба кор ояд. Ва баъд аз он дар Аҷам расм афтод, ки муҳташам набудӣ, ки фарзандро саноат наёмӯхтӣ, ҳарчанд ки бад-он ҳоҷат набудӣ ва он ба одат карданд.

* * *

Пас, ҳар чӣ битавонӣ омӯхтан, биёмӯз, ки манофеи он ба ту расад. Аммо агар писар болиғ гашт, бинигар андар вай, агар сари салоҳ дорад ва ба кадхудоиву зан доштан ва рӯзбеҳӣ машғул хоҳад будан, пас тадбири зан хостани ӯ кун, то он ҳақ низ гузорида бошӣ. Аммо, то битавонӣ, агар писарро зан диҳӣ ё духтарро ба шӯй диҳӣ, бо хешони хеш васлат макун. Зан аз бегонагон хоҳ. Бо қаробати хеш агар васлат кунӣ ва агар накунӣ, эшон худ гӯшту хуни туанд. Васл аз қабилаи дигар хоҳ, ки қабилаи хешро қабила карда бошӣ ва бегонаро хеш карда, то қувват ду гардад ва аз ду ҷониб туро муованат* бувад. Пас, агар донӣ, ки сари кадхудоиву рӯзбеҳӣ надорад, духтари кадхудоёну мусулмононро дар бало маяфкан, ки ҳар ду аз якдигар дар ранҷ бошанд. Бигузор, то чун бузург шавад, чунон ки хоҳад, кунад зиндагонӣ, то баъд аз марги ту ба ҳама ҳол чунон тавонад буд, ки фиристода бошад.

---

* Муованат – мададгорӣ.

## ФАСЛ

Агар фарзанд духтар бошад, ӯро ба доягони мастураи некупарвар бисупор ва чун бузург шавад, ба муаллима деҳ, то намозу рӯза ва он чӣ шарти шариат он аст, аз фароиз биёмӯзад. Валекин дабирӣ маёмӯзаш ва чун бузург шуд, ҳар чи зудтар ҷаҳд кун, ки ба шавҳараш диҳӣ, ки духтар нобуда беҳ ва чун бувад, бо шӯй беҳ. Аммо то дар хонаи ту бошад, мудом бар вай ба раҳмат бош, ки духтаракон асири модару падар бошанд. Аммо писарро агар падар набошад, ба талаби кори хеш тавонад рафт ва хештанро тавонад дошт аз ҳар рӯй, ки бошад ва духтар бечора бувад.

Он чи дорӣ, аввал дар барги духтар кун ва шуғл вайро бисоз ва ӯро дар гардани касе кун, то аз ғами вай бираҳӣ. Аммо агар духтар дӯшиза бошад, талаб домоди дӯшиза, то зан дил дар шӯй бибандад ва шӯй низ дар зан доштан бикӯшад ва аз ҷонибайн* созгорӣ бошад.

## ҲИКОЯТ

Чунон шунидам, ки Шаҳрбону[79] духтаре буд хурд. Шаҳрбонуро асир бурданд аз Аҷам ба Араб. Амирулмуъминин Умар (р)[80] фаро расид, фармуд, ки вайро бифурӯшанд. Чун вайро дар байъ бурданд, Амирулмуъминин Алӣ (р)[81] фаро расид ва ин хабар бидод аз расул (с) «Лайса-л-байъу ало Абнои-л-мулуки»[82]. Чун хабар бидод, байъ аз Шаҳрбону бархост ва ӯро ба хонаи Салмони Форсӣ[83] бинишонданд, то ба шӯй диҳанд.

Чун ҳикояти шӯй бар вай арза карданд, Шаҳрбону гуфт:

– То мардро набинам, зани ӯ набошам. Вайро дар манзарае нишонданд ва содоти** Араброву Яманро бар вай бигузарониданд, то он кас, ки ӯро ихтиёр афтад, зани ӯ

* Ҷонибайн – ҳар ду тараф.
** Содот – сайиидон.

бошад. Ва Салмон пеши ӯ бинишаст ва он қавмро таъриф мекард, ки ин фалон асту он баҳмон аст. Ва ӯ ҳар касро нақл мекард то Умар бигузашт. Шаҳрбону гуфт:

– Ин кист?

Салмон гуфт:

– Умар аст.

Шаҳрбону гуфт:

– Марде бузург аст, аммо пир аст.

Чун Алӣ бигузашт, Шаҳрбону гуфт:

– Ин кист?

Салмон гуфт:

– Алӣ аст...

Шаҳрбону гуфт:

– Марде бузургвор аст. Валекин фардо ман андар он ҷаҳон бар рӯйи Фотимаи Заҳро[84] натавонам нигарист ва шарм дорам ва аз ин ҷиҳат нахоҳам.

Чун Ҳасан ибни Алӣ[85] бигузашт, чун ҳоли ӯро донист, гуфт:

– Лойиқи ман аст, вале бисёрникоҳ аст, нахоҳам.

Чун Ҳусайни[85] Алӣ бигузашт, ӯ бипурсид ва бидонисту гуфт:

– Ӯ дархӯри ман аст. Шавҳари ман ӯ бояд, ки бувад. Духтари дӯшизаро шӯйи дӯшиза бояд, ки бувад. Ман шӯй накардаам ва ӯ зан накардааст.

* * *

Ва аммо домоди некурӯй гузин ва духтар ба марди зиштрӯй мадеҳ, ки духтар дил бар шӯйи зиштрӯй надиҳад, турову шавҳарро бадномӣ ояд. Бояд ки домод хубрӯй ва покдин ва босалоҳ ва бо кадхудойӣ бувад. Нафақоти духтари хеш донӣ, ки аз куҷо ва аз чӣ ҳосил кунад. Аммо бояд ки домоди ту аз ту фурӯтар бувад ҳам ба неъмату ҳам ба ҳашмат, то вай ба ту фахр кунад ва на ту ба вай, то духтар дар роҳат зияд.

Чун чунин аст, андаке гуфтам, аз вай бештар чизе талаб макун, духтарфурӯш мабош, ки домод худ муруввати хеш бинагзорад ва мардумӣ ба ҷое наравад. Ту, он чӣ дорӣ, бадал кун ва духтар дар гардани вай банд ва бираҳон худро аз ин меҳнати азим. Ва дӯстро ҳамин панд деҳ, то бар ин ҷумла ӯ низ биравад.

## БОБИ БИСТУ ҲАШТУМ
## АНДАР ОИНИ ДӮСТ ГИРИФТАН

Бидон, эй писар, ки мардум, то зинда бошанд, ногузир бошанд аз дӯстон, ки мард агар бе бародар бошад беҳ, ки бе дӯст. Аз он ки ҳакимеро гуфтанд, ки дӯст беҳтар ё бародар. Гуфт:

– Бародар низ дӯст беҳ.

**Байт:**

*Бародар бародар бувад, дӯст беҳ,*
*Чу душман бувад, берагу пӯст беҳ.*

Пас, агар андеша кунӣ аз кори дӯстон – нисор доштан ва ҳадя фиристодан ва мардумӣ кардан, азеро, ки ҳар кӣ аз дӯстон наяндешад, дӯстон низ аз вай наяндешанд. Пас, мардум ҳамеша бе дӯст буванд ва эдун гӯянд, ки дӯст дастбоздорандаи хеш бувад ва одат кун ҳар вақте дӯсте нав гирифтан, азеро, ки бо дӯстони бисёр айбҳои мардум пӯшида шавад ва ҳунарҳо густурда гардад.

Валекин чун дӯсти нав гирӣ, пушт бар дӯсти куҳан макун. Дӯсти нав ҳаметалабу дӯсти куҳанро бар ҷой ҳамедор, то ҳамеша бисёрдӯст бошӣ, ки гуфтаанд: «Дӯсти нек ганҷи бузург аст».

Дигар андеша кун аз мардумон, ки бо ту ба роҳи дӯстӣ раванд ва нимдӯст бошанд. Ва бо эшон некуиву созгорӣ кун

ва ба ҳар неку баде бо эшон муттафиқ бош, то чун аз ту мардумӣ ёбанд, дӯсти якдили ту гарданд, ки Искандарро пурсиданд, ки ин чандин мулк ба чӣ хислат ба даст овардӣ.

Гуфт:

– Ба даст овардани душманон ба талаттуф[*] ва ҷамъ кардани дӯстон ба тааҳҳуд[**].

Ва он гоҳ андеша кун аз дӯстони дӯстон, ки дӯстони дӯстон ҳам аз ҷумлаи дӯстон бошанд ва битарс аз дӯсте, ки душмани туро дӯст дорад, ки бошад, ки дӯстии ӯ аз дӯстии ту бештар бошад. Пас бок надорад ба бад кардан бо ту аз қабили душмани ту. Бипарҳез аз дӯсте, ки мар дӯсти туро душман дорад. Ва дӯсте, ки бе баҳонаеву бе ҳуҷҷате ба гила шавад, дигар ба дӯстии ӯ тамаъ мадор.

Ва андар ҷаҳон беайб кас машинос, аммо ту ҳунарманд бош, ки ҳунарманд беайб бувад. Ва дӯсти беҳунар мадор, ки аз дӯсти беҳунар фалоҳ[***] наёяд. Ва дӯстони қадаҳро аз ҷумлаи дӯстон машумор, ки эшон дӯсти қадаҳ бошанд, на дӯст. Ва бинигар миёни дӯстони неку бад ва бо ҳар ду гурӯҳ дӯстӣ кун. Бо некон ба дил дӯстӣ куну бо бадон ба забон дӯстӣ кун, то дӯстии ҳар ду гурӯҳ туро ҳосил бувад, ки на ҳама ҳоҷате ба некон афтад. Вақте бошад, ки ба дӯстии бадон низ ҳоҷат афтад. Ва агарчи раҳ бурдани ту наздики бадон ба наздики некон туро костӣ физояд, чунон ки раҳ бурдани ту ба некон наздики бадон обрӯй афзояд ва ту тариқи некон нигаҳ дор, ки худ дӯстии ҳар ду қавм туро ҳосил ояд.

Аммо бо бехирадон ҳаргиз дӯстӣ макун, ки дӯсти бехирад бо дӯст аз бадӣ он кунад, ки сад душмани одил накунанд ба душманӣ. Ва дӯстӣ бо мардуми ҳунариву некаҳд кун, то ту низ бад-он ҳунарҳо маъруф ва ситуда бошӣ, ки он дӯстони ту бад-он маъруфу сутуда бошанд. Ва танҳо

---

[*] Талаттуф – меҳрубонӣ.

[**] Тааҳҳуд – аҳду паймон.

[***] Фалоҳ – некӣ.

нишастан аз ҳамнишини бад авлотар. Чунон ки маро гуфта омад дар ин ду байт:

**Шеър:**

*Эй дил, рафтӣ чунон ки дар саҳро дад,*
*На андуҳи ман хӯрдиву на андуҳи х(в)ад.*
*Ҳамҷолиси бад будиву ту рафта беҳ̣ӣ,*
*Танҳоӣ беҳ маро зи ҳамҷолиси бад.*

Ва ҳаққи дӯстону мардумон наздики худ зоеъ макун, то сазовори маломат нагардӣ, ки гуфтаанд: *«Ду гурӯҳ мардум сазовори маломатанд. Яке зоеъкунандаи ҳаққи дӯстон, дигар ношиносандаи кирдори нек»*.

Бидон, ки мардумонро ба ду чиз битавон донист, ки дӯстиро шоянд ё на: Яке он ки дӯсти ӯро тангдастӣ расад, чизе ба вай дареғ надорад ба ҳасби тоқати хеш ва ба вақти тангӣ аз вай барнагардад, то он вақт ки ба дӯсти ӯ аз ин ҷаҳон берун шавад. Ӯ фарзандони он дӯсти худро ва хешонро талаб кунад ва ба ҷойи эшон некӣ кунад ва ҳар вақт ки ба зиёрати он дӯст равад, ҳасрате бихӯрад, ҳарчанд ки он на ӯ бувад.

## ҲИКОЯТ

Чунин гӯянд, ки Суқротро мебурданд, то бикушанд. Вайро илҳоқ* карданд, ки бутпараст шав. Гуфт:

– Маозаллаҳ**, ки ҷуз сонеъро парастам.

Бибурдандаш то бикушанд. Қавме шогирдони ӯ бо ӯ бирафтанд ва зорӣ мекарданд, чунон ки расм рафтааст. Пас ӯро пурсиданд:

– Эй ҳаким, акнун чун дил бар куштан ниҳодӣ, бигӯ то туро куҷо дафн кунем?

---

* Илҳоқ – талаби боисрор.

** Маозаллаҳ – Худо нигаҳ дорад.

Сукрот табассум карду гуфт:

–Агар чунон ки маро боз ёбед, ҳар куҷо хоҳед дафн кунед. Яъне ки он на ман бошам, ки қолаби ман бошад.

* * *

Ва бо мардумон дӯстӣ миёна дор ва бар дӯстон бо умед дил мабанд, ки ман дӯсти бисёр дорам. Дӯсти хосси худ бош ва аз пасу пеши худ нигар ва бар эътимоди дӯстон аз худ ғофил мабош, чӣ агар ҳазор дӯст бувад, туро аз ту дӯсттар касе набувад. Дӯстро ба фарохиву тангӣ озмой, ба фарохӣ ба ҳурмат ва ба тангӣ ба суд. Ва дӯсте, ки душмани туро душман надорад, вайро ҷуз ошно махон, чӣ он кас ошно бувад, на дӯст.

Ва бо дӯстон дар вақти гила чунон бош, ки дар вақти хушнудӣ. Ва бар ин ҷумла дӯст онро дон, ки туро дӯст дорад. Ва дӯстро ба дӯстии чизе маёмӯз, ки агар вақте душман шавад, туро зиён дорад ва пушаймонӣ суд накунад. Ва агар дарвеш бошӣ, дӯсти тавонгар маталаб, ки дарвешро кас дӯст надорад, хосса, тавонгарон. Дӯст ба дараҷаи хеш гузин ва агар тавонгар бошӣ ва дӯсти тавонгар дорӣ, раво бошад.

Аммо дар дӯстӣ мардумонро дил устувор дор, то корҳои ту устувор бувад. Ва агар дӯсте на ба бихрадӣ дил аз ту бардорад, ба бозовардани ӯ машғул мабош, ки наарзад. Ва аз дӯсти томеъ дур бош, ки дӯстии вай бо ту ба тамаъ бошад на ба ҳақиқат. Ва бо мардуми ҳақуд* ҳаргиз дӯстӣ макун, ки мардуми ҳақуд дӯстиро нашоянд, аз он ки ҳиқд ҳаргиз аз дили ҳақуд берун наравад ва чун ҳамеша озурдаву кинавар бошад, дӯстии ту дар дили вай маҳкам набошад ва бар вай эътимод набувад. Чун ҳоли дӯст гирифтан бидонистӣ, огоҳ бош аз кору аз ҳоли душман, андеша кун дар ин маънӣ.

---

* Ҳақуд – кинадор.

## БОБИ БИСТУ НУҲУМ
## АНДАР АНДЕША КАРДАН АЗ ДУШМАН

Аммо ҷаҳд кун, эй писар, то душман наяндӯзӣ. Пас агар душманат бошад, матарс ва дилтанг машав, ки ҳар киро, ки душман набувад, душманком бувад. Валекин дар ниҳону ошкор аз кори душман ғофил мабош ва аз бад кардани ӯ маёсой. Доим дар тадбиру макри ӯ бош ва ҳеҷ вақт аз ҳилаи ӯ эмин мабош ва аз ҳоли вай худро рӯйпӯшида ҳамедор, то дари балову офату ғафлат бар худ баста бошӣ. То рӯйи кор набошад бо душман душманӣ пайдо макун ва хештан ба душман чунон намой, ки агарчи афтода бошӣ, бо вай хештанро аз афтодагон манамой. Ба кирдори неку ба гуфтори хуш дил дар душман мабанд. Агар аз душман шакар ёбӣ, онро бегумон шаранге* шумор.

**Шеър:**

*Узве зи ту гар дӯст шавад бо душман,*
*Душман ду шумор, теғ ду каш, захм ду зан.*

Ва аз душмани қавӣ ҳамеша бар ноэминӣ бош ва тарсон, ки аз ду кас бибояд тарсид: яке аз душмани қавӣ ва дигар аз ёри ғаддор. Ва душмани хурдро хор мадор ва бо душмани заиф ҳамчунин душманӣ кун, ки бо душмани қавӣ ва магӯ, ки ӯ хурд аст.

### ҲИКОЯТ

Чунон шунидам, ки дар Хуросон айёре буд сахт муҳташам ва некмард ва маъруф Муҳаллаб ном. Гӯянд, ки

---

*Шаранг – заҳр.

рӯзе аз маҳал лат мерафт. Андар роҳ пой бар пӯсти харбуза ниҳод, пояш билағзиду бияфтод. Корд баркашид ва харбузапӯстро пора-пора кард. Чокарон ӯро гуфтанд:

– Эй хоҷа, ту марде бад-ин муҳташамиву айёрӣ, ки ҳастӣ, шарм надорӣ, ки пӯсти харбузаро ба корд мезанӣ?

Муҳаллаб гуфт:

– Маро пӯсти харбуза афканд. Ман киро ба корд занам? Он чи маро афканд, душман ӯ буд ва душманро хор нашояд дошт. Агарчи ҳақир душмане бувад, ки ҳар кӣ душманро хор дорад, зуд хор гардад.

* * *

Пас душман дар тадбири ҳалоки душман бошад. Аз он пештар, ки ӯ тадбири ҳалок кунад, ту тадбири кори хеш ҳамекун ва худро аз ӯ дар ҳифз медор ва тадоруки[*] кори хеш ҳамекун.

Аммо бо ҳар кас, ки душманӣ кунӣ, чун бар вай чира шавӣ, пайваста он душмани худро манакӯҳ[**] ва ба оҷизӣ ба мардум манамой, ки он гоҳ туро фахре набошад, ки бар оҷизе ва накуҳида чира шуда бошӣ. Ва агар ӯ бар ту чира шавад, туро азобу ори азим бошад, ки аз оҷизе ва накуҳидае афтода бошӣ. Набинӣ, ки чун подшоҳе фатҳе кунад, агарчи подшоҳро хасм на кас буда бошад, шоирон чун фатҳнома гӯянд ва котибон чун фатҳнома нависанд, аввал хасмро қодире тамом хонанд ва он лашкарро биситоянд ва бисёр саворону пиёдагонро ба шеру аждаҳо монанда кунанд ва масофи лашкари вай чун он чӣ сазад ва солорони лашкари вай чандон ки битавонанд, биситоянд. Он гаҳ гӯянд, лашкаре бад-ин азимӣ, чун худованди фалон бо лашкари мансури хеш бирасид, ҳазимат кард ва пушт гардонид, то бузургии мамдӯҳи хеш гуфта бошанд ва қуввати лашкари хеш намуда, ки агар он қавми мунҳазимро ва он подшоҳро ба оҷизӣ ва накуҳидан мансуб кунанд, ин подшоҳи музаффарро пас номеву ифтихоре набошад бар шикастани заифеву оҷизе на дар фатҳнома ва на дар шеърҳои фатҳ.

---

[*] Тадорук – чора.

[**] Манакӯҳ – таъна накун.

## ҲИКОЯТ

Шунидам, эй писар, ки вақте дар шаҳри Рай пиразане буд ӯро Сайида гуфтандӣ маликзода ва афифа ва зоҳида ва духтари амми модари ман буд ва зани Фахруддавла буд. Ва чун Фахруддавла фармон ёфт, ӯро писаре монд хурд. Маҷдуддавла лақаб ниҳоданд ва номи подшоҳӣ бар вай афканданд. Подшоҳӣ модараш меронд. Чун Маҷдуддавла бузург шуд, нохалаф омад ва шоистаи подшоҳӣ набуд. Ва вай дар хона бо канизакон машғул будӣ ва модараш ба Раю Исфаҳон ва Кӯҳистон сиву нуҳ сол подшоҳӣ кард.

Мақсуди ман аз ин ҳикоят он аст, ки ҷадди ту Султон Маҳмуд бад-ӯ расул фиристод ва гуфт:

– Бояд, ки хутбаву сикка ба номи ман кунӣ ва хироҷ бипазирӣ, вагарна ман биёям ва Райро биситонам ва туро нест гардонам.

Чун расул биёмад ва пайғом бигузорид. Сайида гуфт:

– Бигӯй Султон Маҳмудро, то шӯи ман Фахруддавла зинда буд, маро ин андеша ҳамебуд, ки магар туро ин рой афтад ва қасди Рай кунӣ. Чун вай фармон ёфт* ва шуғл ба ман афтод, ин андеша аз дили ман бархост. Гуфтам, ки Султон Маҳмуд подшоҳе одил аст. Донад, ки чун ӯ маликеро ба ҷанги зане набояд омадан, ки шер ҳам нар бувад ва ҳам мода. Акнун агар биёӣ, Худой огоҳ аст, ки ман нахоҳам гурехт ва ҷангро истодаам, аз баҳри он ки аз ду ваҷҳ берун набувад. Аз ду лашкар яке шикаста шавад. Агар ман туро бишканам, ба ҳама ҳол ба ҳама олам нома нависам, ки султонеро шикастам, ки сад подшоҳро шикастааст. Ва агар ту маро бишканӣ, чӣ тавонӣ навишт? Гӯйӣ, ки занеро шикастам, туро на фатҳнома расад ва на шеъри фатҳ, ки шикастани зане бас фатҳе набошад.

Бад-ин як сухан то вай зинда буд, Султон Маҳмуд қасди Рай накард.

---

* Фармон ёфт – мурд.

* * *

Ва аз ин гуфтам, ки душмани худро бисёр манакӯҳ ва дигар аз душман ба ҳеҷ ҳол эмин мабош, хосса аз душмани хона. Ва бештар аз душмани хона тарс, ки бегонаро он дидор наяфтад дар кори ту, ки ӯро. Чун аз ту тарсида гашт, дили вай ҳаргиз аз бад андешидани ту холӣ набошад ва бар аҳволи ту мутталеъ бошад. Ва душмани берунӣ он надонад, ки хонагӣ. Пас бо ҳеҷ душман дӯстии якдил макун, валекин дӯсти маҷозӣ ҳамебош, магар он маҷозӣ ҳақиқӣ шавад, ки аз душманӣ дӯстӣ бисёр хезад ва аз дӯстӣ душманӣ бисёр хезад ва он дӯстиву душманӣ, ки чунин хезад, сахттар бошад. Ва наздикӣ бо душманон аз бечорагӣ дон ва душманро чунон газой, ки аз он газанд бар ту ранҷ нарасад. Ва ҷаҳд кун, ки дӯстонат азъофи[**] душманон бошанд. Бисёрдӯсти камдушман бош. Ва низ ба умеди ҳазор дӯст яке душман макун. Ва бидон, ки он ҳазор дӯст аз нигоҳ доштани ту ғофил бошанд ва он як душман аз бад сиголидани ту ғофил набошад. Ва бардоштани сарду гарми мардумон ор бин, ки ҳар кӣ микдори хеш надонад, андар мардумии ӯ нуқсон бувад.

Ва бо душмане, ки қавитар аз ту бувад, оғози душманӣ макун ва онро, ки заифтар аз ту бувад, аз душворӣ намудан маёсой. Валекин агар душмане аз ту зинҳор хоҳад агарчи сахт душман бошад ва бо ту бадкирдор бувад, ӯро зинҳор деҳ ва он ғанимате бузург шинос, ки гуфтаанд:

«Душман чӣ мурдаву чӣ гурехта ва чӣ аз зинҳоро мада». Валекин чун забун ёбӣ, якборагӣ низ манишин.

Ва агар душман бар дасти ту ҳалок шавад, раво бувад, агар шодӣ кунӣ. Аммо агар ба марги хеш бимирад, бас шодмона мабош. Он гаҳ шодӣ кун, ки ту ба ҳақиқат донӣ, ки нахоҳӣ мурд. Ҳарчанд ҳакимон гуфтаанд, ки «Ҳар кӣ ба як нафас аз паси душман мирад, он маргро ба ғанимат бояд дошт». Аммо чун донем, ки ҳама бихоҳем мурд, шодмона набояд буд. Чунон ки дар дубайтӣ ман гӯям:

---

[**] Азъоф – дучанд.

**Шеър:**

*Гар марг бароварад зи бадхоҳи ту дуд,*
*З-он дуд чунин шод чаро гаштӣ зуд?*
*Чун марг туро низ бихоҳад фарсуд,*
*Бар марги касе чӣ шодмон бояд буд?*

Ҳама бар басиҷи сафарем ва тӯшаи сафар ҷуз кирдори нек ҳеҷ чиз бо хеш нашояд бурд.

## ҲИКОЯТ

Чунин шунидам, ки Зулқарнайн[86] гирди олам бигашт ва ҳама ҷаҳонро мусаххари хеш гардонид ва бозгашту қасди хона намуд. Чун ба Домғон расид, фармон ёфт. Дар васият гуфт: «Маро дар тобуте ниҳед ва тобутро сӯрох кунед ва дастҳои маро аз он сӯрох берун кунед кафкушода ва ҳамчунон баред, то мардумон ҳамебинанд, ки агарчи ҳама ҷаҳон бистудем, дасттиҳӣ ҳамеравем». Дигар гуфт: «Модари маро бигӯед, ки агар хоҳӣ, ки равони ман аз ту шодмона бошад, ғами ман бо касе хӯр, ки ӯро азизе намурда бошад ё бо касе, ки ӯ нахоҳад мурд».

* * *

Ва ҳар касеро, ки ба даст бияндозӣ, ба пой ҳамегир, аз он ки расан агар ба ҳадду андоза тобӣ, дар якдигар ҳамепайвандад ва чун бисёр тобӣ ва аз ҳад берун барӣ, аз ҳам бигсилад. Пас андозаи ҳама корҳо нигоҳ дор хоҳ дар дӯстӣ, хоҳ дар душманӣ, ки эътидол ҷузвест аз ақли кул.

Ва ҷаҳд кун, то дар кори ҳосидони хеш аз бинамудан бад-эшон аз чизҳое, ки эшонро бад-он хашм ояд, то ҳамегудозанд. Ва бар бадсиголони хеш бадсигол бош, валекин бо афзунҷӯён мачах* ва тағофул кун андар кори

* Мачах – ситеза накун.

эшон, ки он афзунӣ ҷустан худи эшонро афканад, ки ҳамвора сабӯй аз об дуруст наёяд.

Ва бо сафеҳону ҷангҷӯён бурдборӣ кун. Валекин бо гарданкашон гарданкашон бош. Ва ҳамеша дар ҳар коре, ки бошӣ, аз тариқи мардумӣ бозмагард. Ва ба вақти хашм бар хештан воҷиб кун хашм фурӯ хӯрдан. Ва бо дӯсту душман гуфтор оҳиста дор ва бо оҳистагӣ чарбгӯй бош, ки чарбгӯйӣ[**] дуюми ҷодуист. Ва ҳар чӣ бигӯӣ аз неку бад, ҷавоб чашм дор ва ҳар чӣ нахоҳӣ, ки бишнавӣ, мардумонро машунавон ва ҳар чӣ аз пеши мардум натавонӣ гуфт, аз паси мардум магӯй. Ва бар хира мардумонро таҳдид макун ва лоф мазан бар кори нокарда. Магӯй, ки «чунин кунам», балки бигӯй, ки «чун кардам». Чунон ки ман гӯям:

**Шеър:**

*Аз дил, санамо, меҳри ту берун кардам*
*В-он кӯҳи ғами туро чу ҳомун кардам.*
*Имрӯз нагӯямат, ки чун хоҳам кард,*
*Фардо донӣ, ки гӯямат чун кардам.*

Ва кирдор беш аз гуфтор шинос. Аммо забони хеш бар он кас баста дор, ки агар хоҳад забони хеш бар ту битавонад кушод. Ва ҳаргиз дурӯйӣ макун ва аз мардуми дурӯй дур бош. Ва аз аждаҳои ҳафтсар матарсу аз мардуми суханчин битарс, ки ҳар чӣ ӯ ба соате бишикофад, ба соле натавон дӯхт.

Ва ҳарчанд бузурге муҳташам бошӣ, бо касе, ки аз ту фурӯтар бувад, пайкор макун. Чунон ки он ҳаким гӯяд.

[**] Чарбгӯйӣ – хушзабонӣ.

## ҲИКОЯТ

«Даҳ хислат пеша кун то аз бало раста бошӣ:

Бо касе, ки қавитар аз ту бувад, пайкор макун. Ва бо касе, ки тунд бувад, лаҷоҷ макун ва бо касе, ки ҳасуд бувад, муҷоласат макун ва бо нодон мунозара макун ва бо мардуми муроӣ* дӯстӣ макун ва бо дурӯғзанон муомала макун ва бо бахилон суҳбат макун ва бо касе, ки муарбиду ғаюр бувад, шароб махӯр ва ба занон бисёр нишасту хост макун ва сирри хеш бо касе магӯй, ки оби бузургиву ҳашмати хеш бибарӣ».

Ва агар касе бар ту чизе айб гирад, он айб ба ҷаҳд аз худ дур кун. Ва ҳеҷ касро чандон маситой, ки агар вақте бибояд накуҳидан, натавонӣ ва чандон манакӯҳ, ки агар вақте бибояд сутуд, натавонӣ. Ва ҳар киро бе ту кор бараояд, аз хашму гилаи хеш матарсон, ки ҳар кӣ аз ту мустағнӣ бувад, аз хашму гилаи ту натарсад. Ӯро битарсонӣ ҳиҷои хеш карда бошӣ. Ва ҳар киро бе ту кор барнаёяд, якбора забун магир ва бар вай чира машав ва хашми дигарон бар вай марез ва агарчи гуноҳе бузург бикунад, даргузар. Ва бар кеҳтарони хеш бе баҳона баҳона маҷӯй, то ту бар эшон обод бошӣ ва эшон аз ту нуфур нашаванд. Ва кеҳтаронро ободон дор, ки кеҳтарон зиёи* туанд. Агар зиёи хешро ободон дорӣ, кори ту сохта бошад ва агар зиёъро вайрон дорӣ, бебаргу бенаво бошӣ.

Ва чокарони фармонбардор дор. Ва чун шуғле фармоӣ, ду касро мафармой, то халал аз шуғлу фармони ту дур бувад, ки гуфтаанд, ки «Дег ба ду тан ба ҷӯш наёяд». Чунон ки қоил гуфтааст:

**Назм:**

*Ба яке шуғл ду касро мафирист, аз пайи он-к*
*Ба ду кадбону норӯфта монад хона.*

Ва дар масал омадааст ба тозӣ:

---

* Муроӣ – дурӯя, риёкор.
* Зиёъ – ҷамъи зайъат, киштзорҳо.

**Масал:**

*«Мин касрати-л-маллоҳин ғариқати-с-сафинату»*[87].

Ва агар фармонбардор бошӣ, дар он фармон шарику анбоз махоҳ, то дар он кор бо халалу тақсир набошӣ ва доим пеши Худованд сурхрӯй бошӣ. Аммо бо дӯсту душман карим бош ва андар гуноҳи мардум сахт машӯр ва ҳар суханеро бар ангушт мапеч[88] ва ба ҳар ҳаққу ботил дарди уқубати мардум мабанд ва тариқи карам нигоҳ дор, то ба ҳар забоне сутуда бошӣ.

## БОБИ СИЮМ
## АНДАР ОИНИ УҚУБАТ КАРДАН ВА АФВ КАРДАН

Эй писар, ба ҳар гуноҳе мардумро муставҷиби уқубат мадон ва агар касе гуноҳе кунад, аз хештан дар дил узри гуноҳи ӯ бихоҳ, ки вай низ одамист ва нахустин гуноҳе аз Одам[89] дар вуҷуд омад, ки падари мо буд. Чунон ки ман гӯям:

**Шеър:**

*Гар ман рӯзе аз хидматат гаштам фард,*
*Сад бор дилам аз он пушаймонӣ х(в)ард.*
*Ҷоно, ба яке гунаҳ аз банда магард,*
*Ман одамиям, гунаҳ нахуст Одам кард.*

Ва бар хира уқубат макун то бегуноҳ сазои уқубат нагардӣ. Ва ба ҳар чизе хашмнок машав. Дар вақти зуҷрат хашм фурӯ хӯрдан одат кун. Чун ба гуноҳе аз ту авф хоҳанд, авф кун ва бар хештан воҷиб дон, агарчи сахт гуноҳе бувад, ки банда агар гуноҳкор набошад, авфи Худованд пайдо наёяд

ва чун мукофоти гунохе карда бошӣ, фазли ту он гоҳ куҷо бошад? Ва чун авф кардан воҷиб донӣ, аз шарафу бузургӣ холӣ набошӣ. Ва чун авф кардӣ, дигар ӯро сарзаниш макун ва аз он гуноҳ ёд маор, ки он гаҳ ҳамчунон бошад, ки он авф накарда бошӣ. Аммо ту гуноҳе накун, ки туро узр бояд хостан. Пас агар иттифоқ афтад, ки туро аз касе узр бояд хостан, аз узр хостан нанг мадор, то ситеза мунқатеъ шавад.

Аммо агар касе гуноҳе кунад, ки муставҷиби уқубат бувад, ҳадди гуноҳи ӯ бинигар ва андархури гуноҳи ӯ уқубат фармой, ки худовандони инсоф чунин гуфтаанд, ки «Уқубат сазои гуноҳ бояд кард». Аммо ман чунин гӯям, ки «Агар касе гуноҳе кунад, ки бад-он гуноҳ муставҷиби уқубат шавад, ту ба сазои он гуноҳ ӯро уқубат кун, то тариқи ҳилму караму раҳмат фаромӯш накарда бошӣ». Чунон бояд, ки дираме гуноҳро ним дирам уқубат кунӣ, то ҳам расми сиёсат ба ҷой оварда бошӣ ва ҳам шарти карам нигаҳ дошта бошӣ, то ҳам аз каримон бошӣ ва ҳам аз соисон*, ки нашояд, ки каримон кори бераҳматон кунанд.

## ҲИКОЯТ

Шунидам, ки ба рӯзгори Муовия[90] қавме гуноҳе карданд, ки куштан бар эшон воҷиб буд. Муовия пеши хеш фармуд эшонро гардан задан. Дар миёна якеро пеш оварданд, ки бикушанд. Он мард гуфт:

– Ё амир, ҳар чӣ бо мо кунӣ, сазои мост ва ман бар гуноҳи худ муқаррарам. Аммо аз баҳри Ҳақ таоло аз ман ду сухан бишунав ва ҷавоб деҳ.

Муовия гуфт:

– Бигӯй.

Марди муҷрим** гуфт:

– Ҳама олам аз ҳилму карами ту ҳамегӯянд ва агар ин

---

* Соисон – сиёсатмадорон.

** Муҷрим – гунаҳгор.

гуноҳ дар пеши подшоҳе кардаме, ки на чун ту кариму ҳалиму раҳим будӣ, он подшоҳ бо мо чӣ кардӣ?

Муовия гуфт:

– Ҳамин ки ман ҳамекунам.

Мард гуфт:

– Пас каримиву ҳалимиву раҳимии ту моро чӣ суд дорад, ки ту ҳамон кунӣ, ки он бераҳмату беҳилм?

Муовия гуфт:

–Агар ин сухан марди нахустин гуфта будӣ, ҳамаро авф кардаме. Акнун, ки инҳо мондаанд, авф кунед.

* * *

Пас чун мучриме авф хоҳад, иҷобат кун ва ҳеҷ гуноҳе мадон, ки он ба узр наярзад.

## ФАСЛ

Ва агар ҳоҷатмандеро ба ту ҳоҷат афтад аз мумкинот, ки... дар муҳиммоти дунёӣ халале набувад, аз баҳри мояи дунё дили он ниёзманд бозмазан ва он касро ба қазои ҳоҷат бозмагардон ва занни* он ҳоҷатманд дар хештан дурӯғ макун, ки он мард то дар ту гумони неку набарад, аз ту ҳоҷат нахоҳад. Ва низ он мустаманд дар вақти ҳоҷат хостан асири ту бувад ва гуфтаанд, ки «Ҳоҷатмандӣ дувуми асирист». Ва бар асирон раҳмат бояд кард, ки асир куштан сутуда нест, балки накуҳида аст. Пас дар ин маънӣ тақсир раво мадор, то маҳмадати** дуҷаҳонӣ биёбӣ.

## ФАСЛ

Ва агар туро ба касе ҳоҷат бувад, бинигар, ки он мард карим аст ё лаим. Агар марди карим бошад, ҳоҷат бихоҳ, аммо фурсат нигоҳ дор, ба вақте ки дилтанг бошад, ҳоҷат

* Занн – гумон, пиндошт.

** Маҳмадат – ситоиш, таъриф.

махоҳ. Ва чун ҳоҷат хоҳӣ, аз мумкинот хоҳ то ба иҷобат мақрун бувад ва навмед нагардӣ. Ва низ пеш аз таом бар гуруснагӣ ҳоҷат махоҳ. Ва дар ҳоҷат хостан сухани неку бияндеш ва биншину қоидаи неку фурӯ неҳ ва он гоҳ махласи сухан бад-он ҷой расон, ки ҳоҷати ту берун ояд. Ва андар сухан гуфтан талаттуф бисёр намо, ки талаттуф дар ҳоҷат хостан дувумин шафеист, ки агар ҳоҷат бидонӣ хостан, бе қазои ҳоҷат featбознагардӣ ва ҳоҷати ту раво шавад. Чунон ки ман гӯям:

**Шеър:**

*Эй дил хоҳӣ, ки бар дилором расӣ,*
*Бе теморе бад-он маҳи том расӣ.*
*Боре ба муроди ӯ бизӣ, эй дил, аз он-к*
*Гар донӣ хостӣ кома дар ком расӣ.*

Ва ба ҳар кӣ муҳтоҷ бошӣ, хештан чун чокару бандаи ӯ соз. Чун иҷобат ёбӣ, ки ба ҳар ҷое шукр кун... Шукр кардан ба ҳоҷати нахустин умеди иҷобати ҳоҷати дувумин бувад. Ва агар ҳоҷати ту раво накунад, аз бахти хеш бин ва аз он кас гила макун, ки агар вай аз гила кардани ту бок доштӣ, худ ҳоҷати ту раво кардӣ.

Пас агар марди бахилу лаим бошад, ба ҳушёрӣ аз ӯ ҳеҷ аз гила кардани ту бок доштӣ, худ ҳоҷати ту раво кардӣ.

Пас агар марди бахилу лаим бошад, ба ҳушёрӣ аз ӯ ҳеҷ чиз махоҳ. Ба вақти мастӣ хоҳ, ки бахилону лаимон ба вақти масти сахӣ бошанд ва карам намоянд ва агарчи рӯзи дигар пушаймон шаванд.

Ва агар ҳоҷат ба лаиме афтад, хештанро ба ҷойи раҳмат дон, ки гуфтаанд: **«Се тан ба ҷойи раҳматанд: хирадманде, ки зердасти бехираде бувад ва қавие, ки заиф бар вай муставлӣ* бувад ва кариме, ки муҳтоҷи лаиме бувад»**.

---

* Муставлӣ – ғолиб.

Ва бидон, эй писар, ки чун ин суханҳо, ки дар муқаддима гуфтам, бипардохтам, аз ҳар навъе фасле гуфтам бар муҷиби тоқати хеш, хостам, ки доди сухан тамом бидиҳам, аз пешаҳо низ ёд кунам, то он низ бихониву бидонӣ, ки магарат бад-он ҳоҷат афтад.

Ва агар илми аввалину охирин ман донистаме туро биёмӯхтаме ва то ба вақти марг беғамтар аз ин ҷаҳон бирафтаме. Валекин чӣ кунам, ки ман худ дар дониш пиёдаам ва агар низ чизе донам, гуфтори ман чӣ фоида кунад, ки ту аз ман ҳамчунон шунавӣ, ки ман аз падари хеш шунидам. Пас туро ҷойи маломат нест, ки ман дод аз хештан бидиҳам, то ба довар ҳоҷат набошад. Аммо агар ту шунавӣ ва агар на да ҳар пешае сухане чанд бигӯям, то дар сухан бахилӣ накарда бошам, ки он чӣ маро табъ даст дод, бигуфтам.

## БОБИ СИВУ ЯКУМ
## АНДАР ТОЛИБИЛМӢ ВА ФАҚЕҲӢ

Бидон, эй писар, ки дар аввали сухан гуфтам, ки аз пешаҳо низ ёд кунам. Ғараз аз пеша на дукондорист, балки ҳар коре, ки мардум бар даст гиранд, он чун пеша бошад. Аммо бояд, ки он корро нек бидонад, то аз он бар тавонад хӯрдан.

Акнун чунон ки ман ҳамебинам, ҳеҷ пешаву коре нест, ки одамӣ он биҷӯяд, ки он пешаро аз достону низоми ростӣ мустағнӣ донӣ, илло, ки ҳамаро тартиб донистан бояд. Ва пеша бисёр аст. Ҳар якеро ҷудо шарҳ кардан мумкин нашавад, қисса дароз гардад ва китоби ман аз ниҳоду асл бишавад. Валекин аз ҳар сифат, ки ҳаст, аз се ваҷҳ аст: ё илмест, ки тааллуқ ба пеша дорад ё пешаест, ки тааллуқ ба илм дорад, ё худ пешаест нас* ба сари худ.

* Нас(с) – ба маънии аслии сухан, равшан.

Аммо илме, ки тааллуқ ба пеша дорад чун табибиву мунаҷҷимӣ[**] ва муҳандисиву массоҳӣ[***] ва шоириву монанди ин. Ва пешае, ки тааллуқ ба илм дорад чун хунёгариву байторӣ ва банноиву[****] корезканӣ ва монанди ин. Ва ин ҳар якеро сомонест, ки агар ту расму сомони ин надонӣ, агарчи устод бошӣ дар он боб ҳамчун асирӣ.

Пешаҳои нас худ маъруф аст, ба шарҳ ҳоҷат наафтад. Валекин ман чандон, ки сурат бандад, бигӯям ва сомони ҳар як ба ту намоям аз баҳри он ки аз ду берун набувад, ё худ туро бад-ин дониш ниёз афтад ва иттифоқи рӯзгор ва ҳаводиси замона, боре ба вақти ниёз аз асрори ҳар яке огоҳ бошӣ. Пас агар ниёзат набошад ва ҳамчунин меҳтар бошӣ, ки ҳастӣ, меҳтаронро ҳам илми пешаҳо донистан лобуд аст.

Бидон, эй писар, ки аз ҳеҷ илме барнатавонӣ хӯрд, илло охиратӣ, ки агар хоҳӣ, ки аз илми дунёӣ бархӯрӣ, натавонӣ, магар ба ҳирфае дар вай омезӣ. Чун илми шаръ, ки дар рӯзгори қазову қассом ва курсидорӣ ва музаххирӣ наравад ва нафъи дунё ба олим нарасад. Ва дар нуҷум ё тақвимгарӣ ва мавлудгарӣ ва фолгӯӣ ва оройишгарӣ ба ҷидду ҳазл дар ӯ наравад, нафъи дунё ба мунаҷҷим нарасад. Ва дар тиб то дасткорӣ ва рангомезӣ ва ҳалиладиҳӣ ба савоб ва носавоб дар вай наравад, муроди дунёии табибро ҳосил нашавад. Пас бузургвортарин илме илми дин аст, ки усули ӯ нардбони тавҳид аст ва фурӯғи ӯ аҳкоми шаръ аст ва ба ҳирфаи он нафъи дунёст.

Пас, эй писар, то тавонӣ гирди илми дин гард, то дунёву охират ба даст ояд. Аммо агар тавфиқ ёбӣ, нахуст усули дин рост кун ва он гоҳ фурӯъ, ки бе усули фурӯъ тақлид бувад.

---

[**] Мунаҷҷимӣ – ситорашиносӣ.

[***] Муҳандисиву массоҳӣ – нақшакашиву андозакунӣ.

[****] Банноӣ – бинокорӣ.

## ФАСЛ

Пас агар аз пешаҳо, ки гуфтам, толиби илм бошӣ, парҳезгор ва қонеъ бош ва илмдӯст ва дунёдушман ва бурдбор ва сабукрӯҳ ва дерхоб ва зудхез ва ҳарис ба китобату диросат ва мутавозеъ ва номалӯл аз кор ва ҳофиз ва мукаррари* калом ва мутаваҳҳиси сияру мутаҷассиси асрор[91] ва олимдӯсту мутақарриб ва боҳурмат ва дар омӯхтан ҳарису бешарм ва ҳақшиноси устоди худ.

Ва бояд, ки китобҳо ва аҷзо ва қаламу қаламдон ва меҳбара** ва корди қаламтарош ва монанди ин чизҳо ҳамеша бо ту бошад ва ҷуз ин дили ту ба чизе баста набувад. Ва ҳар чӣ бишнавӣ, ёд гирифтан ва бозгуфтан. Ва камсухану дурандеш бош ва ба тақлид розӣ мабош, ки ҳар толибилме, ки бад-ин сират бувад, зуд ягонаи рӯзгор гардад.

## ФАСЛ

Ва агар олиме муфтӣ* бошӣ, бодиёнат бош ва бисёрҳифзу бисёрдарс ва дар ибодату намоз ва рӯза таҷовуз макун ва дурӯя мабош ва поктану покҷома бош ва ҳозирҷавоб ва ҳеҷ масъаларо то наяндешӣ, ба зудӣ ҷавоб мадеҳ. Ва бе ҳуҷҷате ба тақлиди хеш қонеъ мабош ва ба тақлиди кас кор макун ва ройи худро олӣ дон ва бар ваъҳайну қавлайн қаноат макун. Ва ҷуз бар хатти муътамадон эътимод макун, ҳар китоберову ҳар ҷузверо муқаддам мадор.

Агар ривояте шунавӣ, ба ровиёни сухан андар нигар. Сухани маҷҳул** аз ровии маъруф машунав. Ва бар хабари

* Мукаррар – такроркунанда.
** Меҳбара – сиёҳидон, давот.
* Муфтӣ – фатводиҳанда.
** Маҷҳул – беэътибор, номаълум.

оҳод[92] эътимод макун, магар аз ровиёни муътамад. Ва аз хабари мутавотир[93] магурез ва муҷтаҳид бош. Ва ба таассуб сухан магӯй. Ва агар мунозара кунӣ, ба хасм нигар, агар қуввати ӯ дорӣ ва хоҳӣ, ки сухан басит гардад, мудохала кун ба масъалаҳо вагарна суханро мавқуф гардон ва ба як мисол қаноат кун. Ва ба як ҳуҷҷат тарду акс[94] ба ҳам магӯй, нахустинро нигаҳ дор, то сухани пасин табоҳ накунад. Ва агар мунозараи фуқаҳо бувад, ибтидо хабарро муқаддам дор ва хабарро бар қиёсу мумкинот гӯй ва дар мунозараи усулӣ муҷиботу номуҷибот ва номумкинот ба ҳам айб набувад.

Ва ҷаҳд кун, то ғараз маълум кунӣ. Ва сухан бо зинат гӯй, думбурида магӯй ва низ думдарозу бемаънӣ магӯй.

## ФАСЛ

Пас, эй писар, агар музаккир*** бошӣ, ҳофиз бош ва ёд бисёр дор ва ҳаргиз бар забари курсӣ**** ҷадал макун ва мунозара макун, илло, ки донӣ, ки хасм заиф аст. Ва бар сари курсӣ ба ҳар чӣ хоҳӣ, даъвӣ макун ва агар соил бошад, бок набувад. Ва ту забонро фасеҳ дор ва чунон дон, ки маҷлисиёни ту баҳоиманд. Чунон ки хоҳӣ, ҳамегӯй, то ба сухан дарнамонӣ. Валекин тану ҷома пок дор ва муридони наъразан ба даст ор, чунон ки дар маҷлис пайваста нишаста бошанд то ба ҳар нукта, ки ту бигӯӣ, эшон наъра зананд ва маҷлис гарм кунанд. Ва чун мардум бигирянд, ту низ вақт-вақт ҳамегирӣ.

Ва агар ба сухане дармонӣ, бок мадор, ба салавот таҳлил ва гармсуханӣ ҳамегузарон. Ва бар сари курсӣ гаронҷону туршрӯй мабош, ки он гаҳ маҷлиси ту низ ҳамчун ту гарон бувад, аз баҳри он ки гуфтаанд: «Куллу шаъйин мина-с-сақили сақилун»[95].

*** Музаккир – шайх, вирдкунанда.
**** Забари курсӣ – сари минбар.

Ва мутаҳаррик* бош андар сухан ва дар миёни гармӣ зуд суст машав. Ва модом мустамеъро нигар. Агар мустамеъ нукта хоҳад, нукта гӯй ва агар фасона хоҳад, фасона гӯй. Ва ҳар чӣ он харидори он бошанд, он гӯй ва чун қабул афтод, бок мадор. Ва бадтарин сухане ба беҳтарин чизе ҳамефурӯш, ки ба вақти қабул бихаранд. Лекин андар қабул доим бо тарс бош, ки хасми музаккир аз дари қабул падид ояд. Ва ҷое, ки қабул маёбӣ, қарор магир. Ва ҳар саволе, ки аз ту пурсанд, онро, ки донӣ, ҷавоб деҳ ва онро, ки надонӣ, бигӯй, ки чунин масъала на сари курсиро бувад. Ва хона ой, то ба хона ҷавоб диҳам, ки худ касе ба хона наёяд бад-он сабаб.

Ва агар тааммуд** кунанд ва бисёр нависанд, руқъаро бидару бигӯй, ки ин масъалаи мулҳидон аст ва зиндиқиён*** аст. Соили ин масъала зиндиқист.

Ҳама бигӯянд, ки лаънат бар мулҳидон бод ва зиндиқиён, ки дигар он масъала аз ту касе наёрад пурсидан.

Ва сухане, ки дар маҷлис гуфтӣ, ҳифз дор, ки чӣ гуфтӣ, ки то бад-он авқот дигарбора онро такрор накунӣ. Ҳар вақт тозарӯй бош.

Ва дар шаҳрҳо бисёр манишин, ки музаккирону фолгӯёнро рӯзӣ андар пой бувад ва қабул дар рӯйтозагӣ.

Ва номуси музаккирӣ нигоҳ дор. Ҳамеша ҷомаву тан пок дор ва зоҳиру ботин ба муомалаи шаръӣ ороста дор... Ва чарбзабон бош. Ва дар бозор дар миёни ом бисёр магард, то ба чашми ом азиз бошӣ. Ва аз қарини бад парҳез кун ва адаби курсӣ нигоҳ дор ва ин шарт ҷойи дигар ёд кардаам. Ва аз такаббуру дурӯғ ва ришват дур бош. Ва халқро он фармой кардан, ки худ кунӣ, то олиме мунсиф бошӣ.

Ва илмро неку бидон ва он чӣ бидонистӣ, ба некутарин иборате ба кор дор, то хиҷил набошӣ ба даъвӣ кардани

---

* Мутаҳаррик – серҳаракат, бо ҷӯшу хурӯш.

** Тааммуд – қасд.

*** Мулҳидон, зиндиқиён – бединон.

бемаънӣ. Ва дар сухан гуфтану мавъиза* додан ҳар чӣ бо хавфу риҷо** гӯй, якбора халқро аз раҳмати Худои таоло навмед макун ва низ якбора бетоат ҳеҷ касро ба биҳишт мафирист. Бештар он гӯй, ки бар он моҳир бошӣ ва нек маълуми ту гашта бошад, то дар сухан даъвии беҳуҷҷат накарда бошӣ, ки оқибати даъвии беҳуҷҷат шармсорӣ бувад.

## ФАСЛ

Пас, агар аз донишмандӣ ба дараҷаи бузургтар афтӣ ва қозӣ шавӣ, чун қозиён ҳамулу оҳиста бош ва зираку тезфаҳм, соҳибтадбиру пешбин ва мардумшиносу соҳибсиёсат ва доно ба илми дин ва шиносандаи тариқаҳои ҳар гурӯҳ ва аз эҳтиёли ҳар гурӯҳ ва тартиби ҳар мазҳабеву ҳар қавме огоҳ бош.

Ва бояд, ки ҳияли қузот туро маълум бошад, то агар вақте мазлуме ба ҳукм ояд ва ӯро гувоҳ набошад ва бар вай зулме меравад ва ҳаққе аз они вай бихоҳад рафтан, он мазлумро фарёд расӣ ва ба ҳилаву тадбир он мустаҳиқро ба ҳаққи хеш расонӣ.

## ҲИКОЯТ

Чунон ки ба Табаристон қозиюлқузот Абулаббос Рӯёнӣ буд. Марде буд машҳур ва боилму вараъ ва пешбину ботадбир. Вақте марде ба маҷлиси ӯ омад ва бар шахсе сад динор даъво кард. Қозӣ аз он хасм пурсид. Он мард инкор кард. Қозӣ ин муддаиро гуфт:

– Гувоҳ дорӣ?

Гуфт:

– Надорам.

---

* Мавъиза – панд.

** Хавфу риҷо – биму умед (яъне – бими азобу умеди растагорӣ).

Қозӣ гуфт:

– Пас, вайро савганд диҳам.

Муддаӣ бигрист зор-зору гуфт:

– Эй қозӣ, зинҳор, вайро савганд мадеҳ, ки вай бар савганди дурӯғ хӯрдан далер шудааст ва бок надорад.

Қозӣ гуфт:

– Ман аз шариат берун натавонам шуд. Ё туро гувоҳ бояд, ё вайро савганд расад.

Мард дар пеши қозӣ дар хок ҳамеғалтиду ҳамегуфт:

– Зинҳор, эй қозӣ, маро гувоҳ нест ва вай савганд ба дурӯғ бихӯрад ва ман мазлум бимонам. Зинҳор ба гардани ту, тадбир бикун.

Қозӣ чун зории мард бидид, бидонист, ки рост ҳамегӯяд. Гуфт:

– Эй хоҷа, вом додани ту ӯро чӣ гуна будааст?

Аз асли кор маро бозгӯй, то бидонам, ки ин кор чун рафтааст?

Ин мазлум гуфт:

– Зиндагонии қозӣ дароз бод. Ин марде буд чандсола дӯсти ман. Иттифоқ афтод, ки бар парасторе ошиқ шуд. Қимати вай саду панҷоҳ динор ва мояи ин мард кам аз саду панҷоҳ динор буд. Ва ҳеҷ ваҷҳе намедонист. Шабу рӯз чун шефтагон ҳамегаштӣ ва ҳамегиристиву зорӣ ҳамекардӣ. Рӯзе ба тамошо рафта будем.

Ману вай дар дашт танҳо ҳамегаштем. Замоне ҷое бинишастем. Ин мард бо ман сухани ин канизак ҳамегуфт ва хор ҳамегирист. Ва дили ман бар вай бисӯхт, ки бистсола дӯсти ман буд. Вайро гуфтам:

– Эй фалон, туро зар нест ба тамомӣ ва моро низ нест ва ҳеҷ кас донӣ, ки дар ин маънӣ фарёди ту нахоҳад расид. Аммо маро дар ҳама ҷаҳон сад динор аст, ба солҳои дароз ҷамъ кардаам. Ин сад динор туро диҳам ва ту боқӣ бар сар ниҳӣ ва ин канизакро бихарӣ ва як моҳ муроди хеш аз вай баргирӣ ва пас аз моҳе бифурӯшӣ ва зари ман боздиҳӣ.

Ин мард пеши ман ба хок биғалтид ва савгандон хӯрд, ки як моҳ бидорам ва пас аз он, агар ба зиён харанд, бифурӯшам ва зари ту боздиҳам.

Ман он зар аз миён бикушодам ва бад-ӯ додам.

Ман будаму ӯ ва Худои азза ва ҷалла. Акнун чаҳор моҳ баромад, на зари ман бозҳамедиҳад ва на канизак ҳамефурӯшад.

Қозӣ гуфт:

– Куҷо нишаста будӣ бад-ин вақт, ки зар бад-ӯ додӣ?

Гуфт:

– Ба зери дарахте.

Қозӣ гуфт:

– Чун ба зери дарахте будӣ, чаро мегӯйӣ, ки гувоҳ надорам?

Ин хасмро гуфт:

– Ҳамин ҷо бинишин пеши ман.

Ва муддаиро гуфт:

– Дил машғул мадор. Бираву зери он дарахт ду ракъат намоз кун ва сад бор бар пайғамбар салавот фирист. Пас он дарахтро бигӯй, ки қозӣ туро ҳамехонад. Биёву гувоҳии ман деҳ.

Хасм табассум кард. Қозӣ бидиду бар хештан пӯшида кард. Муддаӣ гуфт:

– Эй қозӣ, тарсам, ки он дарахт ба фармони ман наёяд.

Қозӣ гуфт:

– Ин муҳри ман бибару дарахтро гӯй, ки ин муҳри қозист. Ҳамегӯяд, ки биёву гувоҳӣ деҳ, чунон ки бар туст пеши ман.

Мард муҳр биситоду бирафт ва марди дигар пеши қозӣ бинишаст. Ва қозӣ ба ҳукмҳои дигар машғул шуд, худ бад-ин мард нигоҳ накард, то як бор дар миёнаи ҳукме, ки ҳамекард, рӯ сӯйи ин мард карду гуфт:

– Фалон он ҷой расида бошад ё на?

Ин мард гуфт:

– На ҳанӯз.

Қозӣ ба ҳукм машғул шуд.

Он мард муҳр ба дарахт намуду гуфт:

– Қозӣ туро ҳамехонад.

Чун замоне бинишаст, аз дарахт ҷавоб наёмад.

Ғамнок шуду бозгашт ва пеши қозӣ омаду гуфт:

– Эй қозӣ, рафтаму муҳр намудам, наёмад.

Қозӣ гуфт:

– Ғалатӣ, ки дарахт омаду гувоҳ дод. Ва рӯй ба хасм карду гуфт:

– Ҳаққи ин мард бидеҳ ё канизакро бифурӯшам ва зар ба вай диҳам.

Мард гуфт:

– Эй қозӣ, то ман ин ҷо нишастаам, ҳеҷ дарахт наёмад.

Қозӣ гуфт:

– Рост гӯйӣ, дарахт наёмад. Аммо агар ту ин зарро аз вай нагирифтаӣ, зери он дарахт, ки ман аз ту пурсидам, ки мард расида бошад бад-он дарахт ё не, чаро нагуфтӣ, ки кадом дарахт? Ман надонам, ки вай куҷо рафтааст?

Ва мардро илзом кард ва зар биситуду ба Худованди ҳақ дод.

* * *

Пас ҳама ҳукмҳо аз китоб накунанд, аз хештан низ бояд ки чунин истихроҷҳо кунанд ва тадбирҳо созанд.

Ва дигар, бояд ки дар хонаи хеш сахт мутавозеъ бошӣ. Аммо дар маҷлиси ҳукм баҳайбат нишинӣ ва туршрӯю беханда ва боҷоҳу ҳишмат бошӣ, гаронсоя ва андакгӯй ва бисёрниюш ва аз шунидани сухану ҳукм кардан, албатта, малол нашавӣ ва аз хештан зуҷрат нанамоӣ ва собир бошӣ.

Ва масъалае, ки бияфтад, ҳама эътимод бар ройи хеш макун ва аз муфтиён низ машварат хоҳ ва ройи хеш мудом равшан дор ва пайваста холӣ мабош аз дарси мазҳабу масоили мазҳаб. Ва чунон ки гуфтам, таҷрибаҳо низ ба кор дор, ки дар шариат ройи қозӣ баробари ройи шариат аст. Ва

бисёр ҳукм бувад, ки аз ройи шаръ гарон ояд, қозӣ сабук бигирад. Чун қозӣ муҷтаҳид бувад, раво бувад.

Пас, қозӣ бояд ки муҷтаҳид ва доно бувад ва фақеҳу порсо бувад ва бояд ки ба чанд вақт ҳукм накунад: яке ба гуруснагиву ташнагӣ ва аз гармоба баромада, ба вақти дилтангӣ ва андешаи дунёӣ, ки пеш ояд.

Ва вакилони ҷалд пеш дорад ва нагузорад, ки дар вақти ҳукм кас қиссаву саргузашти хеш гӯяд ва шарҳи ҳоли хеш намояд. Бар қозӣ шарти ҳукм кардан аст ва мутафаҳҳисӣ, ки бисёр тафаҳҳус бувад, ки нокарда беҳ бувад. Ва сухан кӯтоҳ кунад ва зуд ба сӯйи гувоҳу савганд кашад. Ҷое, ки донад, ки мол бисёр аст ва мардум бебоканд, таҷрибатеву таҷассусе, ки битавонад, бикунад ва ҳеҷ тақсир накунад ва саҳл нагирад. Ва мудом муаддилони некро ҳамбари худ дорад. Ва ҳукми карда ҳаргиз бознашикофад ва амри хешро қавиву маҳкам дорад. Ва ҳаргиз ба дасти хеш қаболаву* маншуре нанависад, илло, ки зарурате бувад. Ва хатти хешро азиз дорад ва сухани худро табҷил** кунад.

Ва беҳтарин ҳунаре қозиро илм асту вараъ***. Пас, агар ин саноат наварзӣ ва ин тавфиқ наёбӣ ва низ лашкарипеша набошӣ, боре тариқи тиҷорат бар даст гир, то магар аз он нафъе ёбӣ, ки ҳар чӣ аз тиҷорат ба даст орӣ, ҳалол бувад ва ба наздики ҳар касе писандидаву ситуда бувад.

---

* Қабола – васиқа, иҷозатнома.

** Табҷил – эҳтиром.

*** Вараъ – парҳезгорӣ.

## БОБИ СИВУ ДУВУМ
# АНДАР ТИҶОРАТ КАРДАН

Эй писар, бидон ва огоҳ бош, ҳарчанд бозаргонӣ пешае нест, ки онро саноате мутлақ тавон гуфт, валекин чун ба ҳақиқат бинигарӣ, русуми ӯ бар русуми пешаварон аст ва зиракон гӯянд, ки асли бозаргонӣ бар ҷаҳл ниҳодаанд ва фаръи он бар ақл. Чунон ки гуфтаанд: «Лавло-л-ҷуҳҳолу лоҳалака-р-риҷолу»[96], яъне агар на бехирадонандӣ, ҷаҳон табоҳ шудӣ. Ва мақсуд аз ин сухан он аст, ки ҳар кӣ ӯ ба тамаи фузунии як дирам аз шарқ ба ғарб шавад ва аз ғарб ба шарқ шавад, ба кӯҳу ба дарё ва тану хостаро бар мухотара ниҳад, аз дузду саълук ва ҳайвони мардумхӯр ва ноэминии роҳ бок надорад, аз баҳри мардумони ғарб неъмати шарқ расонад ва ба мардумони шарқ неъмати ғарб расонад, ночора, ки ободонии ҷаҳон бад-ӯ бошад ва ин ҷуз бозаргон набошад. Ва чунин мухотара касе кунад, ки чашми хирад дӯхта бошад.

Ва бозаргонӣ ду гуна аст ва ҳар ду мухотара аст: яке муомала ва яке мусофара. Ва муомала муқимонро бувад, ки матои косидро бар тамаи фузунӣ бихаранд ва ин мухотара бар мол бувад. Ва далер марде бояд, ки ӯро дил диҳад, ки чизи косид харад бар умеди фузунӣ. Ва мусофирро гуфтам, ки кадом бошад. Бар ҳар ду рӯй бозаргонӣ далерист ва нобокӣ бар молу бар тан. Ва бо далерӣ бояд ки ростиву амонат дорад ва тариқи диёнат сипарад ва аз баҳри суди хеш зиёни дигарон нахоҳад ва ба тамаи суд сӯзиши дили халқ наҷӯяд. Ва муомала бо он гурӯҳ кунад, ки зердасти ӯ бошанд ва агар бо бузургтар аз худ кунад, бо касе кунад, ки диёнату мурувват дорад ва аз мардуми фиребанда бипарҳезад. Ва бо мардуме, ки дар матоъ басорат надорад, муомала накунад, то аз даркӯб эмин бошад. Ва бо мардуми тангбизоату сафеҳ муомалат накунад ва бо дӯстони наздик муомала накунад. Ва агар кунад, тамаъ аз суд бибурад то дӯстӣ табоҳ нагардад, чӣ

бисёр дӯстӣ ба сабаби андак мояи суду зиён табоҳ шуда бошад. Ва ба тамаи бешӣ ба нася муомалат накунад, ки бисёр бешӣ бувад, ки камӣ бор оварад. Ва хурднигариш набошад, ки хурднигариш бузургзиён бувад. Чунон ки ман мегӯям:

**РУБОӢ:**

*Гуфтам, ки агар дур шавам ман зи бараш,*
*Дигар накашад магар дилам дарди сараш.*
*То гаштам ду, дурам аз хобу хӯриш,*
*Бисёр зиён бошад аз андакнигараш.*

Ва асли табоҳии бозаргонӣ дар исроф аст, то аз суд ҳосил нашавад ва моя набояд хӯрдан, ки бузургтарин зиёне бозаргонро аз сармоя хӯрдан аст.

Ва беҳтарин матоъ онро дон, ки ба ману ратл бихаранду ба дирамсанг[97] бифурӯшанд ва бадтарин матое бар хилофи ин бошад. Ва аз ғалла харидан бар умеди суд бипарҳез, ки ғаллафурӯш мудом бадном бошад ва бадният. Ва тамомтарин диёнат он аст, ки бар харида дурӯғ нагӯяд, ки кофиру мусулмонро бар харида дурӯғ гуфтан нописандида бувад. Чунон ки ман гӯям:

**Шеър:**

*Эй дар дили ман фиканд ишқи ту фурӯғ,*
*Бар гардани ман ниҳода темори ту юғ.*
*Ишқи ту ба ҷону дил харидастам ман,*
*Донӣ ба харида бар нагӯянд дурӯғ.*

Бояд ки байъ нокарда ҳеҷ аз даст надиҳад ва дар муомала шарм надорад, ки зиракон гуфтаанд, ки шарми бисёр аз рӯзӣ бикоҳад. Ва муҳобо кардан аз бешӣ одат накунад, валекин бемурувватӣ низ дар тариқат накунад, ки

мутасаррифони ин саноат гуфтаанд, ки асли бозаргонӣ тасарруф асту мурувват. Тасарруф мол нигоҳ дораду мурувват ҷоҳ.

## ҲИКОЯТ

Чунон ки дар ҳикояте шунидам, ки рӯзе бозаргоне буд бар дари дукони байёъ ба ҳазор динор муомала карда буд. Чун муомала ба поён расид, миёни байёъу тоҷир дар ҳисобе хилоф буд ба қироте зар. Байёъ гуфт:

– Туро бар ман диноре зар боқист.

Тоҷир гуфт:

– Диноре ва қироте[98] боқист.

Бар ин ҳадис аз бомдод то намози пешин шумор карданд. Ва тоҷир садо медоду бонг ҳамедошт ва ҳеҷ гуна аз қавли хеш бознамегашт, то байёъ дилтанг шуду диноре ва қироте бад-ӯ дод. Мард биситуду бирафт. Шогирди байёъ аз паси тоҷир бидавиду гуфт:

– Эй хоҷа, шогирдонаи ман бидеҳ.

Тоҷир он динору қирот ба вай дод. Кӯдак биситуду бозгашт. Байёъ гуфт:

– Эй ҳаромзода, марде аз бомдод то нимрӯз аз баҳри қироте зар бонг медошт миёни ҷамоате ва шарм намедошт, чӣ тамаъ доштӣ, ки ӯ туро чизе диҳад?

Кӯдак зар ба устод намуд. Мард оҷиз гашту бо худ гуфт:

– Субҳоналлоҳ*! Ин кӯдак хубрӯй нест ва сахт хурд аст. Бар вай занне наметавон бурдан. Ин мард бад-ин бахилӣ ин сахо чаро кард?

Бар асари бозаргон бирафт ва гуфт:

– Эй шайх, чизе аҷиб дидам аз ту. Як рӯз маро бо қавме дар судоъ** қироте набахшонидӣ ва акнун чун зар биситудӣ,

---

* Субҳоналлоҳ – ба маънии аҷабо.

** Судоъ – дарди сар.

ҷумла ба шогирди ман додӣ. Он судоъ чӣ буд ва ин сахо чист?

Мард гуфт:

– Эй хоҷа, аҷаб мадор, ки ман марде бозаргонам ва дар шарти бозаргонӣ чунон аст, ки дар вақти байъу тасарруф агар ба як дирам касе мағбун гардад, чунон бувад, ки ба ним умр мағбун гардад. Ва агар дар вақти мурувват аз касе бемурувватӣ ояд, чунон бувад, ки бар нопокии асли хеш гувоҳӣ дода бувад. Пас ман на мағбунии умр хостаму на нопокии асл.

* * *

Аммо бозаргоне, ки камсармоя бувад, бояд ки аз анбозӣ[*] бипарҳезад ва агар кунад, бо касе ғаниву бомурувват кунад ва шармгин, то вақти хайр аз ӯ ҳайф баргирад. Ва бар вай ҳайф накунад. Ва ба навсармоягӣ матое нахарад, ки вайро харҷи бисёр афтад ва чизе нахарад, ки тағайюр дар вай ояд ва чизе мурдаву шикаста нахарад. Ва ба сармоя бахтозмоӣ накунад, магар ки донад, ки агар зиёне бувад, беш аз ними сармоя набувад.

Ва агар касе нома диҳад, ки фалон ҷой бирасон, нахуст нома бихонад, он гаҳ бирасонад, ки бисёр балоҳо дар номаи сарбаста бошад ва натавон донист, ки ҳол чун бувад ва шар аз куҷо адо кунад. Аммо дар номаи ниёзмандон зинҳор нахӯрад. Ва ба ҳар шаҳре, ки даршавад, хабар аз ҳайф надиҳад ва чун аз роҳе андарояд, хабари таъзияти кас надиҳад ва ба хабари таҳният тақсир накунад. Ва бе ҳамроҳ ба роҳе наравад ва ҳамроҳи сиқа[**] ҷӯяд. Ва дар корвон миёни анбӯҳ фурӯ ояд ва қумошот[***] ва ҷойи андӯҳ ниҳад ва миёни силоҳдорон нанишинад ва наравад, ки саълук нахуст қасди силоҳдорон кунад. Ва агар пиёда бошад, бо савор ҳамроҳӣ накунад. Ва аз мардуми бегона роҳ напурсад, магар аз касе,

[*] Анбозӣ – шарикӣ.

[**] Сиқа – боваринок.

[***] Қумошот – молҳо, матоъҳо.

ки вайро басалоҳ донад, ки бисёр мардуми нопок бувад, ки роҳ ғалат намояд ва худ аз пас биёяду коло биситонад.

Ва ҳар касеро, ки ба роҳ пеш ояд, ба тозарӯйӣ салом кунад ва хештанро ба музтариву дармондагӣ нанамояд. Ва бо расадбонон* хиёнат накунад, валекин ба чиз ва фирефтани эшон ба сухани хуш тақсир накунад. Ва бе зоду тӯша ба роҳ наравад ва тобистон бе ҷомаи зимистон ва зимистон бе ҷомаи тобистон наравад, агарчи роҳ сахт ободон бувад. Ва мукориро** хушнуд дорад. Ва чун ҷое фуруд ояд, ки ошно ва далер набошад, байёъи бодиёнату амин гузинад.

Ва суҳбат бо се қавм кунад: бо мардуми ҷавонмардпешаву айёр ва бо мардуми тавонгару бомурувват ва бо мардуми роҳдону бумшинос. Ва ҷаҳд кунад, то худро ба гармову сармо ва ташнагиву гуруснагӣ хӯ кунад. Ва исроф накунад дар осоиш, то агар вақте ба зарурат ранҷе расад, осонтар бошад.

Ва ба ҳар коре, ки битавонӣ кардан, ҳам ту кун ва бар кас эмин мабош, ки дунё зудфиреб аст. Аммо сармояи бозаргонӣ ростист. Ва дар хариду фурӯхт ҷалд бош ва амину ростгӯй ва бисёрхару бисёрфурӯш бош. Ва то битавонӣ, ба насия ситадудод макун. Пас, агар кунӣ, бо чанд гуна мардум макун: бо мардуми камчиз ва бо мардуми навкиса ва бо алавӣ ва бо кӯдак ва бо донишманд ва бо вакилони қозӣ ва бо муфтиёни шаҳр ва бо ходимон.

Ва ҳар кӣ бо ин қавм ситаду дод кунад, аз дарди сару зиён ва пушаймонӣ нараҳад. Ва мардуми чизнодидаро ба чиз устувор мадор ва бар мардуми ноозмуда эмин мабош ва озмударо ҳар дам маёзмо. Ва мардумро ба мардум озмой пас ба хештан, ки ҳар кӣ бо хештан нашояд мумкин бувад, ки касе дигарро ҳам нашояд. Ва озмударо ба ноозмуда мадеҳ, ки рӯзгоре бояд дароз, то касе озмуда ва муътамад ба даст ояд, ки андар масал омадааст, ки «Деви озмуда беҳ аз мардуми ноозмуда».

---

*Расадбон – нигаҳбонони роҳ.

** Мукорӣ – чорпо.

Аммо ҳар киро озмоӣ, ба кирдор озмой, на ба гуфтор. Ва гунҷишке накд беҳ дон, ки товусе ба нася. Ва то дар сафари хушкӣ даҳ ниме ёбӣ, ба тамаи даҳ-ёздаҳ дар дарё манишин, ки суди дарё то каъб* буваду зиёнаш то гардан. Набояд ки бо тамаи андак моя суди сармояи бузургтарин барбод диҳӣ. Ва агар ба хушкӣ воқеае афтад, ки мол биравад, магар ҷон бимонад. Ва дар дарё ҳар дуро хатар бувад. Молро иваз бувад, аммо ҷонро иваз набувад. Ва кори дарёро ба кори подшоҳ баробар карданд, ки ба ҷамъ ояду ба ҷамъ равад. Валекин аз баҳри осори тааҷҷуброро агар як бор бинишинӣ, раво бувад ба вақти тавонгарӣ...

Ва ба вақти ситаду дод бемукос мабош, валекин мукос дархӯри охириён кун. Ва кори хеш ҷумла ба дасти касон бозмадеҳ, чӣ гуфтаанд, ки «ба дасти касон мор бояд гирифт, ба пойи касон хор бояд сипард». Ва суду зиёнҳои хеш ҳама шуморкарда дор ва ба хатти хеш навишта дор то аз саҳву ғалат эмин бошӣ. Ва бо омилони худ пайваста шуморкарда дор, ки он чун доди дода бошад.

Ва ҳеҷ чиз бар хештан навишта ҳуҷҷат макун, то агар хоҳӣ, ки мункир шавӣ, тавонӣ шудан.

Ва пайваста суду зиён ва кадхудоии хеш ва муомалаи худро мутолаа ҳамекун, то аз огоҳ будани суду зиёни хеш фурӯ намонӣ. Ва аз мардуми бохиёнат бипарҳез ва бо мардумон хиёнат макун, ки ҳар кӣ бо мардумон хиёнат кунад, пиндорад, ки хиёнат бо дигарон кардааст, ғалат сӯйи ӯст, ки он хиёнат бо хештан карда бувад.

## ҲИКОЯТ

Шунидам, ки марде буд гӯсфанддор ва рамаҳои бисёр доштӣ. Вайро шубоне* буд бағоят порсо ва муслеҳ. Ҳар рӯзе шири гӯсфандон, чандон ки будӣ, ҳосил кардӣ ва ба наздики худованди гӯсфанд бурдӣ. Он мард ҳам чандон об бар шир

* Шубон – чӯпон.

кардӣ ва ба шубон додиву гуфтӣ:

– Рав, бифурӯш.

Ва шубон он мардро насиҳат ҳамекард ва панд ҳамедод, ки чунин макун ва бо мусулмонон хиёнат макун ва раво мадор, ки оқибати мардуми хоин номаҳмуд бувад.

Он мард сухани шубон нашунид ва ҳамчунон ҳамекард, то ба иттифоқ шабе ин шубон гӯсфандонро дар рӯдхона бихобонид ва худ бар болои баландӣ рафту бихуфт.

Фасли баҳор буд. Магар бар кӯҳ бороне омад азим ва селе сахт азим биёмад ва андар ин рӯдкада афтод ва ин гӯсфандонро ҷумла бибурд ва ҳалок кард.

**Байт:**

*Гуфтӣ он об қатра-қатра ҳама*
*Ҷамъ шуд ногаҳу бибурд рама.*

Рӯзи дигар шубон ба шаҳр омад ва ба хонаи соҳиби гӯсфандон рафт бе шир. Мард пурсид, ки чаро шир наёвардӣ. Шубон гуфт:

– Эй хоҷа, ман туро гуфтам, ки об бар шир мазан ва хиёнат макун. Фармони ман набурдӣ. Акнун он обҳо, ки ба мардумон ба нархи шир дода будӣ, ҷамъ шуданд ва дӯш ҳамла оварданду гӯсфандони туро бибурданд. Он мард пушаймон шуд ва пушаймонӣ суд надошт.

* * *

Пас, то битавонӣ, аз хиёнат парҳез кун, ки ҳар кӣ як бор хоин гашт, ҳаргиз касе бар ӯ эътимод накунад. Ва ростӣ пеша кун, ки бузургтарин тирозе ростист. Ва некмуомила ва хушситаду дод бош. Ва касро ваъда макун ва чун кардӣ, хилоф макун. Ва харида магӯй ва агар гӯйӣ, рост гӯй, то Худои таоло бар муомалати ту баракат кунад. Ва дар муомалат ба ҳуҷҷат додану ситудан ҳушёр бош, ки чун ҳуҷҷат бихоҳӣ додан, то

нахуст ҳақ ба даст нагирӣ, ҳуҷҷат аз даст мадеҳ.

Ва ҳар куҷо, ки ҳамеравӣ, ошное ҳаметалаб. Ва агарчи бозаргон бошӣ, ба шаҳре, ки ҳеҷ нарафта бошӣ, бо номаи муҳташаме рав, то ба таърифи хеш маъруф шавӣ. Ва бо мардум сохта бош ва бо мардуми носохтаву ҷоҳил ва аҳмақу коҳил ва бенамозу бебок сафар макун, ки гуфтаанд:

«Аррафиқу сумма а-т-тариқу»[99].

Ва ҳар касе ки туро амин дорад, гумони ӯ дар хештан дурӯғ макун. Ва ҳар чӣ бихоҳӣ харидан, надидаву ноозмуда махар ва он чи бихоҳӣ фурӯхтан аз нархи нахуст огоҳ бош ва ба шарту паймон фурӯш, то охир аз доварӣ ва гуфтугӯ раста бошӣ.

Ва тариқати кадхудоӣ нигоҳ дор, ки бузургтарин бозаргонӣ кадхудоии хона аст ва бояд ки кадхудоӣ пароканда накунӣ. Ва ҳавоиҷи* хона ҷумла дар соле як бор ба вақти навғон** бихарӣ, аз ҳар чӣ туро ба кор ояд. Ва чандон ки дар соле ба кор шавад, бихар. Пас, аз нарх огоҳ бош, чун нарх гарон шавад, аз ҳар чизе ниме бифурӯш аз он чӣ ҷумла харида бошӣ, то он як сол ройгон хӯрда бошӣ. Ва дар ин на базаҳ бувад ва на бадномӣ. Ва ҳеҷ кас туро андар ин маънӣ ба бухл мансуб натавонад кардан, ки ин аз ҷумлаи кадхудоист на аз ҷумлаи бахилӣ ва андар ин ҳеҷ айбе нест.

Ва чун дар кадхудоии хеш халал бинӣ, тадбири он кун, ки дахли хеш ба зиёдат гардонӣ, то халал андар кадхудоии ту роҳ наёбад. Пас агар чораи зиёдат кардани дахл надорӣ ва натавонӣ, аз харҷ бикоҳ, ки ҳамчунон бошад, ки дар дахл зиёдат ҳамекунӣ.

Пас агар иттифоқи бозаргоният наяфтад ва илме шариф хоҳӣ, ки бидонӣ, аз илми дин гузашта ҳеҷ илме судмандтар аз илми тиб нест, ки Расул (а) гуфтааст: **«Ал-илму илмони-илму-л-адёни ва илму-л-абдони»**[100].

---

* Ҳавоиҷ – ҳоҷатҳо, чизҳои зарурӣ.

** Навғон – мавсими хариду фурӯши чизе.

# БОБИ СИВУ СЕЮМ
# АНДАР ТАРТИБИ ИЛМИ ТИБ

Бидон, эй писар, ки агар табиб бошӣ, бояд ки усули илми тиб бидонӣ нек, чи ақсоми илмӣ ва чӣ ақсоми амалӣ. Ва бидонӣ, ки он чӣ дар тани одамӣ мавҷуд аст, ё табиист, ё хориҷ аз табиат. Ва табиӣ бар се қисм аст. Қисми аввал он аст, ки саботу қивоми* тан бад-ӯст ва қисми дуюм он аст, ки тавобеъ аст он чизҳоро, ки саботу қавоми тан бад-ӯст ва қисми сеюм он аст, ки танро аз ҳоле ба ҳоле бигардонад. Ва он ки хориҷ аст аз табиат ё ба феъл мазаррат расонад, бо восита ё бе восита, ё худ нафси зарари феъл бувад.

Аммо он қисм, ки саботу қивоми тани мардум бад-ӯст, ё аз ҷинси моддат аст, ё аз ҷинси сурат. Он ки аз ҷинси моддат аст, ё сахт дур аст чун устуқуссот[101] ва ададаш чаҳор аст: ҳавову оташу хоку об, ё наздиктар аз устуқуссот аст чун амзиҷа** ва ададаш нуҳ аст: яке муътадил ва ҳашт номуътадил; чаҳор муфраду чаҳор мураккаб, ё наздиктар аз амзиҷа аст чун ахлот[102] ва ададаш чаҳор аст: чун сафро ва савдо ва балғам ва хун ё наздиктар аз ахлот аст, чун аъзо ва ададаш бар як ваҷҳ чаҳор аст ва бар як ваҷҳ ду.

Ва маънии ин сухан, ки гуфтам, он аст, ки таркиби аъзо аз ахлот аст ва таркиби ахлот аз мизоҷ аст ва таркиби мизоҷ аз устуқуссот аст ва устуқуссот дуртарин модда аст.

Ва он чӣ аз ҷинси сурат аст, бар се қисмат: қуво ва афъол*** ва арвоҳ****. Ва қуво***** бар се қисм аст: нафсонӣ ва ҳайвонӣ ва табиӣ. Ва нафсонӣ қувват асту ҳирс ва ин бар панҷ қисм аст: басар ва завқ ва самъ ва шамм ва ламс. Ва қувват ҳаракат аст ва адади ақсоми ӯ бар ҳасби ақсоми

---

* Қавом – асл, асос.
** Амзиҷа – мизоҷҳо.
*** Афъол – амалиёт.
**** Арвоҳ – рӯҳҳо.
*****Қуво – қувваҳо.

аъзост, ки онро ҳаракат аст ва қуввати сиёсат аст ва ин бар се қисм аст: тахайюл ва фикр ва зикр. Ва ҳайвонӣ бар ду қисм аст: фоила ва мунфаила. Ва табиӣ бар се қисм аст: мавлуда ва мураббия ва ғозия*.

Ва афъол бар адади қувост: нафсонӣ ва ҳайвонӣ ва табиӣ. Аз баҳри он ки рӯҳ ходими қувват аст ва қувват мабдаи феъл аст ва феъл таъсири қувват, пас адади афъол рост бар адади қувват бошад.

Ва он чӣ тавобеъ аст мар чизҳоро, ки қивому саботи тан бад-ӯст чун фарбеҳ, ки тобеи сардии мизоҷ аст ва чун лоғарӣ, ки тобеи гармии мизоҷ аст ва чун сурати гуна, ки тобеи хун аст ва чун зардӣ, ки тобеи сафрост ва чун ҳаракати набз, ки тобеи қуввати фоилаи ҳайвонист ва чун шуҷоат, ки тобеи эътидоли қуввати ҳайвонист ва чун хашм, ки тобеи қуввати мунфаилаи ҳайвонист ва чун иффат, ки тобеи эътидоли қуввати шаҳвонист ва чун ҳикмат, ки тобеи эътидоли нафси нотиқа аст ва ҷумла чун ғаразҳо ва кайфиёт, ки тобеи моддат бошад ё тобеи сурат.

Ва он, ки танро аз ҳол ба ҳол бигардонад, онро асбоби зарурӣ хонанд ва ин шаш қисм аст: яке ҳаво ва дувум таом ва севум ҳаракату сукун ва чаҳорум бедориву хоб ва панҷум кушодагии табиату бастагӣ, шашум эҳдоси нафсонӣ чун андуҳ ва хашм ва бим ва монандаи он. Ва инҳоро зарурӣ баҳри он хонанд, ки мардумро чора нест аз ҳар як ва ҳар якро аз ин ҷумла андар тани мардум таъсир аст ва ҳар кадом тамомтар.

Чун ҳар як аз ин ҷумла бар сурату бар ваҷҳи эътидол бувад, истеъмоли мардум тамомтару савобтар ва бар ваҷҳи эътидол бошад ва чун баъзеро аз ин ҷумла аз ҳоли эътидол тағйир афтад ё истеъмоли мардум баъзеро аз ин ҷумла бар ваҷҳи хато бошад, бемориву иллат падид ояд бар муҷиби ифрот, ки рафта бошад.

*Ғозия – ҳалкунандаи ғизо.

Ва он чӣ хориҷи табиат, бар се қисм аст: сабаб ва мараз ва араз. Ва сабаб бар се қисм аст: ё ба сабаби бемории аъзои муташобеҳ[103] бошад, ё ба сабаби бемории аъзои раиса[104] ва ё ба сабаби тафарруқу-л-иттисол[105]. Аммо ба сабаби бемории аъзои муташобеҳ ё ба сабаби бемории гарм бошад ва он панҷ қисм аст, ё сабаби бемории сард ва он бар ҳашт қисмат аст ё сабаби бемории тар, ё сабаби бемории хушк. Ва ҳар як аз инҳо бар чаҳор қисмат аст. Сабаби бемориҳои аъзои олӣ – ё сабаби беморӣ бошад, ки дар хилқат афтад, ё андар миқдор, ё дар вазъ, ё андар адад.

Ва сабаби бемориҳои хилқат ё сабаби бемории шакл бувад, ё сабаби бемории тақъир ва таҷвиф*. Ва ин бар ҳафт қисм аст: ё ба сабаби хушунат** бошад ва ин ба ду қисм бошад ва ё сабаб малосат*** бошад ва ин бар ду қисм бошад. Ва сабаби бемориҳои миқдор бар се навъ аст ва сабаби бемориҳои вазъ ва сабаби бемориҳои адад ҳар як ду навъ аст.

Тафарруқу-л-иттисол чаҳор навъ аст. Ва мараз бар се қисмат аст: бемориҳои аъзои муташобеҳ ва бемориҳои аъзои олӣ ва тафарруқу-л-иттисол, ки онро маразѝ муштарак гӯянд, андар аъзоҳои муташобеҳ афтад ва ҳам андар аъзои олӣ.

Ва бемориҳои аъзои муташобеҳ бар ҳашт қисм аст – чаҳор фард: гарм ва сард ва тар ва хушк ва чаҳор мураккаб: гарму тар ва гарму хушк, сарду тар ва сарду хушк.

Ва бемориҳои аъзои олӣ чаҳор навъ аст: бемориҳое, ки андар хилқат афтад ва андар миқдор ва андар вазъ ва андар адад. Ва бемориҳои хилқат чаҳор қисм аст: он ки андар шакл афтад ва он ки андар тақъир ва он ки бар тариқи хушунат афтад ва он ки бар тариқи малосат бувад.

Бемориҳои миқдор бар ду гуна аст: он ки аз тариқи зиёдат афтад ва он ки аз тариқи нуқсон. Ва бемориҳои вазъ бар ду гуна аст: ё узв аз ҷойгоҳи хеш зоил шавад, ё ба пайванд бо дигар

---

* Бемории тақъир ва таҷвиф – бемориҳои дарунӣ.

** Хушунат – дуруштӣ.

*** Малосат – нармӣ.

аъзо ба фасод оварад. Бемориҳои адад ҳам бар ду гуна аст: ё бар тариқи зиёдат бувад, ё бар тариқи нуқсон.

Ва тафарруқу-л-иттисол ё андар аъзои муташобеҳ афтад, ё андар аъзои олӣ, ё андар ҳар ду.

Араз бар се қисм аст: ё аразҳо бувад, ки тааллуқ ба афъол дорад ё ба аҳволи тан, ё андар истифроғот* падидор ояд. Ва он чӣ тааллуқ ба афъол дорад, ба се қисм аст ва он чи тааллуқ ба аҳвол дорад, бар чаҳор қисм аст ва он чи тааллуқ ба истифроғот дорад, бар се қисм аст.

Ва бояд ки бидонӣ, ки тиб бар ду қисмат аст: илм аст ва амал. Ва қисми илмӣ он аст, ки туро боз намудам. Акнун бигӯям, ки ҳар илме аз он чӣ гуфтам, туро аз кучо талаб бояд кард то ҳар якро бо шарҳу истиқсо* * бидонӣ, ки он илмҳо, ки ёд кардам, ба шарҳу истиқсо Ҷолинус[106] ёд кардааст бештар дар «Ситта ашара»[107] ва бархе берун аз «Ситта ашара». Аммо илми истиқсо он миқдор, ки табибро ба кор ояд, ки китоби «Истиқсот»[108] талаб кун аз ҷумлаи «Ситта ашара». Ва илми мизоҷ аз китоби «Алмизоҷ» талаб кун аз ҷумлаи «Ситта ашара». Ва илми ахлот аз мақолати дувум талаб кун аз китоби «Алқуво аттабиия» аз ҷумлаи «Ситта ашара». Ва илми аъзои муташобеҳ аз «Ташреҳи кӯчак» талаб кун ҳам аз «Ситта ашара». Ва илми аъзои олӣ аз «Ташреҳи бузург» талаб кун, ки беруни «Ситта ашара» аст. Ва илми қувои табиӣ аз китоби «Алқуво аттабиия» талаб кун аз ҷумлаи «Ситта ашара» ва қувои ҳайвонӣ аз китоби «Аннабз» талаб кун ҳам аз ҷумлаи «Ситта ашара».

Ва қувои нафсонӣ аз «Ройи Букрот»[109] ва Афлотун»[110] талаб кун ва ин китобест ҳам таснифи Ҷолинус беруни «Ситта ашара».

Ва агар хоҳӣ, ки мутабаҳҳир*** шавӣ ва аз пойгоҳи талаб бигзарӣ, илми истиқсот ва илми мизоҷ аз китоби

---

* Истифроғот – қай карданҳо.

* * Истиқсо – тадқиқ, тафтиш.

*** Мутабаҳҳир – донишманд, аллома.

«Алкавн ва л-фасод»[111] ва аз китоби «Ассамо ва л-олам»[112] талаб кун.

Ва илми қуво ва афъол аз китоби «Аннафс» ва китоби «Алҳисс ва л-маҳсус»[113] ва илми аъзо аз китоби «Алҳайвонот»[114] ва ақсомуламроз аз мақолати нахустин аз китоби «Илал валаъроз» талаб кун аз ҷумлаи «Ситта ашара». Ва асбоби аъроз аз мақолати дувум ҳам аз ин китоб талаб кун. Ва ақсоми аъроз аз мақолати сеюм ҳам аз ин китоб талаб кун. Ва сабаби амроз аз мақолати чаҳорум ва панҷум ва шашум талаб кун аз ин китоб, ки гуфтам.

## ФАСЛ

Чун қисми илмӣ ёд кардам, ночор шаммае аз қисми амалӣ ёд кунам, агарчи сухан дароз шавад, аз баҳри он ки илму амал чун ҷисму рӯҳ ба ҳаманд – ҷисм бе рӯҳ ва рӯҳ бе ҷисм тамом набувад.

Ва чун муолаҷа хоҳӣ кардан, андеша кун аз хӯришҳои пирон ва кӯдакон, ки муолаҷати беморон бар ду гуна аст ва муолиҷ бояд ки ба ҳеҷ муолаҷате ибтидо накунад, то нахуст огоҳ нагардад аз вақти беморӣ ва навъи иллат ва сабаби иллат ва мизоҷ ва сол ва санъати бемор ва таҷассуси табиаташ ва табъ ва ҷойгоҳ ва ҳоли мизоҷ.

## ФАСЛ

Бибояд ки об ва маҷас* ва ҷинс ва арази зоҳир ва аломати неку аломати бад ва анвои русуб ва аломати бемориҳое, ки дар ботин меафтад ва нишонаҳои буҳрон шинохта бошад. Ва аҷноси ҳуммаёт маълум гардонида бошад, ки тадбири амрози ҳодда бар ҷӣ сон бошад. Ва дар

* Маҷас – набз.

таркиби адвия моҳир бошад, бар мазҳаби асҳобулқиёс ва қавонини муолаҷат бидониста бошад.

Ва агар ин ҳар якеро шарҳе кунам, қисса дароз гардад. Аммо бигӯям, ки илм ҳам ҳар якро аз кадом китоб бояд талабидан то ба вақти ҳоҷат туро маълум бошад. Аммо ҳифзи сиҳат аз «Тадбируласиҳҳо» бояд талабидан аз ҷумлаи «Ситта ашара». Ва муолаҷати беморон ва қавонини илоҷ аз китоби «Ҳилату-л-мараз» аз ҷумлаи «Ситта ашара» талаб. Ва аломатҳои неку бад аз «Муқаддимату-л-маърифат» талаб бояд кардан ва аз «Фусул»-и Буқрот[115]. Ва илми набз аз «Набзу-л-кабир» ва «Набзуссағир» ва илми бавл аз мақолаи нахустин талаб бояд кардан аз китоби «Албуҳрон» аз ҷумлаи «Ситта ашара» ва аз китоби «Албавл»-и Ҷолинус, ки беруни «Ситта ашара» аст. Ва нишони бемориҳо, ки андар ботини тан бошад, аз «Асои акмаҳ» талаб бояд кардан ҳама аз «Ситта ашара» ва илми бухон аз китоби «Албуҳрон» аз «Ситта ашара» ва илми айёмулбуҳрон аз китоби «Айёмулбуҳрон» ҳам аз «Ситта ашара» талаб бояд кард. Ва илми ҳуммаёт аз китоби «Алҳуммаёт» аз «Ситта ашара» талаб бояд кард. Ва тадбири амрози ҳодда аз китоби «Моъашшаир» талаб бояд кардан аз ҷумлаи тасонифи Буқрот ва аз «Аъзои олима» ва «Ҳилатулбаръ» ва «Таркиби адвия»-и Ҷолинус.

Ва муолиҷ бояд ки таҷрибат бисёр кунад ва таҷрибат бар мардуми маъруфу машҳур накунад. Ва бояд ки хидмати бемористонҳо карда бошад ва беморони бисёр дида ва муолаҷат бисёр карда бошад, то иллатҳои ғариб бар вай мушкил нагардад ва илали аъзо ва аҳшо* бар вай пӯшида намонад ва он чӣ дар кутуб хонда бошад, ба раъюлъайн** ҳамебинад ва ба муолаҷат дарнамонад. Ва бояд, ки «Васоёи Буқрот»[116] хонда бошад, то дар муолаҷати беморон шарти амонату ростӣ ба ҷой тавонад овардан.

Ва пайваста худрову ҷомаро пок дорад ва мутайябу

---

* Илали аъзо ва аҳшо – бемориҳои узвҳои берунӣ ва дарунии бадан.

** Раъюлъайн – бо чашмони худ.

муаттар[***] бошад. Ва чун бар сари бемор шавад, бо бемор тозарӯю хушсухан бошад ва беморро дилгармӣ диҳад, ки тақвияти табиб беморро қуввати ҳарорати ғаризӣ бияфзояд.

## ФАСЛ

Агар беморе бувад, ки пиндорӣ дар хоб аст ва чун бихонӣ, посух диҳад, валекин туро нашиносад ва чашм боз мекунад ва боз меғанавад, аломати бад бошад. Ва низ агар мадҳуш бинӣ ва дасту пой ба ҳар ҷо мезанад ва худро мешӯронад, аломати бад бошад. Ва низ агар мадҳуш бувад ва ҳар вақте бонге бизанад ва дасту ангуштони худ ҳамегираду мефишорад, ҳам аломати бад бувад. Ва агар сапедии чашми бемор сапедтар аз одати хеш бувад ва сиёҳӣ сиёҳтар ва забон гирди даҳон мегардонад ва дам ҳамекашад, ҳам аломати бад бувад. Ва агар аз рашк ё аз ғами саъб бемор бувад ё дама дорад, бад бошад.

Ва агар бемор пайваста қай мекунад лавн, сурху зард ва сиёҳу сапед ва ё қай бознаистад ҳам, махуф бошад. Ва агар беморро коҳишу сурфа бувад, худуи[*] ӯ бар ракуе[**] бигир ва хушк кун ва он гаҳ ракуро бишӯй, агар нишон бимонад ҳам, аломати бад бувад. Ин ҳамаро, ки гуфтам, ҳеҷ дору макун, то он аломат бо эшон бувад, муолаҷат суд надорад.

Пас, эй писар, агар бар сари бемор шавӣ ва аз ин аломатҳо, ки гуфтам, ҳеҷ набинӣ, ҷойи умед бувад.

## ФАСЛ

Он гоҳ даст дар маҷассаи бемор неҳ, агар биҷаҳад ва зери ангушт биравад, бидон, ки хун ғолиб аст. Ва агар зери ангушт борику тез ҷаҳад, сафро ғолиб бошад ва агар зери

---

[***] Мутайябу муаттар – оруставу хушбӯ.

[*] Худу – туф, оби даҳан.

[**] Раку – латта, дока.

ангушт деру ситабр ва суст ҷаҳад, рутубат ғолиб бошад. Пас агар мухолиф ҷаҳад бар он ҷониб, ки майлаш бештар бинӣ, ҳукмаш бар он ҷониб кун.

## ФАСЛ

Пас, чун маҷасса маълум кардӣ, андар қорура[**] нигоҳ кун. Агар оби[*] сапед бинӣ, на равшан, мард аз ғаме бемор бувад ва агар сапеду равшан бошад, иллат издиҳоми бод ва рутубати ногувор бувад. Ва агар чун об равшан бувад, аз кароҳияте бемор бувад. Ва агар ба ранги турунҷ бувад ва андар вай зарра-зарра бошад, беморӣ аз шикам рафтан бувад. Ва агар об чун равған бинӣ ва агар дар буни қорура хатте бинӣ, иллат қурбати аҳд бувад. Ва агар ба ранги заъфарон бинӣ, бидон, ки ӯро таб ва сафрост ва хун низ бо сафро ёр бошад.

Агар бар сари об зардӣ бошад ва таки об сиёҳфом бувад, иллаташ аз гӯши сабз бувад, дору макун ва агар бар сари об сиёҳӣ бинӣ, ҳамчунин. Ва агар қорура ба зардӣ занад ё ба сабзӣ равад, беҳ шавад.

Ва агар бемор ҳазён гӯяд ва об сурх бувад ва сиёҳфом, гӯши сиёҳ бо хун омехта бувад ва лаҳаби вай бар сар рафта бувад, аз вай муҳтариз бош. Ва агар сиёҳ бувад ва бар забари вай чун хуне истода, беш бар сари он бемор нарав. Ва агар сиёҳ бувад ва андар ӯ монанди сабӯс чизе пайдо бувад ё бар сари вай чун хуне истода бувад, онро падруд кун.

Ва агар об зард бувад ва андар вай чизе намояд чун офтоб ломеъ[***] ё зарди сурхфом бувад, ғалабаи хун бувад, қасд фармой, ки худ беҳ шавад. Ва агар зард бувад ва андар вай хатҳои сурх, ба худояш таслим кун. Ва агар зард бувад ва андар вай хатҳои сапед, беморӣ дер бикашад. Ва агар

---

[*] Қорура – шишаи пешобгирӣ.
[**]Об – пешоб.
[* * *] Ломеъ – дурахшон.

сабзранг бошад, иллат аз сипурз бувад. Ва агар сабзу сиёҳ бинӣ, пешаш бознеҳ. Ва агар сабзу сапед бинӣ ва андар вай чун кирми сирка, вайро бод ва бавосир бувад ва ҷимоъ натавонад кардан.

Ва чун об дидӣ ва маҷасса маълум кардӣ, он гоҳ ҷинси иллат ҷӯй, ки аҷноси иллатҳо на аз як гуна бувад.

## ФАСЛ

Ва чун ҷинс донистӣ, навъро боздон, то муолаҷат битавон кардан. Ва то ба ғизо кифоят шавад, ба доруву тило* макӯш ва то ба сафуфу** тило кифоят шавад, ба ҳаббу матбух ва маъҷун*** макӯш. Ва нигар, ки ба даво кардан далерӣ накунӣ, то бо таскину лутф кор бараояд, дар истифроғ таҷовуз макун ва даст мабар. Ва чун кор аз ҳад бихоҳад шуд, пас ба давои маҳз машғул шав ва ба таскин кардан машғул мабош. Ва ҳаргиз беморро муттаҳам макун ва тааҳҳуднома бештар аз он кун, ки аз он мариз ва магӯӣ ин беҳтар бошад. Ва бар бемори шикамбанда парҳези сахт ҳукм макун, ки қабул накунад, лекин дафъи мазаррати он чиз, ки вай хӯрда бошад, ҳамекун.

Беҳтарин чизе табибро дору шинохтан ва иллат шинохтан дон. Ва андар ин боб сухан бисёр бигуфтам аз он ҷӣ ман ин илмро бағоят дӯст дорам, ки илме муфид аст. Пас агар бисёр аз ин бигуфтам, ки сухани дӯстонро мардумон бисёр гуфтан дӯст доранд.

Аммо агар иттифоқи ин илм наяфтад, илми нуҷум илме шариф аст. Ҷаҳд кун дар омӯхтани он, ки илме сахт бузург аст, аз он сабаб, ки муъҷизаи пайғамбарии мурсал будааст.

---

*Тило – доруи молиданӣ.

** Сафуф – доруи хока.

***Маъҷун – доруи омехта.

Пас, бешак, ин илм илми набавист, агарчи дар ин вақт ба ҳукми шаръ мансух* аст.

## БОБИ СИВУ ЧАҲОРУМ
## АНДАР ИЛМИ НУҶУМ ВА ҲАНДАСА**

Эй писар, бидон ва огоҳ бош, ки агар мунаҷҷим бошӣ, ҷаҳд кун, то бештар ранҷи хеш дар илми риёзӣ*** барӣ, ки илми аҳкоми нуҷум[117] илме вофир аст, доди ӯ ба тамомӣ натавон додан ба хатое, аз он ки кас чунон мусиб набошад, ки бар вай хатое наравад. Аммо ба ҳама ҳол самараи нуҷум аҳком аст, ки чун тақвим кардӣ, фоида аз тақвим аҳком аст. Пас, чун аз аҳком намегузирад, ҷаҳд кун, то усулаш неку бидонӣ ва бар муқаввимӣ**** қодир бошӣ, ки асли ҳукм он гаҳ рост ояд, ки тақвими ситорагон рост бувад ва толеъ дуруст бувад. Нигар, ки бар толеи тахминӣ эътимод накунӣ, илло, ки ба истиқсой.

Нахуст биҳисоб ва намудорот мумаҳҳид***** кун, чун ба ҳисоб ва намудорот рост ояд, он гаҳ ҳукме, ки аз он ҷо кунӣ, рост бувад.

Ва ба ҳар ҳукме, ки кунӣ, мавлуде ва замире нагир, то аз ҳолоти кавокиб огоҳ нагардӣ ва аз толеъ ва дараҷаи толеъ ва худованди толеъ ва қамар ва бурҷи қамар ва худованди бурҷ ва мизоҷи кавокиб, ки дар ҳар бурҷе то кай бошад ва чун бошад ва аз худованди хонаи ҳоҷат ва он кавкаб, ки моҳ аз ӯ баргашта бошад ва он кавкаб, ки бад-ӯ хоҳад пайваст ва он кавкаб, ки муставлӣ бувад бар дараҷаи толеъ ва хонаи ҳоҷат ва он кавкаб, ки муставлӣ бувад бар дараҷаи сайри кавокиб ва он кавокиби собита, ки мусаййир бад-ӯ расида

* Мансух – бекоркардашуда.
** Ҳандаса – геометрия.
*** Риёзӣ – математика.
**** Муқаввимӣ – баҳодиҳӣ, тақвимнависӣ.
***** Мумаҳҳид – устувор.

бошад ва аз дарачаи обор ва ҳисор ва аз дарачаи мухтарақа, ки дар чирми офтоб бувад ва соид ва обити ӯ ҳеч ғофил мабош ва аз саҳмҳои исно ашариёт[118] ва зичот ва чонибот ва нуҳбаҳр ва арбоби мусалласот ва ҳадду сурат ва шараф ва ҳубут ва хонаи вубол ва фараҳ ва ҳузн ва авч ва ҳазиз.

Ва он гаҳ бинигар дар ҳолоти қамар ва кавокиб чун иқбол ва идбор ва низ назар, муқорана ва иттисол ва инсироф ва баъидуннур ва баъидулиттисол ва холиуссайр ва ваҳшиуссайр, нақлу чамъ ва манъу рад, давъуттадбир, дафъулқувва, дафъуттабиа, инъикос, эътироз, қувват, мукофот, қабул, ташрифу таъриб, ичтимоиву истиқболӣ, маърифати ҳайлоч ва кадхудо ва атият додан ва кам кардану зиёдат кардани умр ва рондани сайрҳои панчгона. Чун аз ҳама огоҳ гардӣ, он гоҳ дар аҳком сухан гӯй, то ҳукми ту рост ояд. Ва ҳукм аз тақвиме муътамад кун, чунон ки ҳаким он тақвим аз чизе карда бошад, ки ба хатте маъруф бувад ва дар авосити вай нигоҳ карда ва мачмӯаву мабсутаи вай неку дида ва мукаррар карда ва андар таъдилҳои вай тааммул кун.

Бо ин ҳама эҳтироз кун аз саҳву ғалат, то хатое наяфтад. Ва чун ин ҳама эҳтиёт карда бошӣ, бояд ки туро эътимод бувад, ки ҳар ҳукме, ки ман кардам, чунон хоҳад будан. Агар бар он қавл муътақид набошӣ, ҳеч исбот наяфтад.

Ва дар масъалае, ки пурсанд замирӣ, ҳар чӣ гӯйӣ, тавон гуфт, чунон ки бештар ҳукми ту рост ояд...

Аммо туро дар толеи заръ сухан нест, ки он на ба болои чун туе бофтаанд. Аммо ин ки аз толеи таҳвили кубро бичӯйӣ, тариқи устодони гузашта нигоҳ дор. Андар ҳар ҳукме, ки кунӣ, чунон ки пеш аз ин гуфтам. Агар вақте масъала пурсанд, аввал ба толеи вақт нигар ва ба соҳиби толеъ ва пас ба қамар ва бурчи қамар ва худовандаш ва бад-он кавокиб, ки қамар бад-ӯ хоҳад пайваст ва бад-он кавкаб, ки қамар аз ӯ бозгашта бувад ва бад-он кавкаб, ки дар толеъ ёбӣ ё дар ватаде. Ва агар дар ватаде беш аз кавкаб ёбӣ,

бинигар, ки муставлӣ кист ва шаҳодат бештар кирост, сухан аз он кавкаб гӯй то мусиб бошӣ.

## ФАСЛ

Он чи шарти аҳком аст, лахте гуфтам. Акнун агар муҳандис бошӣ ва массоҳ дар ҳисоб қодир бош, зинҳор, ки як соат бе такрори ҳисоб набошӣ, ки илми ҳисоб илми ваҳшӣ аст. Пас, агар замине паймоӣ, нахуст бояд, ки завоё* бишиносӣ ва шаклҳои мухталифулазлоъро** хор нагирӣ ва нагӯйӣ, ки инро бар як масоҳат бикунам ва боқӣ ба тахмин, ки ҳисоби масоҳат тафовути бисёр оварад. Ва ҷаҳд кун, то завоёро нек бишносӣ, ки устоди ман пайваста маро гуфтӣ, ки ҳон, то аз завоё ғофил набошӣ дар ҳисоби масоҳат, ки бисёр завотулазлоъ бувад, ки дар вай завоёи қавсӣ бувад …

Ва бисёр ҷой бувад, ки мунфариҷ*** монад ва ин ҷо тафовут бисёр афтад.

Ва агар шакле бувад, ки бар ту мушкил шавад ва маълуми ту нагардад, масоҳати он ба тахмин макун, ҳамаро мусаллас**** кун ё мураббаъ*****, ки ҳеҷ шакле набувад, ки бар ин гуна натавон кардан. Ва он вақт ҳар якеро бипаймоӣ, ки рост ояд. Ва агар ҳамчунин дар ин боб сухан бигӯям, бисёр тавон гуфт, аммо китоб аз ҳоли худ бигардад. Ва ин қадар, ки гуфтам, ногузир буд аз он ки сухани нуҷумӣ гуфта будам, хостам, ки аз ин боб низ сухане чанд бигӯям то аз ҳар илме, эй писар, баҳраманд бошӣ.

---

* Завоё – кунҷҳо.

** Мухталифулазлоъ – гуногунпаҳлу.

*** Мунфариҷ – боз, кушода.

****Мусаллас – секунҷа.

*****Мураббаъ – чоркунҷа, квадрат.

## БОБИ СИВУ ПАНҶУМ
# ДАР ОИНУ РАСМИ ШОИРӢ

Эй писар, агар шоир бошӣ, ҷаҳд кун, то сухани ту саҳли мумтанеъ[119] бошад. Бипарҳез аз сухани ғомиз ва чизе, ки ту дониву дигаронро ба шарҳи он ҳоҷат ояд, магӯй, ки шеър аз баҳри мардумон гӯянд на аз баҳри хеш. Ва ба вазну қофияи тиҳӣ қаноат макун, бесаноату тартибе шеър магӯй, ки шеъри рост* нохуш бувад. Бо санъату ҳаракат бояд, ки бувад ва ғулғуле бояд, ки бувад андар шеър ва андар захма ва андар савт, то мардумро ояд ва ё саноате ба расми шуаро чун: муҷонис ва мутобиқ ва мутазод ва муташокил ва муташобеҳ ва мустаор ва мукаррар ва мураддаф ва муздаваҷ ва муозана ва музмар ва мусалсал ва мусаҷҷаъ ва мулавван ва муставӣ ва мувашшаҳ ва мувассал ва муқаттаъ ва мухаллаъ ва мусаммат ва мустаҳил ва зуқофиятайн ва раҷаз ва мақлуб[120] ва монанди ин.

Аммо агар хоҳӣ, ки сухани ту олӣ намояд, бештар мустаор гӯй ва истиорат бар мушкилот гӯй ва андар мадҳ истиорат ба кор дор. Ва агар ғазалу тарона гӯйӣ, саҳлу латиф ва тар гӯй ва бар қавофии маъруф гӯй, тозиҳои** сард ва ғариб магӯй, ҳасби ҳолҳои ошиқона ва суханҳои латифу амсолҳои хуш ба кор дор, чунон ки хосу омро хуш ояд, то шеъри ту маъруф гардад.

Вазнҳои гарони арӯзӣ магӯй, ки гирди арӯз ва вазнҳои гарон касе гардад, ки табъи нохуш дорад ва оҷиз бошад аз лафзи хуш ва маънии зариф. Аммо агар бихоҳанд, бигӯйӣ, раво бувад. Валекин илми арӯз нек бидон ва илми шоирӣ ва алқоб ва накди шеър биёмӯз, то агар миёни шоирон мунозара афтад, ё бо ту касе мукошафате бикунад, ё, агар имтиҳон кунанд, оҷиз набошӣ.

Ва ин ҳафдаҳ баҳр, ки аз доираҳои арӯзи порсиён бархезад, номи доираҳо ва номи ин ҳафдаҳ баҳр бидон чун: ҳазаҷ ва раҷаз ва рамал ва ҳазаҷи макфуф ва ҳазаҷи ахраб ва

раҷази матвӣ ва рамали махбун ва мунсареҳ ва хафиф ва музореъ ва музореи ахраб ва муқтазаб ва муҷтасс ва мутақориб ва сареъ ва қариб ва қарибу ахраб ва дар вазнҳои тозиён чун: басит ва мадид ва комил ва вофир ва тавил ва монанди он арӯзҳо, ин панҷоҳу се арӯз ва ҳаштоду ду зарб, ки дар ин ҳафдаҳ баҳр биёяд, ҷумла маълуми хеш гардон.

Ва он сухан, ки гӯйӣ андар шеър, дар мадҳ ва ғазал ва ҳиҷо ва марсият ва зуҳд доди он сухан ба тамомӣ бидеҳ ва ҳаргиз сухани нотамом магӯй. Ва сухане, ки дар наср нагӯянд, ту андар назм магӯй, ки наср чун раият аст ва назм чун подшоҳ ва он чизе, ки раиятро нашояд, подшоҳро ҳам нашояд.

Ва ғазалу тарона тару обдор гӯй ва мадҳ қавиву далер. Ва баландҳиммат бош, сазои ҳар кас бишинос ва мадҳ чун гӯйӣ, қадри мамдӯҳ бидон. Касеро, ки корде бар миён набаста бошад, магӯй, ки ту ба шамшер шер афканиву ба найза кӯҳи Бесутун бардорӣ ва ба тир мӯй бишикофӣ. Ва он ки ҳаргиз бар харе нанишаста бошад, аспи ӯро ба Дулдулу Бурoқ ва Рахшу Шабдез[121] монанд макун. Бидон, ки ҳар касеро чӣ бояд гуфтан.

Аммо бар шоир воҷиб аз табъи мамдӯҳ огоҳ будан ва бидонистан, ки вайро чӣ хуш ояд. Он гаҳ вайро чунон сутудан, ки вай хоҳад, ки то он нагӯйӣ, ки ӯ хоҳад, туро он надиҳад, ки ту хоҳӣ.

Ва ҳақирҳиммат мабош, дар қасида худро бандаву ходим махон, илло бар мадҳе, ки мамдӯҳи он арзад. Ва ҳиҷо гуфтан одат макун, ки ҳамеша сабӯй аз об дуруст наёяд. Аммо бар зӯҳду тавҳид агар қодир бошӣ, тақсир макун, ки баҳри ду ҷаҳон накуст.

Ва андар шеър дурӯғ аз ҳад мабар, ҳарчанд дурӯғ дар шеър ҳунар аст.

Ва марсияти дӯстон ва муҳташамон гуфтан низ воҷиб дор, аммо ғазалу марсият аз як тариқ гӯй ва ҳиҷову* мадҳ бар

---

* Ҳиҷо – ҳаҷв.

як тариқ. Агар ҳиҷо хоҳӣ гуфтан ва надонӣ, ҳамчунон ки касеро дар мадҳ ситойӣ, зидди он мадҳ бигӯй ва ҳар чӣ зидди мадҳ бувад, ҳиҷо бошад. Ва ғазалу марсият ҳамчунин.

Ва ҳар чӣ гӯйӣ, аз сухани худ гӯй, гирди суханони мардумон магард, ки он гаҳ табъи ту кушода нашавад ва майдони шеъри ту фарох нагардад ва ҳам бад-он дарача бимонӣ, ки аввал буда бошӣ. Бале, чун бар шоирӣ қодир шудӣ ва табъи ту кушода ва моҳир гашт, агар аз ҷое маънии ғариб шунавӣ ва туро он хуш ояд, хоҳӣ, ки баргирӣ ва дигар ҷой истеъмол кунӣ, мукобара[**] макун, биайниҳи ҳам он лафзро ба кор мабар. Агар дар мадҳе маънӣ бувад, худ дар ҳаҷве ба кор бар ва агар дар ҳаҷве бувад, дар мадҳе ба кор бар ва агар дар ғазал шунавӣ, дар марсияте ба кор бар ва агар дар марсияте шунавӣ, дар ғазал ба кор бар, то касе надонад, ки он аз куҷост.

Агар мамдӯҳе талабӣ ва агар кори бозор кунӣ, мадбиррӯй ва палидҷома мабош, доим тозарӯй бош ва ханданок бош ва ҳикоёту наводири мускита ва музҳика[***] бисёр ёд гир, ки дар пеши мардум ва пеши мамдӯҳ аз ин ҷинс шуароро ногузир бувад.

## БОБИ СИВУ ШАШУМ
## АНДАР ОДОБИ ХУНЁГАРӢ

Эй писар, агар хунёгар бошӣ, сабукрӯҳу хушгӯй бош ва хӯйи неку дор. Ва худро ба тоқати хеш ҳамеша покҷома дор ва мутаййибу чарбзабон бош. Чун ба сарое даршавӣ ва мутрибӣ, туршрӯю гирифта мабош ва ҳама роҳҳои[****] гарон мазан ва низ ҳама роҳҳои сабук мазан, ки дар ҳама вақт аз як навъ задан шарт нест, ки ҳама одамиён бар як табъ

[**] Мукобара – мағрурӣ.

[***] Мускита ва музҳика – хомӯшкунанда ва хандаовар.

[*] Роҳ – оҳанги мусиқӣ.

[****] Роҳ – оҳанги мусиқӣ.

набошанд. Ҳамчунон ки халқ мухталиф аст, хулқ низ мухталиф аст. Ва аз ин сабаб аст, ки устодони малоҳӣ ин саноатро тартибе ниҳодаанд.

Аввал дастони хусравонӣ[122] зананд ва он аз баҳри маҷлиси мулук сохтаанд. Ва баъд аз он тариқҳо ба вазни кам аз он биниҳодаанд, чунон ки бад-ӯ суруд тавон гуфт ва онро роҳ ном карданд. Ва он роҳе бувад, ки ба табъи пирону худовандони ҷидд наздик бувад. Пас ин роҳҳои гарон аз баҳри ин қавм сохтанд. Аммо чун диданд, ки халқ ҳама пиру аҳли ҷидд набошанд, гуфтанд, ки аз баҳри пирон тариқе ниҳодаем, аз баҳри ҷавонон низ тариқе ниҳем.

Пас, биҷустанд шеърҳое, ки ба вазни сабуктар бувад, бар вай роҳҳои сабук сохтанд ва хафиф ном карданд, то аз паси ҳар роҳе гарон аз ин хафифе бизананд ва бигӯянд, то дар навбате мутрибӣ ҳам пиронро ва ҳам ҷавононро насиб бувад. Пас, то кӯдакон ва занону мардони латифтабътар бебаҳра набошанд, тарона аз баҳри ин қавм тасниф карданд, то ин қавм низ роҳат ёбанд аз ин лаззат, аз он ки андар вазнҳо ҳеҷ вазне латифтар аз тарона нест. Пас ҳама аз як навъ мазан ва магӯй ва чунин ки ёд кардам, мутрибӣ мекун, то ҳама кас аз самои ту баҳра ёбанд.

Ва дар маҷлисе, ки бинишинӣ, нигаҳ кун, агар мустамеъ сурхрӯй бошад ва дамавирӯй бувад, бештар бар бам зан ва агар зардрӯю сафровӣ бувад, бештар зер зан ва агар сиёҳгуна бувад ва наҳиф ва савдоӣ бувад, бештар бар сетор ва агар сапедпӯст ва фарбеҳ бувад ва мартуб бувад, бештар бар бам зан, ки ин рӯдҳоро бар чаҳор табъ сохтанд ва аҳли илми мусиқӣ ин саноатро ҳам бар чаҳор табъи мардум сохтанд. Ва ҳарчанд ин, ки гуфтам, дар шарту оини мутрибӣ нест, хостам, ки аз маънӣ низ туро огоҳ кунам, то маълуми ту бошад.

Дигар ҷаҳд кун, то муҳокӣ* бошӣ, ки ба миқдори

---

* Муҳокӣ – масхарабоз, тақлидкор.

ҳикоят ва мазоҳу мутояба кардани ту аз ранҷи хунёгарии ту бикоҳад. Дигар он ки агар хунёгаре бошӣ, ва шоирӣ низ донӣ, ошиқи шеъри худ мабош ва ҳама ривояти шеъри хеш макун, ки чунон ки туро бо шеъри хеш хуш бошад, магар он қавмро хуш набошад, ки хунёгарон ровиёни[123] шоиронанд на ровиёни хеш.

Ва дигар он ки агар нардбоз бошӣ, чун ба мутрибӣ равӣ, агар ду кас ба ҳам нард ҳамебозанд, хунёгарии хеш ботил макун ва ба таълим кардани нард манишин ва ё ба нарду шатранҷ бохтан машғул машав, ки туро ба хунёгарӣ хондаанд на ба муқомирӣ.

Ва низ суруде, ки омӯзӣ, завқ нигоҳ дор ва ғазалу тарона бевазн магӯй ва маёмӯз, ки нохуш бувад, ки сурудат ҷойи дигар бувади захма ҷойи дигар. Ва агар бар касе ошиқ бошӣ, ҳама рӯз ҳасби ҳоли худ магӯй, ки агарчи туро ин хуш ояд, дигаронро хуш наояд. Ва ҳар суруде дар маънии дигар гӯй. Шеъру ғазал бисёр ёд гир чун: фироқиву висолӣ ва тавбеҳу[**] маломат ва итоб ва радду манъ ва қабул ва ҷафову вафо ва атову эҳсон ва хушнудӣ ва гила ва ҳасби ҳолҳои вақтеву фасле чун: сурудҳои баҳориву хазонӣ ва зимистониву тобистонӣ. Бояд ки бидонӣ, ки ба ҳар вақт чӣ бояд гуфт. Набояд ки андар баҳор хазониву андар хазон баҳорӣ гӯӣ. Ва андар тобистон зимистониву андар зимистон тобистонӣ нагӯй. Вақти ҳар суруде бояд ки бидонӣ. Агарчи устоди беназир бошӣ, дар сарокор ҳарифонро ҳаменигар. Агар қавме мардумони хос ва пирони оқил бинӣ, ки ҳирфаи мутрибӣ донанд, пас мутрибӣ кун ва роҳҳои неку навоҳои нек ҳамезан, аммо суруд бештар андар пирӣ гӯй ва андар мазаммати дунё.

Ва агар қавме ҷавонон ва кӯдакон бинӣ нишаста, бештар тариқҳои сабук зан ва сурудҳое гӯй, ки дар сифати занон гуфта бошанд ё дар ситоиши набиз ва набизхорон. Ва

[**] Тавбеҳ – сарзаниш.

агар қавме сипоҳӣ ва айёрпешагонро бинӣ, дубайтиҳои мовароуннаҳрӣ[124] гӯй дар ҳарб кардану хун рехтан ва ситудани айёрон. Ва ҷигархора мабош ва ҳама навоҳои хусравонӣ мазан.

Ва магӯй, ки шарти мутрибӣ нигоҳ ҳамедорам, нахуст бар пардаи Рост чизе бигӯӣ, пас бар расм бар ҳар пардае чун пардаи Бода ва пардаи Ироқ ва пардаи Ушшоқ ва пардаи Зерафканд ва пардаи Бӯсалик ва пардаи Сипоҳон ва пардаи наво ва пардаи Баста ва пардаи Ҳусайнӣ ва пардаи Бохарз[125] бигӯӣ, то шарти мутрибӣ ба ҷой орӣ, он гоҳ бар сари кӯи тарона равӣ, ки то ту шарти мутрибӣ ба ҷой орӣ, мардумон малӯл шуда бошанд ва ё маст шудаву рафта.

Бинигар, ки ҳар кас чӣ роҳ дӯсттар дорад ва чӣ мехоҳад, чун қадаҳ бад-ӯ расад, он гӯй, ки ӯ хоҳад, ки то ту он нагӯйӣ, ки ӯ хоҳад, ӯ туро он надиҳад, ки ту хоҳӣ. Хунёгарро бузургтарин ҳунаре он аст, ки бар табъи мустамеъ равад.

Ва дар маҷлис, ки бошӣ, пешдастӣ макун ба бода гирифтан ва секии бузург хостан. Ва набид кам хӯр, то сим ҳосил кунӣ. Ва чун мақсуди хеш ҳосил кардӣ ва сим ёфтӣ, он гаҳ тан андар набид деҳ.

Ва дар сарокор бо мастон ситеза макун ва суруде, ки хоҳанд ё накде, ки кунанд. Гарчи муҳол гӯянд, ту аз он маяндеш, бигзор то бигӯянд.

Чун набид бихӯрӣ ва мардумон маст шаванд, ту бо ҳамкорон дар мунозараву муҳоко машав, ки аз мунозара сим ҳосил нашавад ва мардумонро заҷр карда бошиву бас. Ва нигар то хунёгари муарбид набошӣ, ки аз арбадаи ту сими хунёгарӣ аз миён биравад ва сару рӯй шикаставу ҷома дарида боз хона равӣ, ки хунёгарон муздури мастон бошанд ва муздури муарбидро донӣ, ки музде надиҳанд.

Ва агар дар маҷлисе туро касе меситояд, он касро тавозеъ ҳаменамой ва чизе ки вай хоҳад, бештар гӯй, то

дигарон низ биситоянд.

Аввал ба ҳушёрӣ ситудани бесим бувад, чун маст шаванд, сим аз пайи он ситудан бошад. Ва агар мастон ба роҳе ё ба суруде сахт гарданд, чунон ки одати мастон аст, ту аз гуфтану задани он малул машав, ҳамегӯй ва ҳамезан, то он гаҳ ки аз он миён ғарази ту ҳосил шавад, ки мутрибонро бузургтарин ҳунаре сабурист, ки бо мастон кунанд, ки агар сабур набошанд, ҳамеша маҳрум монанд.

Ва низ гуфтаанд, ки хунёгар кӯру кару лол бояд, ки бувад. Яъне ки гӯш ба ҷое надорад ва ҳар ҷое, ки равад, чизе ки ҷойи дигар дар маҷлис дида бошаду шунида, бознагӯяд. Чунин мутриб ҳамеша бо мизбон бувад ва шуғлаш равон бувад.

## БОБИ СИВУ ҲАФТУМ
## АНДАР ХИДМАТ КАРДАНИ ПОДШОҲ

Бидон, эй писар, ки агар иттифоқ афтад, ки аз ҷумлаи ҳошияи* подшоҳ бошӣ ва ба хидмати ӯ бипайвандӣ, ҳарчанд ки подшоҳ туро ба худ наздик кунад, ту бад-он ғарра машав, аз наздикии вай гурезон бош. Аммо аз хидмат гурезон мабош, ки аз наздикии подшоҳ дурӣ хезад ва аз хидмати подшоҳ наздикӣ. Ва агар туро аз хештан эмин дорад, он рӯз ноэминтар бош, ки аз ҳар кас, ки фарбеҳ шавӣ, низор гаштан ҳам аз вай бувад.

Ҳарчанд ки оҷиз бошӣ, аз хештаншиносӣ ғофил мабош ва сухан ҷуз бар муроди подшоҳ магӯй ва бо вай лиҷоҷ** макун, ки дар масал гуфтаанд, ки ҳар кӣ бо подшоҳ дарафтад ва лиҷоҷ кунад, пеш аз аҷал бимирад.

Ва худованди хешро ҷуз ба некӣ кардан роҳ манамой, то бо ту некӣ кунад, ки чун бад омӯзӣ, бо ту ҳам бадӣ кунад.

---

* Ҳошия – наздикон.

** Лиҷоҷ – пофишорӣ ва истодагии бемаврид.

## ҲИКОЯТ

Мегӯянд, ки ба рӯзгори Фазлуни Мамлон[126], ки подшоҳи Ганҷа буд, дайламие буд муҳташам, ки мушири* ӯ буд. Пас, ҳар касе ки гуноҳе бикардӣ, ки банду зиндон воҷиб шудӣ, Фазлун ӯро бигирифтиву ба зиндон кардӣ. Ин дайламӣ, ки мушири ӯ буд, ӯро гуфтӣ:

– Озодаро маёзор, чун озурдӣ, гардан бизан.

Ва чанд кас ба машварати ӯ ҳалок шуда буданд аз муҳташамони мамлакат.

Иттифоқро ин дайламии мушир гуноҳ кард. Подшоҳ ӯро фармуд гирифтан ва ба зиндон кардан. Дайламӣ кас фиристод, ки чандин мол бидиҳам, маро макуш.

Фазлун гуфт:

– Ман аз ту омӯхтам, ки озодаро маёзор ва чун озурдӣ, бикуш.

Дайламии мушир ҷон дар сари кори бадомӯзӣ кард.

* * *

Аммо агар аз нек накӯҳида шавӣ, дӯсттар дор, ки аз бад сутуда шавӣ. Ва охири ҳама таманноҳо нуқсон шинос ва бар давлат ғарра мабош. Ва аз кори султон ҳишмат талаб кун, ки неъмат худ аз паси ҳишмат ояд, ки иззи хизмати султонӣ беҳ аз иззи тавонгарист. Ва гарчи дар амали подшоҳ фарбеҳ шавӣ, хештан лоғар намой, то эмин бошӣ. Набинӣ, ки гӯсфанд то лоғар бошад, аз куштан эмин бувад ва кас ба куштани ӯ накӯшад ва чун фарбеҳ гашт, ҳама касро ба куштани ӯ тамаъ бувад.

Ва аз баҳри дирам худовандфурӯш мабош, ки дирами амали султонӣ чун гул бувад некуву хушбӯй ва машҳуру азиз, валекин чун гул камумр бувад. Ҳарчанд манофеи хидмати султон пинҳон натавон дошт, ҳар дираме, ки аз

* Мушир – мушовир, маслиҳатгар.

амали султон гирд кунӣ, аз ғубори олам парокандатар шавад.

Ва ҳишмати хидмати худовандон худ чун сармоя аст ва дирам, ки аз он ҷамъ шавад, рост чун суд аст. Пас, аз баҳри суд сармоя аз даст мадеҳ, ки то сармоя бар ҷой бувад, ҳамеша умеди суд бувад. Агар сармоя аз даст бидиҳӣ, андар суд натавон расид.

Ва ҳар кӣ дирамро аз хештан азизтар дорад, зуд аз азизӣ ба залилӣ афтад ва рағбати ҷамъ кардани мол андар миёни иззи мард ҳалоки марди азиз дон, магар ба ҳадду андоза ҷамъ кунад ва халқро насибе мекунад то забони халқ бар вай баста гардад.

Ва чун дар хидмати султон бузург шудӣ ва пойгоҳ ёфтӣ, ҳаргиз бо Худованди хеш хиёнат макун. Агар кунӣ, он таълими бадбахтӣ бувад, аз баҳри он ки чун меҳтаре кеҳтареро* бузург гардонид, вай мукофоти он валинеъмат хиёнат кунад, далели он бувад, ки Худованди таборак ва таоло бузургӣ аз ӯ бозгирад. Аз баҳри он ки то меҳнате бад-он мард нарасад, мукофоти Худованди хеш накуиро бадӣ накунад.

## ҲИКОЯТ

Чунон ки амир Фазлун Абуссавор Абулясарро ба исфаҳсолории Бардаъ[127] мефиристод.

Вай гуфт:

–То зимистон дарнаёяд, наравам, аз баҳри он ки обу ҳавои Бардаъ сахт бад аст, хосса, ба тобистон.

Ва андар ин маънӣ сухан дароз гашт. Амир Фазлун вайро гуфт:

– Касе бе аҷал намирад ва намурдааст.

Абулясар гуфт:

– Чунон аст, ки Худованд мефармояд, кас бе аҷал

* Меҳтар – бузург, кеҳтар – хурд.

намирад, валекин касеро то аҷал наёмада бошад, ба тобистон ба Бардаъ наравад.

* * *

Ва дигар аз кори дӯсту душман ғофил мабош. Бояд, ки нафъу зарари ту ба дӯсту душман бирасад, ки бузургӣ бад-он хуш бошад, ки дӯсту душманро ба некиву бадӣ мукофот кунӣ.

Ва мардум, ки муҳташам шуд, набояд. ки дарахти бебар бошад ва аз бузургӣ тавонгарӣ хоҳаду бас ва касро аз вай нафъу зарар ба мардум нарасад ва аз ӯ камтар кас набошад.

Пас манофеи хешро неъмату компонӣ дон ва мардумӣ аз мардумон боз магир, ки соҳиби шариат гуфтааст: «Хайру-н-носи ман янфаъу-н-носа»[128].

Ва хидмати меҳтаре, ки бағоят ба давлат расида бошад, маҷӯй, ки ба фуруд омадан наздик бувад ва гирди давлати пиршуда магард, ки пирро агарчи ҳанӯз умр монда бошад, охир мардумон ӯро ба марг наздиктар хонанд. Ва низ кам пире бувад, ки рӯзгори пирӣ ба вай вафо кунад.

Ва агар хоҳӣ, ки дар хидмати подшоҳ бар ҷой бимонӣ, чунон бош, ки Аббос мар писари Абдуллоро[129] гуфт:

– Бидон, эй писар, ки ин мард, яъне Умар ибни Хаттоб (р) туро пеши шуғли хеш кардааст ва аз ҳама халқ эътимод бар ту кардааст. Акнун, агар хоҳӣ, ки душманони ту бар ту чира нашаванд, панҷ хислат нигоҳ дор, то эмин бошӣ: аввал бояд, ки ҳаргиз аз ту дурӯғ нашнавад. Дуввум пеши ӯ касро айб маҷӯй. Сеюм бо вай ҳеҷ хиёнат макун. Чаҳорум фармони ӯро хилоф макун. Панҷум рози ӯ ба ҳеҷ кас магӯй, ки аз махлуқ парастидан мақсуди хеш бад-ин панҷ хислат ҳосил тавонӣ кард.

Ва дигар дар хидмати валинеъмати хеш тақсир* макун ва агар тақсире равад, худро ба муқассирӣ ба вай намо ва андар он тақсир худро нодон соз, то бидонад, ки ту бад-ӯ

---

* Тақсир – кӯтоҳӣ, хато.

қасде накардаӣ ва он тақсири хидмат аз ту ба нодонӣ шумурад, на ба беадабиву нофармонӣ ба гуноҳ шумурад.

Дигар, пайваста ба хидмат машғул бош, бе он ки бифармояд. Ҳар чӣ каси дигар хоҳад кард, бикӯш, ки то ту кунӣ. Чунон бояд, ки ҳар кӣ туро талабад, дар хидмат аз они хеш ёбад. Мудом ба даргоҳ ҳозир бош, чунон ки ҳар киро талаб кунад, туро ёбад. Зеро ки ҳиммати мулук пайваста он аст, ки доим дар озмоиши кеҳтарони хеш бошанд. Туро чун як роҳу ду роҳ биҷӯяд, ҳар боре дар хидмате ёбад, муқим ба даргоҳи хеш бинад, ба корҳои бузург бар ту эътимод кунад. Чунон ки Қамарии Гургонӣ[130] гӯяд:

*Пеши ту моро сухан гуфтан хатар кардан бувад,*
*Бе хатар кардан барояд кай аз ин дарё гуҳар?*

Ва то ранҷи кеҳтарӣ бар худ нанихӣ, ба осоиши меҳтарӣ нарасӣ, ки барги нил то пӯсида нашавад, нил нашавад. Ва Офаридгор подшоҳро чунон офаридааст, ки ҳамаро бинад, ки ба вай ҳоҷатманданд.

Ва худро ба ҳасад ба подшоҳ манамой, ки агар баъд аз он сухани касе маҳсуд пеши ӯ бигӯӣ, нашунавад ва аз ҷумлаи ҳасад шумурад, агарчи рост бувад. Ва ҳамеша аз хашми подшоҳ тарсон бош, ки ду чизро ҳаргиз хор натавон дошт. Яке хашми подшоҳ ва дигар панди ҳакимон, ки ҳар кӣ ин ду чизро хор дорад, хор гардад.

Ин аст шарти ҳошияти подшоҳон. Пас, агар чунон бувад, ки ту аз ин дараҷа баргузарӣ ва пойгоҳи бузургтар ёбӣ ва ба надимии подшоҳ афтӣ, бояд ки шарти надимии подшоҳ туро маълум бошад ва онро низ ёд кунам.

# БОБИ СИВУ ҲАШТУМ
# АНДАР ОДОБИ НАДИМӢ КАРДАН

Агар подшоҳ туро надимии[*] хеш фармояд, агар олати мунодамати подшоҳ надорӣ, мапазир, ки ҳар кӣ надимии подшоҳ кунад, чанд хислат андар вай бибояд, ки бувад, чунон ки агар дар маҷлисҳо он худовандро аз ҷулуси ӯ зинате набошад, боре шайне[**] набувад. Аввал бояд ки ҳар панҷ ҳавоси вай ба фармони вай бувад ва низ бояд ки лиқое дорад, ки мардумонро аз дидани вай кароҳате набошад, то ин валинеъмат аз дидани вай малӯл нашавад. Бояд, ки ин кас дабирӣ донад, вай малул нашавад. Бояд ки ин кас дабирӣ донад тозӣ ва порсӣ, то агар вақте ба хилват андар маликро ба дабире ҳоҷат бувад, ба хондан ё навиштан ва дабир ҳозир набувад, ин подшоҳ туро хондан фармояд ё набиштан оҷиз набошӣ. Дигар, бояд ки агар надим шоир набошад ва баду неки шеър надонад, назм бар вай пӯшида намонад ва ашъори тозиву форсӣ ёд дорад, то агар ин худовандро гоҳу бегоҳ ба байте ҳоҷат афтад, шоиреро талаб набояд кардан ё худ бигӯяд, ё ривоят кунад аз касе.

Ҳамчунин аз тиббу нуҷум бояд ки бидонад, то агар аз ин саноатҳо сухане равад ё бад-ин боб ҳоҷат афтад, омадани табиб ё мунаҷҷим ҳоҷат набошад, ту он чӣ донӣ, бигӯйӣ, то шарти мунодамат ба ҷо оварда бошӣ, то ин подшоҳро ба ҳар илме бар ту эътимод афтад ва бо хидмати ту роғибтар бувад.

Бояд ки андар малоҳӣ туро даст бувад, чизе бидонӣ задан то агар хилвате бувад, ки мутрибро ҷой набувад, то бад-он чӣ донӣ, вақти ӯ хуш ҳамедорӣ, то вайро бад-он сабаб бар ту валуе дигар бошад.

Ва низ бояд, ки муҳокӣ бошӣ ва бисёр ҳикоёти музҳика ва сухани мускита ва наводири бадеъ ёд дорӣ, ки надимӣ бе

---

[*] Надим – ҳамсуҳбат, ҳамнишин.

[**] Шайн – айб, гуноҳ.

ҳикояту наводир нотамом бошад. Ва низ бояд ки нарду шатранҷбоз бошӣ, валекин на чунон ки муқомир бошӣ, ки ҳар кӣ ба табъ муқомир бошад, надимии мулукро нашояд. Ва низ бо ин ҳама, ки гуфтам, Қуръон бояд ки ёд дорӣ ва аз тафсир чизе бидонӣ ва аз фиқҳ чизе хабар дорӣ ва ахбори расул (а) бидонӣ ва аз илми шариат ва аз ҳар чизе бехабар набошӣ, то агар дар маҷлиси подшоҳ аз ин маънӣ сухан равад, ҷавоб бидонӣ додан ва ба талаби қозиву фақеҳ набояд шудан. Ва низ бояд ки бисёр сияри* мулук хонда бошӣ ва ёд гирифта, то пеши худованд хислатҳои сутудаи мулуки гузашта ҳамегӯй, он андар дили подшоҳ кор кунад ва бандагони Худои таолоро андар он нафъеву тафарруҷе** ҳамебошад.

Ва бояд, ки андар ту ҳам ҷидд бошад ва ҳам ҳазл, аммо бояд ки вақти истеъмоли сухан бидонӣ, ки кай бошад ва вақти ҷидд ҳазл нагӯй ва вақти ҳазл ҷидд нагӯй, ки ҳар илме, ки бидонӣ ва истеъмоли он надонӣ кардан, донистану надонистани он ба наздики мардумон яке бошад.

Ва бо ин ҳама, ки гуфтам, бояд ки андар ту раҷулияте бошад, ки мулук ҳамеша ба ишрат машғул набошад, бояд, ки бештар мардӣ бояд намудан, бинамойӣ.

Пас, ин ки гуфтам, агар ҷумла дар ту мавҷуд набошад, бояд ки бештар аз ин бошад, то надимии подшоҳро шоиста бошӣ. Агар чунин бувад, ки аз надимӣ нон хӯрдану шароб хӯрдан ва ҳазл гуфтан донӣ, азбас надимӣ набувад, тадбири надимӣ кун то он хидмат бар ту вубол нагардад.

Ва низ ҳаргиз, то ту бошӣ, пеши худовандони хеш аз хештан ғофил мабош ва дар маҷлиси подшоҳ дар бандагони ӯ манигар. Чун соқӣ набиз ба ту диҳад, ҳар гаҳ ки қадаҳ биситонӣ, дар рӯйи вай манигар, сар пеш афканда дор, бистону бихӯр ва қадаҳ боздеҳ, чунон ки андар вай нанигарӣ,

---

* Сияр – рафторҳову кирдорҳо.

** Тафарруҷ – дилхушӣ.

то худовандро аз ту ба хаёле сурат набандад.

Хештанро нигоҳ дор, то туро чунон наяфтад, ки қозӣ Абдулмалик Акбариро афтод.

## ҲИКОЯТ

Шунидам, ки қозӣ Абдулмалик Акбариро Маъмуни халифа надимии хосси худ дод, ки Абдулмалик набидхора буд ва бад-ин сабаб аз қазо маъзул шуд. Рӯзе дар маҷлиси шароб ғуломе соқӣ набид бад-ин Абдулмалик дод. Чун набиз биситуд, ба ғулом андар нигарид. Ба чашм ба вай ишорате кард. Як чашмро лахте фурӯ гирифт. Маъмун бидид. Абдулмалик бидонист, ки Маъмун он бидид ва он ишорат бидонист. Ҳамчунон чашм нимгирифта ҳамедошт. Маъмун баъд аз соате пурсид:

– Эй қозӣ, чашми туро чӣ афтод?

Абдулмалик гуфт:

– Надонам, дар ин соат ба ҳам фароз омад.

Ва баъд аз он, то вай зинда буд, дар сафару ҳазар ва дар малову хало ҳаргиз чашм тамом бознакушод, то он туҳмат аз дили Маъмун набурд.

* * *

Пас, он кас, ки ӯ надими подшоҳ ё ҳамнишини бузургон бувад, чунин бувад ва чунин кифояте бояд, то дониста бошӣ.

## БОБИ СИВУ НУҲУМ
## АНДАР ОИНИ КОТИБ ВА ШАРОИТИ КОТИБӢ

Бидон, эй писар, ки агар дабир бошӣ, бояд ки бар сухан қодир бошӣ ва хатти неку дорӣ ва таҷовуз кардан дар хат одат накунӣ ва бисёр набиштан одат кунӣ, то моҳиртар бошӣ дар навиштан.

### ҲИКОЯТ

Шунидам, ки Соҳиб Исмоили Аббод рӯзи шанбе буд дар девон чизе менавишт. Рӯй сӯйи котибон карду гуфт:

– Ҳар рӯзи шанбе ман дар котибии худ нуқсон ҳамебинам, аз он чӣ рӯзи одина* ба девон наёмада бошам ва чизе нанабишта бошам. Он як рӯзи тақсир дар ман таъсир кунад.

* * *

Пас, пайваста ба чизе набиштан машғул бош ба хатти кушодаву мубин ва сар бар боло ба ҳам бофта. Ва дар нома бояд ки бисёр ғаразу маонӣ дар андак моя сухан ба кор барӣ. Чунон ки шоир гӯяд:

**Шеър:**

*Нуктае буд аз даҳони даҳр берун омада,*
*Номае хон пурмаонӣ аз ҳадиси мухтасар.*

.

Ва номаи худро ба истиороту амсол ороста дор. Ва агар нома порсӣ бувад, порсии мутлақ манабис, ки нохуш бувад, хосса порсии дарӣ, ки на маъруф бувад, он худ набояд набишт ба ҳеҷ ҳол, ки ногуфта беҳтар аз гуфта бувад. Ва такаллуфҳои номии тозӣ худ маълум аст, ки чун бояд

* Одина – ҷумъа.

навишт. Ва андар номаи тозӣ сачъ ҳунар аст ва хуш ояд, лекин андар номаи порсӣ сачъ нохуш ояд, агар нагӯйӣ, беҳтар бошад. Аммо ҳар сухане, ки гӯйӣ, оливу мустаор гӯй ва мухтасар бояд гуфт ва котиб бояд, ки асрори котибӣ нек донад ва суханҳои мармузро нек андар ёбад.

## ҲИКОЯТ

Чунон шунидам, эй писар, ки ҷадди ту Султон Маҳмуд ба халифаи Бағдод Алқодир биллоҳ[131] нома фиристод ва гуфт, ки бояд ки Мовароуннаҳр ба ман бахшӣ ва маро маншур диҳӣ, то бираваму шамшери вилоят биситонам ва он маншур бар олам арза кунам, то ба фармону маншур раият бар ман мутеъ бошанд.

Ал-Қодир биллоҳ гуфт:

– Андар ҳама ислом маро аз эшон мутеътар кас нест, маозаллоҳ, ки ман ин кунам ва агар ту бе фармони ман ин кунӣ, ҳама оламро ба ту бишӯронам.

Султон Маҳмуд аз ин сухан тира шуд, расули халифаро гуфт:

– Халифаро бигӯй, чӣ гӯйӣ, ман аз Абӯмуслим[132] камтарам? Маро худ ин шуғл бо туст, инак, омадам бо ду ҳазор пил ва дорулхилофа ба пойи пилон вайрон кунам ва хоки вай дар пушти пилон ба Ғазнин орам.

Ва таҳдиди азим бинамуд аз борномаи пилони хеш. Расул бирафт ва баъд аз он ба чанд гоҳ бозомад. Султон боз бинишаст ва ҳоҷибону ғуломон саф заданд ва пилони маст бар дари сарой бидоштанд ва лашкар таъбия карданд ва расулро бор доданд. Расул биёмад ва номаи фиреби як даста коғази мансурии ба қатъ пайваста ва печида ва муҳркарда пеши Султон Маҳмуд ниҳод ва гуфт:

– Амирулмуъминин ҳамегӯяд, ки номаи ту хондам ва таҳмили ту шунидам ва ҷавоби номаи ту ва ҷавоби таҳмили

ту ин аст, ки дар ин нома набиштааст. Хоҷа Бӯнасри Мушкон, ки амиди* девони расоил буд, даст дароз кард ва нома бардошту бикушод, то бихонад. Аввали нома набишта буд:

**«Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим»**

Ва он гаҳ сатре чунин ниҳода:

**«Алам**.....»

Ва охири нома навишта: **«Алҳамдуллоҳ васалавоту ало набийиҳи Муҳаммад ва олиҳи аҷмаин».** Ва дигар ҳеҷ нанабишта буд.

Маҳмуд бо ҳама котибони хеш андар андеша афтод, ки ин чӣ сухани мармуз аст. Ва ҳар ояте, ки дар Қуръон алиф ва лом ва мим буд, ҳама бихонданд ва тафсир бикарданд, ҳеҷ ҷавоби Маҳмуд набуд. Охируламр хоҷа Абӯбакри Қаҳистонӣ[133] ҷавон буд ва ҳанӯз дараҷаи нишастан надошт андар миёни надимон, ки бар пой буданд, истода буд, вай гуфт:

– Эй Худованд, амирулмуъминин на алиф ва лом ва мим набиштааст, Худованд вайро таҳдид ба пилон карда буд ва гуфта, ки хоки дорулхилофа ба пушти пилон ба Ғазнин орам. Ҷавоби Худованд набиштааст: «Алам тара кайфа фаъала раббука биасҳоби-л-фили?»[134] Ҷавоби пилони худованд ҳамедиҳад.

Шунидам, ки Султон Маҳмудро тағйир афтод, то чанд гоҳ ба ҳуш бознаёмад ва бисёр бигирист ва зорӣ кард, чунон ки диёнати ӯ буд, узрҳо хост аз халифа ва он сухане дароз аст.

Абӯбакри Қаҳистониро хилъати гаронмоя фармуд ва ӯро фармуд, то дар миёни надимон нишинад.

Ва бад-ин як сухан дараҷаи бузургӣ ёфт.

---

* Амид – раис.

## ҲИКОЯТ

Ва низ ҳамчунин шунидам, ки ба рӯзгори Сомониён Бӯалии Симҷӯрӣ[135], ки дар Нишопур буд, гуфтӣ, ки ман исфаҳсолору амири Хуросонам. Валекин ба даргоҳ нарафтӣ. Охири аҳди Сомониён буд ва чандон қувват надоштанд, ки Бӯалиро ба даст овардани ба унф*. Пас, бо ӯ ба изтирор ба хутбаву сикка ва ҳадя розӣ шудандӣ. Ва Абдулҷаббори Хӯҷонӣ котиби Хӯҷон[136] буд, марде буд фақеҳ ва адибе нек буд ва котибе тамом бо ройи садид, ба ҳама кор кофӣ.

Бӯалии Симҷӯрӣ ӯро аз Хӯҷон биёвард ва котибии ҳазрати хеш бад-ӯ дод ва тамкине тамомаш бидод андар шуғл. Ва ҳеҷ шуғл бе машварати ӯ накард, аз он ки марде сахт бокифоят буд. Ва Аҳмад Рофеи Яъқубӣ котиби ҳазрати амири Хуросон буд. Марде сахт фозилу муҳташам ва шуғли ҳама Мовароуннаҳр дар зери қалами ӯ буд. Ва Аҳмади Рофеъро ба Абдулҷаббори Хӯҷонӣ дӯстӣ буда буд, ба муносибати фазл мукотабати дӯстӣ доштандӣ.

Рӯзе амири Хуросонро вазири ӯ гуфт:

Агар Абдулҷаббори Хӯҷонӣ котиби Бӯалии Симҷӯрӣ набошад, Бӯалиро ба даст тавон овард, ки ин ҳама исёни Бӯалӣ аз кифояти Абдулҷаббор аст. Номае бояд набиштан ба Бӯалӣ, ки агар ту тоатдори манӣ ва чокари манӣ, чунон бояд, ки чун нома ба ту расад, бе таваққуф сари Абдулҷаббори Хӯҷониро ба дасти ин қосид бифиристӣ ба даргоҳи ман, то ман донам, ки ту ба тоатӣ, ки ҳар чӣ ту мекунӣ, маълуми мост, ки ба машварату тадбири ӯ ҳамекунӣ. Ва агар накунӣ, инак, ман, ки амири Хуросонам, ба тани хеш меоям, ҷангро омода бош.

Чун ин тадбир бикарданд, гуфтанд ба ҳама ҳол ин нома ба хатти Аҳмади Рофеъ бояд, ки бувад. Ва Аҳмад дӯсти Абдулҷаббор аст. Рофеъро бихонду гуфт:

---

* Ба унф – ба сахтгирӣ, ба зӯрӣ.

– Номае ба Бӯалии Симҷӯрӣ бинавис дар ин боб. Ва чун нома набиштӣ, нахоҳам, ки ту се шабонарӯз аз ин сарой берун оӣ ва ҳеҷ кеҳтаре аз они ту набояд ки пеши ту ояд, ки Абдулҷаббор дӯсти туст. Агар ба даст наёяд, донам, ки ту намуда бошӣ.

Аҳмад ҳеҷ чиз натавонист кардан. Ва чунин гӯянд, ки Аҳмад нома ҳаменабишту ҳамегирист ва бо худ мегуфт:

– Кошки ман дабирӣ надонистаме, то дӯсте бад-ин фозилӣ ба хатти ман кушта нашудӣ. Ва ин корро ҳеҷ тадбир намедонам.

Охируламр ин оят ёдаш омад, ки **«Ин юқатталу ав юзаллабу»**[137]. Бо хештан гуфт:

– Ҳарчанд ӯ ин рамз надонад ва ҳеҷ бар сари ин сухан наафтад, ман он чӣ шарти дӯстӣ бувад, ба ҷой орам.

Чун нома набишт ва унвон бикард, бар канораи нома ба қалами борик алифе навишт ва бар дигар ҷониб нуне, яъне «Ин юқатталу». Ва нома ба амири Хуросон арза кард. Кас унвон нигоҳ накард. Чун нома бархонданд ва муҳр карданд ва ба ҷаммозабони* хосси худ доданд ва ҷаммозабонро аз ин ҳол огоҳ накарданд ва гуфтанд:

– Ин нома ба Бӯалии Симҷӯрӣ деҳ ва он чӣ вай ба ту диҳад, биситону бозовар.

Ва Аҳмади Рофеъро се рӯз нигоҳ доштанд ва баъд аз се рӯз боз хонаи хеш омад дилтанг. Чун ҷаммозабон ба Нишопур расид ва пеши Бӯалии Симҷӯр рафт ва нома бидод, чунон ки расм бошад. Бӯалӣ нома бибӯсид ва аз ҳоли саломати амири Хуросон бипурсид. Ва хатиб Абдулҷаббор нишаста буд, номаро ба вай дод ва гуфт:

– Муҳр бардору фармон арза кун.

Абдулҷаббор нома бисутуд ва дар унвон нигаҳ кард. Пеш аз он ки муҳр бардошт, бар канора алифе дид ва бар канораи дигар нуне. Дарҳол ин оят ёдаш омад: **«Ин**

---

* Ҷаммозабон – шутурбон, қосид.

**юқатталу»**. Бидонист, ки нома дар боби куштани вай аст, номаро аз даст биниҳод, ҳамчунон ба муҳр ва даст бар бинӣ ниҳод, яъне ки аз бинии ман хун ҳамеояд, бишӯяму бозоям. Ҳамчунон аз пеши Бӯалӣ бирафт даст бар бинӣ ниҳода. Ва рост, ки аз дар берун рафт, ба ҷое мутаворӣ шуд*. Замоне мунтазири ӯ буданд, Бӯалӣ гуфт:

– Бихонед.

Хоҷаро талаб карданду наёфтанд. Гуфтанд:

– Бар асби худ нанишаст. Пиёда аз сарой берун омад ва ба хонаи хеш нашуд ва кас надонист, ки куҷо рафт.

Бӯалии Симҷӯр гуфт:

– Дигар дабиреро бихонед, то бихонад.

Ва нома бикушоданду бархонданд пеши ҷаммозабон. Чун ҳол маълум шуд, ҳама халқ ба тааҷҷуб монданд, ки бо вай кӣ гуфт, ки андар ин нома чист набишта. Бӯалии Симҷӯр, агарчанд бад-он шодмона буд, пеши ҷаммозабон лахте зуҷрат намуд ва ба шаҳр мунодӣ карданд. Ва Абдулҷаббор худ андар ниҳон кас фиристод, ки ман фалон ҷой нишастаам. Бӯалӣ бад-он шод шуд ва фармуд, ки ҳамон ҷо ҳамебош.

Чун рӯзе чанд баромад, ҷаммозабонро силате неку бидоду ҷавоби нома бинавишт, ки ҳол бар чӣ ҷумла буд. Ва савганди он ёд кард, ки мо аз ин ҳеҷ хабар надоштем.

Амири Хуросон аз ин ҳол оҷиз шуд ва мутаҳаййир бимонд ва хатеву муҳре аз зинҳорномае фиристод, ки вайро авф кардем бад-он шарт, ки бигӯяд, ки андар ин нома ба чӣ донист, ки дар он нома чӣ набиштааст.

Аҳмади Рофеъ гуфт:

– Маро зинҳор деҳ, то ман бигӯям.

Амири Хуросон вайро зинҳор дод. Вай он ҳол шарҳ дод. Амири Хуросон Абдулҷабборро афв кард ва он номаи хеш бозхост, то он рамз бубинад. Нома бозоварданд. Рамз ҳамчунон буд, ки Аҳмад гуфт. Халқ шигифт бимонданд аз фазли ӯ ва аз они он марди дигар.

* Мутаворӣ шуд – пинҳон шуд..

* * *

Ва шарти котибӣ он аст, ки мудом муҷовири ҳазрат бошӣ ва собиқи кор ёд дорӣ ва тезфаҳму нофаромӯшкор бошӣ ва мутафаҳҳис бошӣ ва аз ҳама корҳо тазкира ҳамедорӣ аз он чи туро фармоянд ва аз он чӣ туро ва аз муомалати ҳама омилон огоҳ бош ва таҷассус кун ва аз ҳама гуна тааррӯфи аъмол ҳамекун, агарчи дар вақт ба корат наёяд, бошад ки вақте дигарат ба кор ояд. Валекин он сир бо кас магӯй, магар вақте ки ногузир бувад.

Ва ба зоҳир тафаҳҳуси шуғли вазир манамой, валекин дар ботин аз ҳама чиз огоҳ бош. Ва бар ҳисоб қодир бош ва як соат аз тааррӯфи кадхудой ва номаҳои муомилон набиштан холӣ мабош, ки ин ҳама дар котибон ҳунар аст. Ва бузургтарин ҳунаре котибро забон нигоҳ доштан аст ва сирри валинеъмат нигоҳ доштан аст ва худованди хешро аз ҳама шуғле огоҳ кардан.

Аммо агар чунон ки хаттоте, қодир бошӣ ва аз ҳар гуна хатте, ки бинӣ, бидонӣ набишт, инчунин дониш бағоят неку ва писандида аст. Лекин бо ҳар касе пайдо макун, то ба тазвир кардан* маъруф нагардӣ, ки он гоҳ эътимоди валинеъмати ту аз ту бархезад. Ва агар касе дигар тазвир кунад, чун надонанд, ки кӣ кардааст, бар ту банданд.

Ва ба ҳар муҳаққароте тазвир макун, то рӯзе ба кор оядат чун манофее бузург хоҳад буд, он гаҳ, агар бикунӣ, кас бар ту гумон набарад, ки бисёр котибони фозилу муҳташам вазирони олимро ҳалок карданд ба хатти тазвир. Чунон ки шунида омадааст.

---

* Тазвир кардан – фиреб додан, навиштани хатҳои сохта.

## ҲИКОЯТ

Рабеъ ибни Алмутаҳҳар Алқусрӣ котибе муҳташаму фозил буд, андар девони Соҳиб. Тазвир кардӣ ва ин хабар ба Соҳиб расид. Соҳиб фурӯ монду гуфт:

– Дареғ бошад, ки ин чунин мардро ҳалок кунам, ки бағоят фозилу комил бувад.

Ва на пайдо тавонист кардан бо вай. Меандешид, ки бо вай чӣ кунад. Иттифоқро андар ин миёна Соҳибро оризае* падид омад. Мардумон ба аёдат ҳамерафтанд, то ин Рабеъ ибни Ал-Мутаҳҳар Алқусрӣ андар омад ва пеши Соҳиб бинишаст. Ва чунин ки расм аст, Соҳибро пурсид:

– Шароб чӣ мехӯред?

Гуфт:

– Фалон шароб.

Пас пурсид:

– Таом чӣ мехӯред?

Гуфт:

– Аз он чи ту месозӣ, яъне музаввари**.

Котиб донист, ки Соҳиб аз он кор огоҳ шудааст. Гуфт:

– Эй Худованд, ба сари ту, ки дигар накунам.

Соҳиб гуфт:

– Агар дигар накунӣ, бад-он чӣ кардӣ, афват кунам ва уқубат накунам.

* * *

Пас, бидон, ки ин музаввар кардан коре бузург аст. Аз он бипарҳез ва андар ҳар пеша ва андар ҳар шуғле тамом доди сухан наметавонам дод, ки сухан дароз гардад ва аз мақсуд бозмонам ва ногуфта низ яла наметавонам кард. Чун аз ҳар навъе ҳарфе гуфтам, агар ба гӯши дил шунавӣ, туро аз он ҷо истихроҷҳо афтад, ки аз чароғе фаровон чароғҳо битавон афрӯхтан.

---

* Ориза – беморӣ.

Ва агар Худои таоло бар ту раҳмат кунад ва аз дарачаи котибӣ ба вазорат расӣ, шарти вазорат бидон, ки чӣ гуна аст.

## БОБИ ЧИҲИЛУМ
## АНДАР ШАРОИТИ ВАЗИРИИ ПОДШОҲ

Бидон, эй писар, ки агар чунон бувад, ки ба вазорат афтӣ, муҳосабату* муомалатшинос бош ва бо худованди хеш ростиву инсоф кун ва ҳама тариқи ростӣ нигаҳ дор ва ҳама худро маҳоҳ, ки гуфтаанд: «Ман талаба-л-кулла фатоҳу-л-куллу»[138], ки ҳама ба ту надиҳанд. Агар диҳанд, баъд аз он туро хостор ояд. Агар аввал фарогузоранд, ба охир нагузоранд.

Пас, чизи худованд нигоҳ дор ва агар бихӯрӣ, ба ду ангушт хӯр, то дар гулу намонад. Аммо якбора дасти уммол** фурӯ мабанд, ки чун чарбу аз оташ дареғ дорӣ, кабобат хомояд. То донге ба дигарон бинагзорӣ, дираме бинатвонӣ хӯрдан ва агар бихӯрӣ, он маҳрумон хамӯш набошанд ва нагузоранд, ки пинҳон бимонад.

Ва низ, ҳамчунон ки бо валинеъмати хеш мунсиф бошӣ, бо лашкару раият мунсифтар бош. Ва тавфирҳои ҳақир макун, ки гӯште, ки аз буни дандон ба хилол берун оварӣ, шикамро суд надорад, ки зиёни он тавфир бузургтар аз суд бошад. Ва бад-он каммоя тавфир лашкареро душмани хеш кунӣ ва душмани худовандӣ хеш.

Ва агар хоҳӣ, ки кифояте бинамоӣ ва мол ҷамъ кунӣ ва ба ҳосил орӣ, вайронаҳои мамлакатро обод гардон, то даҳчандон тавфир падид ояд ва халқони Худои таолоро бенаво накарда бошӣ.

---

* Муҳосабат – ҳисобкунӣ.

** Уммол – коркунон.

## ҲИКОЯТ

Бидон, ки малике аз мулуки Порс бар вазири хеш хашм кард ва ӯро маъзул кард, вазоратро касе дигар номзад кард ва ин маъзулро гуфт:

– Хештанро ҷое ихтиёр кун, ки ба ту диҳам, то ту бо неъмату қавми хеш он ҷо равӣ ва мақом кунӣ.

Вазир гуфт:

– Маро неъмат намебояд, ҳар чӣ маро ҳаст, туро додам ва ҳеҷ ҷойи ободон нахоҳам, ки маро бахшид. Агар бар ман раҳмате ҳамекунӣ, аз мамлакати хеш деҳе вайрон ба ман диҳӣ ба ҳаққи малик, бо мураққае биравам ва он деҳ ободон кунам ва он ҷо бинишинам.

Ин малик фармуд, ки чандон деҳе вайрон, ки хоҳад, вайро диҳед. Дар ҳама мамлакати подшоҳ биҷустанд, як деҳи вайрон ва як ба даст ҷойи вайрон наёфтанд, ки ба вай диҳанд. Ва подшоҳро хабар доданд.

Вазир гуфт:

– Эй малик, ман медонистам, ки дар ҳама вилоят ҷое, ки дар тасарруфи ман бувад, ҳеҷ вайрон нест. Акнун чун вилоят аз ман бозгирифтӣ, ба касе деҳ, ки агар вақте аз ӯ бозхоҳӣ, ҳамчунин ба ту супорад, ки ман ба ту супурдам.

Чун ин сухан маълуми малик шуд, аз он вазири маъзул узрҳо хост ва вайро хилъат дод ва вазорат ба вай боздод.

* * *

Пас, дар вазорат меъмору додгар бош, то забони ту ҳамеша дароз бошад ва зиндагонии ту бебим бувад. Агар лашкар бар ту бишӯранд, худовандро ночора дасти ту кӯтоҳ бояд кардан, то дасти худованди ту кӯтоҳ накунад. Пас он бедодӣ танҳо на бар тани худ карда бошӣ, бар лашкару бар худованд ва бар хештан карда бошӣ ва он тавфир тақсири кори ту гардад.

Пас подшоҳро буъс кун* бар некуӣ кардан бо лашкару раият, ки подшоҳ ба раияту лашкар ободон бошад ва деҳ ба деҳқон. Пас дар ободонӣ кӯш ва ҷаҳондорӣ кун. Ва бидон, ки ҷаҳондорӣ ба лашкар тавон кардан ва лашкар ба зар тавон дошт ва зар ба иморат кардан ба даст тавон овардан ва иморат ба доду инсоф тавон кард. Пас, аз адлу инсоф ғофил мабош.

Агарчи бехиёнат ва сойин* бошӣ, ҳамеша аз подшоҳ тарсон бош ва ҳеҷ касро аз подшоҳ чандон набояд тарсид, ки вазирро.

Ва агар подшоҳ хурд бувад, хурд машумор, ки мисоли подшоҳзодагон бар мисоли бачаи мурғобӣ бошанд ва бачаи мурғобиро шино набояд омӯхт, ки бас рӯзгоре барнаёяд, ки вай аз неку бади ту огоҳ шавад. Пас агар подшоҳ болиғу тамом бувад, аз ду берун набошад: ё доно бувад, ё нодон. Агар доно бувад, худ ба хиёнати ту озӣ набошад, ба ваҷҳе некутар дасти ту кӯтоҳ кунад. Ва агар нодону ҷоҳил бувад, ба ҳеҷ рӯй раҳоӣ наёбӣ.

Дигар ҳар ҷо, ки подшоҳ бошад, аз вай ҷудо машав ва вайро танҳо магузор, то душманони ту дар ғайби ту боре фурсати бадӣ гуфтан наёбанд ва вайро аз ҳоли хеш бинагардонанд. Ва ғофил мабош аз пайваста пурсидани ҳоли валинеъмати хеш ва аз аҳволи вай огоҳ будан, чунон ки ҳама касҳои ӯро неку дорӣ, то ҳама ҷосусони ту бошанд, он ки наздикони ӯ бошанд, то ҳар нафасе, ки ӯ занад, ту огоҳ бошӣ ва ҳар суханеро ҷавобе андешида бошӣ ва ҳар заҳреро позаҳре сохта дорӣ.

Ва аз подшоҳони атрофи олам пайваста огоҳ бошӣ, чунон бояд ки ҳеҷ подшоҳи дӯсту душмани ту ва они худованди ту шурбате об нахӯранд, ки на мухбирони ту туро нанамоянд ва ту аз мамлакати вай чунон огоҳ бошӣ, ки аз мамлакати подшоҳи хеш.

---

* Буъс кардан – барангехтан, ташвиқ кардан.

** Сойин – нигоҳдоранда.

## ҲИКОЯТ

Шунидам, ки ба рӯзгори Фахруддавла[139] Соҳиб Исмоил ибни Аббод ду рӯз ба сарой наёмад ва ба девон нанишаст ва касро бор надод. Мунҳӣ[*] Фахруддавларо боз намуд. Фахруддавла кас фиристод, ки хабари дилтангии ту шунидам, дилам танг шуда. Туро агар ҷойи дилтангӣ ҳаст, дари мамлакат боз намой, то мо низ маслиҳати он бар даст гирем. Ва агар аз мо дилтангӣ ҳаст, бигӯ, то узр бозхоҳем.

Соҳиб гуфт:

– Маозаллоҳ, ки аз Худованд бандаро дилтангӣ бошад ва ҳоли мамлакат бар низом аст ва худованд ба нишот машғул бошад, ки ин дилтангии банда зуд зоил шавад.

Рӯзи севум ба сарой омад бар ҳоли хеш хушдил. Фахруддавла пурсид:

– Дилтангӣ аз чӣ буд?

Гуфт:

– Аз Кошғар мунҳии ман набишта буд, ки хоқон ба фалон исфаҳсолор сухане гуфт, натавонистам донистан, ки чӣ гуфт. Маро нон ба гулу фурӯ нашуд аз он дилтангӣ, ки чаро бояд, ки ба Кошғар хоқони Туркистон сухане гӯяд ва мо ин ҷо надонем. Имрӯз мулотафаи[**] дигаре омад, ки он чӣ ҳадис буд. Дилам хуш гашт.

* * *

Пас, бояд ки бар ҳама аҳволи мулуки олам мутталеъ бошӣ ва ҳолҳо ба худованди хеш ҳаменамоӣ, то аз дӯсту душман эмин бошӣ ва ҳоли кифояти ту маълум шавад худованди туро.

Ва ҳар амале, ки ба касе диҳӣ, сазовор деҳ ва аз баҳри тамаъ ҷаҳон дар дасти бедодгарон ва ҷоҳилон манеҳ, ки Бузурҷмеҳрро пурсиданд, ки чун туе дар миёни шуғлу кори

---

[*] Мунҳӣ – хабаргузор, ҷосус.

[**] Мулотафа – нома.

оли Сосон буд, чаро кори эшон музтариб гашт?

Гуфт:

– Зеро ки дар корҳои бузург истионат бар ғуломони кӯчак карданд, то кори эшон бад-он ҷойгоҳ расид.

Ва омили муфлисро шуғл мафармой, ки вай то хештанро бабарг накунад, ба барги ту машғул нашавад. Валекин чун варо баргу созе бошад, якбора ба хештан машғул набошад ва ба кори ту зуд пардозад. Набинӣ, ки чун киштҳову полезҳоро об диҳанд, агар ҷӯйи кишту полиз тару обхӯрда бувад, зуд об ба кишту полез расонад аз он ки ҷойи намнок оби бисёр нахӯрад ва агар ҷӯйи хушк бошад ва аз дер боз об нахӯрда бошад, чун об дар он ҷӯй афкананд, то нахуст ҷӯй тару сероб нашавад, обро ба кишту полиз нарасонад. Пас омили бенаво чун ҷӯйи хушк аст, нахуст барги хеш созад, он гаҳ барги ту.

Дигар, фармони хешро бузург дор ва магузор, ки касе фармони туро хилоф кунад ба ҳеҷ навъ.

## ҲИКОЯТ

Чунон шунидам, ки Абулфазли Балъамӣ[140] Саҳли Хуҷандиро соҳибдевонии* Самарқанд дод. Маншураш тавқеъ кард** ва хилъаташ дод. Он рӯз, ки хост рафтан, ба саройи хоҷа рафт ба видоъ кардан ва фармон хостан. Чун хидмати видоъ бикард ва дуои хайр бигуфт ва он сухане, ки ба зоҳир хост гуфтан, бигуфт. Пас хилват хост. Хоҷа ҷой холӣ фармуд кардан. Саҳл гуфт:

– Бақои Худованд бод, мани банда ҳамеравам. Чун бар сари шуғл расам, ночора аз ин ҷо фармонҳо равон бошад. Худованд бо банда нишоне кунад, ки кадом фармон бояд, ки пеш гирад, то банда бидонад, ки фармоне, ки набояд гирифт, кадом бошад ва агар бояд кард, кадом бошад?

---

* Соҳибдевон – вазирӣ.

** Маншураш тавқеъ кард – фармонашро имзо кард.

Абулфазли Балъамӣ гуфт:

– Эй Саҳл, неку гуфтӣ ва донам, ки ту ин ба рӯзгор андеша карда бошӣ. Моро низ андеша бояд кард. Дарвақт ҷавоб боз натавонам дод. Рӯзе чанд таваққуф кун.

Саҳл боз хона рафт. Дарвақт Сулаймон ибни Яҳё Алчағониро соҳибдевонии Самарқанд дод ва андар вақт маншуру хилъаташ рост карданд ва ба роҳаш карданд. Ва Саҳлро фармуд, ки як сол аз хона берун маёӣ. Саҳл як сол дар хонаи хеш ба Бухоро ба зиндон буд. Баъд аз як сол пеш хондаш ва гуфт:

– Эй Саҳл, моро кай дида будӣ бо ду фармон – яке рост ва яке дурӯғ! Бузургони оламро ба шамшер фармонбардорӣ омӯзем. Фармони мо яке бошад. Дар мо чӣ аҳмақӣ дидӣ, ки мо кеҳтарони хешро бефармонӣ омӯзем ва гӯем, ки ба фармони мо кор макун? Фармони мо яке бошад, он чӣ нахоҳем кард, худ бифармоем. Ва чун фармудем, худ карда шуд, ки моро аз касе биме нест ва на низ дар шуғл оҷизем.

Ва ин гумон, ки ту бар мо бурдӣ, кори оҷизон бошад. Чун ту дар шуғл моро пиёда донистӣ, мо низ дар амал пиёда кардем то ту бар он дил ба амал наравӣ, ки фармоне бувад моро, ки касро заҳра набошад, ки ба фармони мо кор накунад.

* * *

Пас, то ту бошӣ, тавқеъ ба дурӯғ макун. Ва агар омил бар фармони ту кор накунад, вайро уқубате балеғ фармой то тавқеи хешро ба зиндагонии хеш равон нагардонӣ – худ пас аз ту ба тавқеи ту касе кор накунад.

Пас, подшоҳону вазиронро фармон яке бояд ки бувад ва амре қотеъ, то ҳашмат бар ҷой бимонад ва шуғлҳо равон бувад.

Ва набиз маҳӯр, ки аз набиз хӯрдан руунат* хезад ва

* Руунат – нодонӣ.

наузубиллоҳ аз вазири ғофилу раъно. Ва чун подшоҳ ба набиз машғул шавад ва вазир низ ба набиз машғул бувад, халал дар мамлакат зуд роҳ ёбад. Пас худро ва худованди худро хислат карда бошӣ. Чунин бош, ки гуфтам аз ин ки вазир посбони мамлакат бувад ва сухани зишт бувад, ки посбонро посбон бояд.

Пас агар иттифоқи вазорат наяфтад ва сипаҳсолор бошӣ, шарти сипаҳсолорӣ нигаҳ дор.

## БОБИ ЧИҲИЛУ ЯКУМ
## АНДАР РАСМИ СИПАҲСОЛОРӢ

Бидон, эй писар, ки агар сипаҳсолор бошӣ, бо лашкару раият муҳсин бош. Ҳам аз ҷониби хеш некуӣ кун ва ҳам аз ҷониби Худованди хеш ва аз баҳри раият некуӣ хоҳ. Ва ҳамеша боҳайбат бош ва тариқи лашкар шинохтан ва масоф кашидан сара бидон. Ва рӯзе, ки ҷанг бошад, бар майманаву майсара[*] солорони ҷангозмуда ва ҷаҳондида фирист ва шуҷоътарин солоре бо нектарин қавме андар ҷаноҳи[**] лашкар бидон, ки пушти лашкар он қавм бошанд, ки дар ҷаноҳ бошанд.

Агарчи хасм заиф бошад, вайро ба чашми заифӣ манигар. Дар боби он заиф ҳамон эҳтиёт кун, ки бо қавитар кунӣ. Ва андар ҳарб далер мабош, ки аз далерӣ лашкарро барбод диҳӣ. Ва низ чандон баддил мабош, ки аз баддилии хеш лашкарро мунҳазим гардонӣ. Ва аз ҷосус фиристодан тақсир макун ва ба рӯзу ба шаб аз талоя[***] фиристодан тақсир макун. Ва рӯзи ҳарб чун чашм бар лашкари хасм афканӣ ва ҳар ду лашкар рӯй ба якдигар ниҳанд, ханданок бош ва бо лашкари хеш ҳамегӯй:

---

[*] Майманаву майсара – тарафи чапу рости лашкар.

[**] Ҷаноҳ – паҳлу.

[***] Талоя – гурӯҳи пешгарди лашкар, авангард.

– Чӣ сагон бошанд инҳо? Ба як соат димор аз эшон барорем!

Ва ба як бор лашкар пеш мабар, аломат-аломат, фавҷ-фавҷ ҳамефирист ва як-як солору сарҳангро номзад ҳамекун ва ҳамефирист ва ҳамегӯй:

– Ё фалон, ту рав бо қавми хеш. Ва ё фалон, ту низ рав бо хайли хеш.

Ва он кас, ки ҳамлатуламирро бишояд наздики хеш ҳамедор. Ва ҳар касе, ки ҷанг нек бикунад ва касеро бияфканад ва ё маҷрӯҳ кунад, ё маҷрӯҳ шавад, ё савореро бигирад, ё асберо биёрад ва ё саре биёрад ва хидмате писандида бикунад, ба изъофи он хидмат мукофот кун аз хилъату зиёдати маош.

Ва андар он вақт аз мол тасарруф макун ва дунҳимматӣ одат макун, то ғарази ту зуд ҳосил шавад. Ва бад-он андар-нигаранд, ҳама лашкари туро орзуи ҷанг хезад ва ҳеҷ дар ҷанг муқассир набошанд ва фатҳе ба мурод барояд.

Агар мақсуди ту бар ин ҷумла ҳосил шавад, фабиҳо ва ниъмо* ва ту шитобзадагӣ макун ва бар ҷойи хеш бош ва ҳеҷ кӯшиш макун, ки чун ҷанг ба исфаҳсолор афтод, кор танг омада бошад. Пас, агар ҷанг ба ту афтода бошад, қарори ғайри фаррор** бош. Бикӯш ва саъб ва, албатта, ҳазимат*** андар дил макун, маргро бикӯш, ки ҳар кӣ марг бар дил хуш кард, ба ҳар ботиле ӯро аз ҷой натавонад гусаст. Нигар, то аз он сипаҳсолорон набошӣ, ки Асҷадӣ гӯяд андар фатҳи Хоразм Маҳмудро...

*Сипаҳсолори лашкаршон яке лашкаршикан, к-охир*
*Шикаста шуд аз ӯ лашкар, валекин лашкари эшон.*

---

* Фабиҳо ва ниъмо – бисёр хуб.

** Каррори ғайри фаррор – ҳамлакунандаи ҳамлавар.

*** Ҳазимат – гурехтан.

Чун зафар ёфтӣ, аз паси ҳазимати бисёр марав, ки дар раҷъат бисёр хатоҳо афтад ва натавон донистан, ки ҳол чун бошад. Ва амири бузург – падарам ҳаргиз паси ҳазимат нарафтӣ ва касро нафиристодӣ, аз он ки тариқи ҷанг кас беҳ аз ӯ надонистӣ. Ва Султон Маҳмуд низ ҳамин тариқ доштӣ, ҳаргиз паси ҳазимат нарафтӣ ва гуфтӣ, ки мардуми мунҳазим чун дармонад, ҷонро бикӯшад ва касе, ки раҷъату ҷонро бикӯшад ва маргро биистад, бо вай набояд кӯшид, то хатое наафтад.

Ва дигар чун ба ҷанг равӣ, ночор ба чашми сар роҳи дарун рафтан мебинӣ, ҳамчунин дар ботин ба чашми дилу сар роҳи берун рафтан мабояд дид, магар чунон набошад, ки ту хоҳӣ.

Дигар, ин сухан фаромӯш макун, агарчи ҷое гуфтаам, боз такрор ҳамекунам.

– Ба вақте ки масоф бияфтад, агар ҷойи ту на нек бошад, ба масал пас аз ту ба як гом ҷойи нек бошад, зинҳор то он гом бозпас нанихӣ, ки агар ба як гом масоф бозпас бурдӣ, туро ҳазимат бошад. Ҳамеша ҷаҳди он кун, ки аз ҷойи хештан порае пештар ҳамеравӣ. Ҳаргиз гоме бозпас марав.

Чунон бояд, ки дар ҳама вақт лашкари ту савганд ба ҷони ту хӯранд. Ва бо лашкар сахӣ бош. Агар бо лашкар ба хилъату силат тавфире аз беш натавон кардан, боре ба нону набиз ва сухани хуш тақсир макун ва як луқма нону як қадаҳ набиз бе лашкари хеш махӯр, ки он чӣ нонпора кунад, зару сим натавонад кардан.

Ва лашкари хешро ҳамеша дилхуш дор. Агар хоҳӣ, ки ҷон аз ту дареғ надоранд, ту нон аз эшон дареғ мадор. Агарчи ҳама кор ба тақдири Эзид таоло бастааст, ту он чи шарти тадбир аст, ҳамекун бар тариқи савоб, ки он чи тақдир аст, худ ҳамебошад.

Пас агар чунон ки Худои таоло бар ту раҳмат кунад ва туро ба подшоҳӣ расонад, шарти подшоҳӣ нигаҳ дор, чунон ки ҳаст.

# БОБИ ЧИҲИЛУ ДУВУМ
# АНДАР ОИН ВА ШАРТИ ПОДШОҲӢ

Бидон, эй писар, ки агар подшоҳ бошӣ, порсо бош ва чашму даст аз ҳарами мардумон дур дор ва покшалвор бош, ки покшалворӣ* аз покдинӣ аст. Ва дар ҳар коре ройро фармонбардори хирад кун ва ҳар коре, ки бихоҳӣ кард, бо хирад машварат кун, ки вазирулвузарои подшоҳ хирад аст ва то аз вай диранг бинӣ, шитоб макун.

Ва ба ҳар коре, ки бихоҳӣ кардан, чун дар ӯ хоҳӣ шудан, нахуст берун рафтани он кор нигар ва то охир набинӣ, аввал мабин. Ва ҳар коре андар мадоро нигаҳ дор ва ҳар коре, ки ба мадоро барояд, ҷуз ба мадоро пеш мабар.

Ва бедодписанд мабош ва ҳама корҳову суханҳоро ба чашми дод бину гӯши дод шунав, то дар ҳама коре ҳаққу ботил битавонӣ дидан. Подшоҳ, ки чашми доду хирадмандӣ кушода надорад, тариқи ҳаққу ботил бар вай кушода нагардад.

Ҳамеша ростгӯй бош, валекин камгӯй ва камханда бош, то кеҳтарон бар ту далер нашаванд, ки гуфтаанд: «Бадтарин коре подшоҳро далери раият ва бефармонии ҳошият аст ва атое, киribоояд, ба мустаҳиққон нарасад».

Ва азиздидор бош, то бар чашми раияту лашкар хор нагардӣ. Ва зинҳоркор мабош ва бар халқони Худои таоло раҳим бош ва бар бераҳмон раҳмат макун ва бахшоиш макун, валекин босиёсат бош, хосса, бо вазири хеш.

Албатта, хештанро таслимулқалбе ба вазири хеш манамой ва якбора муҳтоҷи ройи ӯ мабош ва ҳар сухане, ки вазир бигӯяд дар боби касе ва тариқе, ки намояд, бишунав,

* Покшалвор – покрафторӣ, покдоманӣ.

аммо дарвақт иҷобат макун, бигӯй:

– То бинигарам, он гаҳ чунон ки бояд кард, бифармоям.

Баъд аз он таҷассусу тафаҳҳуси он ҳол бифармой кардан, то дар он кор салоҳи ту ҳамеҷӯяд ё манфиати хеш? Чун маълум кардӣ, он гаҳ чунон ки савоб бинӣ, ҷавоб медеҳ, то туро забуни ройи хеш нагирад.

Ҳар касро, ки вазорат додӣ, дар вазорат ӯро тамкине тамом кун, то корҳои ту ва шуғли мамлакат бар ӯ баста намонад. Ва агар пир бошӣ ё ҷавон, вазири пир дор ва ҷавонро вазорат мадеҳ, аз он ки гуфтаанд андар ин боб:

*Ба ҷуз пир солори лашкар мабод,*
*Ҷавон ҳам ҷавон аст, гарчи бас устод.*

Агар ту пир бошӣ, зишт бошад, ки ҷавоне мудаббири пир бошад. Ва агар ту ҷавон бошӣ ва вазир ҷавон, оташи ҷавонии ҳар ду ба ҳам ёр шавад ва ба ҳар ду оташ мамлакат сӯхта гардад. Ва дигар вазир бояд, ки беҳирӯй бошад ва пир бошад ё каҳл* ва тамомқомат ва қавитаркиб ва бузургшикам, ки наҳифу кӯтоҳқомату сиёҳришро ҳеҷ шукӯҳе набошад, вазир бояд ки бузургриш бувад.

## ҲИКОЯТ

Чунон ки султон Туғралбек[141] хост, ки аз фузалои Хуросон якеро вазорат диҳад. Донишмандеро ихтиёр карданд ва он донишмандро реше то ба ноф буд, сахт тавилу ариз. Ӯро ҳозир карданд ва пайғоми султон ба вай доданд, ки вазорати хеш номзади ту кардем. Бояд кадхудоии мо ба даст гирӣ, ки аз ту шоистатар дар ин кор касе намедонем.

---

* Каҳл – миёнсол.

Донишманд гуфт:

– Худованди оламро бигӯед, ки туро ҳазор сол бақо бод, вазорат пешаест, ки онро бисёр олат ба кор ҳамебояд ва аз ҳама олат бо банда ҷуз риш нест. Худованд ба риши бандаи дуогӯ ғарра нашавад ва ин хидмат касе дигарро фармояд.

* * *

Ва бо ӯ ва бо пайвастагони ӯ некуӣ кун. Дар маош додан ва хубӣ кардан тақсир макун. Аммо хешону пайвастагони вазирро ҳеҷ амал мафармой, ки якбора пиҳ[**] ба гурба натавон супурд, ки вай ба ҳеҷ ҳол ҳисоби пайвастагони хеш ба ҳақ накунад ва аз баҳри моли ту хешони худро наёзорад. Ва низ касони вазир ба қуввати вазир сад бедодӣ кунанд бар мардумон, ки бегона аз он сад яке накунад. Вазир аз касони хеш имзо кунад ва аз бегона накунад.

Ва бар дузд раҳмат макун ва афв кардани хуне раво мадор, ки агар мустаҳаққи хун набошад, ту низ ба қиёмат гирифтор бошӣ.

Аммо ба чокарони худ бараҳмат бош ва эшонро аз бад нигоҳбон бош, ки Худованд чун шубон бошад ва кеҳтар чун рама. Агар шубон бар рамаи хеш бераҳм бувад ва эшонро аз сибоъ нигоҳ надорад, зуд ҳалок шаванд. Ва касеро, ки қисте[*] падид ояд, эътимод бар он макун, ки падид карда бошӣ. Ва аз ҳар касе шуғле дареғ мадор, то аз он манфиате, ки аз он шуғл биёбанд, бо қисти хеш музоф кунанд, бетақсиртар зиянд ва ту низ дар боби эшон беандешатар зийӣ, ки чокаронро аз баҳри шуғл доранд. Валекин чун касеро шуғл диҳӣ, нек бинигар. Шуғл ба сазовори шуғл деҳ ва касе, ки на

---

[**] Пиҳ – чарбу.

[*] Қист – ҳисса, саҳм.

мустаҳиққи шуғл бошад, вайро мафармой. Чунон ки касе шаробдориро шояд, фаррошӣ мафармой ва он ки хазинадориро шояд, ҳоҷибӣ мадеҳ, ки ҳар коре ба ҳар касе натавон дод, чунон ки гуфтаанд: «Ликулли амалин риҷолун»[142]. То забони тоъинон[**] бар ту кушода нашавад ва халал андар шуғли ту падидор наёяд, ки агар вайро коре фармойӣ, ки надонад, ба ҳеҷ ҳол нагӯяд, ки надонам. Ҳамекунад аз баҳри манофеи хеш, валекин он шуғл бо фасод бошад. Пас кор ба кордон супор, то аз дарди сар раста бошӣ. Чунон ки шоир гӯяд:

**Байт:**

*Туро тавфиқ хоҳам дар дуо, то*
*Диҳӣ ҳар кордонро кордонӣ.*

Пас, агар туро дар кори чокаре иноятe бошад, хоҳӣ, ки вайро муҳташам гардонӣ, бе амал вайро муҳташам кардан ва неъмат додан бе он ки ба новоҷиб ӯро шуғле фармойӣ, то бар нодонии хеш гувоҳӣ надода бошӣ.

Ва андар подшоҳӣ магузор, ки касе фармони туро хор дорад, ки туро хор дошта бошад, ки дар подшоҳӣ ҳама роҳат дар фармон додан аст. Вагарна, сурати подшоҳ бо раият баробар аст ва фарқ миёни подшоҳу раият он аст, ки вай фармондеҳ асту раият фармонбардор.

## ҲИКОЯТ

Эй писар, шунидам, ки ба рӯзгори ҷадди ту Султон Маҳмуд омиле буд, вайро Абулфатҳи Бустӣ гуфтандӣ. Омилии Нисо ба вай дода буданд. Аз Нисо мардеро бигирифт ва неъмате аз вай биситод ва амлоки ӯ мавқуф кард

[**] Тоъинон – таъназанандагон.

ва ҳар чӣ вайро буд, ба даст фурӯ гирифт ва мардро ба зиндон кард. Ва баъд аз муддате он мард ҳилате карду аз зиндон бигурехт ва ба Ғазнин рафт ва пеши Султон роҳ ҷуст ва дод хост.

Султон фармуд, то ӯро номаи девон бинавиштанд. Мард нома биситод ва биёмад, то ба Нисо расид. Ва нома арза кард. Омил андеша кард, ки ин мард дигарбора куҷо ба Ғазнин равад ва Султонро бинад. Тағофул карду бар он нома кор накард. Марди мазлум дигарбора ба Ғазнин рафт ва андар роҳе биистод, ки Султон ба хилват аз боғ берун ҳамеомад. Мард бонг бардошт ва аз омил бисёр бинолид. Султон дигарбора нома фармуд. Мард гуфт:

– Як бор омадам ва нома бурдам. Ба нома кор намекунад.

Магар Султон дилтанг буд ба сабабе аз сабабҳо, андар он дилмашғулӣ гуфт:

– Бар ман нома додан аст. Акнун агар кор накард, шав, хок бар сар кун.

Мазлум гуфт:

– Эй Худованд, раҳми ту бар номаи ту кор накунад, хок маро бар сар бояд кард?

Султон гуфт:

– На, эй хоҷа, ғалат кардам, маро бояд кардан на туро.

Дарҳол ду ғуломи саройро ба роҳ кард бо фармонҳо ба шаҳангони навоҳӣ то зиёъу аҷори он мард боздоданд ва омилро бар дор карданд ва номаи Султон дар гардани ӯ овехтанд ва мунодӣ карданд, ки ин сазои он кас аст, ки бар фармони Худованд кор накунад.

Баъд аз он касро заҳра набуд, ки ба фармон кор накардӣ ва амрҳо нофиз гашт ва бад-он як сухан мардумон дар роҳат афтоданд.

## ҲИКОЯТ

Бидон, эй писар, ки чун Масъуд[143] ба подшоҳӣ нишаст, тариқи шуҷоату мардонагӣ бар даст бигирифт, аммо тариқи мулк доштан ҳеҷ намедонист. Аз подшоҳӣ бо канизакон муошарат кардан ихтиёр кард. Чун лашкару уммол диданд, ки ӯ ба чӣ машғул мебошад, тариқи нофармонӣ бар даст гирифтанд ва шуғлҳои мардумон фурӯ баста шуд ва лашкару раият далер шуданд. То рӯзе аз работи Фарова пиразане мазлума биёмаду бинолид аз омили вилоят. Султон Масъуд вайро номае фармуд. Зан нома биситаду бибурд. Омил бар он кор накард. Гуфт:

– Ин пиразан кай боз ба Ғазнин расад?

Зан дигарбора бозгашт ва боз ба Ғазнин омад ва ба мазолиман рафт ва дод хост. Султон Масъуд ӯро дигарбора нома фармуд. Пиразан гуфт:

– Як бор нома бурдам ва кор накард.

Султон гуфт:

– Ман нома додам, чун кор намекунад, чӣ тавонам кард?

Пиразан гуфт:

– Эй Худованд, тадбири ин кор осон аст. Вилоят чунон бидор, ки ба номаи ту кор кунанд. Ва боқӣ бигузор, то касе дигар бидорад, ки барномаи ӯ кор кунанд. Ва ту ҳамчунин ба ишрати хеш бош, то бандагони Худо дар балову меҳнат гирифтор набошанд.

Масъуд аз сухани пиразан сахт хиҷил шуд. Бифармуд, то доди он пиразан бидоданд ва он омилро бар дари Фавора биёвехтанд.

Ва пас аз он аз хоби ғафлат бедор шуд. Ва касеро заҳра набуд, ки дар фармони ӯ тақсир кардӣ.

* * *

Пас, подшоҳе, ки фармони ӯ раво набошад, миёни ӯ ва мардумони дигар чӣ фарқ бошад? Бояд ки низоми мулкро дар равоии фармон донад, ки агар фармонравоӣ набошад, дар мулк халал рӯй намояд. Ва фармонравоӣ ҷуз ба сиёсат набувад. Пас, дар сиёсат намудан тақсир набояд кард, то амрҳо равон бувад ва шуғлҳо бетақсир.

Ва дигар сипоҳро нигоҳ дор ва бар сари раият мусаллат макун, ки мамлакат обод нагардад. Ҳамчунон ки маслиҳати лашкар нигаҳ дорӣ, маслиҳати раият низ нигаҳ дор, аз он ки подшоҳ чун офтоб аст. Нашояд ки офтоб бар яке тобаду бар дигаре натобад.

Ва раият ба адл тавон дошт ва раият ба адл ободон бошад, ки дахл аз раият ҳосил мешавад. Пас, бедодро дар мамлакат роҳ мадеҳ, ки хонаи маликон аз дод бар ҷой бошад ва қадим гардад ва хонаи бедодгарон зуд нест шавад, аз баҳри он ки дод ободонӣ бувад ва бедод вайронӣ.

Ва ободонӣ, ки бар дод бувад, бимонад ва вайронии ба бедодӣ зуд вайрон шавад. Чунон ки ҳукамо гуфтаанд: «Чашмаи хуррамии олам подшоҳи одил аст ва чашмаи вайрониву харобӣ ва дижамии олам подшоҳи золим аст».

Ва бар карди бандагони Худованди таоло сабур мабош ва пайваста хилват дӯст мадор, ки чун ту аз лашкар ва мардум нуфур бошӣ, мардум ва лашкар низ аз ту нуфур бошанд. Ва дар неку доштани лашкар ва раият тақсир макун, ки агар тақсир кунӣ, он тақсир тавфири душманон бошад.

Аммо лашкар ҳама аз як ҷинс мадор, ки ҳар подшоҳеро, ки лашкар якҷинс бошад, ҳамеша асири лашкар бошад ва доми забуни лашкари хеш бошад, аз баҳри он ки як ҷинс

муттафиқи якдигар бошанд ва эшонро ба якдигар натавон молид. Чун аз ҳар ҷинс бошад, ин ҷинсро бад-он ҷинс бимоланд ва он ҷинсро бад-ин ҷинс молиш диҳанд, то он қавм бетоатӣ натавонанд кардан. Ва фармони ту бар лашкари ту раво бошад ва худованди ҷадди ту Султон Маҳмуд чаҳор ҳазор ғуломи турк дошт ва ҳазор ҳинду. Ва доим ҳиндувонро ба туркон молидӣ ва турконро ба ҳиндувон, то ҳар ду ҷинс мутеи ӯ будандӣ.

Ва дигар ҳар вақте бузургони лашкари хеш ба нону набиз хон ва бо эшон накуӣ кун, ба хилъату силат ва умедҳои неку ва дилгармиҳо намудан. Валекин чун касеро силате хоҳӣ фармуд, агар чизе андак бувад ва зуфони хеш бар сари мало магӯй, дар ниҳон касеро бигӯй, то парвона бошад, то дунҳимматӣ накарда бошӣ. Яке он ки чизе на дархӯри ҳиммати мулук бахшӣ ва дигар он ки бар сари мало ҳиммати хеш маълуми мардумон карда бошӣ, ки ман ҳашт сол ба Ғазнин будам, надими султон Мавдуд[144] будам. Се чиз ҳаргиз аз вай надидам. Яке он ки ҳар силате, ки зери дувист динор будӣ, ба забони хеш бар сари мало нагуфтӣ, магар ба парвона. Дувум он ки ҳаргиз чандон нахандидӣ, ки дандони вай падидор омадӣ, табассум кардӣ. Се дигар он ки агарчи сахт дар хашм рафтӣ, ҳаргиз касеро дашном надодӣ. Ва ин се одат сахт неку бувад ва шунидам, ки малики Рум ҳам ин одат дорад.

Аммо эшонро расме дигар аст, ки мулуки Аҷаму Арабро нест. Чунон ки агар мулуки Рум касеро ба дасти хеш бизананд, ҳаргиз касеро заҳраи он набошад, ки он мардро бизанад ва то зинда бувад, гӯянд, ки ӯро малик ба дасти хеш задааст, ҳамчун ӯ малике бояд, ки ӯро бизанад.

Акнун боз ба ҳадиси аввал омадам, ба ҳадиси сахо.

Туро натавонам гуфтан, ки ба сим сахо бош. Боре дунҳиммат мабош ва агар аз сиришти хеш бознатавонӣ истод, чунон ки гуфтам, боре бар сари мало ҳиммату неъмати хеш ба мардумон манамой, ки агар сахо накунӣ, халқ душмани ту шаванд.

Ва агар дар вақт бо ту чизе натавонанд кардан, чун душмане падид ояд, ҷон фидои ту накунанд ва дӯстони душмани ту бошанд.

Аммо ҷаҳд кун, то аз шароби подшоҳӣ маст нагардӣ, ба шаш хислат андар тақсир макун ва нигоҳ дор: ҳайбат ва дод ва диҳиш ва ҳифоз ва оҳистагӣ ва рост гуфтан, ки агар подшоҳ аз ин шаш хислат аз яке дур шавад, наздик шавад ба мастии подшоҳӣ, ба ҳар подшоҳе, ки аз мастии подшоҳӣ маст шавад, ҳушёрии ӯ андар рафтани подшоҳӣ бошад.

Ва андар подшоҳӣ ғофил мабош аз огоҳ будан аз аҳволи мулуки олам. Чунон бояд, ки ҳеҷ подшоҳе нафасе назанад, ки на ту бар он мутталеъ бошӣ.

## ҲИКОЯТ

Ман аз амири мозӣ – падарам шунидам, ки Фахруддавла аз бародари хеш Азудуддавла бигурехт ва ҳеҷ ҷой мақом натавонист кардан. Ба даргоҳи ҷадди ман Қобус ибни Вушмагир омад ба зинҳор. Ва ҷадди ман ӯро амон дод ва бипазируфт ва ба ҷойи ӯ бисёр некуӣ кард ва аммаи маро ба вай дод ва андар он нигоҳ аз ҳад гузашта хуррамӣ карданд, аз он ки ҷаддаи ман холаи Фахруддавла буд. Ва падари ману Фахруддавла ҳар ду духтарзодаи Ҳасани Фирӯзон буданд.

Пас, Азудуддавла расул фиристод ба наздики

Шамсулмаолӣ. Расул омад ва нома бидод ва гуфт:

– Азудуддавла бисёр салом ҳамегӯяд ва мегӯяд, ки бародарам амир Алӣ он ҷо омадааст. Донӣ, ки миёни мо дӯстиву бародарист ва хонаи ҳар ду якест. Ва ин бародари ман душмани ман аст, бояд ки вайро бигирӣ ва ба наздики ман фиристӣ, то ман ба мукофоти ин ҳар ниҳояте, ки номзад кунӣ аз вилояти хеш ба ту диҳам ва дӯстии мо муаккад* шавад. Пас агар нахоҳӣ, ки ин бадномӣ бар хештан ниҳӣ, ҳамон ҷо вайро заҳр диҳӣ, то ғарази мо ҳосил ояд ва бадномӣ бар ту набошад ва он ноҳият, ки ту хоҳӣ, туро низ ҳосил ояд.

Амир Шамсулмаолӣ гуфт:

– Субҳоналлоҳ, чӣ воҷиб кунад чунон муҳташамеро ба чун мане чунин сухан гуфтан, ки мумкин шавад маро чунин коре кардан, ки то қиёмат бадномии ман андар он бошад?

Пас расул гуфт:

– Макун, эй Худованд ва Азудуддавларо барои амир Алӣ маёзор, ки малики мо туро аз бародари ҳамзоди худ дӯсттар дорад. Ва чунону чунин савганд хӯрд, ки он рӯз, ки малик маро таҳмил ҳамедод ва ба роҳ гусел ҳамекард, дар миёнаи сухани малик мерафт, ки Худои таоло донад, ки ман амир Шамсулмаолиро дӯст дорам то бад-он ҷойгоҳ, ки шунидам, ки фалон рӯзи шанбе чандин рӯз аз фалон моҳ гузашта, ки Шамсулмаолӣ дар гармоба рафт ва андар хонаи миёнгин пойи ӯ билағзиду биафтод. Ман сахт дилтанг шудаму гуфтам, ки магар ба чиҳилсолагӣ пирӣ вайро дарёфтааст ва қувват соқит шуда.

Ва ин расулро ғараз он буд, ки яъне бидон, ки худованди ман бар аҳволи ту чӣ гуна мутталеъ аст. Ва он таълими Азудуддавла буд.

---

* Муаккад – устувор.

Шамсулмаолӣ гуфт:

– Бақош бод! Миннат пазируфтам бад-ин шафқат, ки намуд. Валекин аз ғам хӯрдани бештари ман низ варо биогоҳон, ки он рӯзи сешанбе, ки туро гусел кард, аз моҳ чандин шуда буд, он шаб дар фалон нишастгоҳ шароб хӯрд ва фалон ҷой бихуфт ва ба Анӯштегини соқӣ хилват кард. Ва нимшаб аз он ҷо бархост ва дар саройи занон оҳанги рафтан кард ва бар бом шуд ва ба ҳуҷраи Ҳайзурони Авода ном шуд ва бо вай низ хилват кард. Чун аз бом фуруд омад, пояш билағзид ва аз ду пояи нардбон биафтод. Маро аз ҷиҳати вай дил машғул шуд, гуфтам, ки магар ба чиҳилу дусолагӣ ақли вайро тақсире афтод? Марди чиҳилу дусола чаро чандин секӣ хӯрад, ки аз бом фурӯ натавонад омадан ва нимшаб аз бистар ба бистар фаро гардад, то чунин ҳодисае наяфтад?

Ва он расулро аз огаҳ будани хеш аз ҳоли эшон хабар дод.

* * *

Пас, чунон ки аз подшоҳони олам хабар дорӣ, бар вилояти хеш ва бар ҳоли лашкару раияти хеш низ бояд, ки воқиф бошӣ, ки чӣ гуна аст.

## ҲИКОЯТ

Бидон, эй писар, ки ба рӯзгори холи ту Мавлуд ибни Масъуд ман ба Ғазнин омадам. Маро сахт эъзозу икром кард. Чун чанд гоҳ баромад, маро бидиду биозмуд. Маро мунодамати хос дод ва надими хос он бувад, ки ҳеҷ рӯз аз маҷлиси ӯ ғоиб набошад. Пас маро пайваста ба таому шароб боистӣ будан, агар надимони дигар будандӣ ё не.

Рӯзе бомдоди пагоҳ сабуҳӣ карда буд. Ва ҳамчунон андар миёни набиз лашкарро бор дод. Халқ андар омаданд ва хидмат карданду бозгаштанд. Хоҷаи бузург Абдурраззоқ Аҳмад ибни Ҳасани Хуҷандии Алмаймандӣ[145] вазир буд, андар омад. Ӯро низ бор гирифт. Чун замоне буд, мушрифи даргоҳ даромад ва хидмат кард ва мултифаи Алӣ ибни Рабеъ ходимро дод ва ходим ба султон дод. Султон набид ҳамехӯрду мултифа ҳамехонд. Рӯй сӯйи хоҷа карду гуфт:

– Ин мунҳиро понсад чӯб адаб кунанд, то дигарбора инҳо шарҳ кунад. Андар ин таҳ набиштааст, ки дӯш дар Ғазнин ба дувоздаҳ ҳазор хона сумоқ* вопухтаанд. Ва ман надонам, ки он хонаи кӣ буд ва ба кадом кӯю маҳалла буд. Ҳарчанд хоҳӣ, бош.

Хоҷа гуфт:

– Бақои Худованд бод! Ин аз ҷиҳати тахфиф ба ҷамъ гуфта бошад, ки агар ба шарҳ гуфтӣ, ин китобе будӣ бузург ва ба як рӯз хонда нашудӣ... Агар Худованд раҳмат кунад ва инро афв фармояд, то бигӯям, ки дигар бор ба ҷамъ нагӯяд, хонаро ва худованди хонаро ба ном бигӯяд ва шарҳи он хона батафсир боз намояд, ки фалон кас ба фалон ҷойгоҳ бо фалон кас фалон чиз хӯрд.

Гуфт:

– Ин бор афв кардам. Бори дигар чунин бояд, ки нависад, ки хоҷа мегӯяд.

* * *

Пас, бояд ки аз ҳоли раияту лашкар нек огоҳ бошӣ ва аз ҳоли мамлакати хеш бехабар набошӣ, хосса, аз ҳоли вазири худ. Ва бояд, ки вазири ту об бихӯрад, ту бидонӣ, ки хонумони худ бад-ӯ супурдаӣ. Агар аз вай ғофил бошӣ, аз

---

* Сумоқ – гиёҳе, ки аз он хӯрок мепухтаанд.

ҷону моли хеш ғофил буда бошӣ ва аз ҳолу кори вазири хеш.

Ва бо подшоҳони атрофи олам, ки ҳамсарони ту бошанд, агар дӯст бошӣ, нимдӯст мабош ва агар душманӣ кунӣ, душмани зоҳир бош ва то ошкоро душманӣ тавонӣ кардан бо ҳамшакли хеш, ниҳонӣ душманӣ макун, аз он ки:

## ҲИКОЯТ

Шунидам, ки Искандар ба ҷанги душмане ҳамерафт. Вайро гуфтанд:

– Эй малик, ин хасми мо марде ғофил аст, бар вай шабехун бояд кард.

Искандар гуфт:

– Малик набошад, он ки зафар ба дуздӣ ҷӯяд.

* * *

Ва андар подшоҳӣ корҳои бузург одат кун. Зеро ки подшоҳ бузургтар аз ҳама касест, пас бояд ки гуфтору кирдори вай бузургтар аз гуфтору кирдори дигарон бошад, то номи бузург тавон ёфт. Чунон ки он саги Фиръавн лаанаҳуллоҳу агар бад-он бузургӣ сухан нагуфта будӣ ва Офаридгори мо ҷалла ҷалолуҳу, кӣ ривояти сухани вай кардӣ? Чунон ки гуфт:

– Анво раббукуму-л-аъло![146]

Ва то қиёмат ин оят ҳамехонанд ва номи ӯ ҳамебаранд, бад-он сухани бузург, ки ӯ гуфт.

Пас, чунин бош, ки гуфтам, ки камҳимматро ном барнаёяд. Дигар тавқеи хешро азиз дор ва бузург ва ба ҳар хурофотӣ тавқеъ макун, магар ба силате бузург ё ба вилояте ва маоше бузург, ки бахшӣ. Ва чун тавқеъ кардӣ, илло ба узре возеҳ тавқеи хеш ботил макун, ки хилоф аз ҳама кас

нописандида аст, хосса аз подшоҳ.

Ин аст шарти пешаи подшоҳӣ. Ҳарчанд ин пеша пешаи азиз аст, ман чунон ки шарти китоб аст, бигуфтам ва набиштам.

Агар туро саноат дигар иттифоқ афтад, чун деҳқонӣ ва дар коре, ки варзӣ, бояд ки шарти он ҳамеша нигоҳ дорӣ, то тарбияту низоми корат баравнақ бошад ва туро некуӣ афзояд.

## БОБИ ЧИҲИЛУ СЕЮМ
## АНДАР ОИНУ РАСМИ ДЕҲҚОНӢ ВА ҲАР ПЕША, КИ ДОНӢ

Агар деҳқон бошӣ, вақти корҳои деҳқонӣ шиносанда бош. Ҳар чизе, ки бикорӣ, магузор, ки аз вақти хеш бигузарад, ки агар даҳ рӯз пеш аз вақт корӣ, беҳ, ки даҳ рӯз пас. Ва олати кору ҷуфт сохтаву басеҷида* дор. Говони нек хар ва ба алаф неку дор. Бояд ки ҷуфте гови хуб ҳамеша зиёдатӣ дар галаи ту бошад, то агар говеро иллате расад, ту дарвақт аз корҳо бознамонӣ ва кишти ту аз вақт дарнагузарад.

Ва чун вақти кишту дурудан набошад, пайваста аз шикофтани замин ғофил мабош ва тадбири кишти соли оянда имсол ҳамекун. Ва кишт бештар бар замине кун, ки хештанпӯш бувад, ки ҳар замине, ки хештан натавонад пӯшидан туро ҳам натавонад пӯшидан. Ва чунин кун, ки доим ба иморат кардан машғул бошӣ, то аз деҳқонӣ бархӯрдор бошӣ.

* Басеҷида – муҳайё, тайёр.

Пас агар пешавар бошӣ, аз пешаварони бозор, аз ҳар пешае, ки бошӣ, зудкору сутудакор бош, то ҳарифонат бисёр бошанд. Ва ҳар коре, ки кунӣ, беҳ аз он кун, ки ҳампешагон кунанд. Ва ба андак моя суд қаноат намой, то як бор даҳ ёздаҳ кунӣ, ду бор даҳ ним тавон кардан. Пас ҳарифро мегурезон ба мукосу лучҷочи бисёр, то дар пешаварӣ марзуқ[**] бошӣ ва мардум бештар ситаду дод бо ту кунанд. То чизе ҳамефурӯшӣ бо харидор ба «дӯст»-у ба «ҷони бародар» ва «бори Худой» гуфтан ва тавозуъ намудан тақсир макун, то аз талаттуфи ту харидор аз мукос кардан шарм дорад ва мақсуди ту ҳосил шавад. Ва чун чунин кунӣ, бисёрҳариф бошӣ ва ночора маҳсуди дигар пешаварон бошӣ ва дар бозор машҳуртару маъруфтари ҳампешагон бошӣ.

Аммо одат кун рост гуфтан, хосса бар харидор ва аз бухл парҳез кун, валекин тасарруфро кор банд ва бар фурӯдасттар бибахшой. Ва бад-он кас, ки бартар аз ту бошад, ниёзманд бош ва забунгир мабош. Ва бо занону кӯдакон дар муомала фузунӣ маҷӯй ва аз ғарибон бешӣ махоҳ. Ва дар тиҷорат шармгинӣ макун, ки бисёр бувад, ки шарм туро зиёни кор бувад ва шармгинеро, ки бисёр мукис набошад, ёрӣ кун ва мустаҳақро неку дор.

Ва бо сувқиён[**] сувқӣ бош ва сангу тарозуи рост. Ва бо аёли худ дудилу дукиса мабош. Ва бо подшоҳи хеш ростӣ кун, валекин ба хидмати подшоҳ ҳарис мабош. Ва бо лашкариён мухолафат макун. Ва бо анбозон хиёнат макун. Ва ҳар саноат, ки кунӣ, баду музаввар макун аз баҳри коршиносу корношинос кор яксон кун.

Парҳезгор бош ва агар дастгоҳ бошад, қарз додан ва

---

* Марзуқ – соҳиби ризқу рӯзӣ.

** Сувқиён – аҳли бозор.

ғанимат шинос. Ва савганд ба дурӯғ махӯр ва зино макун ва сахтмуомала мабош. Ва агар ба дарвеше вом додӣ, чун донӣ, ки бетоқат аст, тақозои пайваста макун ва дурушттақозо мабош. Некдил бош, то некбин бошӣ, то Ҳақ таоло бар касбу кори ту баракат бахшад.

Ва ҳар пешавар, ки бар ин ҷумла бошад, ки ёд кардам, ҷавонмардтарини ҳама пешаварон бувад. Ва ҳар қавмеро дар саноате, ки бошад, дар ҷавонмардӣ тариқест. Он чи шарти ин қавм аст, ин аст, ки гуфтам. Ва акнун андар ин боби бозпасин ба тамомӣ шарти ҷавонмардӣ дар ҳар ҷинсе бигӯям ба ҳасби тоқат ва аз Эзид таоло тавфиқи ростӣ хоҳам.

## БОБИ ЧИҲИЛУ ЧАҲОРУМ
## ДАР ОИНИ ҶАВОНМАРДӢ

Эй писар, агар ҷавонмардӣ варзӣ, аввал бидон, ки ҷавонмардӣ чист ва аз чӣ хезад?

Бидон, эй писар, ки се чиз аст аз сифати мардум, ки ҳеҷ одамӣ наёбӣ, ки гӯяд маро ин се чиз нест. Донову нодон бад-ин се чиз аз Худои таоло хушнуданд, агарчи дар ҳақиқат ин се чиз Худои таоло кам касеро додааст ва ҳар касро, ки ин се чиз ҳаст, ӯ аз ҷумлаи хоссагони Худой аст.

Аз ин сегона яке хирад аст, дуввум ростӣ ва севум мардумӣ. Ва чун ба ҳақиқат нигаҳ кунӣ, ба даъвӣ кардани халқ ба хираду ростӣ ва мардумӣ, даъвӣ ба дурӯғ намекунанд. Зеро ки ҳеҷ ҷасаде нест, ки ин се сират андар ӯ нест. Лекин кундии олат ва тирагӣ ва тундии роҳ асли ин дар тани бештари халқ баста медорад, ки Эзид таоло тани мардумро ҷамъе сохта аз ҳама мутафарриқот то агар ӯро

олами куллӣ хонӣ ва олами ҷузвӣ хонӣ, ҳар ду раво бувад. Чунон ки дар тани одамӣ аз табоеи афлоку анҷум ва ҳаюло* ва унсур ва сурат ва нафсу ақл - кулли инҳо ҳар яке алоҳида оламеанд ба маротиб на ба таркиб ва мардум мураккаб ва маҷмӯъ аз ин оламҳост.

Пас, Офаридгор ин ҷамъро ба бандҳо қоим кард, ки эшонро ба якдигар бибаст. Чунон ки дар ин ҷаҳони бузург ҳамебинӣ, дар банди афлок ва табоеъ, ки табиат ва ҷинсият аз якдигар овехтаанд, агарчи ба ҷавҳар мухталифанд, чун оташу об, ки ба ҳама сифат зидди якдигаранд ва хоку ҳаво, ки зидди якдигаранд. Пас, хок восита гашт миёни оташу об, банде афтод. Хокро ба хушкӣ бо оташ ва ба сардӣ бо об ва обро ба сардӣ бо хок ва ба нармӣ бо ҳаво ва ҳаворо ба нармӣ бо об ва ба гармӣ бо оташ ва оташро ба ҷавҳар бо асир** ва асирро ба тобиш бо офтоб, ки подшоҳи анҷуму афлок аст ва шамсро ба ҷавҳарият бо ҳаюло ба қабули вай аз тобиши ҳаюло, ки шамсро ҷавҳар аз унсури хомис аст. Ва ҳаюлоро бо нафс банд афтод ба файзи улвӣ ва нафсро бо ақл. Ҳамчунин матбуотро банд афтод бо табоеъ ба моддати қувват ва ғизо, агар матбуот аз табоеъ моддати қувват наёбад, бад-он банде, ки бад-ӯ бастааст, табоҳ гардад. Ва табоеъ аз фалак ва фалак аз ҳаюло ва ҳаюло аз нафс ва нафс аз ақл ҳам бар ин қиёс ҳамегир.

Ва низ андар тани одамӣ ҳар чӣ тирагиву гаронист, аз таркиби табоеъ гирд ояд. Ва сурату чеҳра ва ҳаёту қувват ва ҳаракат аз фалак гирд ояд. Ва ҳавоси панҷгонаи ҷасадонӣ чун шунидану бӯйидан ва чашидану басовидан ва дидан аз ҳаюло гирд ояд. Ва ҳавоси рӯҳонӣ чун ёд гирифтан ва тафаккур

* Ҳаюло – модда.
** Асир – кӯраи оташ, эфир.

кардан ва хаёл бастан ва гуфтан ва тадбир кардан аз нафс гирд ояд. Ва ҳар чӣ андар тани одамӣ шарифтар аст, чунин аст, ки онро маъдан пайдо нест ва ишорат ба ҷойи ӯ натавон кард чун мурдумиву дониш ва камолу шараф, ки мояи ин ҳама ақл бувад, аз файзи ақли улвӣ омад дар тан.

Пас, ин тани мо ба ҷон зинда аст ва ҷон ба нафс ва нафс ба ақл. Ва ҳар шахсеро, ки тан ҷунбон бинӣ, аз ҷон лобуд аст ва ҳар киро ҷон гӯё бинӣ, аз нафс лобуд аст ва ҳар киро нафс ҷӯё бинӣ, аз ақл лобуд аст.

Ва ин бо ҳама одамӣ мавҷуд аст, валекин чун миёни тану ҷон беморӣ ҳиҷоб шавад ва банди эътидол суст шавад, аз ҷон ба тан моддат тамом нарасад, яъне ҷинбишу қувват. Ва ҳар киро миёни нафс ва ҷон гарониву нодурустии сурат ҳиҷоб гардад, аз нафс ба ҷон моддате тамом нарасад, яъне ҳавоси панҷгона. Ва ҳар киро миёни нафс ва ақл ҷаҳлу тирагӣ ва ношиносӣ ҳиҷоб гардад, моддати ақл ба нафс нарасад, яъне андеша ва тадбир ва мардумиву ростӣ.

Пас, ба ҳақиқат ҳеҷ ҷасаде бе хираду мардумӣ набувад, валекин чун файзи улвиро манфази* рӯҳонӣ баста бувад, даъвӣ ёбиву маънӣ не. Пас, ҳеҷ кас нест ба дунё, ки ба мардумӣ даъвӣ накунад. Валекин ту, эй писар, ҷаҳд кун, то чун дигарон набошӣ, даъвии бемаънӣ накунӣ ва файзи улвиро манфази рӯҳонӣ кушода дорӣ ба таълиму тафҳим, то туро маънӣ бе даъвӣ бувад.

Ва бидон, эй писар, ки ҳакимон аз мардумиву хирад сурате сохтаанд ба алфоз, на ба ҷасад, ки он суратро тану ҷон ва ҳавоссу маонӣ бувад чун мардум ва гуфтаанд: «тани он сурат ҷавонмардист ва ҷони вай ростӣ ва ҳавоссаш донишу маонияш сафо».

---

* Манфаз – сӯрохӣ.

Пас, суратро бибахшиданд бар халқ. Гурӯҳеро тан расиду дигарро ҳеҷ не ва гурӯҳеро тану ҷон ва гурӯҳеро тану ҷону ҳавос ва гурӯҳеро тану ҷон ва ҳавоссу маонӣ. Аммо он гурӯҳ, ки насиби эшон тан расид, он қавм айёрону сипоҳон ва бозориёнанд, ки мардумии эшонро ном ҷавонмардӣ ниҳоданд. Ва он гурӯҳ, ки эшонро тану ҷон расид, худованди маърифати зоҳиранд ва фуқарои тасаввуф, ки мардумии эшонро маърифату вараъ ном ниҳоданд. Ва он гурӯҳ, ки эшонро тану ҷон ва ҳавос расид, ҳукамо ва анбиё ва асфиёанд, ки мардумии эшонро донишу фузунӣ ном ниҳоданд. Ва он гурӯҳ, ки эшонро тану ҷон ва ҳавосу маонӣ расид, рӯҳониёнанд ва аз ҷумлаи одамиён пайғамбаронанд.

Пас, он гурӯҳро, ки насиби эшон ҷавонмардӣ омад, асли он ҷавонмардӣ, ки бад-он гурӯҳ тааллуқ дорад, донистан бояд ба ҳақиқат. Чунон ки гуфтаанд, ки асли ҷавонмардӣ се чиз аст.

Яке он ки ҳар чӣ гӯӣ, бикунӣ, дигар ин ки хилофи ростӣ нагӯӣ, савум он ки шикеброро кор бандӣ. Зеро ки ҳар сифате, ки тааллуқ дорад ба ҷавонмардӣ, ба зери он се чиз аст.

Пас, эй писар, агар бар ту мушкил гардад, ман бибахшам ин се сифатро бар ин се қавм ва пойгоҳ ва андозаи ҳар як падид кунам, то бидонӣ.

## ФАСЛ

Бидон, ки ҷавонмардтарини айёрон он бувад, ки ӯро аз чанд гуна ҳунар бувад: яке он ки далеру мардона ва шикебо бувад ба ҳар коре ва содиқулваъд ва покаврату покдил бувад ва зиёни касе ба суди хеш накунад ва зиёни худ аз баҳри суди дӯстон раво дорад ва бар асирон даст накашад ва асирону бечорагонро ёрӣ диҳад ва бадонро аз бад кардан боздорад ва

рост шунавад, чунон ки рост гӯяд ва дод аз тани худ бидиҳад ва бар он суфра, ки нону намак хӯрда бошад, бадӣ накунад ва некиро бадӣ мукофот накунад ва аз риё нанг дорад ва балоро роҳат дорад ва сабр кунад ва чашм аз дидани бадиҳо нигоҳ дорад ва дида надида ангорад ва асрори мардумон зоҳир накунад ва ба нигоҳ доштани сирру амонат худро хазинаи мардумон созад ва агар ҳар чӣ бадтар ба вай расад аз мардумон, сирри эшон ба берун наяфканад ва беамонатӣ накунад, ки агарчи ранҷ аз вай ба ту расад, ту шояд ки худро ба беамонатӣ зоҳир накунӣ ва забон нигоҳ дорӣ ва беҳосилӣ накунӣ ва ноҳифозӣ накунӣ, ки ин худ дар дигарон ҳаст. Пас, чӣ фарқ бошад миёни ту ва миёни ноҷавонмардӣ. Ва ҷаҳд кунӣ, ки даъвии бемаънӣ накунӣ ва чун даъвӣ кунӣ, маънии он даъвӣ бознамоӣ, вагарна даъвӣ накунӣ. Аммо маънӣ бе даъвӣ намудан сахт нек бошад дар ҳама коре, хосса дар ҷавонмардӣ, ки ҷавонмардӣ коре душвор аст. Ва чун даъвӣ бемаънӣ бошад, дурӯғ гуфта бошӣ, дар даъвӣ туро имтиҳон кунанд ва ростии он аз ту дархоҳанд ва ту бояд, ки аз он даъвӣ маънӣ бознамоӣ, вагарна расво гардӣ ва хиҷил шавӣ дар пеши мардумони ин саноат... Пас, мақсуд он аст, ки даъвии бемаънӣ накунӣ, ки дурӯғзан гардӣ ва ба дурӯғ гуфтан машҳур шавӣ.

Чун нек бинигарӣ, бозгашти ин ҳама ҳунарҳо бад-он се чиз аст, ки ёд кардем. Чунон ки дар ҳикоят оранд.

## ҲИКОЯТ

Шунидам, ки рӯзе ба Қаҳистон айёрон ба ҳам нишаста буданд. Марде аз кор даромаду салом кард ва гуфт:

– Ман расулам аз айёрони Марв ва шуморо салом фиристоданд ва мегӯянд, ки се масъалаи мо бишнаванд. Агар

ҷавоб диҳед, мо розӣ шавем ба кеҳтарии шумо ва агар ҷавоби савоб надиҳед, иқрор диҳед ба меҳтарии мо.

Гуфтанд:

– Бигӯй.

Гуфт:

– Бигӯед, ки ҷавонмардӣ чист? Ва миёни ҷавонмардӣ ва ноҷавонмардӣ фарқ чист? Ва агар ҷавонмарде ба роҳгузаре нишаста бошад, марде бар вай бигузарад ва замоне бувад марде ба шамшер аз паси вай ҳамеравад ба қасди куштани вай. Аз ин ҷавонмард бипурсад, ки фалон кас баргузашт? Ин ҷавонмардро чӣ ҷавоб бояд дод? Агар гӯяд, ки нагузашт, дурӯғ гуфта бошад ва агар гӯяд, ки гузашт, ғамз* карда бошад. Ва ин ҳар ду дар айёрпешагӣ нест.

Айёрони Қаҳистон чун ин масъалаҳо бишуниданд, ба якдигар нигаристанд. Марде буд дар миёни эшон, ӯро Абулфазли Ҳамадонӣ гуфтандӣ, гуфт:

– Ҷавоби ин саволҳо ман диҳам.

Гуфтанд:

– Бигӯй, то чӣ гӯйӣ.

Гуфт:

– Асли ҷавонмардӣ он аст, ки ҳар чӣ бигӯйӣ, бикунӣ ва фарқ миёни ҷавонмардӣ ва ноҷавонмардӣ сабр аст. Ва ҷавоби он айёр, ки бар раҳгузар нишаста буд, он аст, ки дарҳол як қадам аз он сӯ фаротар нишинад ва гӯяд: «То ман ин ҷо нишастам, касе нагузашта», то рост гуфта бошад.

* * *

Чун ин сухан бидонистӣ, туро дуруст гардад, ки мояи ҷавонмардӣ чист.

---

* Ғамз – хабаркашӣ.

# СИФАТИ ЛАШКАРИЁН

Пас, ин ҷавонмардӣ, ки дар айёрон ёд кардам, агар аз сипоҳиён ҷӯйӣ, раво бувад, ки сипоҳиёнро ҳам бар ин расм будан шарт аст. Тамомтар сипоҳӣ чун тамомтар айёрӣ бувад. Валекин караму меҳмондорӣ ва сахову ҳақшиносӣ ва покҷомагӣ ва бисёрсилоҳӣ дар сипоҳӣ бояд ки беш бувад. Аммо занондӯстӣ ва хештандорӣ ва хадумӣ ва сарафкандагӣ дар сипоҳӣ ҳунар аст ва дар айёрӣ айб аст.

Аммо ҷавонмардӣ мардумони бозориро ҳам шарт аст. Валекин ин фасл дар боби пешаварӣ ёд кардаем. Шарти ҷавонмардии бозориён он аст, ки гуфтам, ба такрор кардан ҳоҷат наяфтад.

# СИФАТИ УЛАМОИ ДИН

Он гурӯҳ, ки эшонро аз сурати мардумӣ тану ҷон расид, гуфтам, ки худовандони маърифати динанд ва фуқарои тасаввуф, ки мардумии эшонро маърифату вараъ* хонанд. Ва ин қавмро ҷавонмардӣ беш аз ҳама кас аст. Зеро ки ҷавонмардӣ тани сурат аст ва ростӣ ҷон ва эшонро ҷон ҳаст, яъне ки ростӣ. Пас, аз ҳаққи адаб ин гурӯҳ ононанд, ки худовандони маърифати динанд чун уламо. Ва мардумӣ он бувад, ки ин сифатҳо андар ӯ бошад. Яке он ки дар гуфтор бовараъ бошад ва дар гуфтору кирдор бар сари ростӣ бошад. Ва аз риё дур бошад ва аз бухл барӣ гардад ва худро муттаҳами ҳасад накунад ва нифоқ наварзад ва аз баҳри ғарази хеш пардаи кас надарад ва фатвоҳои баду суст надиҳад то халқ бад-он фатвои ӯ дар савганду талоқ далер нашаванд. Ва низ ба фатво бар халқ сахт нагирад ва агар бечораро дар шаръ саҳв афтаду дармонаш тавонад кардан, бахилӣ накунад ва бе тамаъ биёмӯзад ва зуҳди худ бар халқ арза накунад ва ба некномӣ маъруф бошад.

Ва агар касеро насиҳате кунад, пинҳон зи халқ кунад, ки мардумро пеши халқ панд додан чун маломату ҷафо бувад. Ва ҳаргиз ба хуни касе далерӣ накунад ва фатво надиҳад, агарчи донад, ки он кас муставҷиби қатл аст. Зеро ки ҳама фатвои хаторо дартавон ёфт магар қатлро, ки мурда зинда нашавад. Ва воҷиб кунад, ки дар таассуби мазҳаб касеро кофир нахонад, ки куфр хилофи дин аст на хилофи мазҳаб.

Ва бар китобеву илме ғариб инкор накунад, ки на ҳар чӣ ӯ надорад, куфр бувад. Ва онро бар гуноҳ далер накунад. Ва ҳар фақеҳе, ки бад-ин сифат бувад, ҳам мардум бувconfigured ҳам ҷавонмард.

---

*Вараъ – парҳезгорӣ, худотарсӣ.

## СИФАТИ АҲЛИ ТАСАВВУФ

Аммо одоби мардиву ҷавонмардӣ дар тариқи тасаввуф дар расоили худ қайд кардаанд устодони қадим, хосса, устоди мо Абулқосими Қурайшӣ дар китоби «Расоили одоби тасаввуф» ёд кардааст ва шайх Абулҳасани Муқаддасӣ дар «Баён-ус-сафо» ва Абӯмансури Димишқӣ дар китоби «Азамат» ва Алии Воҳидӣ дар «Китобулбаён фӣ кашфил-аён»[147] ёд кардааст. Ва ман ба тамоми шарти ин тариқат ёд натавонам кард дар ин китоб, чунон ки машоих дар китобҳои дигар ёд карданд, ки ғарази ман дар ин китоб панд додан аст ва рӯзбеҳии ту ҷустан. Валекин натиҷа ба ҷо оварем, то агар бо ин қавм муҷоласат кунӣ, на ту бар эшон гарон бошӣ ва на эшон бар ту.

Ва шарти ҷавонмардии ин қавм низ боз намоям. Зеро ки бо ҳеҷ тоифа чандон ранҷ нарасад дар зиндагонӣ кардан ба ҳаққу ҳурмат, ки бо ин тоифа, ки худро бартар аз ҳамаи халқ бинанд. Ва шунидам, ки аввал касе, ки асли ин тариқат ниҳод ва кашф кард, Узайри пайғамбар буд алайҳиссалом, ки то ба сафои вақт бад-он ҷой расид, ки вайро ҷуҳудон писари Худои таоло хонданд, хок андар даҳони эшон бод! Ва шунидам низ, ки дар айёми расул асҳоби суфа дувоздаҳ кас буданд мураққаъпӯш. Ва расул бо эшон ба хилват бисёр нишастӣ ва он қавмро дӯст доштӣ.

Пас, кори ҷавонмардии ин тоифа душвортар аст аз тоифаҳои дигар. Ва адаби ҷавонмардӣ дар ин ду гурӯҳ ду гуна бошад: яке хоссаи дарвешони тасаввуфро бувад ва дигар муҳиббонро ва ҳар ду ёд кунем. Бидон, ки тамомтар дарвеше он аст, ки модом муҷаррад бувад, ки таҷридиву ягонагӣ айни тасаввуф аст.

## ҲИКОЯТ

Шунидам, ки вақте ду сӯфӣ ба ҳам ҳамерафтанд. Яке муҷаррад буд ва бо яке панҷ динор. Муҷаррад далер ҳамерафт ва бок надошт ва ҳар куҷо расидӣ, эмин будӣ ва ҷойгоҳи махуф мехуфтӣ ва меғалтидӣ ба муроди дил ва биёсудиву аз кас наандешидӣ. Ва худованди панҷ динор бо вай мувофақат ҳамекард, вале доим дар бим ҳамебуд. То вақте ба сари чоҳе расиданд. Ҷое махуф буд ва маъдани дуздону саълукон буд. Он марди муҷаррад аз он чоҳ обе бихӯрду сар биниҳод ва ба хоб рафт. Ва худованди панҷ динор хоб намеёрист рафтан ва оҳиста бо худ ҳамегуфт: «Чӣ кунам? Чӣ кунам?» То аз қазо овози ӯ ба гӯши он муҷаррад расид, бедор шуд, вайро гуфт:

– Эй фалон, чӣ афтод туро? Чандин «чӣ кунам» чист?

Мард гуфт:

– Эй ҷавонмард, бо ман панҷ динор аст ва ин ҷой махуф аст ва ту ин ҷо бихуфтиву ман намеёрам хуфтан.

Муҷаррад гуфт:

– Ин панҷ динор ба ман деҳ, то ман чораи ту бикунам.

Он мард зар бад-ӯ дод. Зар биситаду андар он чоҳ афканд ва гуфт:

– Ростӣ аз «Чӣ кунам? Чӣ кунам?» эмин бинишину эмин бихусб ва эмин бирав, ки муфлисӣ қалъаи рӯйин аст.

* * *

Пас, ба иҷмои ҳама машоих ҳақиқати тасаввуф се чиз аст: таҷрид ва таслим ва тасдиқ. Чун назар яке дорӣ, аз офат ҷудо бошӣ ва ба ҳамагӣ худ беманъ бошӣ, айни ин тариқат турост. Пас, дарвеш таслимро ба кор дорад ва ҳаргиз дар

ҳаққи худ бо ҳеҷ бародар мукошафат накунад, магар дар ҳаққи бародар. Ва рашки ӯ бояд ки модом бар он бувад, ки чаро бародари ман аз ман беҳтар нест.

Ва манӣ аз сар берун кунад ва соҳибғараз набошад ва ғаразро фурӯ гузорад ва ҷониби хешро бигузорад. Ва назар ба сидқу таҷрид кунад ва ба айни дугонагӣ дар ҳеҷ нанигарад ва назари пиндошту хилоф бигусилад, ки он назар, ки ба сидқ бувад ва бепиндошт бувад, ҳаргиз кас бад-ӯ хилоф накунад, ки айни ҳақиқат нафйи* дугонагист ва айни сидқ нафйи хилоф аст. Ва бидон, эй писар, ки агар касе ба сидқ пой бар об ниҳад, об дар зери пойи ӯ баста гардад. Ва агар дар ин боб сухане гӯянд ва донӣ, ки аз тариқи ақл он раво бувад, агарчи номумкин бувад, чун ҳақиқати сидқ бишинохтӣ, инкор макун ва бовар дор, ки сидқ асарест, ки онро на ба ақл ва на ба такаллуф дар дили худ ҷой натавон додан, магар ба атои Худои азза ва ҷалла ва сиришти тан.

Пас, дарвеш он бувад, ки ба ҳар чиз ба айни сидқ нигарад ва ваҳшатро пеша накунад ва зоҳиру ботинаш яке бувад ва дил аз тафаккури тавҳид холӣ надорад. Валекин андар андеша лахте оҳистагӣ кунад, то дар оташи тафаккур сӯхта нагардад, ки худовандони ин тариқат тафаккурро оташе диданд, ки оби ӯ тасаллӣ бошад. Пас, ишрату рақсро доми тасаллӣ сохтанд. Ва агар дарвеше дар самоу қавл[148] роғиб набувад, мудом аз оташи тафаккур сӯхта бувад ва онро, ки тафаккури тавҳид набувад, самоу қавл кардан муҳол бувад, ки тирагӣ бар тирагӣ афзояд.

Ва Шайх Ахии Зангонӣ дар охири умр самоъро манъ кард ва гуфт:

– Самоъ об аст ва об он ҷо бояд, ки оташ бувад. Об бар об рехтан тирагӣ ва ваҳал бувад. Ва агар дар қавме, ки

---

* Нафй – инкор, рад.

панҷоҳ мард бувад, яке бо оташ бувад ва чиҳилу нуҳ мардро аз баҳри он яке тирагӣ натавон фузуд, ки шикеб аз он як тан беҳ тавон хостан, ки аз он дигарон сидқ.

Аммо агар дарвеше бувад, ки ӯро адаби ботину маърифати рӯҳонӣ набувад, воҷиб кунад адаби зоҳир доштан, то аз ду ба як сурат ороста бошад.

Пас, дарвеш бояд ки муътамид бувад ва чарбзабон ва бе офати пӯшидаву фисқи зоҳир ва бо вараъ ва поктану покҷома ва бо олатҳои сафару ҳазар чун асову кӯзаи таҳорат ва мизару тос ва саҷҷодаву мирваҳа* ва шонаву мисвок ва сӯзану нохунпирой. Ва бояд ки ба дарзиву ҷомашӯй бениёз бувад ва бад-ин ду чиз бародаронро хидмат кунад. Ва сафар дӯст дорад ва танҳо ба сафар нашавад.

Ва ба хонақоҳ танҳо дарнаравад, ки офат аз танҳоӣ хезад. Ва чун дар хонақоҳ шавад, монеъулхайр набошад, яъне касеро аз тақарруб манъ накунад. Ва нахуст пойафзори пойи рост боз кунад ва нахуст пойи чап дарпӯшад. Ва миёнбаста дар миёни қавм наравад ва он ҷо нишинад, ки зовияи ӯ ниҳанд ва чун бинишинанд, дастуре хоҳад ва ба дастур ду ракъат намоз кунад. Пас, салом кунад ва бар ҳар вақт ки дарояду биравад, салом накунад ва агар кунад ҳам, раво бувад. Валекин бар сабоҳ тақсир накунад.

Ва суҳбат бо мардуми нек кунад ва аз муттаҳамон парҳез кунад. Андар манзиле ё дар ҷойгоҳе дер набошад, то азиз бувад. Ва ба ситам суҳбати кас наҷӯяд. Бале, ҳурмат нек дорад, ки ҳурмат фариза асту суҳбат не. Ва ҳама корҳо ба ҳукму ризои ҷамъ кунад. Агар ҷамъ бар вай инкор кунанд, агарчи бегуноҳ бошад, ҷамъро хилоф накунад. Ва бар халқ хурдаи сахт нагирад.

Ва аз сари саҷҷода ғойиб кам бошад. Ва ба қасд ба

---

* Мирваҳа – бодбезак.

бозор наравад. Ва чун хоҳад бархостан ба ҳар ҳоҷат, ки хоҳад ё коре аз они хеш хоҳад кард, агар ба масал ҷома пӯшад ё берун кунад, аз ҷамъ дастуре хоҳад ё аз пири ҷамъ. Ва бар саҷҷодаи мураббаъ нанишинад ва пинҳон аз қавм хирқа надӯзад ва чизе пинҳон нахӯрад, агар ҳам як бодом бошад, ки онро зиштӣ хонанд. Ва номи чизе ба ҳисси зоҳир набарад, магар ба номе, ки ҷамъ хонанд. Ва пеши ҷамъ сухани бисёр нагӯяд. Ва агар хирқа бениҳанд, мувофақат кунад ва ба бардоштан ҳамчунин. Ва то битавонад, хирқаи касро пора накунад ва тафриқаи таом накунад, ки дар ин ду кор шартҳост, ки ҳар кас ба ҷой натавонад овардан. Ва об бар даст рехтан ба ғанимат дорад ва пой бар хирқаву саҷҷодаи кас наниҳад. Ва дар миёни ҷамъ ба шитоб наравад ва пеши ҷамъи бисёр нагузарад ва бар ҷойи касон нанишинад ва ҷигархора набошад.

Ва дар вақте ки самоъ кунанд ё хирқа пора кунанд, барнахезад ва ҳеҷ сухан нагӯяд ва рақси беҳуда накунад, ҷуз бо ҷамъ ва дар рақс пушт бар кас наниҳад. Ва чун ҷома бар тан пора шавад, дарҳол берун кунад ва пеши пир биниҳад. Ва агар дарвеше ӯро накӯҳад ё биситояд, шукри забони ӯ бикунад ва чизе пеши ӯ биниҳад. Ва агар дарвеше ӯро хирқае диҳад, биситонад ва бигӯяд, ки бишояд ва бибӯсад ва он гоҳ бад-ӯ боздиҳад. Ва агар кори дарвеше кунад ё ҷомае дӯзад ва ё бишӯяд, бе шукре бад-ӯ бознадиҳад. Ва агар накбате[*] аз вай ба дарвеше расад, зуд кифоят кунаду кафорат[**] кунад ва агар роҳате расад, зуд шукр кунад. Ва инсоф аз худ бидиҳад ва то тавонад, аз кас инсоф нахоҳад, хосса аз дарвешон. Аммо дарвешони Исфаҳон бихоҳанду надиҳанд ва қавми Хуросон бихоҳанду бидиҳанд ва қавми Табаристон нахоҳанду

[*] Накбат – ранҷ.

[**] Кафорат – товон.

надиҳанд ва қавми Порс нахоҳанду бидиҳанд. Ва шунидам, ки сӯфигарӣ нахуст дар Порс пайдо гашт.

Ва дарвеш бояд ки дар ҷавонӣ ранҷи худ ба ганҷ ангорад ва ба пирӣ оҳистагӣ гузинад. Ва ба вақти нон хӯрдан аз суфра ғойиб нашавад, то қавм мунтазир набошанд. Ва пеш аз ҷамъ даст ба нон накунад ва даст аз нон бознакашад, илло ба иттифоқи қавм. Ва зиёдат аз тафриқа чашм надорад. Ва бар кас бе дастуре насиби хешро исор накунад. Ва агар ба иллате таом натавонад хӯрдан, пеш аз ниҳодани суфра узр бозхоҳад, бар сари суфра ҳеҷ нагӯяд ва агар рӯзадор бувад, аз рӯзаи хеш хабар накунад ва рӯза бикушояд. Ва таҳорат бе тамйиз накунад ва пой бар забари саҷҷода наниҳад ва алвонтуҳур* набошад. Шарти ҷавонмардӣ ва адаби сӯфигарӣ ин аст, ки гуфтам.

Аммо шарти муҳиб он бувад, ки бар томоти сӯфиён мункир набошад ва тафсири томот напурсад ва айби эшонро ҳунар дорад ва ба масал куфри эшонро имон шиносад ва сирри эшонро бо касе нагӯяд ва бар кори писандида шукр кунад ва таоме ва бар нописандида кафорат кунад. Ва дар пеши эшон ҷома пок дорад ва ба ҳурмат бар ҷой нишинад ва хирқаи эшон, он ки насиб ба вай расад, ҳурмат дорад ва бибӯсаду бар сар ниҳад ва ба замин фурӯ наниҳад.

Ва то битавонад кардан, аз некӣ кардан холӣ набошад ва агар бинад, ки сӯфиён хирқа ниҳоданд, вай низ биниҳад ва агар чунон ки он хирқа аз сари ишрат ниҳода шавад, ба даъвате ё ба таоме бозхарад ва бардораду як-якро бибӯсад ва ба Худованд боз диҳад. Ва агар он хирқа аз сари ниқор афтода бошад, албатта, бад-он машғул нашавад ва то битавонад миёни ниқори сӯфиён нагардад ва агар вақте дарафтад, бинишинад бар ҷою ҳеҷ сухан нагӯяд, то худи эшон кори худ ба салоҳ бозоранд.

---

* Алвонтуҳур – гуногунтаҳорат.

Ва дар миёни сӯфиён вакили худоӣ набошад, ки гӯяд:

– Вақти намоз омад. Ё «бархезед, намоз кунем». Боиси тоат набошад, ки эшон мустағнианд аз тоат фармудани касе, ки эшон худ мутарассиданд мар авқоти тоатро.

Ва дар миёни эшон бисёр нахандад ва низ гаронҷонӣ накунад ва туршрӯй набошад, ки чунин касро «пойафзор» хонанд. Ва агар вақте таоми ширин ёбад, агарчи андак бошад, пеши эшон барад ва ба узри андаке гӯяд:

– Ҳарчанд кам буд, нахостам, ки зиштӣ кунам, ки ҳалво ба сӯфиён авлотар.

Ва далели ин сухан маро дубайтӣ аст:

**Шеър:**

*Ман сӯфиям, эй рӯйи ту аз хубон фард,*
*Ҳар кас донад – пиру ҷавону зану мард.*
*Ҳалвост лаби сурхи ту дар ширинӣ,*
*Ҳалвот ба кори сӯфиён бояд кард.*

Ҳар гоҳ ки чунин кунӣ, тамоми ростиву ҷавонмардӣ ба ҷой оварда бошӣ, ки шарти ҷавонмардиву ростӣ он аст, ки гуфтам.

Аммо он гурӯҳ, ки эшонро аз сурати мардумӣ тану ҷон ва ҳавос расид, яъне ки ҷавонмардиву ростӣ ва дониш, он пайғамбаронанд. Аз он ки ҳар ҷасаде, ки дар ӯ ин се сифат мавҷуд бувад, ночора пайғамбари мурсал бувад ё васӣ ё ҳаким. Зеро ки ҳар ду ҳунари ҷисмониву рӯҳонӣ дар ӯ бувад. Ва ҳунари ҷисмонӣ ростиву маърифат аст ва ҳунари рӯҳонӣ дониш. Ва агар пӯшида монад бар ту, ки чаро донишро забари маърифат ҷой доданд ва чаро донишро бар шиносанда тарҷеҳ ниҳоданд, ин банд бар ту бикушоям. Бидон, ки «маърифат» ба порсӣ шинохтан аст ва шинохтан он бувад, ки

чизеро аз ҳадди бегонагӣ дар ошноӣ оварӣ. Ва порсии «илм» дониш бувад ва ҳақиқати дониш он бувад, ки ошнову бегонаро дар ошноиву бегонагӣ тамом бишиносӣ, то дараҷоти неку дараҷоти бад бидонӣ. Ва чунон дон, ки тамоми дониш дар ҳама чиз панҷ гуна аст: айшият* ва кайфият ва камият ва ламият** ва сабаб, яъне ки чистӣ ва чунӣ ва чандӣ ва чароӣ ва баҳона.

Чистӣ чунон бувад, ки гӯйӣ:

– Фалонро шиносам, ки кисту чист.

Ва ин маърифат бувад. Баҳоим** бо одамӣ бад-ин маърифат шарик аст, ки аз он ки ӯ ғизо ва бачаи худро шиносад ва одамӣ ҳамчунин. Валекин чун дар одамӣ дониш зиёдат омад, чистиро бо чигунагӣ ва чандиву чароӣ ва баҳона одамӣ бидонист. Набинӣ, ки чун баҳоимро оташ дар ҷое кун, ки хӯришгоҳи ӯ бувад, то сар бад-ӯ накунад ва ранҷи оташ бад-ӯ нарасад, дур нашавад. Аз он ки ӯ оташро ба чистӣ бишиносад на ба чигунагӣ. Одамӣ чистиву чигунагӣ бидонад. Пас, ҳақиқат шуд, ки дониш забари маърифат аст... Ва баҳоим ҳамин донанд, ки оташ бисӯзаду бас ва одамӣ бидонад, ки бисӯзад ва чун сӯзад ва чаро сӯзад ва ба чӣ баҳона сӯзанда аст.

Аммо тамомтарин одамӣ он мардум аст, ки ӯро тамомии ҷавонмардӣ он бувад, ки ӯро тамомии дониш бувад ва он пайғамбарӣ бувад ва тамомтар пайғамбарӣ он бувад, ки рӯҳонӣ бувад аз баҳри он ки дараҷаи одамӣ бештар ва бартар аз манзалати пайғамбарӣ манзалате нест. Пас, он гурӯҳ, ки эшонро аз сурати мардумӣ тану ҷон ва ҳавосу маонӣ расид, ҷуз пайғамбарон набошанд.

---

* Айшият – чистӣ.

** Ламият – чароӣ.

*** Баҳоим – ҳайвонот.

Пас, чун ба ҳақиқат касеро аз сурати насиби мардумӣ тамом расида бошад, аз ӯ ҷуз бар мӯҷиби сафо сифат натавон кард ва бартар аз ӯ ҳам чун ӯ бувад ва шиноси ӯ ба муомала бувад на ба қавлу таҷрибат, чӣ он кас, ки вайро сафо бувад, аз хавф танҳо набувад. Ва ҳам аз ӯ бад-ӯ ва дар ӯ бувад ва ҳам дар ӯ аз ӯ бад-ӯ бувад ва ҳам дар ӯ аз ӯ бувад ва ӯ аз ӯ на ӯ бувад ва то ӯ бувад. Обаш бо сафояш бо салб бувад ва қасди ӯ беғараз ва беталаб бувад, аз ваҳшат барӣ бувад ва аз худӣ муназзаҳ бувад ва аз салб ҷудо бошад. Бақои ӯ дар фано бувад, аз фано ба фано бобақо бувад. Дар фано бобақо боқӣ бувад. Дар сафо бесифат софӣ бувад ва худро дар ҷуз аз худ бинад. Ҷуз аз худро бехуд набинад ва дар айн ба айни беайнӣ нигарад. Пас, манзалати ин гурӯҳ агар аз бар бувад ва ҷойи назар бувад, раво бошад.

Пас, эй писар, ту ҷаҳд кун, то ба ҳар сифат, ки бошӣ, пешбин бошӣ ва бо ҷавонмардон қарин бошӣ, то ҷаҳонгузин бошӣ. Ва аз ҳар тойифа, ки ҳастиву бошӣ, агар тариқи ҷавонмардӣ хоҳӣ супурдан бо ҳифз бош ва се чиз мудом баста дор: чашму даст ва забон аз нодиданиву нокарданӣ ва ногуфтанӣ ва се чиз бар дӯсту душман кушода дор: дари сарой ва сари суфра ва банди киса бад-он қадар, ки туро тоқат бувад.

Ва дурӯғ магӯй, ки ҳама ноҷавонмардӣ андар дурӯғ гуфтан аст. Ва агар касе эътимод кунад бар ҷавонмардии ту, агар худ азизтар касе аз они ту гашта бошад ва бузургтарин душмане аз они ту бувад, чун хештанро ба ту таслим кунад ва ба аҷз иқрор диҳад ва аз ҳама халқ эътимод бар ҷавонмардии ту кунад, агар ҷони ту дар он кор бихоҳад рафт, бигузор, то биравад ва бок мадор ва аз баҳри ӯ ба ҷон бикӯш, то туро ҷавонмардӣ расад. Ва нигар, ҳаргиз ба интиқоми гузашта машғул набошӣ ва бар вай хиёнат наандешӣ, ки хиёнат кардан дар шарти ҷавонмардӣ нест.

Ва бидон, эй писар, ки ин кӯй дароз аст ва агар ҷавонмардии ҳар тойифаро кашф кунам, дар чуну чарой сухани ман дароз шавад. Аммо сухане мухтасар бигӯям, ки ин ҳар чӣ гуфтам, аз иттибои* он сухан аст. Бидон, ки тамомтар ҷавонмардӣ он аст, ки чизи хешро аз они хеш донӣ ва чизи касро аз они дигарон ва тамаъ аз чизи халқ бибуррӣ. Ва агар туро чизе бошад, мардумонро баҳра кунӣ ва аз чизи мардумон тамаъ надорӣ ва он чӣ ту наниҳода бошӣ, барнадорӣ. Ва агар ба ҷойи халқ некуӣ натавонӣ кардан, боре бади хеш аз эшон боздор, ки бузургтарин мардум ва ҷавонмардтарин касе он аст, ки чунин зияд, ки гуфтам, то ҳам дар дунё ва ҳам дар охират осуда бошад ва ҳар ду ӯро бувад.

Ва бидон, эй писар, ки дар ин китоб чанд ҷой аз қаноат сухан гуфтам ва боз дигарбора такрор ҳамекунам. Агар хоҳӣ, ки модом дилтанг набошӣ, қонеъ бош ва ҳасуд мабош, то ҳамеша вақти ту хуш бувад, ки асли ғамнокӣ ҳасад аст.

Ва бидон, ки аз таъсири фалак ҳамеша неку бад ба мардум расад ва устоди ман гуфтӣ, ки мардум бояд пайваста пеши фалак гардан кашида дорад ва даҳон боз карда, то агар саъбе** расад, ба гардан бигирад ва агар луқмае ба даҳон бигирад, чунончи Ҳақ субҳонуҳу ва таоло мефармояд: «Фахуз мо оятука ва кун мина-ш-шокирина»[149]. Таъсири фалак аз ин ду берун нест.

Ва чун ин тариқа бар даст гирифтӣ ва қаноат пеша кардӣ, тани озоди ту бандаи кас набошад. Тамаъро дар дили худ ҷой мадеҳ бар он ҷумла, ки туро иттифоқ афтодааст, ба неку бад розӣ бош. Ва бидон, ки одамӣ ҳар тоифае, ки ҳастанд, ҳама бандаи як Худоянд азза ва ҷалла ва ҳама фарзанди Одаманд. Яке камтар аз яке аз сабаби ниёзу тамаъ

---

* Иттибоъ – пайравӣ.
* Саъб – душворӣ.

аст. Чун мардум тамаъ аз дил берун кунад ва қаноатро пеша кунад, аз ҳама халқ бениёз аст. Чун ин байт, ки он мард гӯяд:

*Бигсастӣ, эй писар, тамаъ осон шуд,*
*Манзилгаҳат аз қаноат ободон шуд*[150].

Пас, муҳташамтар касе он бувад, ки ӯро дар ҷаҳон ба кас ниёз набошад ва хортару фурӯмоятар касе бошад, ки томеу ниёзманд аст, ки аз ҷиҳати тамау ниёз мард хештанро бандаи чун хештан кунад.

## ҲИКОЯТ

Шунидам, ки рӯзе Шиблӣ[151] дар масҷиде рафт, ки ду ракъат намоз кунад ва замоне биёсояд. Дар масҷид кӯдакони дабиристон буданд. Вақти нон хӯрдани кӯдакон буд. Нон ҳамехӯрданд. Ба иттифоқ ду кӯдак наздики Шиблӣ нишаста буданд. Яке писари тавонгаре буд ва дигар писари дарвеше. Дар занбили* он тавонгарзода ҳалво буд ва дар занбили он дарвешзода нони хушк. Тавонгарзода ҳалво ҳамехӯрду дарвешзода аз ӯ ҳамехост. Ӯро гуфт:

– Агар мехоҳӣ, ки туро ҳалво диҳам, саги ман бош.

Ин кӯдак гуфт:

– Ман саги туам.

Тавонгарзода гуфт:

– Бонги саг кун.

Он дарвешзодаи бечора дуто шуду бонги саг ҳамекард, то пораи ҳалво бад-ӯ дод.

Шиблӣ дар эшон назора ҳамекарду мегирист. Муридон пурсиданд, ки бо шайх чӣ афтод, ки гирён шудӣ. Гуфт:

– Нигоҳ кунед, ки тамаъ мардумро ба чӣ мерасонад.

---

* Занбил – сабат, халтача.

Агар чунин будӣ, ки он кӯдак ба нони тиҳии хеш қаноат кардӣ ва тамаи ҳалвои ӯ надоштӣ, ӯро саги ҳамчу худе набоистӣ буд.

* * *

Пас, агар зоҳид бошӣ ва агар фосиқ, писандкор бошу қонеъ, то бузургтару бебоктар дар ҷаҳон ту бошӣ.

Ва бидон, эй писар, ки ман дар ин китоб андар ин чиҳилу чаҳор боб дар ҳар маънӣ, ки донистам, чунон ки маро табъ даст дод, бо ту сухан гуфтам ва дар ҳар бобе насиҳате кардаму панде додам, магар дар боби хирадмандӣ, ки ҳеҷ наметавонам гуфт, ки ба ситам оқил бош. Аз он ки оқилӣ ба ситам натавон омӯхт.

Ва бидон, ки ақл ду гуна аст: яке ақли ғаризӣ** аст ва дувум ақли муктасаб*** аст. Онро, ки ақл ғаризӣ бувад, хирад хонанд. Аммо ҳар чӣ муктасиб аст, битавон омӯхт, валекин ақли ғаризӣ ҳадяи Худоист, он ба таълим аз муаллим бинатавон омӯхт. Агар чунон ки ақли ғаризӣ туро Худойи таоло дода бувад, беҳу беҳ, ту дар ақли муктасабӣ ранҷ бару биёмӯз. Муктасабиро бо ғаризӣ ёр кун, то бадоеъуззамон бошӣ. Пас, агар ғаризӣ набувад, ману ту ҳеҷ натавонем кардан, боре ба муктасабӣ тақсир макун, чандон ки тоқат бошад, биёмӯз, то агар аз ҷамъи донишмандон набошӣ, боре аз ҷамъи доноён бошӣ. Аз дугона яке бо ту ҳосил бошад беҳ, ки ҳеҷ набошад, ки гуфтаанд: «Чун падар набошад, ҳеҷ беҳтар аз шӯйи модар нест».

Акнун бидон, эй писар, ки ҳар чӣ одати ман буд, омӯз, ки хирад ба ҳикмат тавон ёфт. Чунон ки Аристотолиси[152] ҳакимро пурсиданд, ки қуввати хирад аз чист?

Гуфт:

---

** Ғариз – табиқ, ирсқ.

*** Муктасаб – ба даст омада.

– Ҳама касро қувват аз ғизо бошад ва ғизои хирад ҳикмат аст.

Акнун бидон, эй писар, ки ҳар чӣ одати ман буд, ҷумла ба китобе кардам аз баҳри ту ва аз ҳар илмеву ҳар ҳунаре ва ҳар пешае, ки ман донистам, аз ҳар даре фасле ёд кардам андар чиҳилу чаҳор боби ин китоб. Аз кӯчакӣ одати ман чунин будааст ва ман шасту се соли умр бад-ин сират будам ва бад-ин сон ба поён бурдам. Ва ин китобро оғоз андар санаи хамса ва сабъин ва арбаамия[153] кардам. Агар баъд аз ин Эзид таоло умр диҳад, то зинда бошам, ҳам бар ин одат бошам. Пас он чӣ ба хештан писандидам, акнун туро ҳамон хостаму омӯхтам. Агар ту беҳтар аз ин хислате ва одате ҳамедонӣ, чунон бош, ки беҳтар бувад, вагарна, ин пандҳои ман ба гӯши дил шунав ва кор банд. Ва агар нашунавиву напазирӣ, бар ту ситам нест. Он кас, ки Худои таоло вайро некбахт офаридааст, худ бихонаду бидонад ва кор бандад, ки ҳар чӣ ман гуфтам, ҳама аломати некбахтон аст андар ду ҷаҳон.

Эзид таоло бар ману бар ту ва бар набисандаву хонандаи ин китоб раҳмат кунад ба ҳаққи Муҳаммад ва олиҳи аҷмаъин ва хушнудии ман андар ту расонад ба ҳар ду ҷаҳон Омин раббулъоламин ва саллалоҳу ало Муҳаммад ва олиҳи аҷмаъин ва ҳасабано Аллоҳу ниъма-л-вакил.

# ТАВЗЕҲОТ

1. **Маншури азли зиндагонӣ** – фармони тарки зиндагонӣ, яъне нишонаҳои пирӣ.

2. **Сози раҳил кардан** – тайёрӣ ба кӯч бастан (ба он дунё), омодаи марг шудан.

3. **Каримуттарафайн** – аз ду тараф, яъне ҳам аз тарафи модар ва ҳам аз тарафи падар покнажод будан.

4. **Шамсулмаолӣ Қобус ибни Вушмагир** – аз подшоҳони сулолаи Зиёриён аст, ки солҳои 978-1012 дар Табаристону Гургон ва дигар ноҳияҳои қисмати шимолии Эрон ҳукмронӣ кардааст. Ӯ ба корҳои илмиву эҷодӣ ҳам машғул будааст. Аз вай маҷмӯаи рисолаҳои «Камолул-балоғат» ба забони арабӣ ва пораҳои парокандаи шеърӣ ба порсии дарӣ боқӣ мондаанд.

5. **Абулмайяди Балхӣ** – шоир ва нависандаи маъруфи асри X тоҷику форс аст, ки «Шоҳнома»-и насрӣ, асари ҷуғрофии «Аҷоиб уддунё», достони манзуми «Юсуф ва Зулайхо» ва дигар асарҳоро эҷод намудааст.

6. **Марзбон ибни Рустам ибни Шарвин** – аз шоҳони Табаристон дар қарни X мебошад, ки ба забони табарӣ дар охири асри X китоби насрии «Марзбоннома»-ро таълиф кардааст. Ин асари ӯ дар асрҳои XII ва XIII ду маротиба ба порсии дарӣ тарҷума шудааст.

7. **Нӯшервон** – Хусрави Анӯшервон аз шоҳони сулолаи Сосониён аст, ки солҳои 531-579 ҳукмронӣ кардааст. Дар адабиёти бадеӣ ҳамчун шоҳи одил машҳур аст.

8. **Маҳмуд ибни Носириддин** – Султон Маҳмуди Ғазнавӣ намояндаи машҳури сулолаи Ғазнавиён буда, солҳои 998-1030 ҳукумат рондааст ва бо баҳонаи диниву мазҳабӣ ба Ҳиндустон ва дигар ҷойҳо лашкаркашиҳо карданаш лақаби «ғозӣ»-ро гирифтааст.

9. **«Тафаккару фӣ ано Аллоҳи ва наъамоя ва ло тафаккару фӣ зотиҳи»** – дар бахшишҳо ва неъмати Худо биандешед, ки дар зоти Ӯ. Ҷалолиддин Балхӣ ин маъниро чунин ифода кардааст:

*З-ин васият кард маро Мустафо:*
*Баҳс кам ҷӯед дар зоти Худо.*

10. **«Ва мо халақно-с-самовоти ва-л-арза ва мо биайнаҳумо лоибина мо халақноҳумо илло билҳақ» оятҳои** –38 ва 39 Сураи «Духон»-и Қуръон, ки тарҷумааш чунин аст: **«Мо ин осмонҳову замин ва он чиро миёни онҳост, ба бозӣ наёфаридаем ва онҳоро ба ҳақ офаридаем».**

11. **«Ва фи-с-самои ризқукум ва мо тувъадуна»** – ояти 22 Сураи Зориёти Қуръон, ки тарҷумааш ин аст: **Ва ризқи шумо ва ҳар чӣ ба шумо ваъда шуда, дар осмон аст.**

12. **«Лайсал хабару кал муъояна»** – шунидан кай бувад монанди дидан.

13. **«Ва ло тулқу биайдикум ила-т-таҳлукати»** – порае аз ояти 194-и сураи «Бақара»-и Қуръони маҷид, ки тарҷумааш чунин аст: **«Ва хештанро ба дасти хеш ба ҳалокат маяндозед».**

14. **«Атиъуллоҳа ва атиъу-р-расула ва авло-л-амри минкум»** – порае аз сураи «Нисо»-и Қуръони карим, ки тарҷумааш ин аст: «**Фармон баред Худойро ва фармон баред пайғамбарро ва худовандони фармон аз шумо».**

15. **«Фало тақул лаҳумо уффин ва ло танҳарҳумо ва қул лаҳумо қавлан кариман»** – порае аз ояти 23-и сураи «Исро»-и Қуръон, ки тарҷумааш чунин аст: **«Ва ба дуруштӣ**

**хитоб макун ва бо онон ба икром сухан бигӯй».**

16. **«Ано саййиду авлоди Одам ва ло афхар» – «Ман сарвари фарзандони Одамам, вале фахр намекунам»**.

17. **«Ал-адабу сурату-л-ақли»** – адаб нишонаи хирад аст.

18. **«Аш-шарафу би-л-ақли ва-л-адаби ло би-л-асли ва-н-насаби» – «Шарафу бузургӣ дар хираду адаб аст, на дар нажоду насаб»**.

19. **«Аннусҳу байн а-л-малаи тақреун» – «Насиҳат кардан дар байни мардум сарзаниш аст».**

20. **Мутаваккил** – халифаи даҳуми аббосӣ, ки аз соли 847 то 861 ҳукумат рондааст.

21. **Даҷла** – номи дарёе, ки дар Ироқ мавҷуд аст.

22. **Ал-Қоим Биамриллоҳ** – бистушашумин халифаи аббосӣ, ки солҳои 1031-1075 хилофат кардааст.

23. **«Ашшайху фӣ қавмиҳи ка-н-набийи фӣ умматиҳи»** – Пир дар қабила мисли пайғамбар барои пайравонаш. Ин маъниро Ҷалолиддини Балхӣ ин тавр баён кардааст:

*Гуфт пайғамбар, ки шайхи рафта пеш,*
*Чун набӣ бошад миёни қавми хеш.*

24. **Суқрот** – файласуфи маъруфи Юнони Қадим, ки солҳои 469-399 пеш аз мелод умр ба сар бурдааст.

25. Искандар –Дар адабиёти тоҷику форс образи идеалии шоҳи одил мебошад ва ба Искандари Мақдунӣ (356-326 пеш аз мелод), лашкаркаши машҳури Юнони Қадим. робитае надорад.

26. **«Алҳаёу минал имони» – «Шарм ҷузъе аз имон аст».**

27. **Афлотун** – Платон (428-347 пеш аз мелод), файласуфи машҳури идеалисти Юнони Қадим, шогирди Суқрот.

28. **Муҳаммад Закариёи Розӣ** – табиб ва донишманди маъруфи тоҷику форс, ки солҳои 864-925 милодӣ зиндагӣ карда, асарҳои зиёде доир ба тиб, фалсафа ва дигар илмҳо таълиф намудааст.

29. **Матбухи афтимун** – ҷӯшоби гиёҳи зарпечак, ки тозакунандаи бадан аз моддаи савдост.

30. **«Куллу тайрин ятиру маъа шаклиҳи» – «Ҳар паранда бо ҳамҷинси худ парвоз мекунад».** Муродифи тоҷикии ин зарбулмасали арабӣ чунин аст:

*Кунад ҳамҷинс бо ҳамҷинс парвоз,*
*Кабӯтар бо кабӯтар, боз бо боз.*

31. **Бузурҷмеҳр** – шакли арабии Бузургмеҳр, вазири подшоҳи сосонӣ Хусрави Анӯшервон (ниг. Нӯшервон) аст, ки бо фозиливу донишмандиаш машҳур будааст.

32. **Бӯшакури Балхӣ** – Абӯшакури Балхӣ аз шоирони барҷастаи тоҷику форс дар асри X буда, шеъру маснавиҳои зиёде офаридааст. Асари маъруфи ӯ достони ахлоқии «Офаринннома» мебошад, ки аз он то имрӯз порчаҳои пароканда боқӣ мондаанд.

33. **Амир Буссавори ғозӣ Шопур ибн Ал-Фазл** – ҳаштумин амири сулолаи Шаддодиён, ки солҳои 1022 – 1060 милодӣ ҳукмронӣ кардааст. Пойтахти ин давлати курднажод шаҳрҳои Двина, Онӣ (наздики Еревани имрӯзаи Арманистон)

ва Ганҷа (дар Озарбойҷони кунунӣ) буд.

34. **«Алмаръу махбуун таҳта лисониҳи» – «Мард дар зери забонаш пинҳон аст».** Инро Рашиди Ватвот (шоири асри XII) чунин тарҷума кардааст:

*Мард пинҳон бувад ба зери забон,*
*Чун бигӯяд сухан бидонандаш.*

35. **Ҳорун-Ар-Рашид** – халифаи панҷуми аббосӣ, ки солҳои 786-809 ҳукмронӣ намудааст.

36. **«Далилу-л-ақли воҳидун»** – далели хирад якест.

37. **«Хайру-л-умури авсатуҳо»** – беҳтарин корҳо миёнаи он аст.

38. **Соҳиб** – Абулқосим Исмоил ибни Аббод вазири маъруфи Муайяддавлаи Дайламист, ки ба илму адабиёт ва адибон таваҷҷуҳ дошт, ба забони арабӣ «Ал-Муҳит» ва «Расоил» барин асарҳо эҷод намудааст. Соли 995 вафот кардааст.

39. **Шофеӣ** – Муҳаммад ибни Идрис Аш-Шофеӣ (767-820) яке аз чор пешвои маъруфи мазҳаби суннии ислом аст, ки пайравони ӯро ҳам шофеӣ мегуфтанд. Мисли он ки пайравони мазҳаби шиаро алавӣ (яъне пайрави Алӣ) меномиданд. Аҳли ин ду мазҳаб – суннӣ ва шиа байни ҳамдигар мухолифат доштанд.

40. **Рай** – шаҳри калоне буд дар Эрон, ки дар натиҷаи ҳуҷуми муғулҳо хароб гардид. Ҳоло харобаҳои он дар наздикии Теҳрон боқӣ мондаанд.

41. **Нӯшервони одил** – ниг. моддаи 7.

42. **Маъмун** – халифаи ҳафтуми аббосӣ, ки солҳои 813-833 ҳукмронӣ кардааст. Писари Ҳорун-Ар-Рашид (ниг.).

43. **Зуфони паҳлавӣ** – забони паҳлавӣ, забони порсии миёна, забони адабиву расмии давраи Ашкониён ва Сосониён.

44. **Аристотолис** – Аристотел (384-322 пеш аз милод) файласуфи бузурги Юнони Қадим, шогирди Афлотун ва муаллими Искандар.

45. **«Аш-шабобу навъун мина-л-ҷунуни» – «Ҷавонӣ навъе аз девонагист».**

46. **Асҷадӣ** – Абӯназар Абдулазиз ибни Мансур Асҷадии Марвазӣ аз шоирони маъруфи охири садаи X ва аввали садаи XI тоҷику форс буда, дар давраи Ғазнавиён зиндагӣ ва эҷод кардааст.

47. **Дар ҳазимат бӯқ задан** – ҳангоми шикаст хӯрда гурехтан шайпур навохтан, яъне кори бар хилофи расму одат кардан. Зеро шайпурро одатан ҳангоми ғалаба менавохтанд.

48. **«Арҷу мин Аллоҳ** – таъбири арабӣ: умедворам аз Худо.

49. **«Ал-Ватану умму-с-сонӣ»** – ватан модари дувум аст.

50. **Тухма** – истилоҳи тиббӣ, ки ҳазм нашудани хӯрокро дар меъда мефаҳмонад.

51. **«Алваҳдату хайрун мин ҷалиси-с-суъи» – «Танҳоӣ аз ҳамнишини бад беҳтар аст».** Ин маънӣ дар ашъори шоирони гузашта хеле зиёд ифода шудааст. Аз ҷумла Ҷалолиддини Румӣ гуфтааст:

*Ҳаст танҳоӣ беҳ аз ёрони бад,*
*Нек чун бо бад нишинад, бад шавад.*

52. **Секӣ** – шароби мусаллас. Секӣ аз калимаи «сеякӣ» баромадааст, яъне шаробе, ки дар натиҷаи ҷӯшонидан аз се ду ҳиссаи он бухор шуда сеяки он боқӣ мемонад.

53. **Молихулиё** – аз калимаи юнонии меланхолия. Навъе аз бемории рӯҳист, ки гӯё аз зиёд шудани хилти сиёҳ дар организм пайдо мешудааст. Маънии луғавии меланхолия ҳам хилти сиёҳ мебошад.

54. **Ибни Муқла** – Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муқла (884-938), вазир ва адибу хушнависи маъруфи араб.

55. **Дандонмузд** – туҳфае, ки пас аз қабул кардани меҳмонон ба онҳо медоданд.

56. **Муътасим** – халифаи ҳаштуми аббосӣ, ки солҳои 833-842 хилофат кардааст.

57. **«Кассара-л-лоҳу хайран»** – ташаккури зиёд,

58. **«Аззиллату зиллатун»** – чизе, ки аз дастархони меҳмонӣ бо худ баранд, хорист.

59. **«Алҷунуну фунунун»** – девонагӣ гуногуннавъ аст.

60. **«Алмузоҳу муқаддамат-уш-шарри»** – мазоҳ сабабгори бадист.

61. **«Ман ашбаҳа абоҳа фа мо залама»** – писар, ки монанди падар бошад, зулме накардааст.

62. **Абӯсаиди Абулхайр** – шайх ва орифи машҳур. 7 декабри 907 дар Майхонаи Хуросон таваллуд ёфта, 12 январи 1049 вафот кардааст. Ба ӯ рубоиҳои зиёдеро ҳам нисбат медиҳанд.

63. **Истисқо** – бемории ҷамъшавии об дар организм (водянка).

64. **Амр ибни Лайс** – подшоҳи дуюми сулолаи Саффориён, ки солҳои 879-900 ҳукмронӣ кардааст. Бародари асосгузори давлати Саффориён Яъқуби Лайс.

65. Яъне маънии ин ҷумла чунин аст: Пеш аз он ки душман зиён расонад, ӯро бояд мағлуб кард.

66. **Чаношак** – қалъаи калоне, ки дар асрҳои XI-XII дар соҳили баҳри Хазар дар наздикии Гургон мавҷуд будааст.

67. **Қорун** – мувофиқи ривоятҳои динӣ шахси давлатманде будааст, ки дороии бениҳоят зиёде дошта, хеле хасис будааст. Замин ӯро бо ганҷаш фурӯ бурдааст. Зикри ӯ дар Таврот ва Қуръон мавҷуд аст.

68. **«Ва ло тусрифу иннаҳу ло юҳиббул мусрифина»** – порае аз ояти 141-и сураи «Анъом»-и Қуръон, ки тарҷумааш ин аст: **«Ва исроф макунед, ки Худо исрофкоронро дӯст надорад!»**

69. **«Алҷору сумма-д-дору»** – аввал ҳамсоя, сипас хона.

Дар ин маънӣ Авҳадӣ гуфтааст:

*То надонӣ, ки кист ҳамсоя,*
*Ба иморат талаф макун моя.*

70. **«Алҷору аҳаққу»** – Ҳаққи ҳамсоя аз ҳама зиёд аст.

71. **Дулдул**–аз рӯйи ривоятҳо номи аспе, ки ҳокими Искандария ба Муҳаммад фиристодааст. Муҳаммад онро барои саворӣ ба Алӣ ҳадя намудааст.

72. **Аҳмади Фариғун** – ҳоким аз хонадони Фариғуниён, ки аз охири асри IX дар Ҷузҷон ҳукмронӣ мекарданд.

73. **Лабибӣ** – шоири маъруфи охири асри X ва ибтидои асри XI тоҷику форс мебошад.

74. **Доро** – Доро III охирин подшоҳи сулолаи Ҳахоманишиниён аст, ки солҳои 336-330 пеш аз мелод ҳукмронӣ карда, аз тарафи Искандари Мақдунӣ мағлуб шудааст.

75. **Обисгун** – номи бандари калоне, ки дар ҷануби шарқии баҳри Хазар дар наздикии Гургон воқеъ буд.

76. **Мавсул** – шаҳрест, ки дар Ироқ дар соҳили дарёи Даҷла (ниг.) ҷойгир аст.

77. **Акбара** – номи шаҳрест, ки дуртар аз Бағдод дар Ироқ воқеъ будааст.

78. **Гуштосп** – мувофиқи ривоятҳои қадимӣ номи подшоҳи каёнӣ, писар ва ҷонишини Лӯҳросп ва падари Исфандиёр будааст, ки Зардушт дар замони ӯ гузаштааст.

79. **Шаҳрбону** – духтари охирин намояндаи сулолаи Сосониён Яздигурди III, ки соли 637 ҳангоми истилои арабҳо кушта шудааст.

80. **Умар** – халифаи дуюми рошидин, ки аз соли 634 то 644 ҳукмронӣ намудааст.

81. **Алӣ** – халифаи чоруми рошидин , ки солҳои 656-661 хилофат кардааст, домоди Муҳаммад.

82. – **«Лайса-л-байъу алоабнои-л-мулуки»** – хариду фурӯши шоҳзодагон раво нест.

83. **Салмони Форсӣ** – яке аз саҳобагони (ҳамсуҳбатони) машҳури Муҳаммад, ки дар Исфаҳон таваллуд ёфта, сипас ба мамлакатҳои араб рафта, дини исломро қабул кардааст.

84. **Фотимаи Заҳро** – духтари Муҳаммад аз зани калониаш Хадича, зани Алӣ. Аз сабаби сафедпӯст буданаш ӯро заҳро мегуфтаанд.

85. **Ҳасан ва Ҳусейн** – писарони Алӣ.

86. **Зулқарнайн** – маънояш соҳиби ду шох. Лақаби Искандари Мақдунӣ (ниг.), ки гӯё аз сабаби баланд будани ду тарафи пешониаш ба ӯ додаанд.

87. **«Мин касрати-л-маллоҳин ғариқатис-сафинату»** – аз зиёдии маллоҳҳон киштӣ ғарқ шуд.

88. **«Ҳар суханеро ба ангушт мапеч»** – яъне аз ҳар сухан баҳона наҷӯй.

89. **Одам** – мувофиқи ривоёти Таврот (китоби муқаддаси яҳудиён) ва Қуръон (китоби муқаддаси мусулмонон) номи инсони аввалин, ки гӯё Худо онро аз гил сохта ба ӯ хӯрдани гандумро манъ кардааст, вале Одам бо далолати занаш Ҳавво гандумро хӯрда бо ҳамин гуноҳ аз ҷаннат ронда шудааст.

90. **Муовия** – Муовия ибни Абӯсуфён–асосгузори хилофати Умавиён аст, ки пойтахташ шаҳри Димишқ буда, бо Алӣ ҷангидааст. Солҳои 661-680 милодӣ хилофат рондааст.

91. **Мутафаҳҳиси сияру мутаҷассиси асрор** – омӯзандаи рафтору одатҳо ва ҷӯяндаи сирҳо.

92. **Хабари оҳод** – истилоҳи илми ҳадис (илми динӣ дар бораи рафтору гуфтори Муҳаммад пайғамбар), нақле, ки аз тарафи як кас ривоят шуда бошад.

93. **Хабари мутавотир** – истилоҳи илми ҳадис, хабаре, ки такроран ривоят шудааст.

94. **Тарду акс** – истилоҳи илмҳои фалсафаву мантиқ, матлаберо ба як шакли муайян баён намуда, сипас баръакс гардонидан аст.

95 **«Куллу шайъин мина-с-сақили сақилун»** – ҳар чизи вазнин гарон аст.

96. **«Лавло-л-ҷуҳҳолу лоҳалака-р-риҷолу»** – агар нодонон намебуданд, мардон нобуд намешуданд.

97. **Ман** – воҳиди вазн, ки дар ҷойҳои гуногун миқдори ҳархела дорад, гоҳо 8 пуд, гоҳ 8 кг; ратл – қариб 500 гр; дирамсанг – баробари 3.12 гр.

98. **Динор** – воҳиди пули тиллоӣ; қирот – ченаки вазн, ки тақрибан баробари 200 миллиграмм аст. Ин ҷо ба маънии миқдори ниҳоят ками пул.

99. **«Аррафиқу сумма-т-тариқу»** – аввал рафиқу ҳамроҳ пас роҳ. Дар ин маънӣ Саъдӣ навиштааст:

*Чаро ҳамроҳи бад ҷустиву бадхоҳ,*
*Ту нашнидӣ, ки ҳамроҳ аст пас роҳ.*

100. **«Ал-илму илмони илму-л-адёни ва илму-л-абдони»** – илм ду навъ аст: илми динҳо ва илми баданҳо, яъне тиб.

101. **Устуқуссот** – шакли муарраби калимаи юнонии **«стойксион»**, ки маънии модда ва аслро дорад. Ин ҷо ба маънии унсурҳои чоргона омадааст.

102. **Ахлот** – ҷамъи хилт моддаҳои чаҳоргона – хун, балғам, сафро, савдоро меноманд, ки саломатии инсон гӯё ба эътидоли онҳо вобаста аст.

103. **Аъзои муташобеҳ** – ҳамон узвҳои бадан, ки қисмҳои онҳо ба ҳамдигар монанд, монанди устухонҳо, рагу пайҳо.

104. **Аъзоҳои раиса** – узвҳои бадан, ки амали муҳимро иҷро мекунанд, монанди дил, шуш, ҷигар. димоғ...

105. **Тафарруқу-л-иттисол** – истилоҳи тиббӣ, ки маънии шикастагии устухонҳо ва ҷудо шудани пайвандҳоро дорад.

106. **Ҷолинус** – Гален (129-200), табиби маъруфи юнонӣ буда аз бузургтарин шореҳони асарҳои Букрот (Гиппократ) ба шумор меравад. Бисёр асарҳояш дар асрҳои миёна ба арабӣ тарҷума шуда буданд.

107. **«Ситта ашара»** – шонздаҳ, номи маҷмӯае, ки 16 рисолаи тиббии Галенро дар бар мегирифтааст.

108. **«Истиқсот»** – номи яке аз рисолаҳои шонздаҳгонаи Гален. Ин асарро Ҳунайн ибни Исҳоқ ба арабӣ тарҷума кардааст ва ба он баъзе табибони Шарқ шарҳҳо навиштаанд.

109. **Букрот**–Гиппократ (460-355 пеш аз мелод) табиби бузургтарини дунёи қадим, падари тибби юнонӣ. Нахустин шахсест, ки ба тиб ҷанбаи илмӣ дода, онро ба тартиб овардааст. Асарҳои тиббии ӯ ба тибби Ғарбу Шарқ асрҳои зиёд таъсири калон расондаанд ва яке аз сарчашмаҳои тибби қадими тоҷику форс ба шумор мерафтанд.

110. **Афлотун** – Платон ниг. моддаи 19.

111.**«Алкавн ва-л-фасод»** – номи китоби тиббии Аристотел (ниг.), ки ба арабӣ низ тарҷума шуда буд.

112. **«Ассамо ва-л-олам»** – номи асари Аристотел.

113. **«Алҳисс ва-л-маҳсус»** – номи асари Аристотел.

114. **«Алҳайвонот»** – номи асари Аристотел.

115. **«Фусул»-и Букрот** – асари маъруфи Гиппократ, ки аз ҳафт мақола иборат буда, муҳимтарин масъалаҳои илми тибро дар бар мегирад.

116. **«Васоёи Букрот»** – асари Гиппократ, ки васиятҳои ӯро дар бар мегирад. Он васиятҳо ҳоло ҳам аз ҷумлаи савгандҳои табибон ба шумор меравад.

117. **Илми аҳкоми нуҷум** – илми пешгӯии ҳодисаҳои оянда аз рӯйи гардиш ё ҳаракати ситораҳо, астрология.

118. Истилоҳоти илмҳои нуҷум ва ҳандаса, ки дар ин боб зикр ёфтаанд, дар китоби «Ат-Тафҳим»-и Абӯрайҳони Берунӣ ба воситаи саволу ҷавоб ба таври оммафаҳм шарҳ ёфтаанд. Хоҳишмандон барои маълумоти бештар метавонанд ба он муроҷиат кунанд: Абӯрайҳони Берунӣ. Китобу-т-тафҳим, Душанбе, 1973.

119. **Саҳли мумтанеъ** – шеъре, ки дар назари аввал бисёр содаву осон менамояд, вале гуфтани он хеле душвор аст.

120. Номи санъатҳои бадеӣ, ки дар шеър ба кор мебаранд. Доир ба таърифу шарҳи онҳо нигаред: Т.Зеҳнӣ. Санъати сухан, Душанбе, 1967.

121. **Бурок** – номи аспи пайғамбар, ки гӯё шаби меъроҷ дар он савор будааст; Рахш – номи аспи Рустами достон; Шабдиз – номи аспи Хусрави Парвиз (ниг.), ки ранги сиёҳ доштааст.

122. **Дастони хусравонӣ** – навъе аз суруду оҳангҳое, ки Борбад дар маҷлиси Хусрави Парвиз иҷро мекардааст.

123. **Ровӣ** – шахси ҷудогона, ки шеърҳои ин ё он шоирро дар маҷлисҳову маҳфилҳо мехонад.

124. **Дубайтиҳои мовароуннаҳрӣ** – суруду таронаҳои қадимӣ, ки бештар дар байни тоҷикон маъмул буда, оҳанги баланду барангезонанда доштаанд.

125. Номи оҳангҳои қадимии мусиқии тоҷику форс.

126.**Фазлуни Мамлон** – яке аз ҳокимони хонадони Шаддодиён, ки солҳои 985-1031 дар Ганҷа ҳукмронӣ кардааст.

127. **Бардаъ** – номи шаҳре, ки дар Озарбойҷон воқеъ будааст.

128.**«Хайру-н-носи ман янфаъу-н-носа»** – беҳтарини одамон касест, ки ба мардум манфиат расонад.

129.**Абдулло ибни Аббос** – писари амаки Муҳаммад пайғамбар, яке аз муфассирони маъруфи Қуръон.

130. **Қамарии Гургонӣ** – яке аз шоирони асри XI тоҷику форс, ки аз осори ӯ абёти пароканда боқӣ мондааст.

131. **Ал-Қодир биллоҳ** – халифаи бисту панҷуми Аббосӣ, ки солҳои 991-1031 ҳукмронӣ кардааст.

132. **Абӯмуслим** – исёнгари маъруфи Хуросон. Шӯрише, ки соли 750 бо сардории ӯ ба вуқӯъ пайваст, боиси таназзули сулолаи Умавиён ва ба тахти хилофат нишастани Аббосиён гардид.

133. **Хоҷа Абӯбакри Қаҳистонӣ** – аз донишмандону адибони асри XI тоҷику форс, ки дар дарбори Ғазнавиён ва Салҷуқиён вазифаҳои муҳимми давлатиро ба уҳда доштааст.

134. **«Алам тара кайфа фаъала раббука биасҳоби-л-фили?»** – Порае аз ояти якуми сураи 105-и Қуръони маҷид, ки тарҷумааш чунин аст: «**Оё надидӣ, ки Парвардигори ту бо сипоҳи филсавор чӣ кард?**»

135. **Бӯалии Симҷӯрӣ** – сипаҳсолори машҳур аз хонадони Симҷӯриён, ки онҳо дар замони Сомониён дар шаҳрҳои Хуросон ҳокимӣ мекарданд.

136. **Хӯҷон**–деҳае буд дар наздикии Нишопури Хуросон. Ҳоло Куҷон ном дорад.

137. **«Ин юқатталу ав юзаллабу»**–порае аз ояти 37-и сураи «Моида»-и Қуръони маҷид. Тарҷумааш: **«Ба қатл мерасанд ё бар дор кашида мешаванд...»**

138. **«Ман талаба-л-кулла фотаҳу-л-куллу»** – Ҳар касе, ки ҳама чизро хоҳад, ҳама чиз аз ӯ нест мешавад.

139. **Фахруддавла**–Абулҳасан Алӣ ибни Рукнуддавла, ҳокими хонадони Дайламиён, ки солҳои 977-997 дар Рай ҳукмрон будааст.

140. **Абулфазли Балъамӣ** – вазири маъруфи Сомониён, ки солҳои 892-938 вазирӣ кардааст.

141. **Туғралбек** – Рукниддин Абӯтолиб Муҳаммад, нахустин подшоҳи туркони бодиянишини салҷуқӣ, ки солҳои 1038-1083 ҳукумат рондааст.

142. **«Ликулли амалин риҷолун»** – «**Ҳар касе барои ҳар корест».** Ҷалолиддини Румӣ дар ин маънӣ гуфтааст:

*Ҳар касеро баҳри коре сохтанд,*
*Майли онро дар дилаш андохтанд.*

143. **Масъуд** – писари Султон Маҳмуди Ғазнавӣ, ки солҳои 1030-1041 ҳукмронӣ кардааст.

144. **Мавдуд** – писари Масъуд, султони ҳафтуми Ғазнавиён, ки солҳои 1041-1048 ҳукумат рондааст.

145. **Абдурраззоқ Аҳмад ибни Ҳасани Хуҷандии Маймандӣ** – вазири Ғазнавиён. Падари ӯ Хоҷа Аҳмад ибни Ҳасани Маймандӣ вазири маъруфи Султон Маҳмуд ва Масъуд буд.

146. **«Анво раббукуму-л-аъло»** – порае аз ояти 24 сураи 79-и Қуръони маҷид: Тарҷумааш: **«Ман Худои бузурги шумоям».**

147. Номи асарҳое, ки доир ба тасаввуф дар садаҳои X-XII таълиф шудаанд.

148. **Самоу қавл** – рақсу сурудхонӣ ва шеъргӯии дарвешон ҳангоми ба ваҷд омадани онҳо.

149. **«Фахуз мо оятука ва кун мина-ш-шокирина»** – порае аз ояти 144-и сураи «Аъроф»-и Қуръони маҷид, ки тарҷумааш чунин аст: – **«Пас он чиро ба ту додаам, бигир ва аз сипосгузорон бош!»**

150. Дар баъзе нусхаҳои дигар ин байт ба тариқи зерин омадааст:

*Дар ҳар кӣ тамаъ бастӣ, асири ӯйӣ*
*В-аз ҳар кӣ тамаъ буридӣ, сад чун ӯйӣ.*

151. **Шиблӣ** – Абӯбакр Дулаф ибни Ҷаҳдар Шиблии Хуросонӣ (861-946), орифи машҳури қарни X, яке аз шайхони бузурги аҳли тасаввуф.

152. **Аристотолис** – ниг. моддаи 36.

153. **Санаи хамса ва сабъин ва арбаамия** – соли чорсаду ҳафтоду панҷи ҳиҷрӣ, ки ба соли 1082 милодӣ баробар аст.

**МУНДАРИЧА**

Пешгуфтор ........ 3
Ганҷинаи ҳикмат ........ 6
Насиҳатнома ........ 13
Боби аввал. Андар шинохтани Эзиди таоло ........ 16
Боби дуюм. Дар офариниш ва ситоиши пайғамбар алайҳиссалом ........ 17
Боби сеюм. Андар сипос доштан аз Худованди неъмат ........ 19
Боби чаҳорум. Андар фузунии тоат аз роҳи тавониш ........ 22
Боби панҷум. Андар шинохтани ҳаққи модару падар ........ 25
Боби шашум. Андар фурӯтанӣ ва афзунии ҳунар ........ 27
Боби ҳафтум. Андар пешӣ ҷустан дар сухандонӣ ........ 40
Боби ҳаштум. Андар ёд кардани пандҳои Нӯшервони одил ........ 48
Боби нуҳум. Андар тартиби пириву ҷавонӣ ........ 52
Боби даҳум. Андар хештандорӣ ва тартиби хӯрдан ва оини он ........ 59
Боби ёздаҳум. Андар тартиби шароб хӯрдан ва шароити он ........ 61
Боби дувоздаҳум. Андар меҳмонӣ кардан ва меҳмон шудан ва шароити он ........ 64
Боби сездаҳум. Андар мазоҳ ва нарду шатранҷ ва шароити он ........ 69
Боби чордаҳум. Андар ишқ варзидан ва расми он ........ 71
Боби понздаҳум. Андар таматтуъ кардан ........ 77
Боби шонздаҳум. Андар оини гармоба рафтан ........ 78
Боби ҳабдаҳум. Андар хуфтану осудан ........ 79
Боби ҳаждаҳум. Андар шикор кардан ........ 82
Боби нуздаҳум. Андар чавгон задан ........ 84
Боби бистум. Андар корзор кардан ........ 85
Боби бисту якум. Андар оини ҷамъ кардани мол ........ 89
Боби бисту дувум. Андар амонат нигоҳ доштан ........ 92
Боби бисту чаҳорум. Андар хона ва иқор харидан ........ 95
Боби бисту панҷум. Андар харидани асп ........ 97

Боби бисту шашум. Андар зан хостан ................................ 101
Боби бисту ҳафтум. Андар фарзанд
парвардан ва оини он ........................................................ 103
Боби бисту ҳаштум. Андар оини дӯст гирифтан ................ 110
Боби бисту нуҳум. Андар андеша кардан аз душман ......... 114
Боби сиюм. Андар оини уқубат кардан ва авф кардан ....... 121
Боби сиву якум. Андар толибилмӣ ва фақеҳӣ .................... 125
Боби сиву дувум. Андар тиҷорат кардан ............................ 135
Боби сиву сеюм. Андар тартиби илми тиб ......................... 143
Боби сиву чаҳорум. Андар илми нуҷум ва ҳандаса ............ 152
Боби сиву панҷум. Дар оину расми шоирӣ......................... 155
Боби сиву шашум. Андар одоби хунёгарӣ ......................... 157
Боби сиву ҳафтум. Андар хидмат кардани подшоҳ............ 161
Боби сиву ҳаштум. Андар одоби надимӣ кардан................ 166
Боби сиву нуҳум. Андар оини котиб ва шароити котибӣ... 169
Боби чиҳилум. Андар шароити вазирии подшоҳ................ 177
Боби чиҳилу якум. Андар расми сипаҳсолорӣ ................... 183
Боби чиҳилу дувум. Андар оин ва шарти подшоҳӣ............ 185
Боби чиҳилу сеюм. Андар оину расми
деҳқонӣ ва ҳар пеша, ки донӣ............................................. 199
Боби чиҳилу чаҳорум. Дар оини ҷавонмардӣ..................... 201

**УНСУРУЛМАОЛИИ КАЙКОВУС**

# Қобуснома


Муҳаррир Малика Меликова
Мусаҳҳеҳ Меҳрӣ Саидова
Муҳаррири техникӣ Қобилҷон Саъдуллоев
Тарроҳ Қосимхӯҷа Назаров
Ҳуруфчин Суруш Зайниддинов

Ба матбаа 21.04.2016 супорида шуд.
Ба чопаш 16.08.2016 иҷозат дода шуд. Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$.
Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопӣ 15,0.
Адади нашр 44400 нусха. Супориши № 69/2016.

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
734034. ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50.
Тел: 98-552-89-89.
E- mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ЧДММ «Ҷамшед ва К» чоп шудааст.